ISSN 2312-3648

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

*(маҷаллаи илмӣ)*

СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

№3(7)

# НАУКА И ИННОВАЦИЯ

*(научный журнал)*

СЕРИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2015

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 2014 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2014 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

**Имомов М.С. - гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Сафаров Б.А. – зам. гл. редактора, кандидат юридических наук, доцент**
**Абдулазизов В. – зам.гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент**

Аъзои ҳайати таҳририя:

Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент
Амонов Н.К. - кандидат психологических наук, доцент
Гаюров Ш.К. - доктор юридических наук, профессор
Зокиров Г.Н. - доктор политических наук, профессор
Комилов Р. - доктор философских наук, профессор
Назаров Р. - доктор философских наук, доцент
Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент
Насурдинов Э.С. - кандидат юридических наук, доцент
Расулиён К. - кандидат исторических наук, доцент
Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент
Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Илм ва фановарӣ, 2015
Наука и инновация, 2015

## Т А Ъ Р И Х – И С Т О Р И Я

# ЖЕНЩИНЫ ТАДЖИКИСТАНА - АКТИВНЫЕ УЧАСТНИЦЫ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ САМОДЕЯТЕЛЬНОСТИ

*Р.А. Набиева*
**Таджикский национальный университет**

В системе формирования и повышения общей культуры женщин важное место занимает их привлечение к художественной самодеятельности. Участие в художественной самодеятельности, с одной стороны, способствовало повышению нравственно-эстетической культуры самих женщин, с другой стороны, их выступление на сценах театров и кино в условиях 20-30-х годов оказывало практическую помощь в деле раскрепощения женщин-таджичек и повышения общей культуры населения республики.

Первые художественные коллективы, где женщины принимали участие, были северные районы Таджикистана. Так, по инициативе русских железнодорожников в г. Ходженте при вокзале был открыт драматический кружок. Репертуар его состоял из музыкальной программы, включавший пение, танцы и небольшие пьесы, сочиненные большей частью самими кружковцами. В южном и центральном Таджикистане художественные коллективы были образованы в 20-х годах в трудных условиях: не хватало музыкальных инструментов, не было соответствующих помещений; на молодежь, особенно девушек коренной национальности, отрицательное влияние оказывало часто духовенство, запрещая им участвовать в этих кружках.

С установлением советской власти на Памире также были организованы кружки художественной самодеятельности. По инициативе пограничников Еремина и Иванова в 1924г. в центре Памира-Хороге - начал работу драмкружок. Руководитель кружка Еремин написал пьесу «Прежний брак», которую на таджикский язык перевел секретарь комсомольской ячейки Абдулалишо Зинатшоев. По содержанию пьеса была посвящена одному из важных вопросов-раскрепощению женщин. Демонстрация данной пьесы имела важное воспитательное значение особенно в борьбе против феодально-байских пережитков по отношению к женщине.[1]

В 20-30-х годах XX столетия основными направлениями художественной самодеятельности республики являлись: театрально-драматические, музыкально-хоровые кружки, самодеятельность хорового искусства, женские танцевальные и музыкальные ансамбли, памирский этнографический ансамбль песни и танца и др.[2]

Коллективы художественной самодеятельности, главным образом, создавались при культурно-просветительных учреждениях: клубах, красных чайханах, домах дехкан, дворцах культуры, парках, при учебных заведениях и даже при некоторых профессиональных театрах республики. Необходимо отметить, что в условиях 20-х и начале 30-х годов женские художественные коллективы, главным образом, создавались при женских клубах.

Анализ большого количества материала, а также опубликованных научных трудов по проблемам истории искусства таджикского народа свидетельствует о том, что женщины чаще всего принимали участие в сельских районных, колхозных кружках художественной самодеятельности. Источники свидетельствуют о том, что в районных и колхозных клубах также организовывались драматические и музыкальные самодеятельные театры. Так, с большим успехом Костакозский кишлачный театр поставил музыкальную комедию «Аршин-Малалан».[3] Успех театра в значительной степени обеспечивался прекрасными танцами и превосходными пением молодой исполнительницы Башоратхон Таджибаевой.[4]

Следует отметить, что в 1934г. был организован самодеятельный театральный кружок в Хороге. В числе 20- членов кружка были Г. Кадамшоева, Ф. Бакоева, С. Давлатова. На базе этого кружка в июле 1936г. был открыт гостеатр Памира.[5]

Общественно-политические организации, творческая интеллигенция республики уделяли особое внимание развитию драматических кружков. В указанный период резко увеличилось количество таких кружков и численно вырос их состав. Большой вклад в это дело внесли и профессиональные работники искусства. В 1937г. в Таджикистане их было 588 человек, в том числе 149 женщин.[6] Благодаря их помощи, во многих городах и районах республики организовывались новые и новые кружки художественной самодеятельности. Так, например, драмкружок был создан при нефтепромысле «КИМ», который возглавляла Н.И. Ельминович. Драмкружок выезжал с постановками в Канибадам, на соседний промысел Нефтеабад и выступал с большими концертами.[7] А коллектив драмтеатра г.Ходжента организовал драмкружок при колхозе им.Ворошилова. Содержательным и разнообразным был репертуар многих самодеятельных коллективов, которые сочетали современные произведения с лучшими образцами фольклорно-этнографического творчества таджикского народа.

Таким образом, следует отметить, что в условиях 20-х и 30-х годов кружки художественной самодеятельности сыграли положительную роль в эстетическом воспитании женщин.

Таджикский народ с древнейших времен отдавал предпочтение жанру хореографии, особенно в исполнении женщин. Правда, до революции женские танцы официально разрешались и исполнялись в специальных заведениях, т.е. в царском гареме и во дворцах баев. Однако нельзя отрицать тот факт, что во время праздников, особенно «Навруз», «Мехргон» и других, наряду с мужскими, исполнялись танцы девушек.

В 20х-30х годах из среды женщин, участвовавших в коллективах художественной самодеятельности, вышли замечательные танцовщицы, которые затем стали известными артистками республики и даже Союза. Так, из среды самодеятельных художественных коллективов вышли такие талантливые танцовщицы-профессионалы, как А. Исхакова, О. Исомова,[8] Л. Махкамова,[9] Б. Ахмедова, Л. Захидова и многие другие. Так, например, Лутфи Захидова еще в 30-х годах принимала активное участие в кружке художественной самодеятельности Канибадамсксго района, где успешно пела и танцевала. В середине 30-х годов она поступила учиться в Душанбинское женское педагогическое училище. Будучи студенткой, Л.Захидова исполняла танцевальные номера в художественной самодеятельности училища и неоднократно демонстрировала свое искусство на смотрах народного творчества, олимпиадах юных дарований республики.[10] Учитывая замечательный танцевальный талант Л. Захидовой, республиканское жюри рекомендовало ее на работу во Всесоюзный ансамбль ВЦСПС г. Москвы и фактически в этом ансамбле она проработала с 1939 по 1941г.[11] А с 1941г., работая в Таджикском театре оперы и балета им. С.Айни, Л.Захидова исполняла ряд замечательных номеров в балете «Дильбар», «Две розы» и другие. В частности, роли: Дильбар - Лейли в классической партии Марии -Одетты, Золушки, Эсмеральды и концертные номера «Умирающий лебедь» Сен-Санса и др.

Благодаря особому вниманию органов культуры, общественно-политических организаций по осуществлению задач в сфере искусства ежегодно увеличивалось количество коллективов художественной самодеятельности в республике.[12] Однако многие коллективы нуждались в методической помощи, кадрах художественного руководства, а также в улучшении материально-технической базы кружков. С этой целью, в результате положительного решения финансовых и кадровых вопросов, в 1934г. в столице республики г.Душанбе был создан Центральный методический кабинет, который

оказывал квалифицированную помощь коллективам художественной самодеятельности.[13]

По решению Бюро ЦК КП(б) Таджикистана (июль 1936г.) были созданы специальные бригады по оказанию практической помощи народному творчеству. Так, в принятом решении отмечалось, что «для работы по сбору материалов народного творчества (песни, пляски и сказания), для помощи и инструктирования художественной самодеятельности, для отбора из самодеятельности наиболее одаренных музыкантов, певцов, танцоров... организовать три бригады: а) в направлении Пенджикент, Захматабад, Матча, Шахристан, Канибадам, Ура-Тюбе, Ленинабад, Пролетарский район, Калининабад, Нау, Исфара, Ашт; б) Файзабадский район, Нурек, Дангара, Кангурт, Бальджуан, Ховалинг, Муминабад, Шуроабад, Куляб; в) Орджоникидзеабад, Файзабад, Оби-Гарм, Комсомолабад, Гарм, Хаит».[14] Эти бригады уделяли особое внимание вовлечению талантливых девушек в кружки художественной самодеятельности, рекомендовали некоторых из них на работу в республиканские театры, концертные ансамбли и в учебные заведения для получения образования.

Путь от члена кружка художественной самодеятельности женского педтехникума (1929-1931гг.) до актрисы театра, Народной артистки Республики Таджикистан прошла Тути Гаффарова.[15] Ее мать, Тухта Ра-химова, одна из первых женщин Ходжента, сбросившая паранджу, учитывая талант своей дочери, посоветовала ей поступить учиться в Самаркандский женский педагогический техникум.

Работавший тогда в техникуме педагог-воспитатель Ц. Бону, заметив художественный талант Т. Гаффаровой, познакомила ее с А. Лахути. В свою очередь Лахути помог ей поступить в Самаркандский театр, где она исполняла главные музыкальные партии, такие как: Халимы в «Турандот», Ширин в «Фархаде и Ширин» и др. А с 1936г. Тути Гаффарова поступает на работу в Таджикский музыкальный театр, который в 1940г. стал театром оперы и балета, затем перешла в театр им. А. Лахути, где работала до ухода на пенсию. В Таджикском драматическом театре им. А. Лахути она успешно сыграла роли: Регина («Шах Лир» У.Шекспира), Анна Андреевна («Ревизор» Н.Гоголя), Малика («Рудаки» С.Улугзаде), Сокина («Женский характер» А.Сидки) и многие другие.

Как известно, одним из важных условий развития искусства является степень обеспеченности художественных коллективов музыкальными инструментами. Этот вопрос в 20х-30х годах решался двумя путями: во-первых, налаживанием производства музыкальных инструментов в республике, и, во-вторых, их покупкой из братских республик, в частности Узбекской ССР. С целью производства национальных инструментов в г.Ходженте были организованы мастерские, которые сыграли положительную роль в деле обеспечения художественных коллективов такими музыкальными инструментами, как гиджак, дойра, най, рубоб и др. В горных отдаленных районах республики национальные инструменты: дойра, думбра, гиджак готовились в частных мастерских. Правда, в большинстве случаев инструменты нуждались в качественном улучшении их звучания. Кроме того, проблемами подготовки инструментов, их инспектирования, необходимости их ремонта, совершенствования, а также записи на грампластинках занимался Республиканский научно-исследовательский музыкальный кабинет.[16]

Таким образом, укрепление материально-технической базы коллективов искусств оказывало непосредственное влияние на улучшение деятельности как профессиональных, так и художественных коллективов самодеятельности. Так, в республике был открыт Театр юного зрителя (ноябрь 1934г.), Театр рабочей молодежи (1935г.) по примеру Курган-Тюбинского района во многих колхозах республики были организованы кружки художественной самодеятельности.[17]

В деле привлечения девушек в искусство, их творческого роста огромное значение имела подготовка и проведение смотра республиканских народных талантов, в том числе смотра народного творчества, республиканской олимпиады художественной самодеятельности, специальных слетов певцов, музыкантов, поэтов, рассказчиков, танцоров, комиков[18] и т.д. Такие республиканские мероприятия проводились в 1929, 1931, 1934, 1936, 1937, 1939, 1940 годах, они выявили большое число исполнителей песни, музыки, танцев, затем ставших базой формирования и развития таджикского профессионального искусства. Так, в заключительном республиканском смотре художественной самодеятельности 1929г. приняло участие 100 музыкантов, певцов и танцоров из всех районов. А республиканская олимпиада художественной самодеятельности в 1939г. продемонстрировала качественный рост выступления его участников. Благодаря этой олимпиаде обогатился фонд фонограммных записей новыми чрезвычайно интересными и богатыми фольклорными материалами.

В целях приобщения юношей и девушек к художественным ценностям древней культуры таджикского народа ЦК комсомола Таджикистана совместно с Управлением по делам искусств СНК Таджикской ССР в 1940г. провели республиканский смотр и олимпиаду детской художественной самодеятельности, где приняло участие 28964 человека.[19] В постановлении Бюро ЦК КП(б) Таджикистана «Об итогах проведения смотров и олимпиад детского творчества в 1940г. и организации смотров в 1941г.» сделан следующий вывод: «Проведенные районные, городские и областные смотры и выставки, проведенная республиканская олимпиада способствовали повышению качества учебы, поднятию дисциплины в школах, улучшению внешкольной работы и помогли выявить более одаренных детей».[20]

Важно отметить, что победители смотров народного творчества, олимпиады художественной самодеятельности систематически морально и материально поощрялись. Например, победитель смотра народного творчества Таджикистана 1936г., воспитанница Ходжентского музыкального техникума Шарипова М. за исполнение нескольких таджикских классических мелодий была награждена грамотой и ценным подарком. А танцовщица Латофат Махкамова, из Канибадамского театра, добилась победы и в качестве поощрения была послана в Москву на Всесоюзный танцевальный фестиваль.[21]

В развитие художественной самодеятельности определенный вклад внесли молодые таджикские композиторы А. Камолов, З. Шахиди, Ф. Солиев, Ш. Бобокалонов, Н. Пулатов, К. Ноибшоев и многие другие. Под руководством опытных композиторов С. Баласаняна, А. Ленского, С. Юдакова, Л. Книппера, Л. Степанова, М. Грачева, В. Пушкова воспитывалось первое поколение таджикских композиторов, которые создавали специальные произведения для молодых исполнителей кружков художественной самодеятельности из числа женщин.

Созданный в конце 1939г. Союз композиторов Таджикистана, первым председателем которого являлся С.А.Баласанян, сыграл положительную роль в деле дальнейшего развития художественной самодеятельности и формирования таджикского профессионального искусства. С образованием Союза композиторов в республике развертывается пропаганда симфонического творчества советских, русских дореволюционных и зарубежных авторов.

Таким образом, в результате осуществления национальной политики проводилась на практике большая работа в становлении таджикской художественной культуры. Успехи в области таджикской музыкальной и театральной культуры были продемонстрированы во время первой декады таджикского искусства в Москве, которая проходила с 12 по 21 апреля 1941г. На этой декаде участвовало 750 деятелей искусства республики, которые показали 7 крупных произведений драмы, оперы и балета, были даны интересные концерты. Газета «Правда» писала, что «Декада таджикского искусства -культурный

праздник всех народов нашей страны».[22] Около 140 деятелей культуры Таджикистана получили высокие награды Родины, среди которых было много женщин.

В системе формирования и повышения общей культуры женщин важное место занимает их привлечение к художественной самодеятельности. Участие в художественной самодеятельности, с одной стороны, способствовало повышению нравственно-эстетической культуры самих женщин, с другой стороны, их выступления на сценах клубов, театров и кино в условиях 20-30-х годов оказывали практическую помощь в деле эмансипации женщин-таджичек и возрастания общей культуры населения республики.

В условиях 20-30-х годов, несмотря на трудности, недостатки удалось широко привлечь женщин-таджичек в сферу художественной культуры. Исследование привело к выводу о том, что самодеятельное художественное творчество Таджикистана в своем развитии отражало двуединый процесс. С одной стороны, происходило сохранение неповторимости, своеобразия, использование традиционных видов искусства в художественной деятельности народа. С другой, были использованы художественные ценности, достижения культур других народов.

Итак, в процессе участия женщин в развитии художественной культуры произошло их раскрепощение, и тем самым они внесли весомый вклад в формирование профессионального искусства и в эстетическо-нравственное воспитание граждан Республики Таджикистан.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Назаршоев М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическими строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР / М.Н. Назаршоев. -С.234.
2. ЦГА РТ, ф.370, оп. 1, д.31, л.88.
3. Коммунист Таджикистана. - 1937-17 марта.
4. Участница театрально-драматического кружка художественной самодеятельности Башорат Таджибаева прошла большой творческий путь. Она в 1934-1938 гг. работала в Науском, Чкаловском театрах, а с 1938г. до последних дней своей жизни успешно трудилась в профессиональном музыкально-комедийном театре им. А.С. Пушкина в г.Ходженте. За заслуги перед театральным искусством ей в 1943г. было присвоено почетное звание Народной артистки Таджикской ССР.
5. Набиева Р.А. Исторический опыт раскрепощения женщин Таджикистана и повышения их роли в строительстве социализма (1917-1937 гг.): дисс… докт. ист. наук / Р.А. Набиева. -С.306.
6. Цифры и факты великих побед. - С.61.
7. Коммунист Таджикистана. - 1937 - 9 марта.
8. Назаров М.Н. Ташаккули маданияти бадеии советии тоҷик (солҳои 1918-1941) / М.Н. Назаров. - С.39.
9. Коммунист Таджикистана. - 1936. - 12 дек.
10. ЦГА РТ, ф.819, оп. I, д. 22, л. 210-212.
11. Угринович Е.Д. Артисткаи Халкии СССР, Лауреати мукофоти давлатӣ Лутфи Зохидова / Е.Д. Угринович. - Сталинобод, 1960.
12. Необходимо отметить, что управление театрально-зрелищных учреждений в 20-30-х годах находилось в подразделении Наркомпроса Таджикской ССР (См.: Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. Сборник документов. Т. 1.-С. 492).
13. Нурджанов Н.Х. История таджикского советского театра / Н.Х. Нурджанов. – С.313.
14. ЦГА РТ, ф.385, оп. I, д.116, л.39.
15. Исламова М. Энциклопедияи Советии точик / М. Исламова, Гаффарова Тути. - Душанбе, 1988. -Ч.8. - С.254.
16. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. Сборник документов. Т. I. - С. 498-499.
17. ЦГА РТ, ф. 360, оп.2,д. 44, л.5.
18. АЦПИ КП РТ, ф.3. оп.5, д.320, л.4.
19. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941гг. Сборник документов. Т. I. - С. 542.
20. АЦПИ КП РТ, ф.3, оп.4, д.191, л.51.
21. Набиева Р. Роль женщин в обществе / Р. Набиева. - Душанбе, 1999. -С.302.
22. Правда. - 1941. -13 апр.

**ЖЕНЩИНЫ ТАДЖИКИСТАНА - АКТИВНЫЕ УЧАСТНИЦЫ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ САМОДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В статье на основе архивных источников, материалов периодических изданий, опубликованной литературы анализируется и обобщается процесс образования коллективов художественной самодеятельности и вовлечения в них женщин. Также освещается вклад женщин в формирование профессионального искусства и в эстетическое воспитание граждан республики.

**Ключевые слова:** архивные источники, процесс образования коллективов художественной самодеятельности, вовлечение женщин, вклад женщин, формирование профессионального искусства.

**PARTICIPATION OF WOMEN OF TAJIKISTAN**

In this article on the basis of the following sources, including archived documents, material of periodical publication, published literature process of formation of collective amateur and involving women into is analyzed and summarized. Also the contribution of women in formation of professional art and aesthetic education of the Tajikistan citizens is enlightened.

**Key words:** archival sources, the formation of amateur teams, the involvement of women, women's contribution to the formation of professional art.

**Сведение об авторе:** ***Р.А. Набиева*** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: 236-58-36

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ МАРДИКОРИИ ТОҶИКОН ДАР ОХИРИ САДАИ XIX ВА ИБТИДОИ САДАИ XX

***А. Қушматов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи тоинқилобии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин масъалаҳо – мардикорӣ буд. Мавриди зикр аст, ки дар таърихнигории Тоҷикистон ин масъала хеле кам инъикос ёфтааст. Паҳлуҳои гуногуни он дар асарҳои муҳаққиқон баррасӣ шуда бошад ҳам, аммо тадқиқоти махсус оид ба ин мавзӯъ то кунун ба табъ нарасидааст.

Мардикорӣ як намуди хариду фурӯш ва эҳтиёҷ ба қувваи изофаи корӣ мебошад, ки таърихи дуру дароз дорад ва таҳлили он хеле мароқовар аст.

Дар асрҳои миёна дар ҳудуди шимоли Тоҷикистон ва Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ) мардикоронро фақат дар кофтани каналҳо, бунёди иншоотҳои калону иморатҳо ва баҳри сафарбаркунии давлатӣ истифода мекарданд.

Истифодаи мардикорон дар Тоҷикистон бо номи «марди вило» аз соли 1579, аз давраи сохтмони канал дар водии Вахш маълум аст. Дар давоми асрҳо маҷбуриятҳои гарони меҳнатӣ вуҷуд доштанд.

Мавриди зикр аст, ки барои сохтмони қалъаю объектҳои давлатӣ, ҳарбӣ, таворaҳои мудофиа, сохтмони роҳ, бино, қасру мактабу мадрасаҳо, мазорҳо, масҷидҳо, кӯпрук, ҷӯйбортозакунӣ, анҷом додани корҳои обёрӣ ҳазорон одамони фақиру бенаворо маҷбуран оварда, бепул ё ба ивази музди ночиз кор мефармуданд.

Дар давраи ҳашар ба мардуми сафарбаршудаи ҳар деҳа оқсақоли он сардорӣ мекард. Ҳашар ҳатмӣ ва бонавбат буд. Аҳолӣ ба ҳашарҳои якрӯзаю серӯза ва ҳафтаина сафарбар шуда, меҳнати бемузди вазнину тоқатфарсоро ба анҷом мерасонид.

Аҳли меҳнат ба ҳашар бо асбобу анҷоми кишоварзӣ ва воситаҳои нақлиёт сафарбар мешуд.

Дар хоҷагии амиру дарбориён деҳқон ҳар сол маҷбурӣ кор мекард.

Дар Осиёи Миёна, аз он ҷумла шимоли Тоҷикистон ва Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ), дар давоми асрҳо маҷбуриятҳои гарони меҳнатӣ вуҷуд доштанд ва таҳлили онҳо хеле мароқангез аст.

Меҳнати маҷбурии аҳолии мутеи шаҳру деҳот дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагии мамлакат васеъ истифода мешуд. Дар ин давра дар шимоли Тоҷикистон сафарбарии маҷбурии аҳолӣ (меҳнати бемузди деҳқон) ба иҷрои корҳои гуногун, аз ҷумла сохтмони силсилаи каналу обанборҳо, дарғоту сарбандҳо, иншооти ҳарбии мудофиа, кӯпрукҳо, меҳнати мавсимӣ дар хоҷагии бою шайхҳо хеле авҷ гирифта, мардумро хонахароб мекард. Дар вилоятҳо, маҳалҳо маъмурони амир бо салоҳдиди хеш амал карда, худсарию ғоратгарӣ ва ришвахӯрии онҳо хеле ривоҷ меёбад. Хусусан аҳволи деҳқонони Бухорои Шарқӣ вазнину тоқатфарсо буд. Аксарияти кулли аҳолии ин марзҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Меҳнати маҷбурӣ зиндагонии сахти деҳқононро рӯз ба рӯз бадтар мекард. Деҳқонони қарздор ба истимори сахту бераҳмона тобу тоқат наоварда, аксаран фирор менамуданд. Нобаробарии зиёди иҷтимоӣ боиси шиддат гирифтани зиддиятҳои синфӣ мегардид.

Он вақтҳо на танҳо меҳнати кирояи ҳаррӯза, балки ҳашарро низ мардикорӣ меномиданд. Мардуми ба ин корҳо ҷалбшударо мардикор меномиданд. Калимаи «ҳашар» маънои ниҳоят васеъ дошт. Дар давоми асрҳо ҳам иҷрои корҳои ҷамъиятӣ, ҳам корҳои одами меҳнаткашро дар хоҷагии шахсӣ, ҳам корҳои ҷудогонаи мавсимиро, ки аъзои оила аз уҳдаи иҷрои он намебаромад, ҳашар меномиданд. Дар шароити ҳукмронии муносибатҳои феодалӣ он, пеш аз ҳама, ҳамчун меҳнати маҷбурии оммаи меҳнаткаш дар замини феодал, аз он ҷумла дар замину корхонаҳои давлати феодалӣ истифода мешуд.

Корҳои барои ҳамон замон бузурги сохтмон, тармими мазору масҷиду мадрасаҳо ва дигар муассисаҳои динӣ, сафарбар кардани шумораи хеле зиёди сокинони деҳотро талаб мекард.

«Ҳашар дар шакли меҳнати маҷбурӣ ҳамчун баршинаи қонунии ниҳоят гарони оммавӣ татбиқ мегардид».[1] Ба ҳашар аҳли меҳнатро бо фармони амиру бек, маъмурияти деҳоти амир ё бо амри сардори сохтмон, амалдор (бек, саркор, тӯқсабо, додхоҳ, мирзо, оқсақол) сафарбар мекарданд. Сокинони қишлоқҳоро ба ҳашар амалдорони махсус даъват мекарданд, зеро иҷрои ин фармон кори душвор буд. Бо роҳи ҳашар корҳои гуногун – дарави алаф, ҷамъоварию кашондани ҳосили зироат, шудгори замин ва корҳои мавсимии боғот анҷом дода мешуданд.

«... Дар ҳашар на танҳо одамон, балки чорвои корӣ, асбобу анҷоми кишоварзӣ ва воситаҳои нақлиёт низ истифода мешуданд. Худи деҳқони сафарбаршуда вазифадор буд белу каланд ё ҷуфти гови худ, тӯшаи роҳу ҳашари якрӯза, серӯза барои аспу барзаговҳояш ему хошок, ҷома, бистар тайёр кунад».[2] Ба мардикор баъзан лозим меомад, то ҷойи ҳашар даҳҳо ё садҳо чақрим пиёда ё харакӣ рафта ояд.

Яке аз сершумортарин табақаи истисморгари феодалӣ дар Осиёи Миёна намояндагони аркони дини ислом буданд, ки садҳо иддаои ахлоқӣ, динию сиёсиро дастак карда, деҳқононро бераҳмона истисмор мекарданд.

Ба муаллифи ин сатрҳо, ки солҳои 1975-1985 дар бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон[3] ва Тоҷикистон[4] кор карда буд, пайдо намудани нусхаи як қатор ҳуҷҷатҳое муяссар гардид, ки аз меҳнати маҷбурии деҳқонони тоҷику ӯзбек далолат медиҳанд. Дар зер аз онҳо порчаҳо оварда мешаванд.

Дар ин ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар бораи корҳои обёрӣ, аз он ҷумла кофтани каналу ҷӯйборҳо маҷбуран сафарбар карда шудани аҳолӣ низ маълумотҳо ҳастанд. Яке аз чунин ҳуҷҷатҳо фармони беки Ҳисор дар бораи сафарбарии навбатӣ ба корҳои таъмири рӯди Кофарниҳон аст. Тӯғёни дарё ба мардуми меҳнаткаш зарари калон мерасонд. Баҳорон аз боронҳои зиёд дарёҳо тӯғён карда, на танҳо кишти деҳқононро хароб мекарданд, балки боиси фавти мардум ҳам мешуданд. Алалхусус, тӯғёни дарёи Кофарниҳон харобиҳои зиёд меовард. Ҳукумати аморати Бухоро, ки ҳар сол аз аҳолӣ

андози бисёр меситонд, ба сохтмони сарбандҳо, мустаҳкам кардани соҳили дарёҳо ва муҳофизати маҳалҳои аҳолинишину киштзор, маблағи ночизе ҷудо мекард. Тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳо[5] аҳолии вилояти Ҳисор, аз он ҷумла Душанбе, ҳар сол баҳорон баъди сел маҷбурӣ ба тармиму сохтмони пулҳои дарёи Кофарниҳон ва мустаҳкам кардани соҳили дарё сафарбар карда мешуданд. Танҳо ба таъмири пули дарёи Кофарниҳон ва мустаҳкам кардани соҳили дарё, аз рӯйи маълумоти ҳуҷҷатҳо, аҳолӣ соле ба ҳисоби миёна 15-20 рӯз маҷбурӣ меҳнат мекард.[6] Азбаски аҳолӣ баҳорон, дар мавсими киштукор ба ин кор сафарбар мешуд, ин сафарбарӣ ба хоҷагии деҳқонон зарари калон мерасонд.

Дар натиҷаи муддати мадид дур шудан аз хоҷагӣ, аҳолии камбағали ҳам деҳот ва ҳам шаҳр хонахароб мегардид. Шароити обёрии сунъӣ ба муҳлатҳои зиёд сафарбар шудани деҳқонони тоҷик ва аҳолии шаҳрҳоро тақозо мекард.

Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Осиёи Миёна, аз он ҷумла дар Шимоли Тоҷикистон ва Бухорои Шарқӣ ҳукуматдорон, боёну ашрофзодаҳо ба тамоми шаҳрҳо ва деҳот андоз баста, бо меҳнати маҷбурии деҳқонон аксарияти иншоотҳои обёрӣ, наҳрҳо, каналу ҷӯйборҳои обёриро тоза ва бунёд менамуданд. Деҳқонони тоҷик ҳарчанд барои тоза кардан ва сохтмони иншоотҳои обёрикунанда заҳмати зиёд мекашиданд, аз он манфиате намедиданд. Ба мардикорон барои корҳои хеле вазнину душвор музди ночизе дода мешуд. Барои иҷрои корҳои зиёди ҳашари маҷбурӣ олотҳои меҳнат ва нақлиётро киро карда, барои хизматашон ба ҳар кас ҳамагӣ 1 танга медоданд.

Дар шимоли Тоҷикистон дар замони мустамликадорӣ (1867-1917) амалдорони ҳукумати подшоҳии рус ба корҳои обёрии дашти Дилварзин ба ҳар мардикор барои хӯрок рӯзе 5 тин, ба оқсақол 10 тин медоданд.[7]

Бино ба маълумоти ҳуҷҷатҳо, меҳнати барзиёди мардикорон дар корҳои кишоварзӣ, корхонаҳои шаҳрии феодалон ва пешвоёни дин низ истифода карда мешуд. Аммо, чуноне зикр шуд, мардикорон на ҳама вақт ба меҳнати кироя ҷалб мешуданд, онҳоро дар иҷрои корҳои мухталиф аксаран ҳамчун ҳашарчиён истифода мебурданд. Амиру бекҳо, ҳокимони вилоятҳо, эшонҳо дар мулкҳои худ дар ҳамаи корҳои кишоварзӣ аз меҳнати маҷбурӣ ҳамчун ҳашар истифода мебурданд.

Аҳолии садҳо деҳкадаҳо, қабл аз ҳама, деҳкадаҳои гирду атрофи мулки ҳоким аз моҳҳои февралу март, давраи киштукори баҳорӣ ва ниҳолшинонӣ то ҷамъоварии ҳосил маҷбуран дар заминҳои бойҳову амалдорон кор мекарданд.

«Дар Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла дар бекигарии Қаротегину Дарвоз заминҳои мир (бек), амлокдор, эшонҳо бо меҳнати маҷбурии деҳқонон- ҳашарчиён киштукор карда мешуд, вале тамоми ҳосили ҷамъовардашуда ба хазинаи мир ворид мегашт. Деҳқонони бекигариҳои мазкур ба ҳашар бо асбобу анҷоми кишоварзӣ ва хӯроки худ сафарбар мешуданд».[8]

Ҳуҷҷати дигари бойгонии марказии давлатии Ӯзбекистон, ки соли 1895 таҳия шудааст, вазъиятро равшантар нишон медиҳад.[9] Тибқи фармоиши ҳокими Ҳисор Остонақулбий қушбегӣ, ки нисбат ба дигар ҳокимони Бухорои Шарқӣ ва Помир ҳуқуқу имтиёзҳои бештар дошт, шогирдпешаи (мансабдори) ҳисорӣ Аббосалӣ Мирзобошӣ ба Помир фиристода шудааст. Аббосалӣ ба амир оид ба баъзе маҷбуриятҳои меҳнатие, ки фуқарои Помир аз давраҳои қадим иҷро менамуданд, хабар додааст. Мувофиқи он, аҳолии меҳнаткаш маҷбур буд, ки вақти аз ҷой ба ҷое сафар намудани мансабдорон онҳоро бо навбат бо чорвои саворию боркаш таъмин намояд. Ғайр аз ин, меҳнаткашон қӯрғони ҳокимро бо ҳезум таъмин менамуданд, онро ҳамеша тоза ва таъмир мекарданд, мактубҳои ҳокимро пиёда ба оқсақолон бурда мерасонданд. Ин ҳуҷҷат аз тобеияти заҳматкашон ба ҳокимони маҳаллӣ ва дар Помир вуҷуд доштани шакли махсуси тобеияти деҳқонон далолат медиҳад. Азбаски ҳуқуқи крепостной дар Русия ҳанӯз соли 1861 бекор шуда буд ва Помир таҳти ҳимояи ҳукуматдорони Русияи подшоҳӣ қарор дошт, бо талаби генерал-губернатори

Туркистон амири Бухоро фуқарои Помирро фақат ба муҳлати се сол аз корҳои маҷбурии дар боло номбурда озод намудааст. Аммо, ин фармони амир дар амал татбиқ наёфта, мансабдоронаш бе музд маҷбуран кор фармудани фуқароро давом медиҳанд ва ин боиси норозигии зиёди мардум мегардад. Пас аз як сол бо талаби намояндагони Русияи подшоҳӣ амир маҷбур мешавад ба мансабдоронаш фармон диҳад, ки онҳо боз ба муҳлати ду сол, яъне то тамом шудани муҳлати сесола фуқароро маҷбуран кор нафармоянд. Барои иҷрои корҳои дар боло зикршуда, амир ба ҳокимон аз даромади андоз даҳ ҳазор танга медиҳад, то ки онҳо фуқароро ҳамчун мардикор кор фармуда, музди меҳнаташонро диҳанд.

Гуфтан лозим аст, ки ин гузашти муваққатии ночиз аҳволи халқи Помирро ягон беҳбудие набахшид. Тороҷгарӣ, зулму тааддӣ ва истибдоди амалдорон идома дошт ва ин сабаби ба ҳукуматдорони Русия беш аз пеш шикоят кардани фуқарои Помир гардид. Ба ин далелҳои ҳуҷҷати зерин асос шуда метавонад: «Давлати Русия мегӯяд, ки моён Помирро панҷсола маоф карда будем, моро тинҷ кунед, албатта, чизе талаб накунед, ки дар ин бобҳо сухан бисёр аст». Бо вуҷуди бо талаби ҳукуматдорони Русия ба муҳлати панҷ сол аз меҳнати маҷбурӣ озод намудани фуқаро амалдорон, арбобу оқсақолони қишлоқҳоро ҷамъ намуда, ба муҳлати се сол аз корҳои маҷбурӣ озод будани фуқароро эълон намуданд. Ғайр аз корҳои маҷбурии номбурда, мувофиқи маълумоти ҳуҷҷат, фуқаро маҷбур буданд, ки аспони амалдорон ва навкаронро бо коҳу беда, зину наъл ва дигар таҷҳизот бепул таъмин намоянд. Норозигии мардуми бенаво ва қашшоқ торафт меафзуд. Ниҳоят, амири Бухоро боз гузашти муваққатӣ намуд. Мувофиқи фармони ӯ фуқаро боз ба муҳлати як сол аз ин маҷбуриятҳо озод карда шуданд.

Азбаски бо ин гузаштҳои муваққатӣ аҳволи халқи мазлуми Помир беҳтар нашуда, муборизаи халқ бар зидди зулми амалдорони аморат давом мекард, намояндагони амир кӯшиш намуданд, ки бо инъом ва сабукиҳо ҳокимони аввали Помир ва шайхони машҳурро, ки дар байни аҳолӣ таъсиру нуфузи зиёд доштанд, ба тарафи худ ҷалб намуда, бо кумаки онҳо тобеияти Помирро ба ҳукумати аморати Бухоро мустаҳкам намоянд.

Дар маъхазҳои асосӣ дар бораи оммаи деҳқононе низ сухан меравад, ки дар ҷангҳои беохири феодалӣ ҳамчун лашкари ҳарбӣ иштирок доштанд. Ин маҷбурият барои аҳолии қаторӣ бори гарон буд, онҳо барои гуноҳи ночизтарин ҷазои сахт медиданд. Нависанда ва шоир, ходими давлатӣ ва сарлашкар Заҳириддин Бобур қайд мекунад, ки аскаронро бо таҳдиди ҷазои сахт маҷбур мекарданд, ки дар ҷангҳо иштирок кунанд. Амиру бекҳо, феодалони маҳаллӣ ва рӯҳониён барои кашондани тамоми маводи зарурӣ, алалхусус ҳезум, алаф низ ҳашар ташкил мекарданд.

Дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ оид ба ҳашарҳои якрӯзаю серӯза ва ҳарсола низ маълумотҳо мавҷуданд. Вале маълум нест, ки кадом вақт ҳашарҳои якрӯзаю серӯза ташкил карда мешуданд. Шояд, чунин ҳашарҳо дар давоми истеҳсолоти кишоварзӣ анҷом мепазируфтанд ва мавсимӣ буданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки «… баъзан барои иҷрои корҳои меҳнатталаби тӯлонӣ ҳашар ҳафтаҳо ҳам давом мекард ва ин кор аз рӯйи қарздор будани деҳқон ё ба ягон баҳонаи дигар карда мешуд».[10] Ин албатта, ба корҳои сохтмон дахл надорад, зеро муҳлати иҷрои онҳо хеле зиёд буд. Чунин ҷиҳати масъаларо низ қайд кардан лозим аст, ки ҳашарчиён дар ин муддати кӯтоҳ ҳам маҷбур буданд бо тамоми аҳли оила аз як деҳа ба деҳаи дигар рафта, баъзан масофаи хеле зиёдро тай кунанд.

Феодалони маҳаллии Осиёи Миёна, одатан, дар шаҳр иқомат доштанд ва дар айни замон заминҳои зиёд, деҳаҳо, корхонаҳои тиҷоративу ҳунармандии сердаромад доштанд ва ба меҳнати маҷбурӣ меҳнаткашони шаҳру деҳотро истисмор мекарданд.

Бекҳо, аъёну ашроф, амлокдор, бою муллоҳо дар иҷрои бисёр корҳои хонаи худ низ ҳашар ташкил мекарданд. Дар корҳои дӯзандагӣ, иҷрои корҳои муайяни хонагӣ

махсус ҳашари занон ташкил мешуд. Дар хоҷагиҳои амалдороне, ки абрешим ресида мешуд, маснуоти бофандагӣ низ истеҳсол мекарданд.

Дар замони мустамликадорӣ мардикоргирӣ ба аҳли меҳнат ниҳоят гарон меафтид ва ин бо тарзу усулҳои маҷбурӣ анҷом дода мешуд. Инак, барои возеҳтар шудани масоили мардикоргирӣ аз мусулмонони табааи руси Туркистон дар аҳди ҳукумати генерал-губернатории Туркистон овардани матни якчанд мактубҳои гумоштаи сиёсиро ба қушбегӣ Мирзо Насруллобий ва ҷавобҳои эшонро ба мақсад мувофиқ донистем:

«Қушбегии Бухоро Мирзо Насруллобий 28 июни соли 1916. Олиқадр Николай Андреевич (гумоштаи сиёсӣ). Мактуби шумо аз 27 моҳи ҷорӣ нисбати овозаҳои ташвишовар, ки оммаи зиёди исёнгарони маҳаллии вилояти Самарқанд дар маҳалли дарёи Санҷар ҷамъ омада, нияти ба Зарафшон ва аз он ҷо ба Қаротегин ва Ҳисор рафтан дорад ва ин овоза, ҳатто ба гумоштаи сиёсӣ маълум шудааст, ба дасти банда омада расид. Камина худи ҳамин рӯз ба бекҳои мавзеъҳои номбурда фармон додам, ки дарҳол сарҳадҳои худро баста, тамоми чораҳоро андешанд, то исёнгарон ба мавзеъҳои онҳо роҳ наёбанд. Ба шумо хабар расонда, бо эътимоди комил бовар мекунонам, ки аҳолии ин бекиҳо баъди чораҳои эҳтиётӣ андешидан ором мегардад ва ягон исёнгар ба ҳудуди бекиҳои зикршуда роҳ дода намешавад. Шумо хабар медиҳед, ки 22 июл дар бораи генерал-губернатори Туркистон таъйин гардидани генерал-губернатор Куропаткин фармони олӣ баромадааст. Аз ин хабар шахсан ман шоду мамнунам ва умедворам, ки сокинони кишвар бе истисно аз чунин таъйиноти олӣ хеле қаноатманд хоҳанд буд ва хайрияту беҳбудии комил ва комёбии намоён орзу мекунанд. Муҳри қушбегӣ».[11]

«Гумоштаи сиёсӣ. 11 июли соли 1916. Ба Мирзо Насруллобий қушбегӣ.

Аз рӯйи маълумотҳои ба камина расида дар вилояти Самарқанд ва дигар вилоятҳои кишвар бисёр касон аз тахмини мардикоргирӣ норозианд. Ин мардуми норизо ба шаҳрҳои гуногуни хонии Бухоро, аксаран Шаҳрисабзу Ҳисор, чуноне ба ман аз Самарқанд хабар доданд, омада, ҳар гуна овозаҳо паҳн мекунад ва аҳолии маҳаллиро ба ташвиш меорад. Шуморо аз ин овозаҳо огоҳ карда, хоҳиш мекунам, ҳамаи бекҳоро фавран дар бораи он огоҳ кунед, ки аълоҳазрат император лозим донистанд мусулмонони табааи руси Туркистонро даъват кунанд, то ба миқдори муайян мардикор фиристанд ва ин тадбир ба фуқарои Бухоро ягон муносибат надорад».[12]

«Ба гумоштаи сиёсӣ. Сардори шуъбаи ноҳиявии посбонӣ, 2 августи соли 1916, ш. Тошканд. Махфӣ.

Ба маълумоти ҷанобашон мерасонам, ки аз рӯйи маълумотҳои мавҷудаи комилан махфӣ ва расман санҷидашуда дар мулкҳои Бухоро бисёр гурезаҳои вилояти Самарқанд паноҳ бурдаанд. Зимнан қушбегии Бухоро ба бекҳо қатъӣ фармон додааст, ки чунин гурезаҳоро дастгирӣ кунанд. Мегӯянд, ки бисёр гурезаҳо дастгир карда шудаанд. Фуқарои Бухоро аз ин фармон бағоят норозианд, зеро онҳо бо дастаҳои мардикор ва аҳолии маҳаллии Самарқанд тифоқу ҳамфикранд ва таҳдид доранд, ки барои чунин фармон аз қушбегӣ қасос мегиранд».[13]

Чунин ҷиҳатро низ бояд ёдовар шуд, ки ҳукумати подшоҳӣ тартиботи феодалии асримиёнагии аморати Бухороро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳоти асари гаронбаҳои Абдурраҳмони Мустаҷир «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов дар ин бобат дуруст навиштаанд:

«Амир ва амалдорони ӯ бо садақаҳои амалдорону сарлашкарони армияи подшоҳӣ қаноат карда, тавқи ғуломиро дар гардани худ марҳамати олӣ шумурда, бо истилогарон дар истисмори халқ ҳамдастӣ мекарданд. Вале халқи меҳнаткаш ба аҷнабиҳо сар нафуроварда тез-тез бар зидди «тартиботи» онҳо шӯришу исёнҳо

мебардошт. Ҳукумати подшоҳӣ, ки ба тақвият додани хоҷагии сармоядорон манфиатдор буд, бо сиёсати худ ба асорати деҳқонон мусоидат мекард».[14]

Инкишофи муносибатҳои молию пулӣ ба истифодаи қувваи кории арзон эҳтиёҷ дошт ва аз ҳисоби деҳқонони камзамину безамин чунин шахсонро баҳри ҳамин гуна эҳтиёҷ истифода мебурданд. Вале, мардикорӣ хосси ҷамъияти сармоядорӣ аст.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мардикорӣ на фақат як навъи истифодаи қувваи кории арзон ё хариду фурӯши қувваи корӣ, балки як навъи ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоиёт ва фаъолияти меҳнатии афроди камзамину безамин гардид.

Мардикоронро дар давраи мустамликадорӣ (1867-1917) дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, саноат ва кишоварзӣ васеъ истифода мебурданд. Ибтидои паҳн гардидани мардикорӣ, ҳамчун фаъолияти меҳнатӣ, ба солҳои 80-уми асри XIX, ба давраи сохтмони роҳи оҳани Закаспий рост меояд. Шумораи мардикорон дар баъзе солҳо ба 20 ҳазор нафар мерасид, вале бо итминони комил метавон гуфт, ки ин рақам ҳам дақиқ нест.

Авҷи баланди истифодаи мардикорӣ ҳар сол ба моҳҳои декабр- феврал ва июл-сентябр рост меомад. Дар ин давра деҳқонон аз корҳои саҳроӣ озод мешуданд ва ба мардикорӣ мерафтанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки аҳли меҳнат вазифадор буд тамоми корҳои ба дӯшаш гузоштаашударо бечунучаро иҷро кунад. Ҳашар ҳатмӣ ва бо навбат буд. Аҳолӣ ба ҳашарҳои якрӯзаю серӯза ва ҳафтаина сафарбар шуда, меҳнати бемузди вазнину тоқатфарсоро ба анҷом мерасонд. Аҳли меҳнат ба ҳашар бо асбобу анҷоми кишоварзӣ ва воситаҳои нақлиёт сафарбар мешуд. Дар хоҷагии амиру дарбориён деҳқон ҳар сол маҷбурӣ кор мекард. Дар давраи ҳашар ба мардуми сафарбаршудаи ҳар деҳа оқсақоли он сардорӣ мекард.

Ҳукуматдорони кишвари Туркистон ҳашарро ба маҷбурияти умум табдил дода, дар ғорат ва таҳқир кардани аҳолӣ ягон ҳадду ҳудудро намедонистанд. Дар бораи халқ ба ном ғамхорӣ зоҳир карда, риёкорона аҳли меҳнатро зулму истисмор мекарданд.

## АДАБИЁТ


1. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир во второй половине Х1Х в. /Б.И. Искандаров. – Душанбе, 1963. Ч.2. – С. 57.
2. Миддендорф А.Ф. Очерки Ферганской долины (Пер. с нем. В.И. Ковалевского) / А.Ф. Миддендорф. – СПБ., 1872. – С. 182-192.
3. БМД Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ф.126. Д.761, 762, 769, 770, 820, 961, 1597.
4. БМД Тоҷикистон, ф.1., р.1. д 2406; ф.3, р.1. д. 460.
5. БМД Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ф.126. р.1, Д.820, В.14.
6. АМД Узб-н, ф.126, р.1.д.826, В.14.
7. АДМ Ҷумхурии Тоҷикистон, ф.1, р.1, д.2406, в. 20.
8. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в Х1Х – начале ХХ в. / А. Маджлисов. – Душанбе – Алма-Ата, 1967. – С. 189-190.
9. БДМ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ф.126, р.1, д.770. – ҳуҷҷати 3.
10. Кушматов А. Вақф. – Душанбе, 1990. – С. 114.
11. БМД Ӯзбекистон, ф.3, р.2, д. 1445, в.14.
12. БМД Ӯзбекистон, ф.3, р.2, д. 445, в.2.
13. БМД Ӯзбекистон, ф.3, р.2, д. 1445, в.14.
14. Мустаҷир Абдураҳмон. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / М. Абдураҳмон. – Душанбе, 1989. – С. 4.
15. Кушматов А. Вакф (Вакфное землевладение Северного Таджикистана в 1870-1917 гг.) / А. Кушматов. – Душанбе, 1990. – С. 114.


## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ТРУДОВЫХ ПОВИННОСТЕЙ ТАДЖИКОВ В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВВ

На востоке, в том числе и в Средней Азии, в Северном Таджикистане и Восточной Бухаре на протяжении веков широко были распространены тяжелые трудовые повинности, выполнявшиеся населением в пользу феодалов и феодального государства.

Эта принудительная мобилизация населения на выполнение различных работ (строительство объектов, сезонные работы в хозяйствах правящей феодальной верхушки, работа в общественных

ведомствах) происходила в рассматриваемое время в дореволюционном Таджикистане в форме хашара и мардикора. Под словом «мардикор» понимается не только поденный наемный труд, но и «хашар». Мардикорами называли и людей, привлеченных на эти работы. Слово «хашар» имело весьма емкое содержание.

**Ключевые слова:** Восточная Бухара, Туркестанский генерал-губернатор, кушбеги, Бухарский эмират, Архив, Кофарнихон, Закаспий, оксакол, туксабо, бек, мирзо, Арбоб, мечеть, медресе, таджикское крестьянство, вакфное землевладение.

**LOOK AT THE HISTORY OF LABOR SERVICE TAJIKS IN THE LATE XIX AND EARLY XX CENTURIES**

In the East, including in Cental Asia, northern Tajikistan and eastein Bukhara for centuries has been widely spread heavy labor of the feudal lords and the feudal state.

This mobiliration of the population forced to perform various works (construction of seasonal work on the farms of the riling feudal elite work in public agencies) took place at the relevant time in Tajikistan in the form of pre-revolutionary and hasher-mardikor. Mardikor the word refers not only per diem wage labor and hasher. Mardikors calls and people attracted to his work. Hashar word and very capacious contents.

**Key words:** Eastern Bukhara, Turkestan Governor-General, kushbegi, Bukhara Emirate, Archive, Kofarnihon, Transcaspian, oksakol, tuksabo, Beck, Mirzo, Arbob, mosques, madrassas Tajik peasants, vakf tenure.

**Сведения об авторе:** ***А. Кушматов*** – доктор исторических наук, профессор кафедры древней и средневековой истории Таджикского национального университета. Телефон: **919-66-69-17**

# КУЛЬТУРНЫЕ СВЯЗИ ТАДЖИКИСТАНА С ИНДИЕЙ

***Т.Х. Турсунов***
**Таджикский национальный университет**

После того как Таджикистан 9 сентября 1991 года стал независимым государством дружба и сотрудничество между Индией и Таджикистаном получили новое качество. Возможностей для расширения и углубления таджикско-индийских взаимоотношений стало еще больше.

Взаимные поездки государственных и общественных деятелей Индии и Таджикистана стимулируют развитие наших взаимных отношений в таких сферах, как культура, и других областях общественной жизни.

После стабилизации положения в Таджикистане 21 августа 1995 года исполнитель классического танца «Катках» Рани Ханам посетила Душанбе и побывала в некоторых регионах республики, встречалась с учёными и деятелями искусства Таджикистана, обмениваясь с ними впечатлениями и мнениями.

Кроме того, исполнитель индийского классического танца Лата Сингх с 2 по 10 сентября 1995 года посетила Душанбе. Во время своего пребывания в нашей республике Лата Сингх посетила танцевальные занятия студентов Таджикского института искусства им. Мирзо Турсун-заде, и 6–го сентября посетила музей народных инструментов имени Г. Завкибекова. Так как в эти годы внутриполитическая ситуация в Таджикистан была сложной и шла гражданская война, Лата Сингх не смогла в полном объёме выполнить свою программу. Однако стремление к более тесному сотрудничеству изъявили обе стороны. Анализ подписанных соглашений показывает, что эти соглашения и договорённости являются хорошей основой для сотрудничества, дружбы и взаимопонимания между нашими странами, стимулируют их дальнейшее развитие.

В 1997 году наметилась некоторая активизация сотрудничества в культурно - образовательной сфере с республикой Индия, хотя в целом двухсторонние отношения с этой страной не претерпели больших изменений в этот период. В рамках программы культурного обмена на 1996-1998 годы Таджикистан посетили видные ученые,

представители образовательной сферы Индии, регулярную языковую и дипломатическую подготовку в Индии проходили таджикские специалисты.[1:29]

В октября 1998 года в Таджикистан прибыл генеральный директор индийского совета по культурным связям Нимахол Сам. Во время посещения Таджикистана были обсуждены проблемы культурного сотрудничества и открытие культурного центра Индии в Таджикистане. Нимахал Сам пригласил таджикских мастеров искусства посетить Индию. Приглашение было принято с благодарностью.

Общество дружбы и культурных связей Республики Таджикистан с иностранными государствами в честь 52 годовщины Независимости Индии 24-25 декабря 2002 года провело ряд мероприятий в честь этого юбилея. 24 января в президиуме АН Республики Таджикистан в библиотеке им. И. Ганди состоялась выставка трудов индийских ученых и писателей, которые хранились в библиотеке.[2:11] В торжественном открытии выставки принимали участие директор библиотеки А.А. Аслиддинова, вице-президент АН республики Х.Х. Каримов, председатель таджикско- индийского общества дружбы А.М. Мухтаров, председатель таджикско- пакистанского общество дружбы Ш.П. Пулатов, секретарь Союза писателей Таджикистана А. Самадов, заведующий кафедрой филологии Индии и Пакистана Таджикского государственного национального университета Х. Р. Раджабов, ученый секретарь АН Республики Таджикистан Ф. Т. Тахиров.

На выставке демонстрировались книги, журналы газеты, разнообразная литература, посвященная культуре, просвещению и технике Индии. Участники выставки поздравили индийский народ с достижениями в области культуры, науки и техники и пожелали дружественному народу Индии дальнейшего процветания.

Со своей стороны посол Индии выразил благодарность организаторам и участникам выставки и подарил библиотеке ряд очень редких книг.

По инициативе общества дружбы и сотрудничества с зарубежными странами, общества таджикско – индийской дружбы и посольства Индии в Республике Таджикистан с 8 по 15 августа 2002 в честь Независимости Индии проводилась Неделя дружбы с индийским народом.

В ходе проведения Недели дружбы между таджикским народом и народом Индии было проведен ряд культурных мероприятий. В рамках Недели дружбы 9 августа в библиотеке АН республики им. И. Ганди проводилась выставка книг, газет и журналов на трёх языках: индийском, английском и русском. Проведение подобных выставок в библиотеках становится традицией для таджикского общества дружбы и сотрудничества с зарубежными странами.

По инициативе директора библиотеки им. Индиры Ганди А. Амонуллоевой, среди участников выставки был проведён конкурс. 12 августа в зале посольства Индии в Таджикистане был показан видеофильм на тему «Движение суфизма в Индии». Фильм был просмотрен с большим интересом. После показа фильма комментарии к фильму сделал профессор П. Джамшедов.

С первых дней открытия Недели дружбы между индийским и таджикским народом в кинотеатре им. А. Джами проходил показ индийских фильмов. Кроме того, по радио и телевидению Таджикистана, информационный центр «Ховар» проводил встречи и беседы с членами общества таджикско-индийской дружбы.[2:8]

13 августа по инициативе общества дружбы и культурных связей Республики Таджикистан с зарубежными странами и комитета по работе с молодежью при Совете министров Республики Таджикистан был дан большой объединённый концерт таджикских и индийских мастеров искусств. С индийской стороны принимала участие группа «Индиана бойз». Основными участниками концерта были молодёжь Индии и Таджикистана. Вечер дружбы под музыку и танцы превратился в вечер индийско-таджикской дружбы. Перед концертом председатель комитета по работе с молодёжью

А.К. Латипов выступил и поприветствовал гостей в лице советника посла Вираджа Сингха в Республике Таджикистан, поздравил индийский народ со своим светлым праздником – Днём независимости. Кроме того, А.К. Латипов поздравил с праздником индийских студентов, обучающих в медицинском институте им. А. Сина.[2:9]

22 января 2003 года в честь юбилея Независимости Индии состоялась встреча членов общества дружбы между Индией и Таджикистаном с индийскими мастерами искусств, в том числе таблакистам Васи Ахмадханам из города Калькутты и исполнителем индийских танцев Сантошем Кумиром Чатирджи из города Мумбей.

После встречи индийские гости выразили благодарность нашим работникам общества дружбы Индии и Таджикистана и после своего возвращения в Индию поделились своими впечатлениями о Таджикистане и таджикском народе. [2:22]

Целью их поездки в Таджикистан было не только исполнение и показ танца «Катхак», но и изучение, ознакомление с самобытным искусством таджикского народа.

7 февраля 2003 года в здании посольства Республики Индия в Таджикистане состоялась встреча активистов таджикско - индийской дружбы с чрезвычайным и полномочным послом Республики Индия в Республике Таджикистан Йогендра Кумаром. На встречу были приглашены А. Мухтаров – академик АН республики, доктор исторических наук, заведующий отделом истории средних веков Института истории АН Республики Таджикистан, председатель таджикско - индийского общества дружбы, активист общества, заведующий кафедрой филологии Индии и Пакистана Х. Раджабов, Ф. Ибрагимова - директор швейного предприятия «Суман», О. Музаффар - директор научно-аналитического центра «Шарк», Салимшо Халимшо – поэт, член Союза писателей республики, М.Исаева – руководитель творческой группы «Цветок надежды», Н. Бердиев-проректор иностранных студентов ТГМУ имени Авиценны, Д. Парвонаев – профессор ГПУ имени К. Джураева и др.

В начале встречи выступил посол Республики Индия в Республике Таджикистан Йогендра Кумар. Он в основном коснулся двухстороннего сотрудничества между нашими странами. Он, в частности, отметил: «Целью данной встречи, прежде всего, является дальнейшее развитие сотрудничества и дружбы между народами Индии и Таджикистана.

На основе соглашения о культурном сотрудничестве 21 июня 2003 года по инициативе госпожи Индиры Кумар, жены индийского посла, была организована встреча представителей таджикских женщин и женщин дипломатического корпуса, находящегося в городе Душанбе. [2:8]

После приёма председатель общества дружбы и культурных связей Таджикистана с зарубежными странами М. Калонова от имени присутствующих и общества дружбы выразила благодарность госпоже Индире Кумара за приглашение и гостеприимство. В частности, она отметила: «Госпожа Индира Кумар с первых дней пребывания в Таджикистане испытывает тёплые чувства к таджикскому народу. Мы, женщины Таджикистана, со своей стороны признательны госпоже Индире Кумара за те искренние чувства, которые испытывает она к нашему народу. Мы пожелаем госпоже Индире Кумар, господину послу доброго здоровья, семейного счастья, благополучия их детям и дальнейших успехов в деле укрепления дружбы и сотрудничества между нашими народами».

16 августа в городе Душанбе, в театре оперы и балета имени С. Айни, культурный центр Индии организовал концерт, на котором исполнялись индийские песни и танцы.[3:9] Индийские мастера искусств показали высокое мастерство. Зрители высоко оценили искусство индийских мастеров. Накануне празднования 12-летнего юбилея Независимости Таджикистана, на юбилей приехали многие гости из зарубежья, в том числе гости из индийского города Мумбей Мехер Мастер Мус - председатель

зораостризмского колледжа города Мумбей и Бхавик Пател - бизнесмен, представитель компании LTD компьютерной системы.

Цель поездки индийских гостей в нашу республику была широка и разнообразна и охватывала широкий круг вопросов, в частности, участие в работе международной конференции по проблеме «Культура зороастризма и ее место в мировой цивилизации», которая проводилась по случаю 3000-летия культуры зороастризма. Гости приняли участие в юбилеях Независимости Таджикистана и 1100-летия Н. Хусрава.

4 сентября 2003 года Мухер Мастер Мус и Бхавик Пател посетили выставку работ таджикского художника Гуломали Шукурова, которая открылась в культурном центре «Бактрия» под названием «Ягноб- этнографическое чудо мира».

Выставка очень понравилась гостям и они были рады, что посетили выставку. Действительно, прекрасна природа нашей страны и красивый пейзаж Таджикистана, горные речки посреди камней и ущелья, дают человеку неповторимые ощущения. После просмотра выставки доктор Мухер Мастер Мус в знак дружбы подарил Г. Шукурову национальный флаг Индии и герб зароостризмского колледжа.

Во второй половине дня для членов общества таджикско-индийской дружбы в Доме дружбы была организована встреча. На встрече доктор Мухер Мастер Мус рассказывал присутствующим о своей работе в городе Мумбей и отвечал на многие вопросы. На этой встрече присутствовали индийские студенты- выпускники Таджикского медицинского университета имени Авиценны. Во время встречи Бхавик Пател поделился с присутствующими своими впечатлениями о Таджикистане и сказал, что считает, эти взаимные поездки лучшей предпосылкой для установления тесного сотрудничества в экономике, политике, торговле и культуре. Дружественная обстановка дала ему возможность ещё больше узнать историю зороастризма. [2:10]

Доктор Мухер Мастер Мус также поделился с присутствующими о впечатлениях своей поездке по Таджикистану, в частности, он отметил, что мечтал побывать в Таджикистане. «Открытие прямого воздушного сообщения между Душанбе и Дели – это новая страница наших двухсторонних отношений, я очень рад, что присутствовал на юбилее 3000-летия культуры зороастризма который проходил в вашей стране, желаю всем счастья и доброго здоровья». [2:11]

5 сентября открылась международная конференция по проблеме «Культура зороастризма», на которую были приглашены, наряду с индийской делегацией, гости из Ирана, Германии, Америки и других стран. Конференция была организована Министерством культуры Республики Таджикистан и ЮНЕСКО.

После завершения работы конференции для близкого ознакомления с историей и культурой народа Ягноба, сбора материалов и источников доктор Мухер Мастер Мус посетил Ягноб. Он побывал в исторических местах горного края, ознакомился с образом жизни и быта народа Ягноба.

По приглашению правительства Хатлонской области 9 сентября гости побывали в Кабадиянском районе и там встретили юбилей нашей республики. Гости побывали в Шахритузском и Бешкентском районах. Эти районы теперь названы именем Насира Хусрава, посетили мавзолей Хаджи Машхад и Чилучор Чашма.

Доктор Мухер Мастер Мус сотрудничал с Таджикским государственным национальным университетом и Ходжентским университетом. Он посетил Ходжент и встретился с ректором ходжентского Технического университета К. Фузайловым, побывал в Истаравшане. В Ходженте он читал лекции студентам.

Индийский ученый по возвращении в город Душанбе встретился с деканом технического колледжа П. Пулатовым и студентами Российско-таджикского (славянского) университета.

14 сентября гости побывали в городе Нуреке. В городе Нурек гостей встретил заведующий техническим и машиностроительным отделом нурекского ГЭС Ф. Шамсиддинов. На следующий день доктор Мухер Мастер Мус улетел в Дели. Предприниматель Патер Бхавик для подписания контракта с таджикскими бизнесменами и установления торговых связей остался в Душанбе до 30 сентября.

Отдел таджикско-индийской дружбы общества дружбы и культуры Республики Таджикистан с зарубежными странами установил тесные связи с посольством Республики Индия в Таджикистане и стремится помочь в деле дальнейшего развития двухсторонних отношений между нашими странами.

4 декабря 2003 года в Доме таджикско-индийского общества дружбы состоялась встреча активистов общества с новым чрезвычайным и полномочным послом Индии в Республике Таджикистан господином Бандалом Джайшанкаром. Встречу открыла М. Калонова, затем академик А. Мухтаров информировал присутствующих о работе, планах и перспективе общества. В конце встречи господин Джайшанкар поблагодарил организаторов за встречу и расписался в книге почетных гостей. Господин Джайшанкар отметил, что нас радуют подобные встречи и беседы между деятелями науки и культуры Республики Таджикистан и Республики Индия. «Я надеюсь, что ваша работа на благо наших двух дружественных народов будет приносить хорошие плоды». [2:13] На встрече присутствовал консул Республики Индия в Таджикистане господин Вирадж Сингх.

С 14 по 24 марта 2004 года между студентами ТГНУ и студентами Института языков проводилась викторина на тему: «Знаете ли вы Индию?», на которой принимали участие 50 студентов. 25 марта были подведены итоги викторины, 10 человек получили первое место, 17-человек второе место и 13-человек третье место. Два студента были признаны лучшими знатоками Индии. Эта Умеда Искандарова из ТГНУ и Наргис Саймудинова из Института языков. Подарки им вручили посол Республики Индия в Таджикистане господин Бандал Джайшанкар, председатель Общества дружбы и культурных связей Таджикистана с зарубежными странами М. Калонова и академик А. Мухтаров. Успешно развиваются двухсторонние отношения в таких сферах, как культура и наука. В марте 2004 года школу №15 города Душанбе посетил посол Индии в Таджикистане господин Б. Джайшанкар. Состоялась встреча посла с учителями и учениками школы. По итогам этой встречи в школе №15 был открыт клуб «Любителей Индии».

С 20 января по 4 февраля 2005 г. в Индию отбыла делегация в составе 2 человек: кинооператор, фотохудожник, заслуженный работник культуры РТ – З. Дахте и ст. референт ТОДКС, переводчик – З. Курбанова.[2:14] Целью поездки было проведение фотовыставки известного таджикского фотомастера – З. Дахте «Знакомьтесь, Таджикистан!», а также участие на XIX-ом Всемирном Конгрессе альтернативной медицины, духовности, образования, науки и изучения мировых религий. 28 января состоялось торжественное открытие фотовыставки З. Дахте в здании Российского Культурного Центра в рамках работы Всемирного Конгресса продолжительностью в 4 дня. На Конгрессе принимали участие представители из разных стран мира, в том числе Великобритании, Австрии, Российской Федерации, Республики Казахстан, Индонезии, Шри-Ланки, Малайзии и ряда городов самой Индии. Более 130 красочных фотографий познакомили участников Конгресса и гостей с народным творчеством и культурой таджикского народа. 31 января на Конгрессе выступала с докладом «Вклад Таджикского Общества дружбы и культурных связей с зарубежными странами в установление и развитие мира в Республике Таджикистан» ст. референт ТОДКС З. Курбанова. Данная поездка послужила тесному культурному контакту между двумя странами и оставила пожелания для дальнейшего развития культурного взаимообмена между народами двух государств. В январе 2005 года на кафедре Индийской филологии ТГНУ был проведен вечер, посвященный Дню Республики Индия. А также, по случаю празднования

Республики Индии в Посольство Индии в Республике Таджикистан ТОДКС направил поздравительное письмо.

25 января 2005 г. в Посольстве Индии в Таджикистане состоялась встреча Чрезвычайного и Полномочного Посла Индии в Таджикистане Бандала Джайшанкара с Председателем Президиума ТОДКС Майсарой Юлдашевой. Майсара Юлдашевна поздравила Посла с Национальным праздником – Днем провозглашения Республики Индия, вручила букет цветов и поздравительное письмо и пожелала народу Индии благополучия и дальнейшего процветания, Послу и всем сотрудникам Посольства пожелала крепкого здоровья, семейного счастья и больших успехов в работе. Бандал Джайшанкар поблагодарил за поздравления и заверил в своем глубоком уважении, стремлении приложить все усилия на дальнейшее укрепление и развитие более тесных отношений между двумя дружественными народами. Во время встречи обсуждали план работы на текущий год и совместные действия по проведению культурных и других мероприятий. Майсара Юлдашевна выступила со словами благодарности за приглашение и оказанный дружественный прием. Посол выразил благодарность за оказанный визит, вручил нам памятные подарки и выразил надежду на развитие более активного сотрудничества Общества дружбы и Посольства Республики Индия в Республике Таджикистан. Встреча прошла в дружественной и теплой атмосфере.

В апреле 2005 года в Индийском Культурном Центре таджикские студенты, проходившие курсы языка хинди из группы Мехринисо Солиевой, организовали вечер показа таджикских обрядов на индийском языке.

19 мая 2005 г. Посольством Индии в Таджикистане успешно был проведен фестиваль индийских фильмов. На нем были представлены самые лучшие кинофильмы известных индийских кинорежиссеров.

15 июня 2005 г. в Доме дружбы состоялась встреча Председателя Президиума ТОДКС – М. Калоновой и ст. референта ТОДКС - Курбановой Лолы с Чрезвычайным и Полномочным Послом Индии в Таджикистане – г-ном Бандал Джайшанкаром и г-ном Вирадж Сингхом. В ходе беседы были обсуждены важнейшие вопросы двухстороннего сотрудничества. В частности, Посол выразил желание в сентябре текущего года открыть музей индийской культуры в средней школе №15, также преподнести подарок в виде музыкальных инструментов в музыкальную школу им. М. Турсун-заде, организовать выставку полотен Амриты Шергил, посвященную творчеству индийских женщин в Национальном музее им. К. Бехзода, выставку рисунков ко Дню рождения Дж. Неру и фотовыставку, посвященную Махатме Ганди. М. Калонова выразила готовность в оказании поддержки вышенамеченным планам и поблагодарила за оказанный визит, выразила надежду на развитие более активного сотрудничества Общества Дружбы и Посольства Республики Индии в Республике Таджикистан.

В августе в библиотеке им. И.Ганди состоялась большая выставка книг и плакатов, приуроченная ко Дню независимости Индии.

Посольство Индии в Таджикистане подарило библиотеке им. И. Ганди 100-томное издание трудов Махатмы Ганди и журналы на английском языке.

27 сентября в музее им. З. Шахиди состоялась торжественная церемония вручения индийских музыкальных инструментов в количестве 10 штук. По окончании официальной части была представлена концертная программа классических индийских песен в исполнении супруги Посла г-жи Нирмалы Джайшанкар совместно с музыкантами Индийского Культурного Центра. [2:13]

3 октября в Индийском культурном центре состоялся вечер показа индийских сари, организованный супругами сотрудников Посольства. По окончании показа замечательной коллекции нарядов взору присутствующих была представлена сценка индийского обряда бракосочетания.

14 ноября в Индийском культурном центре при Посольстве Индии совместно с Таджикским обществом дружбы был проведен конкурс рисунка «Эскизы и рисунки», посвященный Дню рождения первого Премьер-министра Индии Джавахарлала Неру. Ежегодно его день рождения-14 ноября - в Индии отмечается как день детей. Активное участие на нем приняли учащиеся разных школ г. Душанбе в возрасте от 8 до 12 лет. Была представлена определенная тематика. После выставки детских рисунков состоялась церемония вручения призов победителям.

18 ноября в Таджикской Национальной Консерватории состоялась церемония передачи индийских музыкальных инструментов. Встречу открыл с приветственной речью Ректор Консерватории профессор Т. Саттаров, который поблагодарил Индийское Посольство в Душанбе за бесценный подарок, который значительно пополнил коллекцию музыкальных инструментов Консерватории, и высоко оценил вклад Индии в благое дело укрепления дружбы между двумя народами. Далее выступил Чрезвычайный и Полномочный Посол Индии в Таджикистане г-н Бандал Джайшанкар. Он поприветствовал всех присутствующих и сообщил об общности нашей культуры, которая отражается в наших классических народных художественных традиций и в настоящее время проявляется в огромной популярности современной индийской музыки и фильмов в сегодняшнем Таджикистане. По окончании его речи состоялось торжественное вручение классических инструментов, таких, как: ситар, сантур, табла (барабаны), пахавадж и др. После церемонии вручения сотрудниками Индийского Культурного Центра при Индийском Посольстве было организовано небольшое представление танца и музыки, которое завершилось музыкальным концертом в исполнении старших студентов Консерватории. Данный концерт символизировал общие корни индийских и таджикских музыкальных традиций.

Благодаря усердию Посольства Индии в Таджикистане по радио и телевидению стали больше показывать индийские фильмы, видеоклипы и передачи. Также Посольство Индии в Душанбе издает ежегодный журнал «Индия – перспективы» на русском языке, что позволяет широкому кругу читателей ознакомиться с политической, экономической и культурной жизнью загадочной Индии.

6 августа 2006 года президент Республики Таджикистан Э. Рахмон и члены сопровождающей его делегации в городе Дели приняли участие в церемонии открытия мемориальной доски вблизи усыпальницы видного таджикско – персидского поэта Мирзо Абдулкодира Бедиля и в состоявшемся по этому случаю торжественном вечере.

Весьма символично, что первый государственный визит президента Республики Таджикистан Э. Рахмонова в сказочную страну Индию начался именно с посещения усыпальницы классика таджикско-персидской литературы М.А. Бедиля.

На торжественной церемонии глава государства Таджикистан снял покрывало с понятного камня и выступил перед собравшимися. Он подчеркнул огромное значение бесценных научных, литературных и культурных произведений М.А. Бедиля, одного из крупнейших представителей таджикско – персидской науки и культуры. Э. Рахманов подчеркнул, что и сегодня в начале XXI века эти труды являются свидетельством исторической связи между народами Таджикистана и Индии. Глава государства Таджикистан, подчеркнул: «Заветы Бедиля могут служить важным фактором укрепления дружбы и всестороннего сотрудничества между нами».

Затем в живописном саду Бедиля, вблизи усыпальницы этого классика таджикско-персидской поэзии, состоялся вечер чтения стихов этого великого поэта. В нем приняли участие известные таджикские поэты Мехмон Бахти, Фарзона и Озарахш.

В заключение можно сказать, что за годы независимости наиболее развитой формой сотрудничества между нашими странами были культурные связи. Анализ содержания, характера и направлений сотрудничества показывает, что они носят взаимовыгодный

характер и направлены на развитие различных отраслей культуры, расширение культурных связей. Культурное сотрудничество содействует взаимообогащанию и взаимодействию культуры, в конечном счете, способствует еще большому сближению двух родственных народов.

Таким образом, культурные связи Республики Таджикистан и Республики Индия развиваются успешно и направлены на благо народов Таджикистана и Индии. Постоянные встречи между президентом Республики Таджикистан и премьер-министром Республики Индия-подтверждение тому, что усилия двух дружественных народов и их исторические связи направлены только на укрепление мира в Центрально-азиатском регионе и во всем мире.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистан на современном этапе / З.Ш. Саидов. -Душанбе, 2006. -С.29.
2. Текущий архив ТОДКС, папка. - № 5. -С. 5-40.
3. Текущий архив УСАА МИД РТ, папка № 6. -С. 10-18.

**КУЛЬТУРНЫЕ СВЯЗИ ТАДЖИКИСТАНА С ИНДИЕЙ**

В статье прослеживаются культурные связи между Таджикистаном и Индией. После того как Таджикистан стал независимым государством, культурное сотрудничество между Индией и Таджикистаном приобрела новое качество и успешно развивается в интересах народов Таджикистана и Индии. Анализ содержания, характера и направлений сотрудничества показывает, что они являются взаимовыгодными и направлены на развитие различных отраслей культуры, расширение культурных связей.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Индия, культурное сотрудничество, таджикское общество, дружба, культурные связи Таджикистана с зарубежными странами, конференция.

**CULTURAL TIES TAJIKISTAN WITH INDIA**

The article traces the cultural relations between Tajikistan and India. After Tajikistan became independent cultural cooperation between India and Tajikistan acquired a new quality and develop successfully and are for the benefit of the peoples of Tajikistan and India. The analysis of the content, nature and directions of cooperation shows that they are mutually beneficial and are aimed at the development of various branches of culture, expansion of cultural ties.

**Key words**: Tajikistan, India, culture, cooperation, Tajik society and friendship and cultural relations of Tajikistan with foreign countries, conference.

**Сведения об авторе:** ***Т.Х. Турсунов*** - доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран Таджикского национального университета. Телефон: **934-66-55-81**

## ИЛМ ВА МАОРИФИ ВМКБ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***З.М. Баҳромов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маълумотҳои асосӣ оид ба илм ва маорифи ВМКБ бештар дар маводҳои нашршуда ба мисли ҳисоботҳои солонаи муассисаҳо, маводҳои бойгонӣ, маълумотҳои ин ё он ташкилот ба назар мерасанд. Табиист, ки масоили илм ва маорифи ВМКБ дар солҳои истиқлолият диққати ҳамагонро ба худ ҷалб мекард. Таърихшиносон, файласуфон, адабиётшиносон, табиатшиносон маводи хеле зиёдеро оид ба таърих, адабиёт ва табиати ВМКБ ҷамъоварӣ намудаанд. Аслан дар ин навиштаҳо фаъолияти ҳукумати ҷумҳурӣ, маҳаллӣ ва ҳазинаи Оғохон дар баланд бардоштани сатҳи фарҳангии мардум хеле дақиқ нишон дода шудааст.

Яке аз муассисаҳои муҳимми илмии ВМКБ Донишкадаи биологии Помир ба ҳисоб меравад. Ин донишкада соли 1969 дар асоси базаи помирии АИ Ҷ. Тоҷикистон дар асоси муассисаҳои зерин таъсис ёфта буд: Боғи ботаникии Помир (Хоруғ), Стансияи биологии Помир (Чечекта) ва нуқтаи такягоҳии Ишкошим. Маркази

донишкада дар баландии 2180м аз сатҳи баҳр ва 8 км дуртар аз ш. Хоруғ ҷойгир мебошад.[1.С.45].

Ба зиммаи Донишкадаи биологии Помир вазифаи омӯзиши пурраи захираҳои биологии Помир ва коркарди усулҳои азхудкунии соҳаҳои қаламрави баландкӯҳи ҷумҳурӣ вогузошта шудааст.

Корҳои илмӣ-ташкилӣ ва корҳои равшаннамоии донишкада таҳти роҳбарии садорат ва Шӯрои олимон ба роҳ монда шудааст.

Асосан масоили омӯзиши захираҳои биологии Помир асосан диққати олимонро ба худ ҷалб менамояд. Аввалин бор дар асарҳои олимон Б.А. Имомназаров [2.18с] ва А.А. Ахмедов [3.С.42] усули тайёр кардани равғани ангат нишон дода шудааст. Олимон усулҳои тарзи тайёр кардани растаниҳои шифообахшро дар Помир мавриди таҳқиқ қарор дода, гармхонаҳои зиёдеро дар баландии 36000 м ҷойгир кардаанд. Дар ин гармхонаҳо дар тамоми фаслҳои сол сабзавот кишт карда мешавад. Натиҷаи фаъолияти ин гармхонаҳо дар ду монография ҷамъ оварда шудааст.[4.С.29] Дар асари О.А. Ақназаров оиди шароити гармхонаҳои маҳаллаи Ҷелондӣ маълумот муфассал дода шудааст.[5.112с]

Ҳангоми таҳқиқот 25 намуди ҳашаротҳои зараррасон муайян гардиданд, ки таъсири онҳо ба афзоиши растаниҳои шифобахши Бадахшон хеле зиёд мебошад.[6.Л.10] Чунин намуди ҳашаротҳои зарарасон дар ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ низ мушоҳида гардидаанд, ки роҳҳои мубориза зидди онҳо дар ин таҳқиқотҳо оварда шудааст.

Яке аз донишкадаҳои муҳимми Бадахшон ин Донишкадаи илмҳои гуманитарии АИ ҶТ ба ҳисоб меравад. Донишкада таҳқиқотҳои илмиро аз рӯйи се масоили асосӣ роҳандозӣ менамояд. Асосан таҳқиқотҳо оиди фолклори халқҳои Бадахшон, адабиёти Бадахшон, таҳқиқотҳои лексиологӣ ва лексиографӣ ва грамматикаи забонҳои помирӣ ба роҳ монда шудааст.[7.Л.8]

Аз рӯйи мавзӯи «Омӯзиши муқоисавии номҳои шахсии мардуми Помир (1991-1995)» доктори илмҳои филологӣ Д. Карамшоев таҳқиқот анҷом додааст. Дар асар номҳои зиёди мардуми Помир ҷамъоварӣ шудаанд.

Қисмати асосии ин таҳқиқот (шуғнонӣ, рӯшонӣ, язғуломӣ, вахонӣ, ишкошимӣ) аз ҷониби Донишкадаи забоншиносии собиқ АИ ИҶШС барои нашри асари «Луғати номи халқҳои Шӯравӣ» қабул гардидаанд. Корманди калони илмии донишкада Н. Шакармамадов маводи зиёдеро оиди мавзӯи «Хусусияти идеявӣ-бадеии сурудҳои халқӣ бо забони помирӣ (1995-1998)»-ро ҷамъоварӣ намудааст.

Дар ин давра ходими хурди илмӣ Г. Ризвоншоева барои ҷилдҳои 3 ва 4-и «Куллиёти фолклори Помир (афсонаҳо)» 5 афсона аз забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кард. Ходими хурди илмӣ В. Охониёзов дар ҳаҷми 1,8ҷ.ч. ашъори 4 шоири маҳаллизабонро гирд овард. Аз ҷониби ходими хурди илмӣ Х. Таваккалов оид ба мавзӯи «Сайри таърихии маддоҳ ва мадоҳхонӣ» дар ҳаҷми 0,7 ҷ.ч тадқиқот таълиф гардид. Инчунин ходими калони илмӣ Ҷ. Додалишоев тибқи омӯзиши мавзӯи «Адабиёти форсу тоҷик дар Бадахшон (асрҳои XVIII-XIX)» ба маҳалҳои Шуғнон, Ишкошим сафари илмӣ анҷом дода, беш аз 200 номгӯи дастхати китобҳоро ба қайд гирифта оиди 11 шоир ва ашъори онҳо мавод ва маълумот ба даст овардааст.

Аз дастовардҳои асосии шӯъбаи филологияи Помир тибқи омӯзиши маводҳои мавҷудбуда дар нимсолаи аввали соли 1998 ба охир расидани таълиф ва таҳияи рисолаҳои илмӣ-таҳқиқотии Ш. Юсуфбеков дар мавзӯи «Таҳқиқоти хусусиятҳои таърихии синхронии забони сангличӣ (дар ҳаҷми 10ҷ.ч.) ва Ш. Мирзоев дар мавзӯи «Гурӯҳи асосии синонимҳои забони шуғнонӣ (дар ҳаҷми 8-10 ҷ.ч.) ба ҳисоб меравcomponentд.[8.Л.9]

Вобаста ба мавзӯи асосии забоншиносӣ дар нимсолаи аввали соли 1998 доир ба мавзӯъҳои «Таҳқиқи категорияҳои ҷинсияти забонҳо аз нигоҳи лексиологӣ» (Д.

Карамшоев), «Таҳлили этнолингвистикаи луғати соҳавии забони шуғнонӣ» (М. Аламшоев), «Таҳқиқи муқоисавии категорияи ҷинсият дар забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ» (М. Ғуломҳайдаров) таҳқиқотҳои тозаи илмӣ таҳия гардидаанд.

Рисолаи Ф. Офаридаев [9.Л.11] оид ба таҳқиқи забоншиносӣ ба яке аз бахшҳои омӯхтанашудаи топонимикаи Бадахшон- ойконимия (номҳои нуқоти маскунӣ) бахшида шуда буд. Номҳои шаҳру навоҳӣ ва деҳоти ВМКБ бори нахуст аз назари маъно, сохту таркиб, вижагиҳои луғавӣ ва таърихиву этимологӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифт. Маводи таҳқиқоти мазкур дар давоми с. 1980-2000 аз навоҳии Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Роштқаъла, Ишкошим ва Мурғоб ҷамъоварӣ шудааст.

Оиди мероси адабии шоирони Бадахшон рисолаи Л. Давлатбеков [10.50С] маълумоти муфассал медиҳад. Зеро ҳанӯз дар бораи намояндагони адабиёти ин сарзамин асари таҳқиқотӣ навишта нашудааст.

Дар маҷмӯъ аз тарафи устодони ин донишгоҳ 481 корҳои илмӣ ба анҷом расонида шудааст, ки дорои аҳамияти илмӣ- назариявӣ мебошанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ - назариявии соҳаи маорифи ВМКБ дар мақолаҳо, ҳисоботҳо ва маводҳои бойгонӣ, инчунин дар асарҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки Бадахшон аз ҷиҳати шаҳрвандони дорои маълумоти олӣ дар собиқ давлати Шӯравӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намуда буд. Агар ба таърихи ин соҳаи мазкур назар андозем, маълум мегардад, ки дар солҳои 60-70ум асри XX дар он як ҷаҳише ба назар мерасад.

Ба ҳамагон хуб маълум аст, ки дар замони собиқ Шӯравӣ таҳсил пурра бепул ба роҳ монда шуда буд. Тамоми бурду бохти соҳа аз ҳисоби давлат пардохт мешуд. Соҳаи маориф фоизи калонро дар буҷаи миллӣ соҳиб гардид, бинобар ин дараҷаи саводнокии калонсолон дар соли 1990 99%-ро ташкил медод. Системаи маорифи ҷумҳурӣ дар собиқ давлати Шӯравӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекард. Масрафи буҷаи давлат хеле паст шуд, ки он аз 11% соли 1992 ба 20% соли 1999 расид. Бинобар ин, зарурати қабули ислоҳоти соҳаи маориф ба миён омад. Дар асоси ислоҳоти соҳаи мазкур, аз ҷумла дар ВМКБ қарори раиси вилоят аз 20.04.1999 таҳти №71 «Дар бораи тасдиқ намудани чорабиниҳои иловагии Ҳукумати вилоят оиди давра ба давра амалӣ намудани рушди соҳаи маориф» ба тасвиб расид.

Маводҳои бойгонӣ оиди вазъияти ногуворӣ ин соҳа шаҳодат медиҳанд. Дар ин маводҳо омадааст, ки давомоти хонандагон ба дарсҳо аз 6% соли 1989 ба 20% соли 1997 расид (қариб 25% духтарон ва 20% писарон аз синни 7-18 сола) маълумоти дурусти кофӣ нагирифтаанд.[11.Л.28.]

Қарори қабулгардидаи Ҳукумати вилоят дар давоми ду сол (1998-2000) чун барномаи стратегии соҳаи маориф қабул шуд ва тамоми фаъолияти идораи маориф, шӯъбаҳои шаҳриву ноҳиявӣ, муассисаҳои таълимиву тарбиявии вилоят ба иҷрои он равона гардида буд.

Асноди мавҷуда нишон медиҳад, ки дар ин давра гурӯҳҳои корӣ таъсис гардида, байни омӯзгорон ва волидайн кори таблиғотию фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, фикру мулоҳизаҳои онҳо ҷамъбаст ва таҳлил гардиданд. Дар ин давра мактабҳои вилоят аз атестатсия гузашта, сифати таълими фанҳо беҳтар гардид ва 15-20%-и хонандагони вилоят ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус шомил гардиданд.

Ҳисоботҳои солонаи шӯъбаи маориф нишон дод, ки соли 1999 186-нафар довталаб ва соли 2000-ум 129-нафар аз вилоят беимтиҳон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба тариқи квотаи президентӣ дохил шуданд. Дар давраи истиқлолият мактабҳои нав, синфхонаҳои иловагӣ сохта шуда мавриди истифода қарор гирифтанд.

Маводҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки соли 1995 теъдоди мактабҳо 315 ададро ташкил дод, ки аз онҳо 160 адад мактабҳои миёна ва 68 адад мактабҳои асосӣ мебошанд. Ин рақам дар соли 2000-ум ба 316 адад расида, аз ҷумла мактабҳои миёна 167 ва мактабҳои асосӣ 72 ададро ташкил доданд.

Теъдоди хонандагон соли 1995 48,103 ҳазорро ташкил дода, соли 2000 ин теъдод ба 53,278 ҳазор нафар расид. Дар солҳои истиқлолият бештари омӯзгорони мактабҳои миёна аз сабаби паст будани маош мактабҳои вилоятро тарк кардан. Бо зиёд гардидани музди меҳнат қисме аз онҳо боз ба ҷойҳои аввали кориашон баргаштанд.

Хулоса, дар солҳои истиқлолият ба мушкилотҳо нигоҳ накарда олимон ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил гардиданд. Соҳаи маорифи вилоят низ камбудиҳоро паси сар карда, ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд.

**АДАБИЁТ**


1. Памирский биологический институт. (Краткий очерк научной деятельности). -Душанбе: Дониш, 1981. - С.3.
2. Имомназаров Б.А. Автореферат, диссертации к.б.н / Б.А. Имомназаров. –Душанбе, 1995. -18 с.
3. Ахмедов А.А. Технология выращивания шиповника гунтского на территории Таджикистана / А.А. Ахмедов. -Душанбе; 1977. -42 с.
4. Акназаров Х.А. Кормовые растения, их продуктивность в условиях Памира: автореферат дисс. д.б.н. / Х.А. Акназаров. –Душанбе, 1999. -28 с.
5. Акназаров О.А. Геотермальные воды Памира и вопросы их комплексного использования / О.А. Акназаров. -Душанбе, 1991. -12 с.
6. Научно-исследовательская работа лаборатории зоологии 2000г // Памирский биологический институт. АН АТ. -Хорог, 2002.
7. Научно-исследовательские работы отдела Памирской филологии // Институт гуманитарных наук АН РТ за 1993г. -Хорог, 1993.
8. Научно-исследовательские работы отдела Памирской филологии // Институт гуманитарных наук АН РТ за 1998г. -Хорог, 1998.
9. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев. -Хоруғ, 1998.- 67 с.
10. Давлатбеков Л. Ҳунари бадеъии суханварони Бадахшон / Л. Давлатбеков. -Душанбе, 2004. -50 с.
11. Текущий архив организации Ага Хана г.Хорог. Информация по образовательному сектору основана на АКГ. -Хорог, 2001. –л 28.


**НАУКА И ОБРАЗОВАНИЕ ГБАО В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ**


В данной статье речь идет о развитии науки и образования в ГБАО и их дальнейшей перспективе. Автор справедливо отмечает, что в годы независимости эти отрасли добились больших успехов благодаря такой организации, как Фонд Ага Хана.



**Ключевые слова:** образование, организации, наука, биология, филология, университет, институт.


**SCIENS AND EDUCATION OF GBAR IN INDEPENDENCE YEARS**


In this article the speech touches upon about the development of science and education in GBAR and their further perspective. The author justice notes that these fields achieved great successes during independence years due independent organization as Agakhan Fund.



**Key words:** education, organization, science, biology, philology, University, institute.



**Сведения об автора:** ***З.М. Бахромов*** – доцент кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета. Телефон: **907-55-90-97**


## ТАЪРИХ ВА ТАЪРИХНИГОРӢ ДАР ЗАМОНИ СУЛОЛАИ МАНҒИТИҲО


***Б.Т. Азимова***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Давраи ҳукмронии амирони манғит давраи нав ва навтарини таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин давра Бухоро ба маркази динии Осиёи Марказӣ табдил ёфт. Ҳаёти илмӣ асосан дар марказҳои шаҳрӣ ҷой дошта, дар асарҳои таърихӣ, назмии сӯфиёна адабиёти равияи бедилӣ ривоҷ меёфт. Бештар китобҳои динии асримиёнагӣ рӯйнавис карда мешуданд. Дар ин давра як силсила асарҳои

таърихӣ аз қабили «Туҳфаи хонӣ» ва ё «Таърихи Раҳимхонӣ»-и Қозӣ Вафои Карминагӣ [1], «Тоҷ-ут-таворих»-и Муҳаммад Шариф [2], «Таърихи манзум»-и Мирзо Содиқи Муншӣ [3] ва ғ. таълиф шуданд.

Асари таърихнигории «Туҳфаи хонӣ» (Туҳфат-ал-хонӣ), ва ё «Таърихи Раҳимхонӣ» низ номида мешуд, яке аз асарҳои аввалин ва қадимтарини таърихи манғитҳо ба ҳисоб меравад.

Мақсади таълиф, ба гуфтаи муаллиф, тасвири корномаҳо ва ба тахт нишастани Муҳаммад Раҳимхон мебошад [1.в.4а]. Қозӣ Вафои Карминагӣ дар асараш чунин мавзӯъҳои асосиро пайгирӣ намудааст: зикри аҷдодони Муҳаммад Раҳимхон [1.в.17а], забти Мовароуннаҳр аз тарафи Нодиршоҳ [1.в.24а, 41б], барқарор намудани тартибу низом дар кишварҳои Турон аз тарафи Муҳаммад Раҳимхон бо фармони Нодиршоҳ [1.в.49а,75б], танзиму муътадил кардани корҳои музофоту кишварҳо, марги ӯ ва ронда шудани дастаҳои қилбошҳо [1.в.75б,182а]

Зери мафҳуми «Барқарор кардани тартибот» Қозӣ Вафо асосан пахш намудани шӯришҳоеро дар назар дорад, ки дар музофотҳои гуногун сар задаанд. Ҳар як шӯриш ва ҷанг бо сарлавҳаи алоҳида нишон дода шудаанд. Ҳамчунин лашкаркашиҳои алоҳидаи Муҳаммад Раҳимхон ба қалам дода шудааст. Дар охири қисми аввал Қозӣ Вафо ба тахт нишастани Муҳаммад Раҳимхон [1.в.184б-190б], тақсимоти мансабҳо [1.в.190б-196б], лашкаркашиҳо ва озод намудани баъзе минтақаҳо аз ошӯбгарон [1.в.195б,233а], инчунин марги Муҳаммад Раҳимхонро тасвир кардааст. Дар боби дуюм муаллиф оид ба салоҳияти Муҳаммад Дониёлбий дар замони Абдулфайзхон ва Муҳаммад Раҳимхон маълумот дода, нақши манғитҳоро дар оштидиҳӣ бо Нодиршоҳ аз нуқтаи назари Дониёлбӣ шаҳр додаст [1.в.243а,265а,] [268б,277б]. Муаллиф асарро бо тасвири ҷанги зидди Шаҳрисабз ва бо ғалабаи комил ба Бухоро баргаштани Дониёлбий ба охир мерасонад.

Бояд зикр кард, ки Қозӣ Вафо қариб тамоми ҳодисаҳоро аз рӯйи воқеаҳои сиёсӣ шаҳр дода, қисман дар бораи қабилаҳои шӯришгар низ маълумоти пурра додаст. Аз ҷашнҳо танҳо маросими тӯйи Муҳаммад Раҳимхон [1.в.182а,184а] ва маросими хатнасури писарони Муҳаммад Дониёлбий тасвир карда шудаанд. Орзуҳои хаёлӣ ва воқеаҳои аҷоиб дар ин корнома вуҷуд надоранд ва дар баъзе ҷойҳо сураҳои Қуръон ва шеърҳо иқтибос оварда шудаанд.

Яке аз асарҳои дигари бузургҳаҷми таърихии замони манғитиҳо «Тоҷ-ут-таворих» ба ҳисоб меравад. Муаллифи асар Муҳаммад Шариф ибн Мухаммад Нақӣ мебошад. Дар бораи ин шахс маълумоти каме дар асарҳои тарҷумаи ҳолӣ, ки аз тарафи Р. Ҳодизода [4.с.2.] ҷамъоварӣ шудаанд, дида мешавад. Аз рӯйи маълумоти ин асарҳо Ориф Мулло Муҳаммад Шариф дар замони Амир Ҳайдар дар яке аз мадрасаҳои Бухоро ба тадрис машғул буда, ба шеър, таърих ва таърихи адабиёт низ шавқ дошт. Ба ғайр аз асари таърихии худ боз маҷмӯаи ғазалҳоро тартиб додааст, ки қариб се ҳазор шеърро дар бар мегирифт.

Дар «Тоҷ-ут-таворих» муаллиф худро ҳамчун муаррих ном бурда қайд кардааст, ки дар синни пиронсолӣ қарор дорад [2.в.20а]. Муҳаммад Шариф асарро аз рӯйи меъёрҳое, ки Амир Ҳайдар ба ӯ фармуда буд, менависад. [2.в.17б,18а] Ӯ Амир Ҳайдарро на танҳо барои он ки ӯро вазифаи фахрӣ дод, балки барои он ки ба санъати хаттотӣ диққати бисёр дод, таърифу тавсиф мекунад. [2.в.18а]. Муҳаммад Шариф, чӣ тавре ки маълум гардид, қисми зиёди ҳаёташро ба сифати мирзои дарборӣ гузаронда, соҳиби обрӯву мартаба гашт ва ба ин восита ба корҳои давлатӣ роҳ ёфт.

Мақсади навиштани асарашро Муҳаммад Шариф чунин шарҳ додааст, ки бо тасвири ҳокимият ва бузургии Амир Ҳайдар ҳамаро ба садоқатмандӣ ва итоат ба ин

«ҳукумрони ҷаҳон» даъват кунад. Инчунин дар аввали асараш қайд кардааст, ки ин асарро барои нишон додани фасоҳати суханварии худ таълиф кардааст. [2.в.280].

Барои тасвири воқеаҳои то манғития Муҳаммад Шариф усули тақлидиро истифода бурда, гӯё аз ҳуҷҷатҳои хаттӣ, мактубҳо дар шакли аслӣ истифода карда, аз зикри номи сарчашмаҳо худдорӣ кардааст.

Дар тасвири шаҷараи авлодӣ ва таърихи муғулҳои замони ҳукмронии Нодиршоҳ, Муҳаммад Раҳимхон ва Муҳаммад Дониёлбий Муҳаммад Шариф якчанд асарҳои таърихиро номбар мекунад, ки бо онҳо шиносоӣ дошт аз онҳо истифода кардааст. Чунончӣ: «Ҷомеъ-ут-таворих» ва «Зубдату-л-вузаро»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Таърихи Нодири»-и Мирзо Маҳдии Астарободӣ ва «Туҳфаи хонӣ»-и қозӣ Вафо. Вале ҳангоми тасвири замони Шайбониён, Аштархониён ва Шоҳмурод ягон сарчашмаро зикр накардааст. Зимнан қайд мекунад, ки аз «китобҳои бузурги таърихӣ» истифода кардааст.[2.в.33]

Муҳаммад Шариф нисбат ба Қозӣ Вафо сарсуханро бо гуфтаҳои пандомез оғоз кардааст. Ӯ дар доираи категорияхои «хуб» ва «бад» маҳдуд нашуда, иқтибосҳоро аз Қуръон ва ҳадис, суханони ҳикматомез ва порчаҳои шеъриро ҳамроҳи ақидаҳои шахсӣ истифода бурдааст. Ҳамин тавр, воқеаҳо аз нуқтаи назари ахлоқӣ баҳогузорӣ шуда, аз тарафи дигар бо амру иродаи илоҳӣ вобаста дониста шудаанд.

Муҳаммад Шариф аз зумраи таърихнигорони аҳди манғития мебошад, ки ақидаҳои худро тибқи таъйиноти (муқаррароти) таърихнигорӣ баён кардааст. Оғози илми таърихро ӯ аз сураҳои Қуръон ва ҳадиси Пайғамбар (с) мешуморад. Аз рӯйи ақидаи муаррих вазифаи Куръон ва умуман тарихнигорӣ тарбияи ахлоқӣ ва бозгашт ба роҳи рост мебошад. Омӯзиши таърих ба таърихнигор дониши бисёр дода, ӯро аз корнамоиҳои ҳукумронони гузашта огоҳ месозад. [2.в.22а] Аз рӯйи ақидаи ӯ, танҳо муаррих метавонад дар вазъиятҳои зарурӣ ба амалдорони давлатӣ маслиҳат дода, тарсу ҳароси онҳоро дар ин ҳолатҳо бартараф намояд. [2.в. 22а]

Предмети асосии илми таърихро Муҳаммад Шариф тасвири зиндагонӣ ва корнамоиҳои ҳокимон ва шахсони машҳур ҳисоб мекунад. Инчунин, дар бораи аҳамияти таърих оид ба пайғамбарон ва ҳокимони замони пешин ҳарф зада, ҳамаро ба эҳтиром ба эътирофи илми таърих даъват кардааст [2.в. 23аб], зеро он ба атр ва бихишти булаҷаб монанд аст. [2.в.22б]

Мирзо Содиқи Муншӣ бешак яке аз шахсиятҳои машҳур дар байни таърихнигорон ба ҳисоб меравад. Ӯ на танҳо ба асарҳои таърихӣ, ҳамосӣ-лирикиаш машҳур аст, балки чун котиби дарбори Шоҳмурод ва Ҳайдар ном баровардааст. Муаллифони нимаи дуввуми асри IX ва аввали асри XX аз қабили Возеҳ [5.с.9] (в.1893), Шарифҷон Махдум Садри Зиё [5.с.11] (в.1932) ва С.Айнӣ [6] (в.1954) номи ӯро дар тазкираҳояшон зикр кардаанд. Абдулазими Сомӣ [7] (в.1907 ё 1914) дар асарҳои таърихияш шеърҳо ва солномаҳояшро иқтибос овардааст. Онҳо ӯро хеле таъриф кардаанд [7.с.25].

Соли 1964 адабиётшиноси тоҷик Усмон Каримов дар бораи Мирзо Содиқ рисолаи илмӣ дифоъ намуд. Дар он нусхаҳои алоҳидаи асарҳои достонии Мирзо Содиқи Муншӣ («Дахмаи шоҳон», «Қазо ва қадар» ва «Ошиқ шудани дарвеш ба духтар») аз нуқтаи назари расмӣ муқоиса шудаанд.

Мирзо Содиқи Муншӣ дар миёнаи солҳои 1753-58 дар деҳаи Чандар, ки 1,5 фарсахии Бухоро ҷойгир буд, таваллуд шудааст. [8.с.120]. Ӯ ба худ тахаллуси Содиқро мегирад. Усмон Каримов аз рӯйи як асари дар замони Дониёлбий навиштаи муаллиф ба хулосае омадааст, ки Мирзо Содиқ дар дарбори ӯ мезистааст. Инчунин гуфта мешавад, ки ӯ дар замони Шоҳмурод ва Ҳайдар вазифаи баланди мунширо ба уҳда дошт.[5.с.10] Оид ба фаъолияти Мирзо Содиқи Муншӣ дар замони Амир Ҳайдар аз муаллифи «Тоҷу-т-таворих»-и Муҳаммад Шариф маълумоти муфассал ба даст меоварем, ки ҳангоми шарҳи тақсими мансабҳо аз тарафи Амир Ҳайдар чунин

навиштааст: «Мирзо Содиқ дабири машҳур ва моҳир дар ҷойи дуюм (шахсе бо номи Мирзо Муҳаммад Шариф, ки вазифаи маншурнависиро ба уҳда дошт), меистад. Амир Ҳайдар ӯро муншӣ-муқарраб-ул-хидмат таъйин мекунад». [2.в.405а-б] Дар бораи рӯзгори баъдинаи ӯ дигар ягон маълумот мавҷуд нест. Дар синни 63-солагӣ дар яке аз шеърҳояш ӯ аз «Султони дин Амири Кабир» хоҳиш кардааст, то ӯро аз дарбор наронанд.[5.с.12] Вале наметавон маълум кард, ки ӯ ба кадом амир муроҷиат кардааст, зеро муаллиф мафҳумҳои «Султони дин» ва «Амири Кабир»-ро ҳам барои Шоҳмурод ва ҳам барои Амир Ҳайдар истифода кардааст. Шояд тахмини Усмон Каримов оид ба солҳои 1163\1753 ва 1171\1758 таваллуд шудани ӯ рост бошад, вале ин шеър ба замони ҳукмронии Амир Ҳайдар рост меояд.

Мирзо Содиқи Муншӣ дар асараш «Таърихи манзум» рӯзгори дарбори Ҳайдар ва Шоҳмуродро тасвир кардааст. [5.с.17] Дар баъзе шеърҳо ӯ бадбинии худро оид ба аҳмақӣ, ноуҳдаборӣ ва бахилии дарбориён ва ҳокимон изҳор кардааст [5.с.19.] Шикоятҳои худро дар шеърҳояш баён кардааст ва ин замон дарбори амирро тарк карда ба Дарвози Бадахшон меравад. Аз рӯйи қайдҳояш бармеояд, ки ӯ соли 1230\1814 ба нусхабардории асари машҳури худ «Рашаҳоти айн-ал-ҳайат»-и Фахриддин Алӣ Сафи Кошифӣ (1463-1531), ки ба Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор (в.1490) ва дигар суфиёни нақшбандӣ бахшида шудааст, оғоз кардааст. Эҳтимол дар ин давра ӯ дар дарбори Амир Ҳайдар зиндагӣ мекард.

Муаллифони ин асарҳо шоҳиди бисёр воқеаҳои таърихии он давр буда, дар асарҳояшон маводи гаронбаҳои таърихиеро ҷой додаанд, ки онҳо барои омӯхтани масоили мухталифи ҳаёти он айём ба мо кӯмак мерасонанд.

### АДАБИЁТ


1. Муҳаммад Вафои Карминагӣ Туҳфат-ул-хонӣ. Дастхати ганҷинаи шарқии Институти забон, адабиёт шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, инв №1426\1 70 в.
2. Муҳаммад Шариф ибн Муҳаммад Нақӣ. Тоҷу-т-таворих. Дастхати ганҷинаи шарқии Институти забон, адабиёт шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, инв.№2282,355 в.
3. Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР. Т.I. -Ташкент, 1952. -№391.
4. Хади-Заде Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIXв / Хади-Заде Р. - Сталинабад, 1956. -С.117.
5. Каримов У. Мирзо Содиқи Муншӣ (Аҳвол ва осори шоир) / У. Каримов. -Душанбе, 1972.
6. Садриддин Айнӣи. Собрание сочинений / С. Айни. -М., 1976.
7. Сомӣ Мирзо Абдулазим. Таърихи салотини Манғития. (История мангытских государей) / Сомӣ Мирзо Абдулазим; пред.,пер.и прим. Л.М. Епифановой. -М., 1962.
8. Давидович Е.А. Материалы по метрологии средневековой Азии / Е.А. Давидович; пер.с.Ю.Э. Брегеля. - М., 1970.
9. Семенов А.А. Очерк устройства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени / А.А. Семенов //Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии. Вып.2. -Сталинабад, 1954. -С.3-54.
10. Краткий каталог суфийских произведений XYIII –XX вв. из собрания Института востоковедения им. Абу Райхана ал-Бируни Академии наук Республики Узбекистан. -Берлин, 2000. -С.97.


### ИСТОРИЯ И ИСТОРИОГРАФИЯ В ПЕРИОД ДИНАСТИИ МАНГИТОВ


В данной статье речь идёт об истории и историографии династии мангитов. В основном анализированы труды Мухаммада Рахимова, Мухаммада Шарифа ибн Мухаммада Наки, Мирзо Содика Мунши и других авторов, которые освещают характер и поведение падишахов.



**Ключевые слова**: история, историография, мангит, династии мангитов, Мирзо Содик Мунши.


### HISTORY AND HISTORIOGRAPHY IN PERIOD OF MANGHIT DYNASTY


In this article we are talking about history and historiography of Manghit Dynasty, in generally analyzing the works Muhamad Rahimov, Muhamad Sharif ibn Muhamad Naki, Mirzo Sadigh Muti and other authors, which highlights the character and behaviors of Padshahs (kings).



**Key words:** history, historiography, Manghit, Manghit Dynasty, Mirzo Sodigh Muti.



**Сведения об автора:** ***Б.Т. Азимова*** – доцент кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета. Телефон: **900-78-70-52**

# ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ X-XII ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК В.В. БАРТОЛД

*С. Шарофуддинов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши таърихи халқҳои Осиёи Миёна аз тарафи муаррихони давру замонҳои гуногун ба амал бароварда шудааст. Вале дар байни онҳо саҳми академик В.В. Бартолд хеле калон мебошад. Академик Бартолд дар омӯзиши таърихи Шарқ, пеш аз ҳама, таърихи халқи тоҷик хизмати арзандае ба амал баровардааст. Вай нахустин муаррихе мебошад, ки тамоми ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании сарзамини Осиёи Миёнаро тасвир намудааст. Хусусияти ба худ хосси таҳлилҳои академик Бартолд аз он иборат аст, ки вай таърихи ин минтақаро дар асоси маводҳои хаттӣ ба амал баровардааст.

Таърихи фарҳанги тоҷикон ба ин ё он дараҷа дар тамоми асарҳои ба таърихи халқу давлатҳои Осиёи Марказӣ таалуқ доштаи В.В.Бартолд во мехӯрад. Вале он бештар дар чунин тадқиқотҳои олим, аз қабили «Туркистон дар давраи ҳуҷуми муғулҳо»,[1] «Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон», «Аз таърихи забткориҳои араб дар Осиёи Миёна», «Аз таърихи Марв», «Доир ба таърихи обёрикунии Туркистон», «Пахтакорӣ дар Осиёи Миёна аз давраҳои таърихӣ то воридшавии русҳо», дар бисёре аз силсиламақолаҳои барои «Қомуси ислом» ва ғайра ба назар мерасад. [1, 12-13]

Асари классикии муаррихи барҷастаи рус академик В.В. Бартолд "Туркистон" яке аз саҳмҳои ниҳоят нодир дар таърихнигории шарқи асри миёнагӣ ба шумор меравад. Моҳияти ин асарро муқарризи аввали расмии Бартолд профессор Н.И. Веселовский чунин қайд карда буд: "Ин асар ҳозир ба таври зарури баҳогузорӣ карда намешавад, чунки вай нав ба гардиши илмӣ ворид гардидааст, аммо дар оянда ягон тадқиқотчии нав оиди таърихи Туркистон аз китоби В.В. Бартолд аз канор намегузарад". [2,24]

Ҳангоми ба навиштани "Туркистон" шурӯъ намудан, дар марҳилаи аввал Бартолд дар чунин андеша буд, ки тадқиқоти таърихи Осиёи Миёнаро бевосита дар давраи истилои муғул ва баъди он то соли 1269 ба амал барорад ва дар ҳамин замина нисбати давраҳои пешина фақат дар ҳолати зарурӣ даст занад. Аммо омӯхта нашудани масъалаҳои асосии таърихи Осиёи Миёна тамоми нақшаҳои пешбинишудаи Бартолдро иваз менамояд ва ӯ маҷбур мешавад, ки ба тадқиқи инкишофи таърихии ин кишвар аз давраи истилои муғул оғоз намояд, то ки заминаҳои асосии зуҳороти иҷтимоӣ ва сохторҳоро, ки ба давраи истилои муғул хос мебошад, муайян намояд. Дар ҷараёни кор сохтор ва ҳудудҳои хронологии тадқиқот ба таври куллӣ тағйир дода шуданд. Баъди ба охир расидани тадқиқот маълум гардид, ки давраи истилои муғул дар ин кор аз панҷ як ҳиссаро ташкил медиҳад. Моҳиятан мазмуни асар нисбати номи вай васеъ буда, ҳамчун асари ҷамъбастӣ нисбати таърихи Осиёи Миёнаи асри VII ва ибтидои асри XIII ба шумор меравад.

Сарсухани асари академик В.В. Бартолд «Туркистон дар замони истилои муғулҳо» ба се қисмат ҷудо карда шудааст, ки дар он вай нисбати сарчашмаҳои таърихии давраи то истилои муғул ва замони истилои муғул маълумот додааст.

Академик В.В. Бартолд дар сарсухани асари худ аслан нисбати тамоми манбаъҳои таърихии то истилои муғул ва баъди он бавуҷудомада, суханронӣ карда, онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намуда, барои он кӯшидааст, ки то чи андоза

---

[1] Минбаъд номи асар «Туркистон» ифода меёбад.

тасвирҳои дар асарҳои таърихӣ баамаломада, ба ҳақиқат наздик ҳастанд ва ё не исбот намояд. Аз ин сабаб, вай кӯшиш намудааст, ки тамоми он сарчашмаҳоро аз нуқтаи назари манбавиашон нишон диҳад, яъне он дар заминаи чӣ навишта шудааст.

Дар ин қисм Бартолд қайд менамояд, ки дар замони ҳукмронии Сомониён, нисбатан адабиёти таърихӣ, адабиёти ҷуғрофӣ бештар тараққӣ менамояд. Дар мулкҳои онҳо, маҳз дар музофоти Балх ҷуғрофиёшинос Абу Зайд Аҳмад Саҳл ал-Балхӣ (соли вафоташ 934) ҳаёт ба сар мебурд. Мувофиқи таҳлили ҷуғрофиёшинос Муқадасӣ (ал- Мақдисӣ) асари Балхӣ ба вай ҳамчун воситаи асосии шарҳӣ барои тартиб додани харитаи ҷуғрофӣ хизмат намудааст, аз ин сабаб асари вай нисбатан кӯтоҳ буда, дар он ба таври мухтасар доир ба шаҳрҳо маълумот дода мешавад.

Нисбати вазири сомонӣ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад бини Аҳмад Ҷайҳонӣ сухан ронда, Бартолд қайд менамояд, ки вай яке аз пуштибонони асосии Абузайди Балхӣ ба шумор мерафт ва ӯ муаллифи бисёр асарҳо оиди илмҳои гуногун буд. Ба вай асари "Китоби роҳҳо ва давлат" тааллуқ дорад. Нисбати ин китоб Гардезӣ чунин менависад: "Муаллиф хориҷиёнро даъват намуда, аз онҳо дар бораи шоҳигариҳо, роҳҳои ба он ҷо равона гардида, оиди баландии ситораҳо, оиди дарозии соя дар мамлакати онҳо пурсон мешавад, то ки кори забти ин вилоятҳоро осон гардонад, роҳҳоро нисбати он мулкҳо донад, инчунин ба таври қатъӣ ситорагон ва гардиши фалакро донад. Маълум аст, ки вай ҷаҳонро ба ҳафт иқлим тақсим намуда, барои ҳар кадоми он ситораеро интихоб намудааст. Вай гоҳ нисбати ситораҳо ва геометрия суханронӣ менамояд, гоҳ далелҳое меорад, ки аз онҳо барои омма ягон фоидае нест, гоҳ оиди аҷоиботи Синд нақл менамояд, гоҳ даромаду баромадро андоза менамояд. Вай шумораи вилоятҳоро номбар намекунад, тақсимоти лашкарро намекунад, шаҳрҳоро тавсиф наменамояд, вале вай роҳҳо ҷануб, шарқ, ғарб ва шимолро нишон медиҳад, ба таври муфассал оиди роҳҳои ҳамворӣ, кӯҳҳо, водиҳо, дарахтон ва дарёҳои ин маҳал маълумот медиҳад. Аз ин сабаб, китоби ӯ хеле калонҳаҷм шуд ва ӯ маҷбур гардид, ки қисми калони роҳҳои ҳарбиро тавсиф накарда, фақат шаҳрҳои калонро нишон диҳад". [3, 210]

Дар яке аз таҳрияҳо ба ҷуғрофияи худ Мақдисӣ чунин менависад: «Ман ин китобро дар китобхонаи Адуд ад-дауля (975-983), бе номи муаллиф, дар ҳафт ҷилд дидам, дигарон чунин мегӯянд, ки он ба Ибни Ҳордодбеҳ, мансуб аст. Дар Нишопур ман ду таҳияи мухтасареро дидам, ки яке ба Ҷайҳонӣ ва дигаре ба Ибн Ҳордодбеҳ мансуб буданд». [4, 57]

Аз ин гуфтаҳои дар боло зикр гардида, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷайҳонӣ асари хешро дар асоси маълумотҳои ҷамъ намудаи худ навиштааст, аммо аз асари Ибн Ҳордодбеҳ низ истифода намудааст. Ва нисбати ин гуфтаҳо ҳаминро зам кардани ҳастем, ки ҷуғрофиёнависӣ дар заминаи асарҳои нисбатан аниқ ба амал бароварда мешуданд.

Таърихи пойтахти Сомониён Бухороро ҳанӯз Абу Абдуллоҳ Муҳаммад бини Сулаймони ал Бухорӣ (вафоташ 312/924) навишта буд. Баъдтар аз ҷониби Абӯбакри Наршахӣ бо забони арабӣ «Таърихи Бухоро» навишта шуда, ба Нӯҳ ибни Наср оварда мешавад, ки дар он аслан дар бораи ҳама он чизе, ки дар Бухоро буд, навишта мешавад.

Воқеоте, ки дар «Таърихи Бухоро» сабт шудаанд, асосан ба замони падидоии ислом ва густариши он то аҳди Сомониён мутааллиқанд. Асари мазкур ба таърихи шаҳр ва навоҳии Бухоро бахшида шуда, дар он на танҳо таърихи маҳалҳо, балки таърихи қасрҳову бозорҳо ва баъзе аз мансабҳову мансабдорон низ омадааст. Аммо муҳимтарин ахбори Наршахӣ ин сабти таърихи Оли Сомон аст. Наршахӣ аввалин муаррихест, ки роҷеъ ба ин хонадон, маҳалли зуҳури эшон, аслу насаб, ибтидои ба тахт омадани эшон ва ҳудуди давлаташон, инчунин ҳукмронии ҳар яке аз умарои Сомониро дар алоҳидагӣ хабар додааст. Масалан, Наршахӣ тазкир карда, ки «Сомонхудот аз фарзандони Баҳроми Чӯбина будаст ва ӯро Сомонхудот бад-он

сабаб хонанд, ки деҳе бино кардааст ва онро Сомон ном кардааст. Ӯро бо он ном хондаанд, чунонки амири Бухороро Бухорхудот. [5, 52]

Ҳамзамон, оид ба таърихи Сомониён баъд аз «Таърихи Наршахӣ» дувумин сарчашмаи нодиру пурарзиш «Зайн-ул-ахбор»-и Абӯсаид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, ки дар асри XI зистааст, ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар ин китоб иштибоҳоти зиёде низ дар зикри иттилоот ба чашм мехӯрад, валекин ин китоб аз беҳтарин китобҳои муфассал оиди таърихи Сомониён мебошад. Гардезӣ дар бораи ҳаводиси рӯзгори Сомониён дар баъзе ҷараёнот комилан муфассал баҳс карда ва дар баъзе ҷойҳо содда убур намудааст.

Дар «Зайн-ул-ахбор» маълумотҳои баландарзише, аз қабили интиқоли давлати Сомониён ба Қадархонии турк ва Ғазнавиён, «Ибтидои туркони салчуқӣ», «Андар истихроҷи таъриххо аз якдигар», «Ҷадвали умарои Хуросон», «Маълумотҳои ҷуғрофӣ» ва як қатор маълумоти дигар ҷой дорад, ки барои муҳаққиқони имрӯза аз ҷумлаи маълумотҳои нахустини сарчашмавӣ маҳсуб мешавад.

«Таърихи Сиистон»-и муаллифи гумномро метавон яке аз беҳтарин манобеъ, бахусус дар бораи аҳволи Сомониён дар сарзамини Сиистон донист. Муаллиф перомуни ин замон дар ду қисмати муфассал китобномаи бисёр ҷолиб ва комиле аз давлати Сомониёнро ёдовар шудааст. Тибқи ахбори «Таърихи Сиистон» соли 898 Амри Лайс ба халифа номае ирсол намуд, ки ҳукумати Мовароуннаҳрро ба ӯ бидиҳад ва афзуд, ки «Агар ин шуғл маро диҳад ва бад-ин ризо дорад, ман Алавиро аз Табаристон барканам ва агар надиҳад, ночор ман Исмоил бини Аҳмадро барканам». [6, 254]

«Сиёсатнома»-и таълифи Қивомуддин Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тусӣ машҳур ба Низомулмулк яке аз сарчашмаи муҳим дар мавриди Сомониён мебошад. Дар ин китоб муаллиф бештар дар бораи Исмоил ва фазоили ӯ хабар додааст. Ӯ дар китоби худ Исмоилро ба адолатпарварӣ ва бархурдорӣ аз фазоили воло сутудааст. Амири одил аз ҷумлаи Сомониён, яке будааст, ки ӯро Исмоил ибни Аҳмад гуфтандӣ, бениҳоят одил будааст ва ӯро сиратҳои некӣ бисёр будааст. [7, 17-18]

Академик В.В. Бартолд таъкид менамояд, ки дар асри X адабиёти форсӣ дар вилоятҳои шарқии Эрон тараққӣ кардааст ва олимони форс, танҳо бо забони арабӣ асарҳо эҷод мекарданд ва барои худ заминаҳои мусоиди боэътимодро дар ғарби давлати Форс меҷустанд. [8, 112]

«Таърих-ур-русул ва-л-мулук» («Таърихи пайғамбарону шоҳон») асари бузургҳаҷм буда, муаллифи он Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ат-Табарӣ мебошад. «Таърихи Табарӣ» дар шакли солнома навишта шудааст, ки чунин шакл дар навиштани таърихи умумиҷаҳонӣ яке аз шаклҳои беҳтарин будааст. Ӯ таърихи оламро аз ибтидои офариниш то даҳсолаи дувуми қарни X ба таври хронологӣ тартиб додааст. «Таърихи Табарӣ» аз ҷиҳати сиҳати матолиб, фаровонии далоили таърихӣ ва шоистагии эътимод беназир аст. Ин буд, ки ҳанӯз дар аҳди Сомониён тамоми ҷидду ҷаҳди умарои Сомонӣ бар он нигошта шуд, ки китоби Табарӣ ва «Тафсир»-и ӯ аз арабӣ ба дарӣ баргардонида шавад.

Дар асоси омӯзишҳои баамалбаровардаи академик Бартолд маълум мегардад, ки дар замони то истилои муғул шумораи нисбатан зиёди манбаъҳои таърихӣ ба табъ мерасанд, ки онҳо аслан нисбати сулолаҳо ва ё нисбати мавзӯъҳои ҷуғрофӣ, пеш аз ҳама, ба тасвири шаҳрҳо, бахшида шудаанд.

Дар қисмати дувуми «Сарсухан»-и асари худ бошад, муаллиф нисбати асарҳои дар давраи истилои муғул ва баъди он бавуҷудомада маълумотҳои дақиқ меоварад. Мақсад аз таҳлили ин манбаъҳо аз он иборат аст, ки барои равшан намудани таърихи истилои муғулҳо ва инчунин доир ба вазъияти давлатдориҳои онвақта, маҳз ҳамин сарчашмаҳо мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Дар асоси таҳлили академик Бартолд маълум мегардад, ки нисбати истилои муғулҳо муаррихони тамоми

давлатҳо асарҳо навиштаанд, вале вай бештар барои тавсифи вазъияти он давра ба сарчашмаҳои мусулмонӣ ва хитоӣ такя намудааст. Дар асоси гуфтаи он аз таърихнависони мусулмонӣ се нафар ҳам оид ба замони ҳодисаҳо асарҳо офаридаанд. Ибн ал-Асир, Минҳоҷ Сироҷиддин Ҷузҷонӣ дар китоби «Ҷадвалҳои Носирӣ» ва Шаҳобиддини Насавӣ «Тавсифи ҳаёти султон Ҷалолуддин Мангубердӣ».

Аммо ин се нафар ба таври пурра истилои муғулҳоро ба амал баровварда натавонистаанд, балки қисме аз онҳоро тасвир намудаанд. [9,85-86]

Мувофиқи таҳлилҳои академик Бартолд маълум мегардад, ки доир ба таърихи пурраи истилои муғулҳо дар асари Атомалики Ҷувайнӣ «Таърихи Ҷаҳонгушой» маълумот дода шудааст.

Боби якуми асари академик В.В. Бартолд «Туркистон» бо номи «Очерки ҷуғрофии Мовароуннаҳр» муаррифӣ гардидааст, ки дар он ба таври пурра дар асоси маводҳои сарчашмавӣ нисбати ҷуғрофияи ин мулк маълумотҳои пурқимат дода шудааст, ки дар оянда барои ҳар як муҳаққиқи таърихи Мовароуннаҳр ҳамчун як роҳнамо барои равшан намудани мавҷудияти маҳалҳо, роҳҳои муносибатҳои тиҷоратӣ, системаҳои обёрикунии ин минтақаҳо хизмат менамояд.

Академик В.В. Бартолд дар ин боб Мовароуннаҳрро чунин тавсиф менамояд: «Мовароуннаҳр (вилояти маданӣ дар байни ҳавзаи Амударё ва Сирдарё), аз рӯйи истилоҳоти ҷуғрофиёшиносони асримиёнагии мусулмон ба ҳайати Туркистон дохил намешуд (кишвари туркҳо, яъне вилоятҳои дар байни мулкҳои мусулмонӣ ва Хитой, ки бо кӯчиҳои туркӣ ва муғулӣ маскан гардида), вале аз ҷиҳати сиёсӣ бошад, ин мулк, кишвари аз ҳуҷуми кӯчиҳои туркӣ беҳифозат буд ва барои ин кор ягон монеа садди он намегардид ва қисмати зиёди он ба туркҳо тобеъ гардида буданд. Марзи сиёсии байни Эрону Тӯрон якчанд маротиба тағйир дода шуданд. Як вақтҳо дар замони Ҳахоманишҳо ва дар замони ҳукмронии арабҳо, тамоми Мовароуннаҳр бо Осиёи Наздик дар якҷоягӣ буданд, вале аз асри X сар карда вилоят дар зери тобеияти халқҳои Осиёи Миёнагӣ боқӣ монданд. Дар замони осоиштагӣ марзи байни мулкҳои эронию тӯронӣ дарёи Ому ҳисоб карда мешуд. Дар муносибати этнографӣ бошад, дар мамлакат аввалан қабилаҳои ориёӣ маскан буданд, ки онҳо на танҳо ҳаёти кӯчманчигӣ, балки ҳаёти муқимиро низ аз сар мегузарониданд. Аз ҷиҳати заминҳои ҳосилхез ва шумораи аҳолӣ Мовароуннаҳр дар байни мулкҳои туркӣ ҷойҳои намоёнро ишғол менамуд». [10, 114]

Бо назардошти он ки дарёи Ому ҳамчун марзи асосии сиёсии байни Эрону Тӯрон хизмат менамуд, тавсифи асосии ҷуғрофии Мовароуннаҳр аз ҷониби Бартолд маҳз аз дарёи Ому оғоз карда шудааст, чунки ин дарё на танҳо ҳамчун марз, балки ҳамчун воситаи асосии ободии ду марказҳои калонтарини ин минтақа Самарқанд ва Бухоро низ хидмат менамуд. Аз ҷониби муаллифи асар ба таври возеҳ нисбати мавзеъҳои аҳолинишин, дарёҳо, роҳҳои асосии тиҷоратӣ, миқдори асосии андозҳои супоридаи мулкҳо маълумотҳои дақиқ дода шудааст. Дар асоси он тавсифҳо маълум мегардад, ки дарёи Ому аслан номи қадимаи ориёии Ому дар калимаҳо Vakhschu ва ё Wakschu номи дарёи Вахш (Сурхоб) боқӣ мондааст, ки дар қадим яке аз манбаъҳои асосии дарёи Ому ба шумор мерафт. Дар асоси гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ба ғайр аз дарёи Вахш, инчунин ҷуғрофинависони мусулмон, дарёи Ҷарёб (Панҷи хозира)-ро низ тавсиф менамоянд, ки аз вилоятҳои Вахон, Шикинан (Шуғнон) ва Каррон ҷорӣ мегардид.

Дар асоси таҳлили сайёҳ Марко Поло сокинони Вахон мусулмонон буданд ва дар он ҷо конҳои тилло ва нуқра мавҷуд буданд. Ба воситаи Вахон ва Шуғнон роҳи тиҷоратӣ ба Тибет мерафт. Ин маҳал дар асл барои ҳаёти кӯчӣ номувофиқ буд ва аз ҷониби хориҷиён он қадар зиёд забткорӣ ба амал баровварда намешуд ва дар ин минтақа аҳолии тозаи ориёӣ то ҳол боқӣ мондааст.

Вилояти дигаре, ки дар роҳи тиҷоратӣ ба Тибет воқеъ гардида буд, ин Бадахшон ба шумор меравад. Бадахшон бо чарогоҳҳои хуби худ, водиҳои

азхудкардашуда ва иқлими хуб маълум буд. Дар ин ҷо, дар баробари қабилаҳои ориёӣ, инчунин қабилаҳои туркӣ вомехурданд. Бадахшон вобаста ба мавқеи ҷуғрофии худ аз истилои аҷнабиён эмин монда буд ва дорои худмухторӣ буд. Пойтахти вилоят аслан дар ҷойи ҳозираи Файзобод ҷой гирифта буд.

Дар байни Балху Бадахшон вилояти Тахористон ҷой гирифта буд, ки номи худро аз қабилаҳои тохарии шоҳигарии юнону бохтарӣ гирифта буданд. [11, 116]

Ба ҳамин тарз, аз ҷониби Бартолд тавсифи бевоситаи ҷуғрофии водии дарёи Панҷ ва Омударё ба амал бароварда шуда, ба таври муфассал нисбати тамоми нуқтаҳои аҳолинишин, роҳҳои асосии тиҷоратӣ маълумотҳои саҳеҳ гирд оварда мешавад. Дар мисоли онҳо шаҳрҳои Мунк, Ҳулбук, Паргар (Фархор), Ҳаловард, Леваканд номбар карда мешавад.

Баъд аз ин, тавсиф Бартолд ба тавсифи мулкҳо ва шаҳрҳои водии дарёи Вахш даст мезанад, ки дар асоси таҳлилҳои вай маълум мегардад, ки дар ин минтақа вилоятҳои Помир, Рашт, Кумед, Вишгард ва Қабодиён ҷой гирифта будааст. Баъд аз ин, тавсифи минтақаҳои соҳили дарёи Кофарниҳон ба амал бароварда шудааст. Дар асоси он маълум мегардад, ки дар ин минтақа вилоятҳои Аҳорун ва ё Ҳорун ва Шумон ҷой гирифта будааст.

Умуман гуфтан зарур аст, ки академик Бартолд ба таври пурра ҷуғрофиёи Мовароуннаҳрро ба амал бароварда тавонист, ки нисбати он тамоми маводҳои то замони ӯ мавҷударо истифода барад. Ва дар асоси ин мо гуфта метавонем, ки дар ҳақиқат, мулки Мовароуннаҳр ин гаҳвораи асосии ориёиҳо мебошад ва маҳз ин сарзамин барои онҳо шароитҳои хубро фароҳам оварда тавонист.

Боби дувуми асари академик В.В. Бартолд «Туркистон» «Осиёи Миёна то асри XII»- номгузорӣ карда шудааст, ки дар он нисбати вазъияти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ин кишвар аз замони истилои араб то истилои муғул таҳлилҳои илмиро ба амал баровардааст.

Сипас, академик Бартолд заминаҳои ба вуҷуд омадани давлатдории Тоҳириён, Саффориҳо ва Сомониёнро (асрҳои IX-X) мефаҳмонад. Ӯ ба таври муфассал ба дараҷаи соҳиби мулк гардидани ин сулолаҳо тавфсифоти худро ба амал мебарорад. Дар асоси таҳлилҳои асосии вай маълум мегардад, ки яке аз заминаҳои асосие, ки ин сулолаҳоро ба сари қудрат овард, ин, пеш аз ҳама, васеъ будани ҳудуди хилофати араб ва барои ба тартиби муайян ҷамъ овардани андозҳои ба аҳолӣ боркардашуда мебошад.

Дар бораи давлатдории Сомониён ва ба сари тахт нишастани онҳо маълумотҳои саҳеҳ оварда мешавад ва ҳамзамон чи муборизаи дохилӣ ва муборизаҳои беруна ва чи сохтори давлатдорӣ аз ҷониби академик Бартолд равшан нишон дода шудааст.

Вай ба таври аниқ (агарчи бе истифодаи истилоҳоти адабиёти таърихии шуравӣ) муборизаи дохилии гурӯҳҳои гуногуни синфи заминдор -табақаҳои заминдори музофоти (деҳқонон)-ро, ки бо заминдории мулкӣ асос ёфта буд ва зиддиятҳои марказгурезро (яъне парокандагии феодалӣ) ифода менамуд ва ҳамчун табақаи мансабдор хизмат менамуд ва он сиёсати марказикунонии Сомониёнро дастгирӣ менамуд, нишон додааст.

Муаллифи асари «Туркистон» маводҳои ниҳоят зиёдеро дарёфт намуд, ки он имконият медиҳад, ки оиди пешрафти иқтисодӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои IX-X маълумот ба даст орем. Омили барҷастаи инкишофи иқтисодии ин давра, ин ба вуҷуд омадани шаҳрҳои намуди нав ба шумор меравад. Дар асоси тадқиқи топографияи Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои асримиёнагӣ академик В.В. Бартолд чунин муайян намуд, ки дар асрҳои IX-XI ҷараёни кӯчидани марказҳои ҳаёти шаҳристонҳои аристократии куҳан ба марказҳои тиҷоратӣ-ҳунармандии берунӣ (рабод) ба амал омадааст. Ин яке аз муҳимтарин кашфиётҳои академик В.В.

Бартолд ба шумор меравад, гарчанде чунин хулосабандиҳоро, ки Массон М.Е. ва Якубовский А.Ю. ба амал набароварда буданд.

Тавсифи академик В.В. Бартолд, ки ҷараёни мигратсионӣ ва ҳаракати истилогаронаи қабилаҳои кӯчии туркҳоро дар охири асри X ва нимаи аввали асри XI ба амал баровардааст, яке аз иттилоотҳои ниҳоят барҷаста ба шумор меравад. Аз ҷониби туркҳо таъсис гардидани давлатҳои Қарахониҳо ва Салҷуқиёнро академик Бартолд ҳамчун давраи нав дар тараққии ҷамъияти асримиёнагии Мовароуннаҳр, Хоразм ва Хуросон назар намудааст, ки он дар барқарор гардидани ҳукмронии табақаҳои ҳарбӣ - кӯчии туркӣ, дар барқарор гадидани сохтори амлокӣ ва дар заиф гардидани дастгоҳи марказиятноки давлатӣ зоҳир мегардид. Яке аз кашфиётҳои калони илмии Бартолд аз он иборат аст, ки далели дар тӯли асри XI барҳам хӯрдани табақаи қадимтарини заминдории эронӣ - деҳқононро нишон додааст.[1] Деҳқонон бояд, ки ҷойи худро ба табақаи ҳарбӣ - кӯчии туркӣ, таҳкурсии иҷтимоии онҳо, заминдорони шартии ҳарбӣ - танхоҳ - сохтори икта буд, медоданд. Сохтори икта дар замони Сомониён низ арзи вуҷуд дошт, вале дар замони Қарахониҳо ва Салҷуқиҳо дар асри XI бештар доираи калони паҳншавиро доро мегардад. Дар натиҷаи ин ҷараён, пурзӯршавии ҳокимияти соҳибони қитъаҳо ва заминдорони икта, аз ҳисоби суст гардидани ҳокимияти давлатӣ ба амал меояд.

Дар асри XII сулолаи тоҷикии Ғуриён, яке аз давлатҳои мустақил ва устувор дар қисмати шарқии Осиё ба шумор мерафт, ки дар натиҷаи мубориза бо Хоразмшоҳ завол ёфт. [12, 15]

Дар боби IV-уми асари «Туркистон» академик В.В. Бартолд нисбати таърихи бевоситаи забткориҳои Чингизхон дар ҳудуди Осиёи Миёна, Хуросон ибрози ақида намудааст. Агар ба таври дигар гӯем, академик Бартолд тавонист, ки дар асоси манбаъҳои хаттӣ тамоми зиддиятҳои дохилӣ, парокандагии феодалии сарзамини Хуросону Мовароуннаҳрро тасвир намояд.

Ба ҳар ҳол, тадқиқоти академик В.В.Бартолд асосҳои илмии мавҷудияти феодализмро дар мамлакатҳои Осиёи Миёна ва Наздик гузоштааст, чунки дар асоси маводҳои манбавӣ вай ба таври боварибахш мавҷудияти дараҷаҳои заминдорӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои ба ҷомеаи феодалӣ хосбударо нишон додааст. Дар асоси тадқиқотҳои академик В.В. Бартолд маълум гардид, ки дар давлатдории Салҷуқиён ва Қарахониён аз асри XI сар карда, сохтори икта яке аз шаклхои асосии ҳукмронии феодал - турки кӯчӣ барои деҳқонони тобеи муқимии эронӣ ва дигар халқҳои мазлум бор гардид. Хусусиятҳои асосии ба вуҷуд омадани феодализм дар байни аҳолии кӯчии туркӣ ва муғулӣ - шаклҳои давлатдориии феодалиии кӯчӣ низ аз тарафи В.В. Бартолд тадқиқ карда шудаанд ва он дар оянда аз ҷониби академик Б.Я. Владимирцов, инчунин як қатор дигар муаррихони шӯравӣ давом дода мешавад. [13]

Ҷаҳонбинии В.В. Бартолд ва муносибати он ба мактабҳои таърихнигории замони вай то имрӯз ба таври пурра омӯхта нашудааст. Бешакҳу шубҳа вай марксист набуд. Аммо дар сохторҳои назариявӣ лаҳзаҳое ба назар мерасад, ки В.В. Бартолд ба муаррихон - марксистон наздик мешавад. Мавқеи муҳимро ба муборизаи синфӣ медиҳад. Масоили муборизаи иҷтимоӣ ва шӯришҳои халқӣ ба муқобили синфи истисморгар дар асари „Туркистон" низ дода шудааст. Дар он шӯриши деҳқонон „Сафедҷомагон" (бо сардории Муқаннаъ солҳои 776 -783), ҳаракати қарматия дар асри X, шӯриши Санҷар дар Бухоро дар соли 1206 -1207, шӯриши деҳқонон ва ҳунармандон бо роҳбарии Маҳмуди Торобӣ дар воҳаи Бухоро дар соли 1238 тавсиф гардидааст.

---

[1] То асри XI дар зери мафҳуми «деҳқон» асосан табақаи заминдори сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон фаҳмида мешуд.

Нисбати асари Бартолд ва аҳамиятнокии он, пеш аз ҳама, ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки маҳз дар натиҷаи фаъолити бевоситаи вай таърихи кишвари Мовароуннаҳру Хуросон ба таври равшан таҳлилбандӣ карда шуда, ба таърихнависони қарни XX имконият дод, ки паҳлуҳои дигари таърихи аз замони истилои араб то истилои муғулҳоро биомӯзанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши бевоситаи асари академик В.В. Бартолд "Туркистон" нишон медиҳад, ки ин асар яке аз асарҳои ниҳоят пурқимат дар омӯзиши таърихи Осиёи Миёна ба шумор меравад. Дар асар ба таври кушоду равшан тамоми ҷараёнҳои асосии таърихи Осиёи Миёна аз замони истилои араб то замони истилои муғул ба таври возеҳу равшан тасвир карда шудааст.

Хусусияти ба худ хосси ин асар аз он иборат аст, ки он танҳо дар асоси маводҳои манбавӣ, ки онҳоро бевосита академик Бартолд, чи дар дохили кишвар ва дар хориҷи он омӯхтааст, ба амал бароварда шудааст. Ин тарзи навишти асар имконият медиҳад, ки ба таври равшан хусусиятҳои асосии равиши таърихии он замон муайян карда шаванд.

Нисбати тавсифи мазмуну мундариҷаи асар чанд фикру мулоҳизаҳои хешро баён менамоем:

- пеш аз ҳама, «Сарсухан»-и асари академик В.В. Бартолд «Туркистон», ки – Манбаъҳо- номида шудааст, аслан ба ду қисм тақсим карда шудааст, ки яке манбаъҳои давраи то истилои муғул ва дигаре бошад манбаъҳои давраи истилои муғул ва баъди он мебошад. Ин тақсимбандӣ имконият медиҳад, ки мо ба таври равшану возеҳ нисбати ҳодисаҳои дар онҳо сабтгардида, баҳогузорӣ намоем. Дар ин замина, академик В.В. Бартолд тавонистааст, ки дар заминаи кадом манбаъ навишта шудани манбаи дигари таърихиро муайян намояд.

- дар боби якуми асар бошад, Бартолд дар асоси манбаъҳои хаттии ҷуғрофии ҳам ҷуғрофидонҳои форсизабон ва ҳам арабизабон таҳлили бевоситаи Мовароуннаҳрро ба амал баровардааст. Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки дар асоси маълумотҳои тавсифнамудаи ӯ мо нисбати ҷойгир гардидани шаҳру деҳотҳои ин минтақа ва, пеш аз ҳама, ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон маълумоти заруриро ба даст орем.

- ҳамзамон ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки маҳз дар асоси таҳлилҳои Бартолд маълум мегардад, ки ориёиҳо дар қисматҳои имрӯзаи Дарвозу Ванҷ ва Помири Тоҷикистон умр ба сар бурда будаанд.

- нисбати боби савуми асари академик Бартолд «Туркистон» ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки дар асоси он мо ба таври пурра оиди таърихи сиёсӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Осиёи Миёна шинос гардида, равиши ба сари қудрат омадани давлатдории сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Салҷуқиёну Ғазнавиёнро муайян карда метавонем.

Асарҳои асосии В.В. Бартолд «Ислам», «Культура мусульманства» (1918), «История Туркестана» (1922), «История культурной жизни Туркестана» (1927), инчунин «Таджики» (Исторический очерк) (1925) мебошанд.

Яке аз тадқиқотҳои барҷастаи академик В.В. Бартольд «Тоҷикон» (Очерки таърихӣ) ба шумор меравад, ки дар он муаллиф мухтасар таърихи халқи тоҷикро аз қадим то чоряки аввали асри XX ба қалам додааст. [14, 26]

Умуман, асарҳои академик В.В. Бартолд ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои муаррихони ин давру замон ба шумор меравад, ки дар асоси он тадқиқи бевоситаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик ба амал бароварда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Пирумшоев Ҳ. Нақши академик В.В. Бартолд дар омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик / Ҳ. Пирумшоев // Нақши В.В. Бартолд дар омӯзиши халқи тоҷик. (Маҷмӯаи маърӯзаҳои Конфронси байналмилалӣ бахшида ба 140-солагии академик В.В. Бартолд). –Душанбе, 2010. -С.12-13.

2. Туркестанские ведомости № 97, от 3 (16) декабря 1900. - С. 24.
3. Крачковский И. Арабская географическая литература / И. Крачковский. -С. 210.
4. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия: соч.-Т.1. / В.В. Бартольд. -М., 1963. - С.57, 85-86, 114, 116.
5. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро / А. Наршахӣ. - Душанбе: Дониш, 1979. -С. 52.
6. Таърихи Сиистон. Ба тасхехи Маликушуъаро Бахор. Ба химати Мухаммади Рамазони. –Техрон: Интишороти Ховар, 1314. -С. 254.
7. Низомулмулк. Сиёсатнома. –Душанбе: Нашриёти Адиб, 1989. -С.17-18.
8. Исмоилов Д. Масъалаҳои инъикоси таъсири фарҳанги форсӣ ба дигар давлатҳо дар асари В.В. Бартолд «Фарҳанги мусулмонӣ» / Д. Исмоилов // Нақши В.В. Бартолд дар омӯзиши халқи тоҷик. (Маҷмӯаи маърӯзаҳои Конфронси байналмилалӣ бахшида ба 140-солагии академик В.В. Бартолд). –Душанбе, 2010. -С.112.
9. Шарофуддинов С.С. Вклад академика В.В. Бартольда в изучение истории и культуры таджикского народа IX-XV вв: автореферат диссетатации на соискакание ученой степени кандидата исторических наук / С.С. Шарофуддинов. -Душанбе, 2014. -С.15
10. Общественный строй монголов // Монгольский кочевой феодализм. -Л., 1934.
11. Шарофуддинов С.С. Саҳми академик В.В. Бартолд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик / С.С. Шарофуддинов // Илм ва фановарӣ. (Маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2014. -№2. -С.26.

**ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В X-XII ВВ. В НАУЧНЫХ ТРУДАХ В.В. БАРТОЛЬДА**

В статье освещается проблема культуры таджикского народа в средневековье (X-XII вв.) в трудах академика В.В. Бартольда. Анализируются его работы, освещены вопросы истории и культуры таджикского народа. Особенно его классический труд «Туркестан в эпоху монгольского нашествия».

**Ключевые слова:** Академик В.В. Бартольд, история таджикского народа, Саманиды, Газневиды, Караханиды, Сельджукиды, Мавераннахр, Средняя Азия, Хорасан, Сиистан, Бухара, Туркестан, монгольского нашествия, X-XII вв.

**HIGHLIGHTS THE PROBLEM OF THE CULTURE OF THE TAJIK PEOPLE IN MIDLE AGES (X-XII) IN THE WORKS ACADEMICIAN V.V. BARTOLD**

This article highlights the problem of the culture of the tajik people in Midle toes (X-XII) in the works academician V.V. Bartold. Analyze his works highlights the history and culture of the Tajik people. Especially his classic work «Turkistan in epock Mongol invasion».

**Key words:** Academician V.V. Bartold, history of the tajik people, Samanids, Ghaznavids, Karahanids, Seljukids, Maveranahr, Central Asia, Khorasan, Sistan, Bukhara, Turkistan, Mongol invasion, X-XII centuries.

**Сведения об автора:** ***С.С. Шарофуддинов*** - кандидат исторических наук, преподаватель кафедры историографии и архивоведения, заместитель декана по научной работе исторического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **918-90-67-77.** E-mail: **sharofuddinov1982@mail.ru**

# КОРНАМОИҲОИ ҶАНГИИ БОНУВОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ СОЛҲОИ 1941-1945 (МАСЪАЛАИ ТАЪРИХНИГОРИИ МАВЗӮЪ)

***Ф.Қ. Қараев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо якчанд ҷиҳатҳои хосси хеш аз дигар ҷангҳое, ки инсоният аз сар гузаронидааст, ба куллӣ фарқ мекунад. Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз ҷангҳои даҳшатноктарин дар таърихи собиқ халқҳои давлати Шӯравӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он зиёда аз 70 давлати хурду бузург иштирок карданд.

Амалиётҳои хунини ҷангӣ дар ҳудудҳои 40 давлати ҷаҳон ба амал омадааст, ки то кунун накш ва осори худро аз он солҳои мудҳиш ба наслҳои имрӯза во гузоштааст. Оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, бисёр душвориҳоро ба миён оварда буд.

Аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин ҷанги хонумонсӯз тамоми қувваҳои коргарӣ ба ҷабҳа сафарбар карда мешуданд. Дар қатори ҳазорон нафар родмардони

майдони озодии ватан бонувони тоҷик низ дар ҳарбу зарбҳои ин солҳои пурошӯб иштирок карда, аз худ корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатӣ нишон доданд, ки омӯзиши ин мавзӯъ қариб дар тамоми солҳои баъдиҷангӣ, яке аз мавзӯъҳои муҳимми тадқиқотии муҳаққиқон гардидааст. Дар натиҷа, аз ҷониби олимон асару мақолаҳои зиёде офарида шудаанд. Яке аз олимони пурмаҳсуле, ки тамоми фаъолияти илмӣ ва тадқиқотии худро ба фаъолияти занон бахшидааст, доктори илми таърих, профессор Набиева Р.А. мебошад. Соли 1973 асари калонҳаҷми ӯ бо номи «Женщины Таджикистана в борьбе за социализма»[1] аз чоп баромад, ки як қисмати калони ин китоб пурра ба корнамоиҳои ҷангии бонувони Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф кӯшидааст, аз боби корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии бонувони Тоҷикистон дар ин солҳои пурошӯб ба хонандагон маълумоти муфассал пешниҳод кунад ва мо фахр мекунем, ки муаллифи китоби номбурда аз уҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст. Соли 2005 бахшида ба 60-умин солгарди Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ китоби дигари ин муҳаққиқи варзида бо номи «Ватандӯстии занони Тоҷикистон»[2] ба табъ расид, ки он аз 79 саҳифа иборат аст. Қисмати аввали китоб «Занони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ном дорад. Дар ин қисмати китоб муаллиф аз боби диловарию қаҳрамонӣ, ҷасорату шуҷоати бонувони Тоҷикистон, ки қариб дар ҳамаи муҳорибаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок намуданд, ба хонандаи худ маълумот медиҳад. Яке аз мавзӯъҳои муҳимтарин ва марбути солҳои мудҳиши ҷанг ин меҳнати фидокоронаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ин солҳо ба шумор мерафт. Соли 1970 китоби Мухторова Г. бо номи «Овладение женщинами Таджикистана профессиями механизаторов сельского хозяйство и их самоотверженний труд в годы Великой Отечественной войны» пешкаши хонандагон гардид.[3]

Мухторова Г. масъалаи мазкурро дар тамоми фаъолиятҳои минбаъдаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, аз адабиётҳои вуҷуддошта ва рӯзномаю маълумотҳои бойгонӣ васеъ истифода бурда, то андозае таърихи рафти тайёр кардани кадрҳои механизаториро аз ҳисоби занону духтарон таҳлил намудааст.

Ба ин мавзӯъ рӯ овардани Г. Мухторова ҳам бесабаб набуд. Муаллиф қайд кардааст: «Занон-колхозчиён то сар шудани ҷанг танҳо манбаи иловагии ташкилёбии кадрҳои механизаторӣ буданд. Аммо бо сар задании Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бо сабаби зарурати иваз намудани мардҳои ба фронтрафта, дар қатори ҷавонони синну соли пеш аз даъватӣ занҳо захираи асосии таъмини МТС-ҳо бо кадрҳоро ташкил медиҳанд. Иқтибоси овардашуда барои муаллифи китоби мазкур ҳамчун нақшаиояндаи тадқиқот хизмат карда, баъд аз баёни тайёр кардани кормандони соҳаи маориф, хоҷагии қишлоқро аз масъалаи механизаторзанон сар мекунад. Ӯ бовар дорад, ки барои ин корҳоро ба роҳ мондан замина вуҷуд дошт, зеро ки дар Тоҷикистон то соли 1941 8 ё 10 тракторчизан тайёр карда шуда буду халос». Шӯрои комиссарони халқи РСС Тоҷикистон ва ҲК (б) Тоҷикистон ҳанӯз 22-июни соли 1941 қарори махсусе дар бораи дар соли таҳсили 1941-1942 тайёр кардани тракторчиён қабул карда буд, ки аз миқдори умумии онҳо 70%-ро бояд занҳо ташкил медоданд. Муаллиф мисолҳои зиёде аз рафти тайёр кардани механизаторзанҳо дар тамоми ҷумҳурӣ ва дар тамоми давраи то охири соли 1944 овардааст. Факту рақамҳои овардашуда ҷолиб буда, шарҳи дастури илмӣ шудааст. Омадааст, ки аз ҳама бештар тракторчизанҳо дар вилояти Сталинобод тайёр карда шуда будаанд. Дар ҷумҳурӣ бошад, шумораи онҳо 1735 нафар будааст, ки 53,3% шумораи умумии тракторчиёни ҷумҳуриро ташкил медодаанд.

Муаллиф аз камбудии ин чорабинӣ ҳам ёдовар шудааст.

Бояд гуфт, ки баъди ба илми таърихнигорони тоҷик шомил шудани профессор Зикриёева М.Ф. саҳифаҳои норавшани ин давраи таърихи халқи тоҷик саҳеҳтар гардид. Тадқиқотҳои ин олима ба пуррагӣ фаъолияти занонро дар бар мегирад. Аввалҳои солҳои 2000-ум ин муаллиф тадқиқоти навбатии худро бо номи

«Освещение роли женщины Таджикистана в годы Великой Отечественной войны в научном литературе»-ро[4] ба хонандагон пешкаш намуд. Муаллиф дар китоб ба пуррагӣ корнамоиҳои ҷангии бонувони тоҷикро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба қалам дода, маълумотҳои саҳеҳро пешкаши хонандагон гардонидааст. Ба ақидаи мо, ин китоб масъалаи корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии бонувони Тоҷикистонро дар солҳои ҷанг аз ҳама асару тадқиқотҳои дигар хубтар, равшантар ва фаҳмотар шарҳ додааст. Аз ин хотир, мо лозим донистем, ки чанд лаҳзаеро аз боби корнамоиҳои бонувон иқтибос кунем.

«Духтарони тоҷик низ дар қатори ҳазорон бонувони давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз худ корнамоиҳои ҷангӣ нишон дода, шаъну шарафи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд мебардоштанд. Масалан, комсомолдухтари Тоҷикистон Нина Лобковская дар муҳорибаи назди Москва иштирок карда, бо милтиқи нишонзании худ 89 гитлерчиёнро маҳв сохтааст».

Қисмати дигари тадқиқотии ин олима ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Ҳамин масъаларо Зикриёева М. баъдтар возеҳтар мавриди тадқиқотҳои худ қарор дода, азнавсозиҳои хоҷагии халқро ҳам дар доираи назария ва амалияи давраи ҷанг баён кардааст. Ӯ ин масъаларо аз саноат сар карда, то ба нақшае, ки 16-уми августи соли 1941 ҳукумати Шӯравӣ дар бораи «Нақшаи ҳарбӣ-хоҷагӣ барои семоҳаи соли 1942 дар ҳудудҳои Поволже, Урал, Сибири Ғарбӣ, Қазоқистон ва Осиёи Миёна» тадқиқ кардааст. Ин нақша дар назар дошт, ки дар ин минтақаҳо истеҳсоли пӯлод, чӯян, истихроҷи нафт ва ангишт зиёд карда мешавад. Ҳамин тариқ, муҳаққиқ кӯшидааст, ки аз боби корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанг ба хонандагон маълумоти муфассалеро пешниҳод кунад ва бо боварии том метавон гуфт, ки ӯ аз уҳдаи ин гуна масъалагузорӣ баромадааст.

Дар инъикос ва таҳлил кардани корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии фарзандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ доктори илми таърих Сечкина Л.П. хизматҳои басо калоне кардааст. Агар ба тадқиқотҳои ӯ назар афканем, он саропо ба марҳилаҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ин солҳои мудҳиш бахшида шудааст.

Таҳқиқи мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои кулли муҳаққиқони илму адаб яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини давру замон ба ҳисоб мерафт. Таҳқиқ ва омӯзиши ин мавзӯъ дар таърих ба типи наве дохил шуд. Бояд тазаккур дод, ки мавзӯи мудофиаи Ватан, фош намудани симои ваҳшиёнаи гитлерчиёну ҳаммаслакони онҳо ва тасвири образи ҷанговарони давлати Шӯравӣ яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини илми таърихи навини халқи тоҷик дар ин солҳо гардида буд. Аввалҳои солҳои 80-уми қарни гузашта С. Назарова китоберо бо номи «Занони Осиёи Миёна дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» аз нашр баровард, ки он аз се қисм иборат аст. Қисмати аввали ин китобча «Партия» ном дорад. Муаллиф дар ин қисмати кори худ, ки 9 саҳифаро дар бар мегирад, ба тарзи библиографӣ бонувони иштирокчии набардҳои хунини солҳои пурошӯби ҷангро пешкаши хонандагон мегардонад. Муаллиф дар ин китоб шумораи бонувони қаҳрамони Осиёи Миёнаро 93 нафар нишон додааст, аммо дар бораи корнамоиҳои ин бонувони шуҷоъ маълумоте надодааст. Чи хеле ки дида мешавад, дар ин қисмати кор амалиётҳои ҷангии бонувони қаҳрамон ва шароити майдони муҳориба бо тамоми мушкилӣ ва мураккабиаш таҳлили амиқи худро наёфтааст.

Ё худ дар саҳифаи 9-уми кори худ муаллифи мазкур қайд кардааст, ки: «Занони Иттифоқи Шӯравӣ дар ҳақиқат қувваи бузурги беҳамто, захираи бузурги мо буданд». Ба хотири муаллифи китобчаи мазкур мерасонем, ки тадқиқотҳои Шумо дар бораи корнамоиҳои ҷангии бонувони Осиёи Миёна дар ин солҳои мудҳиши ҷанг мебошанд, на дар шароити осоиштаи Ҳокимияти Шӯравӣ…..

Ё дар ҷойи дигар меорад: «Охири соли 1941 ва ибтидои соли 1942 зиёда аз 900 нафар занону комсомолони Қирғизистон ба фронт сафарбар шуданд. Чӣ тавре

маълум гардид, муаллифи мазкур дар тасвир кардани корнамоиҳои бонувони Осиёи Миёна дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ камтаҷрибагӣ кардааст. Дар китоби Назарова С. ба мисли дигар муҳаққиқони тоҷик амалиётҳои шахсони конкретӣ тасвири худро ёфтааст. Муаллиф ҳодисаҳою воқеаҳои ҷабҳа, корнамоиҳои он ҷанговаронеро, ки дар майдони ҳарб ном баровարданд (ба гирифтани орден ва медалҳои солҳои ҷанг сазовор гаштанд), дар кори худ нишон додаст. Аммо як ҷумҳурии калонтарини Осиёи Миёна, ки Қазоқистон ном дорад, аз мадди назари тадқиқоти ӯ дур мондааст».

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қаҳрамониву ҷонбозиҳои фарзандони Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳои асосии тадқиқоти ин муҳаққиқ гардидааст. Сечкина Л.П. қисме ё худ параграферо ба корнамоиҳои ҷангии бонувони Тоҷикистон дар ин солҳо бахшидааст.

Соли 1968 китоби тадқиқотии Сечкина бо номи «Фарзандони шарафманди Тоҷикистон»[5] аз нашр баромад, ки як қисми ин китоб ба корнамоиҳои ҷангии бонувони тоҷикистонӣ дар ин солҳо бахшида шудааст. Муаллиф боз як масъалаи нави таърихи ҷангро мавриди омӯзиш қарор додаст. Ин ҳам бошад, масъалаи рӯҳияи меҳанпарастии бонувони Тоҷикистон дар солҳои ҷанг мебошад. Муаллиф ин масъаларо аз рӯйи аризаҳо, мурожиатномаҳо, мактубҳо ва баромадҳои шаҳрвандон тасвир карда тавонистааст. Ҳамин тавр, мувофиқи ахбори комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 5 ҳазор диловардухтарони тоҷик барои ҳимояи нангу номус ва муҳофизати ватани муқаддаси хеш ба ҷабҳа рафта, дар қатори ҳазорон ҳазор шаҳрвандони давлати Шӯравӣ бар зидди қувваҳои аҳриманӣ ҷангидаанд. Дар ягон муҳорибаҳои солҳои мудҳиши ҷанг ягон ҷабҳае набуд, ки гурдофаридони ҷумҳурӣ бо иштироки худ корнамоиҳои ҷангӣ нишон надода бошанд. Ҳамин тариқ, онҳо дар ҳарбу зарбҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои озодӣ, бунёд ва истиқлолияти Ватан алайҳи истилогарони аҷнабӣ муборизаҳои оштинопазир бурда, барои ҳаёти ояндаи давлат ва халқи хеш дар майдонҳои ҷангӣ ҷонбозиҳо кардаанд.

## АДАБИЁТ


1. Набиева Р.А. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм / Р.А. Набиева. -Душанбе: Ирфон, 1973.
2. Набиева Р.А. Ватандӯстии занони Тоҷикистон / Р.А. Набиева. –Душанбе, 2005.
3. Мухторова Г. Овладение женщинами Таджикистана профессией механизаторов сельского хозяйство и их самоотверженных труд в годы ВОВ / Г. Мухторова. - Душанбе, 1970.
4. Зикриёева М.Ф. Освещение вопросов, касающихся роли женщин Таджикистана в годы Великой Отечественной войны в научной литературе / М.Ф. Зикриёева. - Душанбе, 2000.
5. Сечкина Л.П. Фарзандони шарафманди Тоҷикистон / Л.П. Сечкина. -Душанбе: Ирфон, 1968.


## ГЕРОИЗМ ТАДЖИКСКИХ ЖЕНЩИН В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ 1941-1945


Статья посвящается вопросу отражения вклада женщин Республики Таджикистан на фронтах и в тылу во время Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. В ней приведены и анализированы работы проф. Р. Набиевой, М. Зикриёевой, Г. Назаровой, С. Ашраповой, Г. Мухторовой, М. Махкамовой, Т. Мирзоахмедовой, Л. Сечкиной, в которых подробно и всесторонне освещаются боевые подвиги посланцев Таджикистана на фронтах ВОВ и вопросы вклада женщин Таджикистана в победу над общим врагом. Также автор говорит о шести посланцах - женщинах Таджикистана, награжденных Орденом Ленина.



**Ключевые слова:** герой, женщины Великой Отечественной войны, фронт.


## HEROISM TAJIK WOMEN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR 1941-1945


Article is devoted to a question of reflection of a contribution of women of the Republic of Tajikistan on fronts and the back the Great Patriotic War of 1941-1945. In it works of the prof. R.Nabiyevoy are provided and analyzed, M. Zikriyoeva, G. Nazarova, S. Ashrapova, G. Mukhtorova, M. Makhkamova, T. Mirzoakhmedova, L. Sechkina in which in detail and comprehensively light fighting feats of messengers of Tajikistan on the Second World War fronts a question of a contribution of women of Tajikistan in a victory over the general enemy. Also the author speaks about six messengers of women of Tajikistan awarded by the Order of Lenin.



**Key words:** hero, women, the Great Patriotic War front.

**Сведения об авторе:** ***Ф. Караев*** - доцент кафедры истории таджикского народа исторического факультета Таджикского национального университета. Телефон: 933-13-10-41

# МУНОСИБАТИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАКИ БОФАНДАГИИ ТОҶИКИСТОН БО КОРХОНАҲОИ БОФАНДАГИИ ХИТОЙ

***Я.Х. Набиев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, аз замонҳои хеле қадим дар Осиёи Миёна соҳаи бофандагӣ ба вуҷуд омада, хеле равнақу ривоҷ ёфта буд. Хусусан, соҳаи бофандагӣ, ресандагй, рангпардозӣ ва ҳамзамон соҳаи пилларесӣ. Дар натиҷа, мардуми Осиёи Миёна аз сирру асрори соҳаи бофандагӣ таҷрибаи хуб пайдо карданд ва ба натиҷаи дилхоҳ расида буданд. Акнун маҳсулоте, ки истеҳсол мекарданд, бояд ба фурӯш мебароварданд ва бозорҳо ба вуҷуд омад, ки тоҷиронро ба худ ҷалб мекардагӣ шуд, ки онҳо молҳое, ки истеҳсол мекарданд ба бозорҳо мебароварданд. Акнун муносибати байни тоҷирон ва истеҳсолкунандагон ба вуҷуд омад ва ҳамзамон дӯстии байни халқҳо зич шудан гирифт. Яъне, аз як мулк ба мулки дигар тоҷирон ба тиҷорат мерафтанд. Мисол, тоҷирони Осиёи Миёна бештар ба шарқ таваҷҷуҳ зоҳир мекардагӣ шуданд, аз ҷумла ба Хитой, Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон Покистон, ки имрӯз номбар мешаванд.

Ба замми ин, тоҷирони хориҷӣ ба бозорҳои Осиёи Миёна зарфҳои чинӣ, матоъҳои пахтагин, пашмин, намудҳои гуногуни маҳсулоти абрешимӣ, чармӣ меоварданд. Дар натиҷа, аз маданияти халқҳои Осиёи Миёна бохабар шуданд.

Тоҷикистони имрӯза, ки соҳибистиқлол аст муносибатҳои дипломатии худро ба Ҷумҳурии Халқии Хитой хуб ба роҳ монда, барои тараққӣ додани иқтисодиёти худ ва баъди пошхӯрии Ҳокимияти Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки бо давлатҳои хориҷӣ алоқаи иқтисодии зич дошта бошад.

Ин муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона карда шудааст, ки дар мадди аввал барои равнақу ривоҷ додани иқтисодиёт, беҳтар намудани сатҳи иҷтимои аҳолӣ.

Дар ин равиш, вазифаи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонон тезонидани ислоҳоти иқтисодӣ ва тараққӣ додани иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии халқ мебошанд.

Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Халқии Хитой аввалин шуда истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда ва барои тараққӣ додани иқтисодиёти Тоҷикистон дасти кӯмак дароз кард.

Бояд қайд кард, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сохтмонҳои азими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бунёд намудани корхонаҳои муштарак кор ва фаъолият карда саҳми худро мегузоранд. Аз ҷумла, дар сохтани роҳҳои автомобилгард, нақбҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бунёди корхонаҳои соҳаи бофандагии Тоҷикистон.

Дар соҳаи ҳамкории иқтисодӣ –тиҷоратӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 2000 дар ш. Душанбе як қатор протоколҳои байнидавлатӣ ба имзо расонида шуд. Аз ҷумла:

- протокол дар бораи иқтисодиёт ва савдо;
- протокол дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи инвеститсионии тарафайн;
- протокол дар бораи нақлиёти автомобили;
- протокол дар бораи соҳаи барқ ва сӯзишворӣ ва ғайра.

Дар натиҷа, як қатор корхонаҳои муштарак ба мисли “Панжур”, “Дружба”, “Китайские товари”, “Точин-п”, “Ришта” ва инчунин, намояндагии корпоратсияи “Хай-Юй” ва намояндагии компанияи “Тяне” ба кор сар намуданд[2].

Махфӣ нест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бофандагии давлатҳои ҷаҳон яке аз базаҳои ашёҳо ба ҳисоб меравад. Ин маънои онро надорад, ки ашёи хом экспорт карда шавад, балки коркарди онро бояд ба роҳ монд.

Аз ин рӯ, дар соли 1996 дар Хуҷанд корхонаи муштараки “Кообол Текстайз” ба кор даромад, ки коркарди нахи пахтаро ба роҳ монд ва дар натиҷа калобаву ришта истеҳсол карда шуд.

Дар соли 1997 дар ноҳияи Хисор корхонаи муштараки “Ришта”, “Плод” байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ба кор даромад, ки аз тарафи Ҷумҳурии Халқии Хитой оиди таҷҳизонидани техники диққат дода мешавад, ки қувваи истеҳсолии солонаи корхона то 4 ҳазор тон калоба мебошад, ки бештар аз 800 ҷойи корӣ дошта, мардумро бо кор таъмин мекунад.

Акнун дар нақша аст, ки сохтани навбати корхонаи дуюми “Ришта”, фабрикаҳои бофандагӣ ба роҳ монда шавад. Ин имконият медиҳад, ки истеҳсоли ҳаҷми маҳсулотро зиёд гардонад. Ҷумҳурии Халқии Хитой барои васеъ намудани доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва савдои худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд буда, дар солҳои охир намояндагони соҳаи иқтисодиёт ва савдо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан ба амал оварданд.

Дар моҳи апрели 1998 намояндагони соҳаи иқтисодиёт ва савдои Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада, як қатор протоколҳо ба имзо расониданд. Аз ҷумла, ба маблағи 100 млн юан қарзи имтиёзнок ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

Дар натиҷаи хуб ба роҳ мондани истеҳсоли корхонаи “Ришта” дар моҳи июни 1998 Ҷумҳурии Халқии Хитой барои сохтмони навбати дуюми корхона ба маблағи 65 млн юан ҷудо кард.

Имрӯзҳо байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди боқимонда 35 млн юан барои ба охир расонидани сохтмони корхона, гуфтугӯйи иқтисодӣ бурда шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти статистикӣ, танҳо дар соли 2007 ба Тоҷикистон ба маблағи 8,3 миллиард сомонӣ мол ва маҳсулот оварда шуд, ки нисбати соли 2006 42% зиёд аст.

Бо маълумоти гумрукӣ аз Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой маҳсулоти хом бароварда мешавад, хусусан, пахта ва алюминий ва ғайра.

Аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон матоъҳои синтетикӣ, содда, қанд, автомошинаҳо ва ғайра оварда мешавад. Сатҳи тараққиёти иқтисодии ду давлат оиди муносибатҳои пешбинишудаи иқтисодӣ ва савдо ба чанд тарз мешаванд.

Аз он ҷумла:

1. Сохтани корхонаҳои муштарак оиди коркарди навъҳои пахта, дар соҳаи ресандагӣ, бофандагӣ, пилларесӣ ва шоҳибофӣ.
2. Сохтмони фабрикаҳои дорусозӣ.
3. Сохтани корхонаҳои коркарди намак ва ғайра.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон майдони умумии коркарди замин 710 ҳазор га буда аз он 500 ҳазор га замин ҳосилхез мебошад, ки дар майдони 250 ҳазор га замин пахта кишт карда мешавад, ки 450 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда мешавад. Дар заминҳои боқимонда ғалла, картошка, сабзавот ва ғайра кишт карда мешавад.

Акнун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишти пахта зери пилёнкагӣ ва бо тарзи чаконидани об ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, 14-сентябри соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон, Президенти Бонки тараққиёти иқтисодии давлати Ҷумҳурии Халқии Хитой Чен Юана, ки Раиси бонки давлатҳои ШОС буд, 10 млн

доллари амрикоӣ барои тараққиёти соҳаи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо кард, ки қисме аз он ба коркарди нахи пахта истифода мешавад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар соҳаҳо низ ба чашм мерасад. Хусусан, дар сохтмонҳои роҳи автомобилгард, сохтани тонелҳо, кашидани хати барқ, сохтани зеристгоҳҳои барқӣ, ҳамкорӣ бо фабрикаи тамокубарорӣ, корхонаҳои дорусозӣ, овардани автомобилҳо, булдозерҳо, автокранҳо, мошинҳои боркаши вазнин ва ғайра хуб ба роҳ монда шудааст.


**АДАБИЁТ**

1. Архиви ҷорӣ. ВИС. ҶТ. Справка дар бораи ҳамкории тиҷоратии Тоҷикистону Хитой. Фонди асосй. Папка 12. -С. 38-41.
2. Архиви ҷорӣ. Идораи алоқа бо давлатҳои шарқи дур. Маълумот дар бораи корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Хитой. ВИС. ҶТ. Фойди 1. папкаи 7. -С. 21-27.



**ОТНОШЕНИЯ СОВМЕСТНЫХ ТЕКСТИЛЬНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ТАДЖИКИСТАНА С ТЕКСТИЛЬНЫМИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ КИТАЯ**

В Средней Азии, в том числе в Таджикистане, широко развиты такие отрасли, как ткацкая, прядильная, бобинная и шелкаопрядение.

Связи между предприятиями Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики предполагают взаимное изучение опыта и освоение новых технологий.

Дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой укрепляются с каждым годом, и в этом большую роль играют подписание протоколов, выделение денежных средств, уделение внимания качеству продукции.



**Ключевые слова:** текстильные предприятия, совместные предприятия, дипломатические отношения Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики, выделение денежных средств, опыт, технологии.



**THE RELATION BETWEEN WEAVING JOINT VENTURES OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN WITH CHIN'S PEOPLE REPUBLIC**

Weaving, spinning, training and sulking industry is developed. The relation in Central Asia. The relation between joint ventures of the Republic of Tajikistan and Chinese people's Republic is well directed because, of the mutual training of experience and learning of modem technology.

The diplomatic relation of the Republics of Tajikistan with Chinese people's Republic is consolidated and the main attention is paid to signing protocols, sharing and allocating financial funds and the quality of production.



**Key words:** sulking industry' weaving Sulking industry' spinning Sulking industry' training Sulking industry' joint ventures 'republic of Tajikistan 'chin's people republic 'Well directed' modem technology 'Diplomatic relation ' financial funds 'quality of production '



**Сведения об авторе:** ***Я.Х. Набиев*** - доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: 917-22-92-66


## АЗ ТАЪРИХИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН


***Ш. Шарифов***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳуввият ва шарти бақои миллат ва пойдории давлат мебошад. Ба ақидаи аксари олимону сиёсатмадорон бузургтарин ва волотарин дастоварди миллати тоҷик дар асри XX ин ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Таҷрибаи башарӣ собит месозад, ки озодӣ ва истиқлол бо осонӣ ба даст намеояд. Мо миллатҳо ва халқҳои зиёдеро медонем, ки барои дастёбӣ ба истиқлолият даҳсолаҳо пайкор намудаанд ва дар ин роҳ ҳазорон фарзандони огоҳ ва асили худро аз даст додаанд. Масалан, халқи Курдро, ки теъдоди онҳо дар Эрон 7% дар Ироқ 15% ва дар

Туркия 17%-ро ташкил медиҳанд. Дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 82 миллион халки Курд зиндагӣ мекунанд, вале давлати худро надоранд.

Бояд қайд намуд, ки ҳеҷ гуна истиқлолият бе заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада ва пойдору устувор буда наметавонад. Гузашта аз ин, вақте ки худшиносии миллӣ, ҳуввияти миллӣ коста мегардад, истиқлолият аз даст меравад, ки инро таърихи дуру наздики тоҷикон борҳо собит кардааст.

Дар тӯли таърих миллати шарафманди тоҷик барои соҳиб шудан ба истиқлолият басо заҳмат кашидааст. Забткориҳои бардавоми аҷнабиёну бадхоҳони халқи тоҷик, миллати тамаддунофари тоҷикро намегузошт соҳиби давлати мустақили худ бошад. Ҳарчанд, аҷнабиён борҳо ҳудудҳои тоҷикнишинро забт карда, ҳукмронӣ намуда бошанд ҳам, забону фарҳанги тоҷикӣ мақоми худро аз даст надодааст. Ба ибораи дигар гӯем, забони давлатдории бегонагон низ забони тоҷикӣ буд. Ҳамин тавр, яке аз заминаҳои асосии иҷтимоӣ, фарҳангиву ҳуқуқии истиқлолияти тоҷикон истиқлоли забони онҳо буд, ки хушбахтона, дар тӯли таърихи дуру дарози башарӣ, бо вуҷуди ҳама гуна фишору зӯровариҳо онро ҳифз карда тавонистанд. Бо он эҷод намудаву онро ҳамчун забони илм ташаккул доданд. Акнун ин забони волою гуворо забони давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст, ки ба ҳайси шиносномаи он хизмат менамояд.

Заминаи дигари муҳимми дастёб шудан ба истиқлолияти давлатию миллӣ, ин муборизаҳои ҳимоявӣ ва наҷотбахшанда доштаи халқу миллати тоҷик аз ҳуҷуми аҷнабиён ва бадхоҳони он мебошад. Қаҳрамониҳои Шерак, Спитамен, Деваштич, Муқаннаъ, Темурмалик ва даҳҳо нафарони дигар, ки барои ҳифзи марзу буми аҷдодии худ сина сипар намудаанд, як умр дар хотираҳои насли имрӯзи он боқӣ хоҳад монд. Маҳз ҳамин миллат аз аввалинҳо шуда, дар таърихи башарият давлатдории пурра шаклгирифтаро дар мисоли давлати Сомониён, ки як аср пойдор монд, ба вуҷуд овард.

Таърихнигорон ва коршиносон асосгузори империяи Ҳахоманишиҳо Куруши кабирро дар радифи 10 нафар шахсиятҳои бузургтарини тамоми давру замони башарият ҷой додаанд. Ӯ тавонистааст аввалин империяи қавмҳои ориёитабори Вароруду Эронро таъсис дода, онҳоро муттаҳид сохта, ҳуқуқу озодиҳои онҳоро муайян ва дар истифодаашон қарор диҳад.

Ҳамин тариқа, заминаи дигаре, ки халқу миллати тоҷикро ба истиқлолхоҳию муттаҳидӣ наздик мекард, ба даст овардани ҳуқуқу манфиатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд, ки аз таърихи қадимаи қавму миллати тоҷик ва табори ориёӣ сарчашма мегирад. Масалан, эҷодгари аввалини Эъломияи ҳуқуқи башар Куруши кабир, 2500 сол қабл дар ин санади муҳимми башарӣ ба тамоми 72 қавму тоифа ва табори ориёии сокинони империя озодии андеша, тафаккур, эътиқод, пайравӣ ба дину ойин ва ҳифзи ҷону амволашонро кафолат додааст.

Андешаи миллӣ дар таърихи пурифтихори миллии тоҷикон яке аз заминаҳои пойдору устувори расидан ба истиқлолияти миллию давлатӣ мебошад, ки бузургмардони тоҷик аз дуриҳои таърих онро ҳифз карда, то ба наслҳои имрӯза оварда расонида тавонистанд. Андешаи миллии тоҷиконаро дар асари безаволи “Авесто” хеле оливу пайғамбарона дар мафҳумҳои пурмазмуни “Гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек” нишон додаанд.

Албатта, дар бораи заминаҳои сиёсии ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда, мо наметавонем аз даврони Шӯравии мамлакат ёдоварӣ накунем. Дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна дар асоси пешниҳоди комиссия таҳти роҳбарии В.В.Куйбишев Бюрои Сиёсии КМ РКП (б) 11-уми октябри соли 1924 ягона қарори одилона қабул кард: ”Ҷумҳурии худмухтори тоҷикон (ба ҷойи вилояти худмухтор) дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил карда шавад». 14-уми октябри соли 1924 иҷлосияи II КИМ Умумииттифоқ (даъвати

11) қарори Бюрои Сиёсии РКП (б)-ро «Дар бораи тақсимоти миллии Осиёи Миёна» тасдиқ кард. Аз ин рӯ, 14-уми октябр рӯзи тавлиди Ҷумҳуриҳои Туркманистон, Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Албатта, ҳарчанд дар ин тақсимот нисбати халқи ҷафодидаю аз ҳама қадими Осиёи Миёна – тоҷикон ноадолатии зиёд шуда бошад ҳам, ҷиҳатҳои мусбии тақсимотро нодида гирифтан нашояд. Дар натиҷаи тақсимот тоҷикон баъд аз гузашти 1000 сол соҳиби давлати худ гаштанд, ҳарчанд он дар ҳайати Узбекистону ИҶШС қарор дошт. Ин ва баъдан таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон 16 октябри соли 1929 заминаҳои хеле боэътимоди сиёсӣ барои соҳибистиқлолии комили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 гаштанд.

Яке аз заминаҳои асосии сиёсиву ҳуқуқии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 24 августи соли 1990, аз ҷониби Иҷлосияи дувуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Аммо соҳибистиқлолие, ки Эъломия эълон медошт, ин “соҳибистиқлолӣ дар доираи салоҳияти Иттиҳоди Шӯравӣ” буд. Бо ин ҳама хусусиятҳояш, Эъломияи мазкур аввалин санадест, ки аз наздик шудани Тоҷикистон ба истиқлолияти воқеиаш башорат медод. Ҳодисаҳои моҳи августи соли 1991, яъне ташкилу барҳам хӯрдани кумитаи давлатии вазъияти фавқулодда аз давраҳои вопасини давлати абарқудрати ИҶШС дарак медод. Акнун ҷумҳуриҳо барои ба даст овардани истиқлолияти комил талош менамуданд. Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи соли 1990 равшан эҳсос карда мешуд. Дар изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), аз 9 сентябри соли 1991 қабул шуда буд, гуфта мешуд: “Тағйиротҳои инқилобиро дар ИҶШС ба назар гирифта ва кӯшиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёрро оид ба аз нав барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ эҳтиром намуда, мувофиқи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 қабул шуда буд, Шӯрои Олӣ истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад.” Изҳороти қабулшуда боиси он гардид, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсуси худро “Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул намуда, матни Изҳороти Шӯрои Олиро дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул донад. Қабул шудани ин ду санади таърихӣ ба таври ҳатмӣ зарурати такмили Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо мекард. Бо дарназардошти ин, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори алоҳидаи худро “Дар хусуси дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул намуд. Қабл аз ҳама, Тоҷикистон ба сифати давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона (моддаи 1) эълон гардид. Аз моддаи 4 Эъломия калимаҳои “ғайр аз масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти Иттифоқи РСС дода мешаванд” хориҷ карда шуд.

Худи ҳамон рӯз, таърихи 9 сентябри соли 1991, тағйиру иловаҳои марбута ба Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд ва воқеияти истиқлоли Тоҷикистонро ба сатҳи меъёри конститутсионӣ расонида, ба он аз нигоҳи ҳуқуқӣ хусусияти баргаштнопазир дода шуд.

Раванди фаворасии истиқлолияти давлатӣ ва худро ҷумҳурии мустақилу субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ эълон намудани Тоҷикистон, аз рӯйи расмият ба дигар ҷумҳуриҳои тозаистиқлол шабоҳат дошта бошад ҳам, ҷараёни минбаъдаи он дигаргуниҳои ҷиддӣ, алалхусус, муқовимату ихтилофҳои шадиди иҷтимоӣ ва ниҳоят ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро ба бор овард. Ҳам Ҳукумат, ҳам мухолифини сиёсӣ ва ҳам неруҳои дигари ҳизбиву иҷтимоӣ амиқ дарк карда натавонистанд, ки ҳадафи истиқлол бартару волотар аз ҳадафу манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ буда, барои тамоми сокинони мамлакат ва хурду бузурги миллат арзиши муқаддас ва табодулнопазир аст.

Ҳамчунин, ба назар нагирифтани мазмуни аслӣ ва моҳияти равандҳои ниҳоят мураккаби минтақавӣ ва байналмилалӣ, бахусус ҳадафҳо ва ғаразҳои доираҳои муайяни баъзе давлатҳои хориҷӣ нисбат ба Тоҷикистон, ба воқеияти мудҳиши сарнавишти мо оварда расонд.

Афсӯс, ки арзишҳои истиқлолияти давлатиро нодида гирифта, миллати тоҷик баъди ба даст овардани он ҷанги бародаркушро оғоз намуд, ки зарари он мувофиқи ҳисобҳо ба 7 млр. доллар мерасад. Бо мавҷудияти як қатор омилҳо, аз ҷумла тамаддуни сулҳофарини тоҷикон аз қадимулайём, хостани сулҳ аз ҷониби ҳар ду тарафи ба ҳам зид, ҷонфидоиҳои фарзандони фидоии тоҷик барои сулҳу ваҳдати миллӣ боис гардид, ки 27 июни соли 1997 дар сарзамини тоҷикон аз сари нав сулҳу субот барпо гашт.

Бояд зикр намуд, ки ташаккул ва таҳкими давлатдории муосири миллии тоҷикон дастоварди азими даврони истиқлолият аст. Ҷашнҳои Истиқлолияти давлатӣ, Наврӯзи бостонӣ, Рӯзи ваҳдати миллӣ ба ҷашнҳои умумихалқӣ табдил ёфтанд. Инчунин, соҳиби Парчам, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Қувваҳои сарҳадӣ, пули миллӣ ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони конфронси исломӣ ва даҳҳо созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ гардидани Тоҷикистон, аз дастовардҳо ва арзишҳои муқаддаси даврони истиқлолият буда, рамзи тантанаи давлатдории миллӣ ва ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари азизи мо мебошанд.

Дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳони муосир собит гардидааст, ки бунёди истиқлолияти сиёсии ҳар миллат истиқлоли иқтисодии ӯст. Ҳарчанд, ин ҷо метавонем як қатор дастовардҳои ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар самти аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани ҷумҳурӣ, эҷоди шароити арзандаи зист ба ҳар як тоҷикистонӣ, зиёд намудани маҷмӯи маҳсулоти дохила соле то ба 8-9% ва ғ. ёдоварӣ намоем, вале то ҳанӯз мо ба сатҳи рушди собити иқтисоди миллӣ нарасидаем. Аммо муҳимтарин омили ноил шудан ба истиқлолияти иқтисодӣ, ҳамоҳангии кӯшишу талоши миллат бо иродаи сиёсии давлат аст, ки он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҳарчи бештар зуҳур мекунад. Масалан, дар сохтмони Роғун ва маъракаи фурӯши саҳмияҳо ин фактор хеле хуб ба назар мерасид. Феълан иқтисодиёти мо низ рӯ ба инкишоф овардааст. Сатҳи таваррум ба ҳамаи мушкилиҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, аз 88% соли 1997 то ба 7,1% дар соли 2005 ва 11, 8% дар соли 2008 паст шуд. Ҳатто дар соли буҳронии 2009, ки пули ҳамсояҳои мо хеле босуръат камқадр шуд, сомонии мо тавонист дар баробари пастравии баъзе нархҳо қобилияти харидорияшро нигоҳ дорад. Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтан, ба ҳаллу фасли як қатор тадбирҳои муҳим, аз ҷумла эҳё ва рушди соҳаҳои саноату энергетика, кишоварзӣ, роҳсозӣ, сохтмони пулҳо ва нақбҳои мошингард мушарраф гардид.

Умед мекунем, ки шоҳроҳи ҳазорсолаи сеюм барои мо асри таҳкими истиқлолияти кишвар, рушду нумуи давлатдории миллӣ, асри дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон хоҳад шуд. Шоҳроҳи асри нав кишвари соҳибистиқлоли моро ба сӯйи ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ ва ояндаи неку осуда ҳидоят хоҳад намуд.

Ҳақ ба ҷониби аллома Иқбол аст, ки фармуда:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт…

## АДАБИЁТ


1. Ғафуро Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва асрҳои нав (китобҳои 1 ва 2) / Б. Ғафуро. -Душанбе, 1998.

2. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н. Неъматов. -Душанбе, 1989. -300 с.
3. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. -Душанбе, 2008. -494 с.
4. Расулиён Қ. Таърихи халқи тоҷик / Қ. Расулиён. -Душанбе, 2014. -279 с
5. Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. –Душанбе: Собириён, 2010. -327 с.
6. Таърихи халқи тоҷик / Н.Н. Неъматов [ва диг.]. –Хуҷанд, 2008. -290 с.

**ИЗ ИСТОРИИ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Данная проблема охватывает период независимости Таджикистана, речь идет о независимости, принятии конституции, флага, герба, национального гимна и утверждения национального согласия, развитии экономики, строительства дорог туннелей и линии электропередач, а также о признании Республики Таджикистан как независимого суверенного государства в международном пространстве.

**Ключевые слова:** независимость, таджики, гимн, экономики, дорога.

**FROM HISTORY INDEPENDENCE TAJIKISTAN**

This problem embraces the period of independence of Tajikistan, its about independence, accepting the constution, llag, emblem, the national anthem and accretion the national consent, development of economy, the road, and constructions, tunnels and Electro Transmission lines, alao about the contess Tajik as independent, sovereign country in international space.

**Key words:** independence, Tajiks, the anthem, the economy, the road.

**Сведения об авторе:** ***Ш. Шарифов*** – кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **935-27-59-25**

# АРҶГУЗОРӢ БА АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

***Қ.А. Расулиён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба баъзе мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ, ба дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ноил гардидааст. Чунки дар рӯҳияи ватандӯстию меҳанпарастӣ, ғуруру ифтихор ва худшиносии миллӣ, эҳтиром гузоштан ва ҳифз намудани суннат ва анъаноти неки фарҳангии ниёкон, бар пояи асолати миллӣ устувор намудани ҷаҳонбинӣ ва мафкураи ҷомеаи кишвар, бар пояи анъаноти ғании давлатдорӣ бунёд намудани низоми нави давлату давлатдории миллӣ рукнҳои аслии сиёсати фарҳангии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар робита ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин мегӯяд: «Шинохту гиромидошти мероси фарҳангии ниёгон, ҳифз кардану ба манфиати ҷомеаи имрӯза истифода намудани мероси таърихиву фарҳангии халқ чун самти афзалиятноки сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст».

Тоҷикон миллати соҳибтамаддун буда, дар рушди тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ нақши босазое гузоштаанд. Гузаштагони мо дар миёни авқоми мутамаддини ҷаҳон яке аз аввалинҳое мебошанд, ки ба ҳаёти муқимӣ гузашта ва ба офаридани осори моддию маънавӣ, аз ҷумла таълифи китоб даст задаанд. Иқдомоте аз қабили таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён дар соли 1999, 2700-солагии китоби Авесто дар соли 2001, соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон шудани соли 2006 «бо баргузории ҷаласаҳои бонуфуз, таҳқиқоти илмӣ, нашри осор, таблиғоти фарогири моҳияту дастовардҳои тамаддуни ориёӣ ва мақому нуфузи он дар фарҳанги ҷаҳонӣ худҷӯиҳои таърихии тоҷиконро то ба оғозгоҳи фарҳанги маънавии онҳо амиқ бурд», ки боиси ифтихори ҳар як фарди соҳибхирад мебошад.[1]

Таҷлили ҷашни 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён боиси рушди ҳунари муҷассамасозӣ дар Тоҷикистон гардид. Дар шаҳру навоҳии Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷакент, Ҳамадонӣ, Рӯдакӣ ва ғайра муҷассамаҳо ва

пайкараҳои бунёдгузори ин давлати қудратманди асримиёнагии тоҷикон гузошта шудаанд, ки дар ҳаёти фарҳангии кишварамон падидаи тозае гардид. Чунки чеҳраи тахайюлии Исмоили Сомонӣ барои ташаккули шуури воқеии таърихӣ ва эҳсоси ифтихори воқеӣ аз таърих ва гузаштагони халқи худ омиле гардид чашмрас. Маҷмааи «Ваҳдат»-и шаҳри Душанбе, ки дар маркази он муҷассамаи Исмоили Сомонӣ қарор дорад, нақши ин шаҳрро ба ҳайси пойтахт ва муттаҳидсозандаи миллати тоҷик ва фарҳанги миллии он ба таври барҷаста муаррифӣ менамояд.

Таҷлили ҷашнҳои пуршукӯҳи 2500-солагии шаҳри Истаравшан дар соли 2002, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб дар соли 2006, 3000-солагии Ҳисор дар соли 2015 ва дар робита бо ин ҷашнҳо густариш додани корҳои ободонию созандагӣ далели барҷастаи пайванди ногусастании имрӯзиён бо гузаштаҳои дури таърихамон мебошад. Аз ҷумла, 3 июли соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №282 «Дар бораи таҷлили ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб» қарор қабул намуд ва бо эъломи ин қарор бори дигар тайид намуд, ки давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар фазои холии таърихию фарҳангӣ ба вуҷуд наомада, балки он решаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ дорад ва таърихи Кӯлоб як бахши муҳим ва ҷудонашавандаи он мебошад.

Таҷлили бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат аз дигар иқдомоти сиёсати фарҳангии давлат ва хукумати Тоҷикистон аст. Дар тӯли солҳои истиқлолият дар кишварамон 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1995), 675-солагии Камоли Хуҷандӣ (1996), 1000-солагии Носири Хусрави Қубодиёнӣ (2004), 1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино (2005), 800-солагии Ҷалолуддини Балхӣ (2007), 950-солагии Муҳаммад Ғазолӣ (2008), 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), 1310-солагии Имоми Аъзам Абӯҳанифа (2009), 600-солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ (2014), 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2015) ва дигарон бо шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифта шуд.

Дар робита ба ҷашнҳои Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳамоишҳои байналмилалии «Мавлоно ва гуфтугӯи тамаддунҳо» бо мушорикати 80 нафар донишмандон аз 29 давлати дунё, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ» бо мушорикати намояндагони ҳудуди 30 кишвари олам, Имоми Аъзам «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир» бо мушорикати фиристодагони 50 кишвари ҷаҳон доир гардиданд. Мавзӯи ҳамоиши байналмилалие, ки дар робита ба ҷашни 1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино доир гардид, «Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» ном дошт. Таъмиру тармими осори таърихию фарҳангии миллатамон яке аз рукнҳои дигари барномаи муназзам ва ҳадафманди сиёсати фарҳангии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тайи чанд соли охир ёдгориҳои гаронмояи манотиқи гуногуни Тоҷикистон, аз қабили шаҳри Саразм (ҳазорсолаи 4-2 то мелод), қалъаи Муғ дар ноҳияи Айнӣ (асри 8), қалъаи Ҳулбук дар ноҳияи Восеъ (асрҳои 9-11), қалъаи Хуҷанд, қалъаи Ҳисор дигарбора шукӯҳу азамати таърихии худро дарёфт намуданд. Дар робита бо ин амр бояд афзуд, ки оромгоҳҳо ва қадамгоҳҳои бузургоне, аз қабили Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб, Шайх Муслиҳиддин Бадеуддини Нурӣ дар шаҳри Хуҷанд, Шақиқи Балхӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Обиддин дар ноҳияи Данғара, Увайси Қаранӣ (Ҳазрати Султон) дар ноҳияи Ховалинг, Шайх Абулқосими Гургонӣ, Шамсиддин ибни Маликдор маъруф ба Шамси Табрезӣ дар ноҳияи Айнӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Хоҷаи Ҳотами Асамм дар ноҳияи Файзобод ва чанд тани дигар тавассути таъмиру тармим умри дубора пайдо намуданд. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ имконоти фарҳангии манотиқи мухталифи кишвар ба ҳайси баёнгари ҳунари аз лиҳози шакл гуногунранг ва аз ҷиҳати мазмун ягонаи халқи тоҷик беҳтару бештар зоҳир гардид. Театрҳои ҷумҳурӣ ҳам дар шаҳри Душанбе ва ҳам дар марокизи вилоёту шаҳрҳои кишварамон ба драматургияи миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд. Як силсила намоишномаҳои нав манзури бинандагон гардиданд, ки дар

онҳо саҳифаҳои таърихи тоҷикон, рӯзгору фарҳанги он ифодаи бадеии худро пайдо намуданд. Тарғиби худогоҳӣ ва асолати таърихӣ аз тамоилҳои драматургияи тоҷик дар даврони истиқлолият қарор гирифт. Баргузории фестивал-озмунҳои театрҳои касбии «Парасту» ва озмуни мардумшиносию маҳаллии «Андалеб» аз рушди ҳунари ҳирфат ва мардумӣ, ҳамчунин кашфи истеъдодҳои ҷадид дар фарҳанги миллӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин, ба хотири тарғибу ташвиқи ҳунари волои мусиқии тоҷик, ки таърихи пурифтихори тӯлонӣ дошта ва дар саргаҳи он оҳангсоз, шоир, навозанда ва овозхони бузург Борбади Марвазӣ қарор дорад, ҳамасола 12 май рӯзи «Шашмақом» ва 5 октябр рӯзи «Фалак»-ин ду пояи асосии ҳунари мусиқии миллатамон бо шукӯҳу шаҳомати ба худ хос доир мегардад. Муаррифии осори таърихию фарҳангии кишварамон барои оламиён дар миқёси ҷаҳон ва бад-ин васила ошно намудани ҷаҳониён бо тамаддуни куҳанбунёди миллати тоҷик яке дигар аз иқдомоти давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба феҳристи мероси ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО шомил гардидани ёдгории қадимаи Саразм, ки мутааллиқ ба ҳазорсолаи 4-2 то мелод аст, натиҷаи талошҳои пайгиронаи масъулини кишварамон дар чаҳорчӯби сиёсати миллатдӯстонаю фарҳангпарваронаи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, дар назар аст, ки ҳашт ёдгории таърихию фарҳангии кишварамон, аз қабили «Тахти сангин» (асри 4 то мелод), шаҳри қадимаи Панҷакент (асрҳои 5-8), қалъаи Ямчун (асрҳои 2-5), маъбади буддоии «Аҷинатеппа» (асрҳои 7-8), шаҳраки Ҳулбук (асрҳои 9-11), шаҳри Бунҷикат (асрҳои 9-10), мадрасаи «Хоҷа Машҳад» (асрҳои 11-12) ва қалъаи Ҳисор (асри 19) барои сабти ном ба ин феҳристи муътабари ҷаҳонӣ пешниҳод гарданд. Эҳёи номҳои аслӣ ва қадимии ҷуғрофию таърихии мавзеъҳои кишвар, ҳамчунин ба номи фарзандони фарзонаи миллат номгузорӣ намудани бархе аз шаҳру навоҳӣ, аз як ҷониб арҷгузорӣ ба таъриху тамаддуни гузаштаамон ва аз сӯйи дигар арзи эҳтиром ба ашхоси бузургу номбардори миллат буда, дар ташаккулу такомули худшиносии мардум, бахусус ҷавонон басо муфид ба назар мерасад. Аз нав зинда намудани номҳои ҷуғрофӣ, аз қабили Суғд, Хатлон, Рашт, Қубодиён, ҳамчунин ба исми Спитамен, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Носири Хусрав, Темурмалик, Ҷалолуддини Румӣ, Ҳамадонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ далели ин иқдомоти неканд. Яке аз рукнҳои аслии ҳар як миллат забони модарии он мебошад. Тоҷикон маҳз тавассути нигоҳ доштани забони модарии худ тавонистанд дар тӯли таърихи пуршебу фарози хеш ҳуввияти миллиашонро ҳифз намоянд. Аз ҷониби давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон пуштибонӣ намудани забони тоҷикӣ арҷгузорӣ ба миллати тоҷик аст. Дар ин росто Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 22 июли соли 1996 чунин гуфтааст: «Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд» (Сайидзода З. Истиқлоли давлат ва гиромидошти забони модарӣ.-Душанбе, 2013.-С.30).

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи забони тоҷикӣ дар 5 октябр, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26 июли соли 2007 дар бораи соли 2008-Соли забони тоҷикӣ эълон гардидан, таҳия, қабул ва тасдиқи қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар 5 октябри соли 2009, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Тоҷикистон, қабули Барномаи рушди забони давлатӣ аз муҳимтарин иқдомҳое мебошанд барои посдории забони модариамон. Гузаштагони мо дорои ҷашну маросимҳои зиёде буда ва аз миёни 12 ҷашни бузург, ки ҳар моҳ таҷлил мегардиданд, ҷашни аввали фарвардин, ки бо номи Наврӯз шуҳрат пайдо намудааст, бузургтарин ва дӯстдоштатарин буда, то ба рӯзгори мо расидааст. Наврӯз ҷашни оғози сол, эҳёи табиат буда, ба ҳеҷ дину мазҳаб бастагӣ надорад ва аз қадимтарин ҷашнҳо дар ҷаҳон маҳсуб мегардад. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷашни миллии тоҷикон аз нав эҳё гардида, рӯзи 23 феврали соли 2009 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид

қатъномаи Рӯзи ҷаҳонии Наврӯзро дар чаҳорчӯби моддаи 49-и Дастури кори худ ва тахти унвони «Фарҳанги сулҳ» ба тасвиб расонд. Дар кори ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани ҷашни миллии аќвоми ориёиҳои эронитабор, аз ҷумла тоҷикон, Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзанда ва арзишмандеро дорост. Эҳёи насабгузории шаҳрвандон бар тибқи анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи миллӣ, 22 сентябр эълон гардидани Рӯзи Рӯдакӣ, 30 сентябр эълон гардидани Рӯзи Мавлоно, бунёди иншооти бузурги фарҳангӣ аз қабили Китобхонаи миллӣ, Музейи миллӣ, Театри миллӣ ва ғайра аз иқдомоти неки сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

### АДАБИЁТ


1. Салимов Н. Тоҷики оламшумул / Н. Салимов, А. Шарифзода. -Душанбе, 2011. -С.123.
2. Салимов Н. Тоҷики оламшумул / Н. Салимов, А. Шарифзода. -Душанбе, 2011. -С.123.
3. Бунёди давлатдории навин. -М. -С.93.
4. Кӯлоби бостонӣ. -Душанбе, 2006. -С.4.
5. Бунёди давлатдории навин. -М., 2002. -С.94.


### ЗНАЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ КУЛЬТУРНЫХ ЦЕННОСТЕЙ


Культурное наследие - это совокупность культурных ценностей, имеющих национальное и государственное значение, сохраняя которые, мы сохраняем все культурные наработки предыдущих поколений. Культурная политика Таджикистана направлена на деятельность по сохранению культурных ценностей и почитанию национальных святынь. В данной статье автор рассматривает значение национальных культурных ценностей и культурную политику правительства Республики Таджикистан за годы независимости.



**Ключевые слова:** цивилизация, культура, национальное самопознание, историческое и культурное наследие, национальные праздники, культурная политика Республики Таджикистан, уважение к своей культуре, уважение и к культуре других народов.


### IMPORTANCE OF NATIONAL CULTURAL PROPERTY


Cultural heritage - a set of cultural values, with national and state significance, maintaining that, we keep all the cultural achievements of previous generations. Cultural policy of Tajikistan is aimed at the conservation of cultural values and the worship of national shrines. In this article the author examines the importance of national cultural values and cultural policy of the Government of the Republic of Tajikistan's independence.



**Key words:** civilization, culture, national self-knowledge, historical and cultural heritage, national holidays, cultural policy of the Republic of Tajikistan, respect for their culture, respect and culture of other nations.



**Сведения об авторе:** ***К.А. Расулиён*** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **904-88-71-77**


## САЛТАНАТИ АМИР ОЛИМХОН ДАР ҲИСОРИ ШОДМОН
## (аз рӯйи ёддоштҳои шоҳидон ва ҳамзамонон)


***Юсуфи Шодипур***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


То ҳол, мутаассифона, саргузашти ҳисорӣ ё душанбегии давлатдории Амир Олимхон анқариб торик ва ноаён аст. Бинобар хотироти ҳамзамонон, Амир Олимхон қариб шаш моҳ, яъне аз миёнаи моҳи сентябри соли 1920 то 20 феврали соли 1921 дар мулки Ҳисор - Душанбе хукумат ронда, савлати давлатдориашро тавсиа бахшидааст. Ин давраи ҳаёти Амир Олимхон воқеан ҳам, ба хонандаи кунунӣ мароқангез аст. Дар асоси таҳлилу муқоисаи маҷмӯаи маводҳои гуногуни таърихӣ, махсусан, хотироти рангини шоҳидону ҳамзамонони Инқилоби Бухоро, ба рӯйи қоғаз овардани давраи ҳисорӣ ё душанбегии салтанати Амир Олимхон бағоят ҷолиб ва муфид аст. Дар ин хусус, бештар хотираҳои рангини шоҳидону ҳамзамонони бевоситаи Инқилоби Бухоро Сергей Соболов «Ҳалокати Аморат» (15,146-152)

«Қудрат Комилов» «Полки мусулмонӣ дар мубориза ба муқобили аморат» (8,138-142) Муллоҷон Саъдуллоев «Фирор кардани амир» (14,296-301), Ислом Икромов «Порае аз хотираҳои Икромов» (6,221-224), Фотима Алиева «Ҳуҷуми қатъӣ ба истеҳкоми амир» (3, 153-156), Яков Мелкумов «Экспедитсияи Ҳисор» (11,158-171), Раҷабалӣ Ҷалилов «Порча аз хотираҳои Р. Ҷалилов» (20,494-503) ва амсоли он аз ин хусус маълумоти амиқ ва мукаммал медиҳанд, ки аксари онҳо маводҳои наву тоза буда, бори нахуст ба доираи васеи ҳаводорон пешниҳод мегарданд. Зимнан Бухорои шарқӣ, алалхусус, музофоти Ҳисори тоинқилобӣ як гӯшаи қафомондатарини Аморати Бухоро ба шумор мерафт. Махсусан, мавқеи Душанбе дар охири асри XIX-ибтидои асри XX аз ҳар ҷиҳат баланд гардида, ба маркази муҳимтарини иқтисодиву тиҷоратии бекии Ҳисор табдил меёбад. Дар тамоми маҳаллаҳои аҳолинишини бекиҳои Бухорои шарқӣ, ба монанди Душанбе, Тӯда, Қаратоғ, Регар, Сари Осиё, Деҳнав, Миршодӣ, Бойсун, Дарбанд, Оқработ, Танги Ҳарам (Деҳқонобод), Хузор, ки дар қади роҳҳои аробагард воқеъ буда, ин минтақаро бо Қаршӣ ва Бухорои Шариф пайваст мекарданд, муносибатҳои тиҷоратӣ дар авҷ буданд. Аз рӯйи нақли шоҳидону воқеанигорон, дар ибтидои асри XX саёҳатчиёни зиёде ба Бухорои шарқӣ, инчунин, солҳои аввали бистум ба Душанбе ташриф меоварданд, бо сабаби ноободии роҳу норасоии нақлиёт ба душвориҳои бемонанд рӯбарӯ мешуданд.

Бинобар ахбори матолиби таърихӣ, мизоҷон дар корвонсаройи яго-нае, ки дар кӯчаи Путовский, дар ҷойи ҳозираи чойхонаи Роҳат мавҷуд буд, манзил мегирифтанд (4,556). Тавассути ин роҳ корвони азими тиҷоратӣ ҳаракат намуда, ба рушду нумуи савдо ва тиҷорат саҳм мегузоштанд. Вале ба ҳамаи ин дигаргунисозӣ табаддулоти соли 1920 дар Бухоро хотима гузошт, ки ба баъзе нуқтаҳо ва ҷанбаҳои ҷолиб ва марбути он рӯшанӣ андохтан кори хайр аст.

Бо амри тақдир, пас аз сарнагун гардидани тартиботи амирӣ дар Бухоро як муддат Душанбе пойтахти Амир Олимхон мегардад, ки салтанати душанбегии ӯ дорои саҳифоти рангин буда, ба ҳаводорони таърихи Душанбе ва умуман водии Ҳисор ҷолибу гуворо аст.

2 сентябри соли 1920 ҳукумати охирин амири Бухоро-Олимхон сарнагун карда шуд. Бинобар маълумоти шоҳиди бевоситаи ҳуҷуми Лашкари сурх ба Бухорои амирӣ, Муҳаммадалии Балҷувонӣ, Бухоро бист рӯз дар ҳукми сӯхтор қарор гирифтааст. Дар натиҷаи он 34 гузар, зиёда аз 1 ҳазор дӯкон, 20 сарой, 29 масҷид, 3 ҳазор ҳавлӣ сӯхта нобуд гардид (17,76). Хулласи калом, Бухорои Шариф харобу валангор ва ғорат карда шуд. Молу хазинаи давлати Бухоро чун ғанимати ҳарбӣ ба хазинаи ҷабҳаи Туркистон шомил мегардад. Бо фармони сарфармондеҳи ҷабҳаи Туркистон М. Фрунзе аз 4 сентябри соли 1920 тамоми чизу чораи гаронбаҳои хазинаи амир, ки аз чандин вагон иборат буд, ба бонки давлатии Руссия супорида шуд (17,76).

Қаблан, пиромуни сармояи хазинаи амирони охирини манғитияи Бухоро санаду далелҳои мухталиф мавҷуданд. Бинобар иттилои профессор Намоз Ҳотамов, танҳо тиллои амирони манғит дар 32 канор маҳфуз будааст. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, маблағи умумии хазинаи Амир Олимхон 150-160 миллион, бинобар санади дигар бошад, беш аз 300 миллион сӯмро ташкил менамуд (18,10).

Аз рӯйи ахбори муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик Қосим Одинабеки Ғорифӣ соли 1920 сарфармондеҳи ҷабҳаи Туркистон М.В. Фрунзе фармон содир намуд, ки мувофиқи он «сандуқҳо ва халтаҳои пур аз тилло бе ягон ҳисобу китоб сурғуч зада шаванд» (5,10).

Аз рӯйи шаҳодати иштирокчии бевоситаи Инқилоби Бухоро Сергей Соболев, рӯзи 6 сентябри соли 1920 В. Куйбишев ашёву маҳсулоти ба даст даровардашудаи хазинаи амирро аз назар мегузаронад, ки онҳо дар бисёр анборҳои қаср, дар сандуқҳои калон, ҳар гуна чизҳои қиматбаҳо, ба монанди дастпонаҳо, пораҳои

рехтаи тиллои хока, инчунин косаву табақҳо ва асбобу анҷоми қиматбаҳо мавҷуд буданд. Пас аз шиносоӣ В. Куйбишев ба ин боигарӣ ва сарвати хазинаи амир баҳои баланд дода, қайд намуд, ки ҳокимияти халқӣ ба чунин сарвати бебаҳо эҳтиёҷи калон дорад (15,1490). 10 сентябри соли 1920, аз рӯйи шоҳидии ҳамзамонон, дар асоси дастури В. Куйбишев ҳамаи он амволи қиматбаҳо ба автомашинаҳо ва вагонҳо бор карда, дар зери назорати қаравулон ба бонки давлатии Тошканд интиқол дода шуд (8,150). Бинобар ахбори матбуоти даврии солҳои 90-уми асри ХХ, дар соли 1920 М.Фрунзе аз хазинаи амири Бухоро ду вагон тиллоро ба Маскав интиқол дода будааст, ки қисми зиёди онро тиллои Бухорои шарқӣ ташкил медодааст (13,9).

Аз ҳуҷуми даҳшатбори Лашкари Сурх, амир ва амалдорони ӯ саросемавор тиллову танга ва ашёи қиматбаҳои худро ба қадри даркорӣ гирифта натавониста, ба Бухорои шарқӣ фирор намуданд. Аз рӯйи ақидаи академик Аҳрор Мухторов, ин сафари амири Бухоро Олимхон ба Ҳисори Шодмон тирамоҳи соли 1920 сафари маҷбурии амири охирин ба ин мулк будааст (12,143). Пас аз фирори амир ба Ҳисори Шодмон, шаҳри Душанбе як муддат вазифаи пойтахти амир Олимхонро адо кардааст. Ӯ аз ҳамин шаҳр истода, мулкҳои ҳанӯз зери дасташ мондаро идора менамуд (12,148). Чуноне ки яке аз шоҳидон ва ҳамзамонони Қаратоғӣ Муллоҷон Саъдуллоев шаҳодат медиҳад, 2-юми сентябри соли 1920 ҳокимияти охирин “сояи худо дар замин” Амир Олимхон сарнагун карда шуд. Пас аз он Амир Олимхон ба сӯи Қаршӣ фирор намуда, аз Қаратоғ гузашта, ба Душанбе қарор гирифт ва мавзеи ҳозираи касалхонаи шаҳрии Сталинобод қароргоҳи амир мегардад (14,297).

Дар соли 1920 сокини Қаратоғ Муллоҷон Саъдуллоев (17 сола) ба ин ҷо омадани амир Олимхонро ба чашми хеш дидааст, нақл мекунад, ки як бегоҳии моҳи сентябр саворaҳои телпаки пашмдарозпӯш дар кӯчаҳои Қаратоғ аспсавор пайдо шуда, бонгзанон хабар медиҳанд, ки «ҷаноби олӣ омада истодааст!». Ин ҷавони Қаратоғӣ манзараи ҷолиби омадани амирро аз болои рангрезхонаи як бой, ки аз бими муҳофизони амир ба он ҷо баромада, тамошо карда буд, нақл мекунад, ки «амир одами сиёсатнок буда, на тоҷик, на ӯзбек буданаш маълум набуд, дар мобайни сарбозони зиёде меомад. Аз сабаби хастагӣ бисёр туршрӯй ва бадқаҳр менамуд. Вале дар шуълаи офтоби фурӯрафтаиситода сангҳои қиматбаҳои либосҳои ӯ ва ӯзангуи тиллоии аспаш ялаққос мезаданд» (14, 297). Бинобар шаҳодати шоҳидон, Амир Олимхон дар хонаи амлокдор маскан гирифта, дар Қаратоғ як шаб истод. Вале дар ин муддати кӯтоҳ вай ба мардум мусибатҳои зиёде овард. Зархаридони ӯ ба ғорат намудани мардуми бечора андармон шуданд, чандин мардуми бечораро ба қатл расонданд. Онҳо пагоҳ ба Душанбе рафтанд. Аз ҳамон рӯз эътиборан дар давоми қариб чор моҳ мардуми Тоҷикистони ҷанубӣ шоҳиди бадкирдориҳои амир ва думравони ӯ шуданд (14, 297).

Амир Олимхон дар ин мулк хукумати муваққатии худро ташкил медиҳад, ки вазифаи асосии он тайёр намудани амалиёти ҷангӣ барои аз аскарони сурх кашида гирифтани Бухорои марказӣ ба ҳисоб мерафт (19, 256).

Аз рӯйи шаҳодати яке аз иштирокчиёни фаъоли барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти шӯравӣ дар Бухорои шарқӣ Я. Мелкумов маълум мегардад, ки амир ба Бухорои шарқӣ гурехта, Душанберо қароргоҳи худ интихоб намуд ва тарафдорони вай дар ин ҷо ҷамъ омада, ба ӯ хизмат мекарданд (10, 42-43).

Амир Олимхон дар Душанбе чун Ҳисор низ, сиёсати ғоратгаронаи худро идома медиҳад. Азбаски хазинаи амир дар Душанбе низ ба маблағҳои калон эҳтиёҷ дошт, бо роҳи гуногун ҷамъ овардани сарвату боигариро пеша намуда, ба ғоратгарии рӯйрост даст зада, молу мулки 80 оилаи яҳудии сокини Душанберо низ кашида мегирад (21,86). Инчунин, мансабдорони амир аз яҳудиён на танҳо маблағу чизу чораи қиматбаҳо, балки маснуоти ороиши занона ва монанди онро ғорат намуда, ба фоидаи худ мусодира карданд (21, 86). Ба тавре, ки санадҳои махфӣ шаҳодат

медиҳанд, азбаски амир 40 уштур боигарӣ ва тиллоро ҳамроҳи худ нигоҳ медошт, тез-тез ҷойи истиқоматиашро тағйир дода, амнияти худро таъмин мекард (21, 90).

Вале тақдир ба амирони манғит бори дигар имкон надод, ки сохти хукумати амириро аз нав барқарор намоянд. Ба тариқе равшан аст, 21 феврали соли 1920 қисмҳои ҳарбии лашкари сурх бо сардории Я.А. Мелкумов ба Душанбе дохил шуда, қароргоҳи амирро ишғол намуд ва лашкари 40 ҳазорнафараи он фавран торумор карда шуд ва ин минтақа абадан ба ихтиёри халқи заҳматкаш гузашт (11, 171). Яке аз иштирокчиёни барпо намудани Ҳокимияти шӯравӣ дар Бухорои шарқӣ Раҷабалӣ Ҷалилов дар хотираҳои худ навиштааст, ки «Хабари аз тарафи Лашкари сурх торумор кардани армияи амирро дар Душанбе мардум бо хушнудӣ пешвоз мегирифтанд» (20, 495). Инчунин, аз наздик омадани Лашкари сурх ба минтақаҳои гуногуни Бухорои шарқӣ бойҳо ва амалдорон бештар ба давуғеҷ даромада, аз пайи наҷоти молу мулки худ мешуданд. Аз ин рӯ, тибқи нақли Раҷабалӣ Ҷалилов аз ворид шудани дастаҳои ҳарбӣ ба Қабодиён бойҳои маҳаллӣ Давронбек, Тиллобой ва дигар бойҳо аз ғазаби халқи заҳматкаш ба ҳарос омада, молу мулки худро ғундошта, роҳи гурезро пеш мегирифтанд (20, 496).

Тақдири Амир Олимхон ва муқаррибони ӯ минбаъд дар хоки Афғонистон дар мусофират сурат гирифтааст. Хуллас, корвони Амир Олимхон, ки аз 300 уштур иборат буд, 5 марти соли 1921 дар ноҳияи Чубак аз сарҳад гузашта, дар хоки Афғонистон паноҳ бурдааст (12, 88). Инчунин, ақидаи дигаре низ арзи ҳастӣ дорад, ки нисбатан пурра ва дақиқтар аст. Аз рӯйи он, 15 марти соли 1921 Амир Олимхон бо 1350 нафар муҳофизону наздиконаш, 80 уштури пурбор, 2 ҳазор сар гӯсфанд, 400 асп ва ғайра шаҳри Кӯлобро тарк намуда, худи ҳамон рӯз, соати 17.05 ба воситаи гузаргоҳи Чубак ба Афғонистон абадан паноҳ бурд (7, 15-16). Бинобар маълумоти Қосим Одинабеки ғорифӣ, дар як вақт ҳамроҳи амир 200 ҳазор нафар мардум тарки ватан намуданд (5, 18). Агар ин мардум танҳо ба Бухорои шарқӣ мутааллиқ бошанд, пас онҳо миқдори зиёди чорво ва молу сарватро ҳамроҳи худ гирифта бурданд ва ба ҳаёти хоҷагӣ ва иқтисоди мамлакат таъсири манфӣ расонданд.

Ба ҳамин тариқ, пирӯзии Инқилоби Бухоро салтанати амирони манғитияи Бухороро ҳам дар марказ ва ҳам дар Душанбе вожгун намуда, тамоми боигарӣ ва сарватҳои моддию маънавии ин сарзаминро абадан ба ихтиёри халқи тоҷик вогузошт ва бо ҳамин дар таърихи мардуми Осиёи Марказӣ марҳалаи сифатан нави сарнавиштсоз ибтидо гирифт.

## АДАБИЁТ


1. С. Айнӣ. Тафсили фирори амир Олим // С.Айнӣ // Куллиёт. -Душанбе: Ирфон, 1966. –Ҷ.10. -С.186-188.
2. С. Айнӣ Таърихи Инқилоби Бухоро. -Душанбе: Адиб, 1987. -240 с.
3. Алиева Ф. Ҳуҷуми қатъӣ ба истеҳкоми амир / Ф. Алиева // Барои ғалабаи Советҳо: (Ёддоштҳои мубориузон). –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. –С.153-156.
4. Атоева Б.Ф. Ба кор ба Тоҷикистон / Б.Ф. Атоева // Дар ҳамон ҷо. –С.555-558.
5. Каримов Т.Р. Борьба за установление Советской власти в юго-восточных и центральных районах Таджикистана: сборник статей по истории Советского Таджикистана / Т.Р. Каримов. –Душанбе: Дониш, 1978. -С.5-23.
6. Комилов Қ. Полки мусулмонӣ дар мубориза ба муқобили аморат. Барои ғалабаи Советҳо: (Ёддоштҳои мубориузон) / Қ. Комилов. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. –С.138-142.
7. Маҷлисов О. Каратегин накануне установления Советской власти / О. Маҷлисов. –Сталинобод, 1959. -1960 с.
8. Мелкумов Я.А. Туркистониҳо: (Ёддошти ҳарбӣ) / Я.А. Мелкумов. –Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. -328 с.
9. Мелкумов Я.А. Экспедитсияи Ҳисор. Барои ғалабаи Советҳо: (Ёддоштҳои мубориузон) / Я.А. Мелкумов. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. –С.156-196.
10. Мухторов А. Охирин сафари амири Бухоро ба Ҳисор: (Тибқи маълумоти «Таърихи Нофеӣ» / А.Мухторов // Ҳисор: Очерки таърихӣ (Охири асри XV -аввали асри XX). –Душанбе, 1995. –С. 143-149.

**ПРАВЛЕНИЕ ЭМИРА АЛИМХАНА В ГИССАРЕ**
**(воспоминания современников)**

Данная статья посвящена изучению краткой истории правления последнего эмира Бухары, представителя династии Мангытов Эмира Алимхана, правившего до захвата Бухары большевиками 30 августа 1920 года, в Гиссаре. Когда он взошел на престол в 1910 году, начало его правления было многообещающим. Хотя Бухара имела статус вассального государства Российской империи, Алим-хан руководил внутренними делами своего государства как абсолютный монарх. Как последний эмир династии Мангытов, он унаследовал несметные богатства своих предков. Когда большевики заняли Бухару, он бежал на восток Бухарского эмирата, в Гиссар, а затем в Афганистан. В статье автор рассматривает историю его правления в Гиссаре на основе изучения исторических материалов и очевидцев тех дней.

**Ключевые слова:** Эмир Алим-хан, Гиссар, Гиссарская крепость, управление государством, военное дело, правление в традиционном стиле, Октябрская революция, материальные ценности бухарского эмира.

**BOARD EMIR ALIMKHAN IN HISSAR**
**(Memoirs of contemporaries)**

This article is devoted to the study of the short history of the reign of the last Emir of Bukhara, representative of Emir Mangits Alimkhan dynasty who ruled before the capture of Bukhara Bolsheviks August 30, 1920, in Hissar. When he ascended the throne in 1910, the beginning of his reign was promising. Although Bukhara had the status of a vassal state of the Russian Empire, Alim Khan directed the internal affairs of his state as an absolute monarch. As the last Emir Mangits dynasty he inherited enormous wealth of their ancestors. When the Bolsheviks took Bukhara, he fled to the east of the Bukhara Emirate, in Hissar, and then to Afghanistan. The author examines the history of his reign in Hissar based on the study of historical documents and eyewitnesses of those days.

**Key words:** Emir Alim Khan, Hissar, Hissar fortress, state administration, military affairs, the board in a traditional style, Oktyabrskaya Revolution, wealth Emir of Bukhara.

**Сведения об авторе:** ***Юсуф Шодипур*** **-** доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **903-43-01-05**

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АКАДЕМИКА БАХОДУРА ИСКАНДАРОВА В СБОРЕ И АКТУАЛИЗАЦИИ ПРОБЛЕМ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВЕКА

***К.Н. Карамалишоев***
**Таджикский национальный университет**

В Таджикистане произошли колоссальные преобразования, достигнуты замечательные успехи в области науки и культуры в период Советской власти. В этом можно убедиться в тех огромных успехах, которых достигли историки республики. В историографии Средней Азии до революции складываются научные труды, в которых часто идеализировались сведения. Они главным образом были рукописными. Как отмечает академик Б.И. Искандаров, развитие исторической науки связано с открытием Таджикского государственного университета в 1948 г. и учреждения Академии наук в апреле 1951 г.

При Академии наук Республики Таджикистан был учрежден Институт истории, археологии и этнографии. Именно этот институт стал центром исторической науки. Это способствовало развитию науки истории и исследованию актуальных вопросов и проблем истории Таджикистана на новом этапе ее развития. Ученый Б. Искандаров, учитывая все направления исторической науки и деятельность ученых-историков, разработал другую важную проблему – развитие исторической науки в Таджикистане. Б. Искандаров как ведущий ученый-историк, часто выступает на страницах исторической печати и тем самым пропагандирует достижения этой науки, акцентируя внимание на задачах, стоящих перед историками Таджикистана. Его монография «Развитие исторических наук в Таджикистане» Душанбе: Дониш, 1977 г. 82 стр., [1:с.88] и посвящается проблемам

истории Таджикистана, где рассмотрены актуальные вопросы истории. В этой работе автор пытается показать все основные направления разработки и ввод в научный оборот нераскрытых, спорных и актуальных вопросов истории в конце XIX и начале XX века, а также других направлений и задач истории Таджикистана в новейшее время. Дана характеристика истории советского общества, социалистического строительства, этнографии и истории культуры, археологии и другие направления. Важно отметить, что многие выводы и анализы академика в сфере исторической науки, которые были сделаны еще в 70-х гг. прошлого столетия, не утратили свою актуальность и по сей день. Он, в частности, неоднократно отмечал в своих работах, что история нашей республики должна изучаться неразрывно с историей других народов. При изучении исторических вопросов необходимо уделять внимание демографическим проблемам, и общественные явления необходимо изучать с учетом деятельности исторического процесса. По его словам, развитие исторической науки все в большей степени требует организации комплексных исследований на основе сотрудничества историков различных специальностей с философами, социологами, экономистами, юристами. [2: с.22]

Искандаров Б.И., крупный ученый – историк, долгие годы как руководитель института истории так же высказывал ценнейшие мнения о реальных возможностях развития исторической науки. В частности, отметил: «На современном этапе становится трудно охватить все стороны современной науки в целом, выявить ее основные направления, понять внутреннюю логику, тенденции и перспективы развития. Без учета этих факторов невозможно решать задачи создания основ организации планирования наукой»[3: с.30].Сегодня, на современном этапе развития исторической науки Таджикистана, тоже чувствуется важность и ценность этих высказываний академика.

Как директор Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН Республики Таджикистан и академик республиканской академии, ученый отдал много сил организации и развитию науки в стране. Круг интереса ученого в сфере истории и востоковедения всегда был широк. Он старался максимально раскрыть исторический контекст событий, показать взаимосвязь между разными народами, странами и культурами. В своих научных трудах не обходил и не сглаживал острые вопросы, так как в то время, когда ученый работал и занимался исследованием, существовали так называемые «запретные темы», заниматься которым было рискованно. Но его укрепила простая истина – «без знания прошлого, без глубокого уважения и бережного отношения к нему нельзя понять настоящее и предвидеть будущее».[4: с.154]

Ученые республики уделяли большое внимание изучению истории Таджикистана в советское время. В период гражданской войны все исследования носили информационный характер и освещались этапы борьбы двух политических сил. Но по мере подготовки новых кадров и работы научных учреждений изучение актуальных проблем истории стало возможным. Во время активной научной деятельности Б. Искандарова история гражданской войны[5] пока не была хорошо и полностью изучена. В то время эта проблема являлась очень актуальной. История рабочего класса[6], социалистическое строительство[7], культурная революция[8], аграрные преобразования сельского хозяйства[9], решения ряда политических и социально-экономических проблем, установление и упрочение Советской власти на территории Таджикистана и многие другие важные исторические проблемы являлись крупными актуальными вопросами истории и исторической науки.

Коллективизация сельского хозяйства, индустриализация в республике были важнейшими проблемами изучения истории советского периода Таджикистана. Значительное внимание уделялось изучению деятельности общественных организаций, существующих в советские времена. Раскрытие сложной классовой борьбы тоже являлось одной из задач историков той эпохи.

Естественно государство уделяло особое внимание развитию общественных наук, в том числе развитию исторических наук. В это время в пределах всего Советского Союза были опубликованы ряд научных трудов по истории СССР и народов этой страны. Эти и другие обобщающие труды сыграли важную роль в подготовке новых кадров. В постановлениях правительства делался основной акцент на актуальных проблемах разработки общественных наук, в том числе и истории. В целом в 70-ые годы поднялся авторитет советской исторической науки. Много историков участвовало в международных конгрессах, конференциях и показали преимущество научной методологии, научно-исследовательской деятельности. Но нужно отметить, что в основе научно-исследовательской деятельности советских ученых находились в основном партийные документы, и их работа велась под контролем политических, партийных убеждений. Это все повлияло на свободное и самостоятельное действие историка. Он оказался под влиянием партии и правительства в разработке коренных проблем развития исторической науки. То есть история, несмотря на представления исторических фактов и материалов, источников идеализировалась.

Много внимания уделялось Социалистической революции и героизм народа в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). Важно отметить, что историками Таджикистана были достигнуты большие успехи в освещении актуальных проблем истории, также в области археологии, этнографии, истории искусства и т.д.

Учитывая все вышеперечисленные актуальные проблемы истории, академик Искандаров Б. как директор Института истории, археологии и этнографии направлял все свои усилия на изучение и освещение актуальных проблем истории не только советского периода (начало XX века), но занимался проблемамы истории Таджикистана XIX века. Во многих научных и научно-популярных работах ученого мы ходим обсуждение разных проблем истории Таджикистана, связанных с актуальными вопросами конца XIX и начала XX века. На протяжении своей научной деятельности ученый написал много научных трудов по освещению разных проблем истории. В это время ведется борьба против фальсификации истории.

Несмотря на ограниченность тиража книг академика, они доходили до специалистов и получали признание. Они интересны и молодому поколению историков, которые активно пользуются ими во время своих исследований по разным проблемам истории Таджикистана и сопредельных народов.

В опубликованных трудах ученого содержатся ценные обобщения вопросов, вводятся в научный оборот документы, архивные, иные материалы, рассказываются общие закономерности исторического процесса, анализируются конкрентно специфические явления, присущие всем периодам истории Таджикистана. Глубокая разработка истории принимает особенно актуальный характер на современном этапе, когда расширяется действие исторической науки во всех направлениях.

Он боролся за истинную историю, такая, какая она есть. Для историка не должно быть забытых имен, белых пятен и «розовых очков». Он работал по принципу «честность и опора на факты». Только при помощи сбора фактов, сопоставления и анализа, соотнесения с историческим фактом можно восстановить причины и ход событий. Для того чтобы правильно и точно определить события из безграничного лабиринта и противоречивого фактического материала, важно иметь правильную методологию. Поэтому методология всегда важна во всех научных исследованиях по всем наукам.

В своей многообразной и разносторонней общественно-политической, публицистической и научной деятельности Б.И. Искандаров придавал большое значение вопросам истории, как в теоретическом, так и в конкретно-истроическом плане. Его труды по истории таджикского народа имеют большое научное значение. Исходя из поставленных задач, в результате исследования нам удалось определить основные этапы

формирования Б.И. Искандарова как историка, выяснить целостную концепцию учёного в области истории таджикского народа, а на основании работ учёного выделить главные направления его исследований, показать значение и место его трудов в таджикской исторической науке.

Историографические интересы Б.И. Искандарова воплощены в более 230 трудах, касающихся различных проблем исторической науки. Оставаясь преимущественно историком Таджикистана, он писал труды, поражающие мастерством критического анализа и зачастую превосходящее все, что было создано его современниками.

На основании изучения новых источников академик Б.И. Искандаров сделал шаг вперед по сравнению с предшественниками в освещении социально-экономической истории, исторической географии и духовной культуры таджикского народа в XIX-XX вв.

Академик Б.И. Искандаров раскрыл социально-экономическую обусловленность явления культуры, классовые противоречия культурной жизни, установил связь передовых культурных течений с освободительной борьбой народных масс, глубоко и всесторонне показал роль культуры в укреплении связей между народами.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Искандаров Б. Развитие исторических наук в Таджикистане / Б. Искандаров. –Душанбе, 1977. –С.88, 22, 30.
2. Искандаров Б. Трудный путь к знанию / Б. Искандаров. –Москва: МГУ, 1999. -С. 154.
3. Соловейчик М. Очерк возникновения и развития современного басмачества в Бухаре / М. Соловейчик. -М., 1923. В кН.: Гражданская война. Т. 3. -М., 1924. Искандаров Б. Бухара в 1918-1920 гг / Б. Искандаров. –Душанбе, 1970.
4. Алиджанов М. Рабочий класс Таджикистана в период строительства социализма (1933-1937 гг.) / М. Алиджанов. –Душане: Дониш, 1974. История рабочего класса Таджикистана. -Душанбе, 1972.
5. Комлекс научных трудов по проблемам коллективизации и кооперации в Таджикистане. Очерки по истории Таджикистана. Т.1. -Сталинабад, 1957.
6. Яхъяев М. Коллективизация сельского хозяйства в Таджикской ССР (1930-1936 гг.). уч. Записки / М. Яхъяев. – 1956. - вып. 2. -Т 15.


### ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АКАДЕМИКА БАХОДУРА ИСКАНДАРОВА В СБОРЕ И АКТУАЛИЗАЦИИ ПРОБЛЕМ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВЕКА


В статье рассматривается деятельность одного из патриархов истории таджикского народа советского периода, академика Баходура Искандарова в сборе и актуализации исторических знаний по проблемам истории XIX и XX вв. Восточной Бухары, Памира и других регионов современного Таджикистана. Бесспорно, ученый внес, весомый вклад в развитие исторической науки республики и в этой статье коротко изложены все стороны актуализации и развития этой науки 50-90 гг. прошлого столетия. Как директор Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН Республики Таджикистан и академик республиканской академии, ученый отдал много сил организации и развитию науки в стране. Круг интересов ученого в сфере истории и востоковедения всегда был широк. Он старался максимально раскрыть исторический контекст событий, показать взаимосвязь между разными народами, странами и культурами.



**Ключевые слова:** история, наука, актуальный, процесс, этнография, народ, труд, культура, разработка, этап, период, факт, методология.


### ACADEMIC ACTIVITIES BAHODUR ISKANDAROV COLLECTION AND ACTUALIZATION OF PROBLEMS OF THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE IN THE LATE XIX AND EARLY XX CENTURY


The article discusses the activities of one of the patriarchs of the history of the Tajik people of the Soviet period, academician Bahodur Iskandarova in the collection and updating of historical knowledge and problems in the history of the nineteenth and twentieth century's. Eastern Bukhara, Pamir and other regions of modern Tajikistan. Undoubtedly, the scientist has a significant contribution to the development of historical science of the republic and in this article briefly outlines all aspects of updating and development of the area of 50-90 years. the last century. As director of the Institute of History, Archaeology and Ethnography. A. Donish Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan and the Republican Academy academician, scholar gave a lot of effort into the organization and development of science in the country. Followed scientist in the field of history and Oriental Studies has always been wide. He was trying to maximize reveal the historical context of the events show the relationship between different peoples, countries and cultures.

**Key words:** history, science, topical, process, ethnographic, people, brainwork, culture, work performed, stage, period, argument, methodology.

**Сведения об авторе:** ***К.Н. Карамалишоев*** - ассистент кафедры истории таджикского народа исторического факультета Таджикского национального университета. E-mail: **malikfaridun@mail.ru**

## УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН БАДАХШАНА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Н. Худжасаидова***
**Таджикский национальный университет**

Начало 90-х годов XX столетия характеризуется резким упадком экономики страны, в том числе и промышленного производства, доля которого составляла 42,3%. Только в период с 1991 по 1994гг. производство потребительских товаров в республике упало на 50%, а в ГБАО на 65%. Многие промышленные предприятия в области, где 42,8% всех занятых составляли женщины, такие как хлебобулочный завод, мясомолочный комбинат и др. из-за отсутствия сырья и финансирования перестали функционировать. В результате 2871 чел., в том числе 1230 женщин, лишились своих рабочих мест. [5-24]

В экономике ГБАО важную роль играет гидроэнергетика, так как она призвана не только способствовать развитию всех отраслей, в том числе промышленности, обеспечению потребностей населения, но и увеличению финансовых доходов области. Поэтому в рассматриваемый период большое внимание уделялось освоению Памирской части государственного энергопроекта, в финансирование которого большой вклад внесли Фонд Ага Хана, Земельный банк, USAID (США), SDC (Швейцария), которые выделили 870000 долл. США. В результате только с 1994 по 2005гг. на территории области было построено и сдано в эксплуатацию 20 микроэнергетических станций и одна станция полной мощности, [1-2] где работали 14 женщин-специалистов, среди которых: М. Бодуренова, Ш. Азизбекова, М. Джонбобоева, Н. Алишерова, Э. Подшоева и др. [6-4] Положительным является то, что в процессе проектирования, строительства и ввода в эксплуатацию мини ГЭС-ов были привлечены женщины специалисты, такие как: К. Гуломшоева, С. Акдодова, В. Ниезова и др. [5-24] Так, например, по проектам К. Гуломшоевой были построены небольшие электростанции в кишлаках Баджув, Савноб, Баррушона Бартангской долины. [3-2]

Сегодня главным производителем электроэнергии является ГЭС Памир, принадлежащая фирме «Pamir Energy». Данная фирма была создана в октябре 1994г. при поддержке Правительства республики и Фонда Ага Хана. Следует отметить, что высокооплачиваемая работа с новой технологией в фирме возложена на женщин, которые составляют 20% всех сотрудников. В фирме работают более 50 женщин: 60% из них имеют высшее образование, 53% работают в качестве инженера-техника. Среди них: начальник административного отдела фирмы Гулджамол Абдулхофизова, мастер центрального управления энергоснабжения Сурман Мамадрахимова, инженеры Гулнора Хушкадамова, Арифа Давлатмамадова, Куксултон Навбахорова, Гулизор Абдулобидова, Махбуба Мулкамонова, Шахноза Мамадносирова, Махтоб Шабдолова.[2-8] С целью повышения квалификации женщин фирма регулярно посылает их на краткосрочные курсы и семинары в соответствующие организации республики.

С целью улучшения снабжения горных районов электроэнергией и эффективного использования водных и трудовых ресурсов, в том числе женских, министерство энергетики и промышленности Республики Таджикистан подготовило «Долгосрочную программу строительства каскада малых гидроэлектростанций на 2007-2020гг.», [4-3]

которая внесет вклад в развитие энергетической системы Бадахшана, в том числе и подготовку женских кадров для нужд отрасли. В рамках государственных инвестиционных проектов и за счет прямых инвестиций в ближайшие три года предусмотрено привлечение более чем 4,5 миллиарда сомони для строительства гидроэлектростанций и высоковольтных линий электропередач, что будет способствовать не только развитию экономики республики, в том числе ГБАО, но и создаст новые рабочие места и условия для широкого привлечения женщин и девушек республики в производственную деятельность.

Таким образом, в период независимости Республики Таджикистан, несмотря на трудности, заметно усилилось участие женщин ГБАО в промышленном производстве. В это дело определенный вклад внесли Хукумат и Комитет по делам женщин и семьи области, которые совместно с международными организациями, особенно Фондом Ага Хана, повышали социально- экономический уровень женщин и девушек, привлекали их в производственную деятельность. Эффективными оказались такие формы и методы работы, как, во-первых, решение вопросов безработицы среди женщин и обеспечение их рабочими местами; во-вторых, повышение квалификации работниц и подготовка специалистов для промышленной отрасли экономики ГБАО; в-третьих, организация малых производственных предприятий специально для женщин.

Ныне Хукумат и Комитет по делам женщин и семьи ГБАО, несмотря на сложные условия, продолжают последовательно осуществлять программу гендерного равенства в процессе экономических преобразований, нацеленных на создание эффективной рыночной экономики, устойчивого экономического развития и улучшения жизненных условий, особенно женщин, создания институтов, способствующих не только социально–экономическим преобразованиям, но и возрастающему участию в них женщин и девушек области.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Будущее Бадахшана обнадеживающее // Народная газета. - 2006, 15 ноябр.
2. Гуфтугу. - №3. - 2004. – С.8
3. И свет есть и тепло// Бадахшан. - 2006, 14 февр.
4. Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 25 апреля 2008г., г. Душанбе // Народная газета. - 2008, 29 апр.
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С.24.
6. Текущий архив Хукумата ГБАО. Отчеты Комитета по делам женщин и семьи области за 1995-2008гг.


**УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН БАДАХШАНА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**


Начало 90-х годов XX столетия характеризуется резким упадком экономики страны, в том числе и промышленного производства, что не могло не повлиять на экономику и ГБАО. В экономике ГБАО важную роль играет гидроэнергетика, так как она призвана не только способствовать развитию всех отраслей, в том числе промышленности, обеспечению потребностей населения, но и увеличению финансовых доходов области. Поэтому в рассматриваемый период большое внимание уделялось освоению Памирской части государственного энергопроекта, в финансирование которого большой вклад внесли Фонд Ага Хана, Земельный банк, USAID (США), SDC (Швейцария), которые выделили 870000 долл. США. На сегодняшний день на предприятиях гидроэнергетики области работают более 60 женщин.



**Ключевые слова:** экономика ГБАО, гидроэнергетика, развитие отраслей, промышленность, обеспечение потребностей населения, увеличение финансовых доходов области, Фонд Ага Хана, женщины-специалисты, привлечение женщин.


**PARTICIPATION WOMEN BADAKHSHAN AT DEVELOPMENT ECONOMY OF REPUBLIC TAJIKISTAN**


Begin 90 year XX century describe sharp decline economy country including and industrial production, that indubitable influence in industrial production of Badakhshan. At the economy important role play hydro-electric engineering especially at industry, securing needs population, but and augmentation financial income region.

**Key words:** economy GBAO, hydropower, development of industries, industry, addressing the needs of the population, an increase in financial income area, Aga Khan Foundation, professional women, attract women.

**Сведения об авторе:** ***Н. Худжасаидова*** – старший преподаватель кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: 938-63-03-24

## ИНЪИКОСИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ ТОҶИК

***Ф.К. Қараев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои кулли фарзандон ва шаҳрвандони давлати собиқ Иттифоқи Шӯравӣ Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ имтиҳони ҷиддие буд, ки хушбахтона фарзандони ин давлати сермиллат аз ин имтиҳони тақдиросоз сарбаландона баромаданд.

Оғоз гаштани ҷанги хонумонсӯз тамоми мардуми сайёраро дар канор гузошта наметавонист: Аз рӯзҳои аввали сар задани ин воқеаи ҳузнангез аҳли адаби ҷумҳурӣ худро ба ҷабҳа даъватшуда меҳисобиданду тамоми фаъолияти минбаъдаи худро ба корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ бахшида буданд. Дар солҳои Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ мавзӯи ватандӯстӣ дар эҷодиёти шоирон ва нависандагони тоҷик боз ҳам равнақ ёфта, андешаҳои ватандӯстонаи шоирон бо ғояҳои инсониятпарварӣ, дӯстии халқҳоқ бой гардид. Дар ин солҳои мудҳиш эҷодиёти шоиру нависандагони Тоҷикистон бо муборизаи диловаронаи фарзандони далеру шуҷои халқи хеш бар зидди душманон равона гардидани онҳо буд.

Пири хиради қаламкашони тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ яке аз барҷастатарин нависандагоне мебошад, ки ашъори пурғановати ӯ саросар аз муҳаббат ба диёр, халқ ва Ватан бахшида шудааст. Манзури мо осори пурғановати дар солҳои ҷанг эҷодкардаи устод Айнӣ, мебошад. Устод Айнӣ ки худ ҷабру шиканҷаи замони ноадолатиҳои амириро кашида буд, аз ин хотир, аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин воқеаи ҷанг дар ҷамъомади дар майдони Регистони Самарқанд баргузоргардида, баромада, ҳамдиёронро ба ҳимояи Ватан даъват намуд. Устод Айнӣ пас аз лашкар кашидани душманони инсоният бар зидди давлати Шӯравӣ тамоми фаъолияти худро ба таранnуми халқу диёр, корнамоиҳои фарзандону шаҳрвандони худ бахшидааст.[1] Устод Айнӣ дар мақолаи худ ҳамаи он чорабиниҳои ҳукумати Шӯроро дар бобати таъмин намудани фронт ва ҷанговарон бо маводи озуқа ва пӯшока дастгири карда, дигаронро низ талқин мекунад, ки саҳмгузор бошанд. Устод Айнӣ мекӯшид шаҳрвандону фарзандони шуҷои ватанро, аз рӯзҳои аввали оғоз гаштани ин ҷанги хонумонсӯз корнамоиҳои бемислу монанди онҳоро дар шеъру достонҳои худ тарғибу тасдиқ кунад.[2] Дар ин шеъри худ устод Айнӣ тамоми табақаҳои ҷамъиятиро ба муборизаи зидди қувваҳои душманони инсониятро дар шеъру достонҳои худ таҷассум кардааст. Дар ин солҳои мудҳиш устод Айнӣ зиёда аз 30 шеъру достонҳо эҷод кардааст, ки аксари эҷодиёти ӯро дар ин давра тамоили ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ ташкил медиҳанд. Устод Айнӣ дар достону очеркҳои таърихии эҷодкардаи худ симои манфури душманони инсониятро таҷассум кардааст. Устод Айнӣ симоҳои барҷастаи фарзандони миллати хешро ба образ дароварда аз боби диловарӣ ва қаҳрамонии фарзандони миллати хеш бар зидди қувваҳои аҳриманӣ ду асари таърихии худро бо номи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқанаъ» пешкаши хонандагони худ гардонид, ки устод Айнӣ дар асарҳои худ саҳифаҳои қаҳрамонии фарзандони халқи хешро дар мубориза бар зидди аҷнибиёни хориҷӣ ва шармандавор шикаст хӯрдани онҳо дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ таҳқиқ карда, пешкаши хонандагон гардонидааст.[3] Устод Айнӣ

навиштааст, ки бо офаридани шеъру достонҳои худ рӯҳияи ватандӯстӣ ва ватанпарварии фарзандони диловари миллати худро бар зидди қувваҳои аҳриманӣ инъикос намояд. Ба ғайр аз ин, устод Айнӣ дар як қатор шеърҳои дар ин солҳои пурошӯб навиштаи худ, ба мисли «Қаҳрамонии Ленинград», «Суруди Зафар», «Қасидаи ҷанг ва зафар». Корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии фарзандони шуҷои халқу миллати хешро дар ин солҳои пурошӯб ба хонандагон муаррифӣ кардааст. Ҳар як давру замон бо хусусиятҳои хосси фарқкунандаашон аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Қарни XX-ро метавон қарни тиллоии тоҷик номид. Зеро, ин қарн бо хусусиятҳову чеҳраҳои дурахшони илму фарҳангаш аз ҳама асрҳои сипаригардида ба куллӣ фарқ мекунад, ки дар саргаҳи ин қарни тиллоӣ, бешубҳа, фарзандони фарзонаи миллат Устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода меистанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзӯи ватандӯстӣ, муҳаббат ба ватану диёр ва халқ дар ашъори Мирзо Турсунзода боз ҳам вусъат ёфта, андешаҳои ватандӯстонаи шоир ба ғояҳои инсонпарварӣ, дӯстии халқҳо муҳаббат ба халқу миллат хеле ғанӣ гардида буд. Устод бо ашъори шакарини худ аҳли ҷомеа ва заҳматро ба мубориза бар зидди душманони халқу ватани хеш даъват менамуд. Устод Мирзо Турсунзода дар ин солҳои мудҳиш як силсилаи шеъру достонҳо, аз амсоли «Хайр модари азиз», «Хотираи капитан», «Баҳодури тоҷик», «Ҳамшаҳриҳо», «Роҳи оҳан», «Ҳаргиз», «Ба ҷанг», «Офарин» ва ғайраро дар ин солҳо офаридааст.[4] Бузургтарин асари устод Мирзо Турсунзода дар ин солҳои пурошӯб «Писари ватан» ном дорад, ки он соли 1942 аз нашр баромадааст. Мавзӯи асосии достон корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ, муборизаи фаъолонаи онҳо ба муқобили фашистони истилогар ва дар ҷараёни ин мубориза боз ҳам мустаҳкамтар гардидани дӯстии халқҳои давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҷассуми худро ёфтанд. Бешубҳа, достони «Писари Ватан»-и устод Мирзо Турсунзода бо эътибори шаклу мазмуни худ яке аз беҳтарин асарҳои адабиёти давраи ҷангии адибони тоҷик дар ин солҳои пурошӯб ба шумор меравад. Ашъори устод Мирзо Турсунзода сару по муҳаббати ватан, халқ, диёрро дар бар мегирад. Аввалҳои соли 1942 устод Мирзо Турсунзода дар якҷоягӣ бо шоири варзидаи тоҷик А.Деҳотӣ достони навбатии худро бо номи «Барои Ватан» пешкаши хонандагон гардониданд.[5] Соли 1944 устод Мирзо Турсунзода Либреттои «Тоҳир ва Зӯҳро»-ро навишт.[6] Шоир дар достони худ одамони советиро бар зидди қувваҳои аҳриманӣ ба муборизаи далерона даъват менамояд. Маҳз чунин шоирони забардаст, аз қатори устод Мирзо Турсунзода буданд, ки аҳли зиё ва фарзандони шуҷои ватан бо достону шеърҳои пур аз муҳаббат нисбат ба халқу диёр доштаи онҳо руҳбаланд гардида, баҳри ғалаба ҳиссаи арзандае гузоштаанд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳар як қавму миллати давлати собиқ Шӯравӣ имтиҳони ҷиддие буд. Аз рӯзҳои аввали оғоз гаштани ин ҷанг, ҳама шаҳрвандони хурду калони ин давлати сулҳхоҳӣ кӯшиш менамуданд, ки аз ин имтиҳони ҷидди бо сарбаландӣ бароянд. Ҷанги саршуда на хурд мегуфту на калон. Ҳама аз рӯзҳои аввал барои ҳифзи як порчаи давлати хеш бар зидди қувваҳои аҳриманӣ бархоста буданд. Аҳли адаб аз зумраи он фарзандони сарсупоридаи миллате буданд, ки ватанро дар рӯзҳои мушкил дар канор намонда, ҳама якдил ва якҷон баҳри ҳимояи он бархоста буданд. Яке аз чунин Қаҳрамонони майдони озодии ватани хеш, нависандаи машҳургардидаи миллати хеш устод Раҳим Ҷалилов мебошад.

Асарҳои тадқиқотии Раҳим Ҷалил, ба мисли тадқиқотҳои шахсҳои алоҳида тасвир ёфтааст. Аксари қаҳрамонҳои очеркҳо ва китобҳои ба солҳои ҷанг тааллуқдоштаи Раҳим Ҷалил шахсоне мебошанд, ки худ бевосита дар ҷабҳа иштирок карда аз корнамоиҳои ҷангӣ нишон доданд. Нахустин очерки таърихии ба ҷанговари номдори тоҷик бахшидаи Раҳим Ҷалил бо номи «Қаҳрамон» аз нашр баромада

буд.[7] Асари номбурда аз номи корнамоиҳои ҷангии нахустқаҳрамони тоҷик аз манотиқи Осиёи Миёна Неъмат Қарабоеви Соиғорӣ, ки ҳанӯз дар муҳорибаи зидди финҳои сафед шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон дода, ба гирифтани унвони Олии ватан Қаҳрамони Иттиҳоди Советӣ сазовор гардида буд, бахшида шудааст. Раҳим Ҷалил дар очерки тадқиқотии худ доири қаҳрамониҳои ҷангии нахустқаҳрамони Осиёи Миёна Неъмат Қарабоев ба хонанда маълумоти мафассалро пешкаш кардааст. Пас аз мутолиаи очерк ҳис мекунад, ки муаллиф дар ҳалли мавзӯи ҷанг, тасвири реалии воқеияти муҳориба таҷрибаи кам дорад. Рафти корнамоиҳои ҷангии қаҳрамон ба тарзи конкретӣ нишон дода нашудааст. Дар асар манзараҳои ҳарбу зарб ва корнамоиҳои қаҳрамон сатҳӣ, яъне рӯякӣ ва то як дараҷа аз ҳақиқат дур тасвир шудааст. Қаҳрамони очерки номбаршуда дар вақти иҷрои супориш дар роҳ ба аскарони душман дучор меояд, ки «аз се тараф чанд нафарӣ гаваккашон» сӯйи ӯ меоянд. Қарабоев чанд нафари онҳоро бо граната нобуд месозад, «ҳафт ҷойи шинелаш аз тир» сӯрох мешавад, вале ба худи ӯ осебе намерасад. Чи тавре дида шуд, дар очерк амалиётҳои қаҳрамон ва шароити майдони муҳориба бо тамоми мушкилӣ ва мураккабиаш конкретӣ-ё ба ҳақиқат наздик тасвир карда нашудааст. Ғалабаи ӯ бар душман хело осон ва бе ҳеҷ душворӣ ба анҷом мерасад. Аз ин хотир, образи Қарабоев дар очерк чун образи зиндаи ҷанговар, ки дорои беҳтарин хислатҳои одамони замони худ, яъне дӯстдори ватан, диёр инъикоси худро наёфтааст.

Очерки бадеӣ ва таърихии дигари ин нависандаи машҳур аз боби корнамоиҳои ҷангии фарзанди дигари диёри худ Исмоил Ҳамзаалиев бо номи «Қаҳрамони Исмоили Сомғорӣ» ном дорад.[8] Дар очерки «Қаҳрамони Исмоили Сомғорӣ» низ ба мисли очерки «Писарҷон» муаллиф кӯшидааст, ки сифату хусусиятҳои ҷасурии ҷанговаронро дар рафти амалиётҳои ҷангӣ равшантар ба хонанда пешкаш намояд. Раҳим Ҷалил фаъолияти ҷангӣ ва қаҳрамонии Исмоил Ҳамзаалиевро дар ҷабҳа нишон дода, аввал дар бораи корнамоиҳои ӯ ба таври мушаххас ба хонандагон маълумот медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки Исмоил Ҳамзаалиев дар майдони ҳарбу зарб чун нишонзани моҳир ном баровардааст. «Тӯпи ӯро ҷанговарони қисм «ҳозирҷавоб» меномиданд. Исмоил бо тӯпи дӯстдоштааш роҳи дуру дарози ҷангро тай кардааст». Дар очерки «Қаҳрамон Исмоили Сомғорӣ» муаллиф диққати хонандаро ба манзараи корнамоии фарзанди тоҷик, ки дар натиҷаи он ба гирифтани унвони олии ватан Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гаштааст, бештар аҳамият дода ва ин манзараро ба тафсир пешкаши хонандаи худ гардонидааст: Мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ-мавзӯи қаҳрамонӣ, диловарӣ ва мағлубнопазирии халқҳои сулҳпарвари давлати Шӯравӣ дар солҳои баъдиҷангӣ гардида буд. Яке аз нависандаи машҳури дигари тоҷик Ҷалол Икромӣ мебошад, ки ӯ низ дар бораи корнамоиҳои ҷангии фарзандони халқу диёри худ дар ин солҳои пӯрошӯб як қатор очерку достонҳои таърихӣ ва бадеи офаридааст, ки яке аз онҳо «Достони марди танкшикан» ном дорад. Ҷалол Икромӣ пеш аз он ки қаҳрамони худро дар ҷабҳа нишон диҳад, ҳаёту фаъолияти онҳоро дар ақибгоҳ, дар солҳои пеш аз ҷанг ва дар арафаи саршавии ҷанг, тасвир намудааст. Очеркҳои таърихии давраиҷангии Ҷалол Икромӣ аз очеркҳои дигар адабиётшиносони тоҷик, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки тарҷумаи ҳоли қаҳрамони асосӣ ва иштироки онҳо дар ҷанг нисбатан бо тафсил баён гардидааст. Ҷиҳати муҳимми очерки устод Икромӣ иборат аз он аст, ки бо ташаккули сифату хислатҳои ҷанговарон, дар баёни фикру андеша ба тасвири ҳолатҳои рӯҳии онҳо бештар диққат дода шудааст. Домуллоҷон (очерки «Қаҳрамони канори Днепр») ҷавони басо ҷасур ва тануманд дар очерк тасвир карда шудааст. Фаъолияти доимии ҷангии Домулло Азизов ба ду лаҳза тасвир карда шудааст, ки Азизов. Д чӣ тавр ба разводни рафта, ба ду солдати немис вомехӯрад ва яке аз онҳоро ба асирӣ мегирад.

Дар давраи дуюм дар вазъияти хело мушкил ва нохуш бо ҳамяроқонаш аз дарёи шӯхоби Днепр гузашта, диққати аскарони душманро ба тарафи худ ҷалб карда, бо ин кораш ба пешравии ҳайати ҷанговарони бригадаи худ роҳ кушодааст. Нависанда кӯшиш намудааст, ки дар ин ду эпизод фаъолияти қаҳрамони худро нишон дода, ба таври муқоисавӣ он дигаргуние, ки дар хислату рафтори қаҳрамони худ дар майдони ҳарбу зарб ба вуҷуд овардааст, нишон диҳад.

Нависандаи машҳури дигари тоҷик, ки ашъори он саропо аз муҳаббат ба Ватану ватандорӣ ва садоқат ба халқу диёр бахшида шудааст, устод Абдусалом Деҳотӣ мебошад.

Абдусалом Деҳотӣ низ мисли устодони худ кӯшидаст ҷонбозиҳо ва корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии фарзандону шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин солҳои пурошӯбу мудҳиш ба қалам диҳад. Дар лирикаи ватандӯстонаи Абдусалом Деҳотӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ публитсистии ҷанговарон бо лиризми ҳароратноке омехта шуда, эҳсосоти муборизони роҳи озодии Ватанро ба пуррагӣ рӯйи қоғаз овардааст. Яке аз достонҳои калонтарини устод Деҳотӣ дар якҷоягӣ бо шоири машҳури тоҷик Турсунзода соли 1942 бо номи «Барои Ватан» пешкаши хонандагон гардид. Нависанда кӯшидааст аз боби корнамоиҳои ҷангии шаҳрвандону фарзандони хеш, ки дар солҳои мудҳиши ҷанг ба ҷабҳа барои ҳимояи ватану халқ ва давлат рафта буданд, рӯйи қоғаз орад. Ашъори ин нависандаи машҳур дар солҳои ҷанг аз ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва очерку мақолаҳои публитсистӣ иборат мебошад.

Сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоир ва нависандагони тоҷикро дар канор нигоҳ дошта натавонисту онҳо низ дар қатори ҳазорон фарзандони шуҷои ватани хеш ба ҷабҳа рафта, бар зидди қувваҳои аҳриманӣ ҷангида, аз худ корнамоиҳои ҷангӣ нишон доданд. Ҳамин тавр, аҳли зиё дар баробари ба муқобили душманони давлати худ ҷангидан тавонистанд, ки масъалаҳои гуногуни солҳои мудҳиши Чанги Бузурги Ватаниро дар асару достонҳои худ инъикос намоянд. Аҳли зиёи Тоҷикистон дар ин солҳои пурошӯб қаламкашонро танҳо баҳри амалӣ гардонидани ҳамин мақсад равона карда буданд.

## АДАБИЁТ


1. С. Айнӣ. Фонди мудофиаро табрик мекунам / С. Айнӣ // Тоҷикистони сурх. – 1941. – 7 июн.
2. С. Айнӣ Мо зи Гитлер нахоҳем тарсид / С. Айнӣ // Тоҷикистони сурх. – 1941. – 24 июн.
3. С. Айнӣ Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, Исёни Муқанаъ / С. Айнӣ. –Душанбе: «Ирфон»,1987.
4. Мирзо Т. Писари ватан / Мирзо Т. – Сталинобод, 1942.
5. Мирзо Т. Барои Ватан / Т. Мирзо, А. Деҳотӣ. – Сталинобод, 1942.
6. Мирзо Т. Тоҳир ва Зӯҳро / Т. Мирзо. – Сталинобод, 1944.
7. Раҳим Ҷ. Қаҳрамон. Исмоили Сомғорӣ «Ҳикояҳои замони ҷанг» / Ҷ. Раҳим. –Сталинобод, 1944.
8. Ҷалол И. Достони марди танкшикан / И. Ҷалол // «Ҳикоя ва Очеркҳо». -Сталинобод, 1960.


## ОСВЕЩЕНИЕ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ В ТРУДАХ ТАДЖИКСКИХ ПОЭТОВ


В статье говорится о деятельности писателей и поэтов Таджикистана в годы Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. Знаменитые поэты и писатели этого периода, такие как С. Айни, Дж. Икрами, Р. Джалил, М. Турсунзаде посвятили свои труды отражению героизма сыновей таджикского народа в борьбе против фашизма. Этому вопросу было даже посвящено несколько романов, повестей и стихов.



**Ключевые слова:** войны, поэт, творчество, поэт, отраженье.


## LIGHTING THE GREAT PATRIOTIC WAR IN THE WORKS TAJIK POET


In article it is told about activity of writers and poets of Tajikistan in days of the Great Patriotic War of 1941-1945. The well-known poets and writers of this period, such as S. Ayni, J. Ikrami, R. Jahleel, M. Tursunzade devoted the works to reflection of heroism of sons of the Tajik people in fight against fascism. Even some novels, stories and verses were devoted to this question.



**Key words:** war, poet, creativity, poet, reflections.



**Сведения об авторе:** ***Ф. Караев*** - доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: 933-13-10-41

# ВКЛАД ЖЕНЩИН ТАДЖИКИСТАНА В СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ИСКУССТВА

***Г. Мухаббатова***
**Таджикский национальный университет**

Процесс формирования профессионального искусства таджикского народа в 20-30-х годах непосредственно связан с культурным населением.

С образованием Таджикской автономной республики разрабатывались мероприятия по использованию ценностей культурного населения.

Безусловно на пути использования культурного наследия таджикского народа были затруднения, в частности отсутствовала материальная база, профессиональные кадры и т.д. Все это оказывало непосредственное влияние на время и процесс появления жанров искусства.

Известно, что на базе кружков художественной самодеятельности фактически возникло профессиональное таджикское искусство. В 1929 году был открыт первый профессиональный театр – Государственный таджикский академический театр им. А.Лахути. «Второй профессиональный Ходжентский музыкальный театр открыт в 1934 г., в 1936 г.- Хорогский музыкально- драматический театр, и 1937 г. созданы Государственный русский театр драмы им. Маяковского и Таджикский музыкальный театр. С 1938 г. начала свой творческий путь Таджикская государственная филармония, в 1939 г. был организован Памирский этнографический ансамбль, а в 1940 г. –Союз композиторов Таджикистана».[1]

Через театры таджикский народ знакомился с русской и мировой культурой. Репертуар театров республики был посвящен актуальным проблемам: строительству социалистического общества, раскрепощению женщин, борьбе против феодально-байских пережитков и т.д. следует отметить, что выход таджички на сцену представлял большую трудность, поэтому первыми актрисами были татарки или женщины другой национальности. Исследователь Р.А. Набиева пишет, что «бывали случай, когда роль женщины в спектаклях исполняли мужчины. Начиная с 1926 г., в спектаклях стали участвовать таджички. Так, в Исфаринском театре первой женщиной, вступившей на подмостки, была Мохиджамол Сабирова. Вслед за ней на сцену вышли комсомолки – Зайнаббиби Шакирова, Фарогат Собирова, Рахимахон Хамидова, Ашурбиби Азимова, Нишонбиби Солиева и другие вначале на репетицию они приходили тайком и под паранджой».[2]

Открытие как профессиональных, так и народных самодеятельных театров, их репертуар неуклонно диктовал кардинальное решение проблемы кадров, особенно из числа женщин-таджичек. Даже в условиях Таджикистана 30-х годов привлечение женщин в театры было трудной задачей. Женотделы партийных организаций совместно с работниками Советов, особенно комитетов комсомола, проводили большую практическую работу в этом деле.

Следует отметить, что первой женщиной-таджичкой, которая пришла работать в театр, была Гульчехра Бакаева.[3] Она после выступления в самодеятельном драматическом кружке в 1929 г. была приглашена на работу в Таджикий государственный драматический театр им. А.Лахути. Г. Бакаева также выступала с концертами и спектаклями в районах и кишлаках республики.

В репертуаре Гульчехры Бакаевой роли Эмили в «Отелло», кормилицы в «Ромео и Джульетте» Шекспира, матери и пьесе «Саодат» были очень впечатляющими. С большим

успехом актриса выступила в роль Ганны Лихта, заместителя министра одной из демократических стран в пьесе Николая Вирты «Заговор обреченных».[4]

За большие заслуги в области театрального искусства в 1939г. Г.Бакаевой было присвоено звание «Заслуженная артистка Таджикистана», а в 1941г. после успешного выступления в ряде ролей на декаде таджикского искусства в Москве ей было присвоено звание «Народной артистки Таджикской ССР», была награждена ордером Трудового Красного Знамени.

С целью дальнейшего улучшения деятельности учреждений искусств республики в марте 1936г. Постановлением ЦИК Советов и СНК Таджикской ССР было образовано «Управление по делам искусств при Совете Народных Комиссаров Таджикской ССР». Анализ и обобщение фактического материала показали, что управление по делам искусств уделяло особое внимание подготовке и повышению квалификации кадров, особенно из числа женщин, для учреждения искусств. В 1936-1937 учебном году при Государственном институте театрального искусства им.Луначарского в г. Москве была открыта таджикская студия, где обучалось 34 человека. В их числе были и женщины: Х.Ахророва, Б.Алифбекова, Ш.Сидыкова, Х. Насибулина[5] и др.

Естественно, основной кадровый потенциал для учреждений искусств и культуры должен был готовиться в Таджикистане. Поэтому в исследуемый период было уделено особое внимание решению этого вопроса. С этой целью в 1929 г. в г.Душанбе была открыта музыкально-театральная студия , которая затем была переведена в г.Ходжент, на базе этой студии был создан музыкальный техникум, где обучалось 119 юношей и девушек.

На наш взгляд, большой удачей было создание в 1934 году художественного училища, состоящего из трех отделений: театрального, музыкального и изобразительного. На этих отделениях обучалось 90 студентов. Выпускники этого училища успешно трудились на сценах театров, работали музыкантами, художниками не только в учреждениях искусств г.Душанбе, но и в других театрах, ансамблях городов и районов республики.

Важно отметить, что в 30-е годы из среды народа вышли замечательные молодые таланты и в сфере искусства. К их числу можно отнести народную артистку СССР (1957г), Лауреата Государственной премии им. Рудаки Республики Таджикистан (1977г.) Туфу Фазылову.

Т. Фазылова выступала в художественной самодеятельности г.Канибадама, затем прошла большую школу в учреждениях искусств г.Душанбе. Впервые она выступила в роль Лолахона в пьесе К.Яшена «Лолахон». Затем Т.Фазылова исполняла роль Халимы («Халима» Г.Зафари), Гульчехры («Оршин мол-олон» У. Гаджибекова), Нушофарин («Восстание Восе» Баласаняна), Микаэла («Кармен» Ж.Бизе) и много других.

Важно отметить, что с образованием профессиональных театров ежегодно увеличивалось количество артисток. Так, если в 1930г. артисток местной национальности было 5, в 1993 г.- 15 человек, то в 1937 г. их стало около 40 человек.[6] В этом деле определенную роль сыграло художественное отделение Душанбинского женпедтехникума. Выпускницы этого техникума: Саидахон Раджабова, Мастура Муллоджанова, Сановбар Бакаева и многие другие успешно работали в профессиональном таджикском театре.

С целью улучшения качества подготовки кадров в г.Ходженте (1934г.) был открыт художественный техникум, где учились 120 студентов, а в 1935 г. их число составило 180 человек.[7] В коллективе преподавателей техникума работали талантливые педагоги: О.Н.Серова, О.С. Пивоварова и Х.Умарова. Отличницы техникума –Н. Кадырова, Касымова и Каримова активно участвовали в общественной жизни техникума.[8] Лучшие выпускницы техникума, направляемые на работу в районы, организовывали там новые

кружки художественной самодеятельности. Выпускницы техникума пополнили также ряды Ленинабадского музыкального театра, на сцене которого ставили пьесы «Саодат» Р. Джалила, «Хуки» М. Турсун-заде и «Дохунда» по роману С. Айни. Главные роли в них исполняли М. Асланова, Г. Бабаева, К. Закирова, Х. Мавлянова, Р. Султонова.

В становление таджикского профессионального театра существенный вклад внесла Софья Эрджановна Туйбаева. В 1931г. она из Ташкентского драматического театра им. Хамзы Хакимзаде перешла в Таджикский государственный драматический театр им. А. Лахути. С. Туйбаева по оценке театроведов считается лучшей исполнительницей лирико-драматических ролей в 30-е и 40е годы в XX столетия.

Необходимо отметить, что в создании образа женщин на таджикской сцене С. Туйбаева добилась замечательных успехов. Она великолепно сыграла роль Джульетты («Ромео и Джульетта» У. Шекспира), Гурдофарид («Рустам и Сухроб» А Пирмахммадзаде и В. Волькенштейна), Зарринигор («Тахмос Ходжентский» М. Касымова и С.Саидмуродова)[9] и многие другие.

В исследуемый период с целью улучшения нравственно-эстетического воспитания граждан было уделено особое внимание организации агитбригад театров в районах республики.

Одна из них была послана в Джиликульский, Аральский и Курган-Тюбинский районы. Вторая агитбригада выступила перед тружениками – Гарма, Куляба и Калай-Хумба. Третья агитбригада состояла из Ходженского театра и музыкального техникума. Она обслуживала северные районы – Ходжентский, Пенджикентский, Ура-Тюбинский и Аштский.[10] Необходимо отметить, что эти агитбригады помогали духовному обогащению женщин-таджичек и способствовали приобщению их к искусству.

К концу 30-х годов особенно участился выезд театров на гастроли в районы республики. Только в 1940г. театры выехали почти по все районы республики. Кукольный театр побывал в районах Ленинабадской области. В репертуаре театра»Лампа Алладина», «В горах Сурама», «Дочь красильщика», «Хосият», «Колобок», «Репка» и другие пьесы на таджикском и русском языках.[11]

В районы республиканского подчинения выезжал колхозный театр с репертуаром: музыкальная комедия У.Гаджибекова «Аршин-Малалан», пьеса Саидмуродова «Осел в раю» и ряд концертных программ.

Необходимо отметить, что известные музыковеды, исполнители: Ходжи Абуазаз, Содирхон внесли свою лепту в развитие музыкальной культуры таджикского народа. Они подготовили из числа женщин певцов, музыкантов. Так, Содирхон обучал искусству пения «Шашмаком» Зебохон, которая затем поехала в Мекку, где прожила там 10-12 лет и умерла.[12]

Необходимо отметить, что в Таджикистане ежегодно росло не только, число но и качество жанров музыкального искусства. Об этом свидетельствует создание на музыкальной базе театра имени А. Лахути Таджикского театра оперы и балета имени С.Айни, где были поставлены оперы: «Восстание Восе» (1939 г.), «Кузнец Кова» (1941г) С.А. Баласаняна и другие.

Создание Таджикского театра оперы и балета оказало существенное влияние на качественный рост хореографического искусства. Именно в конце 30-х годов искусство таджикского народа обогатилось новым профессиональным жанром искусства -балетом. Лучшие танцовщицы были приглашены на работу для исполнения ролей в балете. Среди них была Азиза Азимова - одна из первых балерин Таджикистана и первая женщин – профессиональный балетмейстер.[13] Она родилась в Ура-Тюбе, училась в Москве и в Доме Бухарского просвещения. С 1930г. начала работать в качестве актрисы Академического театра имени Хамзы. А в 1937 г. была приглашена на работу во вновь организованный музыкально-комедийный театр в качестве артистки балета (ныне театра

оперы и балета имени С. Айни). Так начинается путь женщины-таджички в профессиональное искусство.

Забота о развитии народного танцевального искусства республики заставляет А.А. Азимову отправиться в отдельные кишлаки и районы Таджикистана. Эта забота привела её на Памир (ГБАО). Тут при Хорогском доме культуры она создает танцевальный ансамбль «Памир». Ею был создан Государственный фольклорный ансамбль песни и танца «Наргис», который стал одним из наиболее популярных коллективов Афганистана. Успешно выступила как у себя в стране, так и за рубежом».[14]

В становление и развитие киноискусства определенный вклад внесли и женщины. В кинокартине «Эмигрант» дебютировала Софья Эрджановна Туйбаева, первая женщина республики, сыгравшая роль в кино.[15]

В 20-30-х годах при помощи братских республик проводилась колоссальная работа по становлению и развитию профессионального театрального, музыкального, хореографического искусства и кино. Хотя таджикский народ имеет древнейшую и богатую художественную культуру, однако в исследуемый период появились новые жанры в сфере искусства: театр, хореография, опера, балет, кино и т.д.

Безусловно, в условиях 20-30-х годов на пути привлечения женщин-таджичек в театральное искусство было немало трудностей и недостатков. Даже иногда встречались перегибы со стороны отдельных государственных и общественно-политических организаций в вовлечении и повышении роли женщин в развитии профессионального искусства. Однако благодаря постоянной заботе партийных и государственных органов ежегодно увеличивалось количество талантливых женщин, обогащающих профессиональное искусство таджикского народа.

В золотой фонд культуры таджикского народа вошло творчество народных и заслуженных артистов: Т. Фазыловой, А.Азимовой, С. Туйбаевой, Л. Захировой, А. Носировой, С. Бандишоевой, Р. Арслановой и многих других, которые сыграли большую роль в подготовке женских кадров для различных отраслей искусства.[16]

Таким образом, благодаря многогранной деятельности работников сферы искусства удалось провести большую эффективную работу по раскрепощению женщин-таджичек и повышению их роли в развитии искусства таджикского народа.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Султонов Ш.М. Расцвет культуры Советского Таджикистана / Ш.М. Султонов // Великий Октябрь в исторических судьбах таджикского народа. -Душанбе: Ирфон, 1987. - С.190.
2. Набиева Р.А. Исторический опыт раскрепощения женщин Таджикистана и повышение их роли в строительстве социализма (1917-1937 гг.): дисс…докт.ист.наук / Р.А. Набиева. -С.303.
3. Нурджанов Н.Х. История таджикского советского театра / Н.Х. Нурджанов. -С.51-52.
4. Коммунист Таджикистана. -1993.-6 марта.
5. ЦГА РТ,ф.20, оп.2,д.208.л.61.
6. ЦГА РТ, ф. 360, оп.I, д. 226,л.32.
7. Комсомоли Тоҷикистон.- 1934.- 5 мая.
8. Набиева Р. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм.-С.187.
9. Точикистони Сурх.- 1936.-22 нояб.
10. Набиева Р.А. Исторический опыт раскрепощения женщин Таджикистана и повышение их роли в строительстве социализма (1917-1937 гг.): дисс…докт. ист.наук / Р.А. Набиева. -С.305.
11. ЦГА РТ, ф. 360, оп.2, д.202,л.7.
12. Мухторов А. Мероси ниёгон / А. Мухторов. –Душанбе: Шарки озод, 1999. - С.123.
13. Отахонов Т. Маликаи ракс / Т. Отахонов, Ю. Кушко. -Душанбе: Адиб, 1992. -58 с.
14. Темуров Б. Наш любимый профессор / Б. Темуров //Олами хунар. - 2003.- 31 янв.
15. Исламов Н. Искусство миллионов / Н. Исламов // Славное сороколетие. -С.340.
16. Набиева Р. Роль женщин в обществе / Р. Набиева.- Душанбе: ТГНУ, 1999. –С.307.

**ВКЛАД ЖЕНЩИН ТАДЖИКИСТАНА В СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ИСКУССТВА**

Процесс формирования профессионального искусства таджикского народа в 20-30-х годах непосредственно связан с культурным населением. На пути использования культурного наследия таджикского народа были затруднения, в частности отсутствовала материальная база, профессиональные кадры и т.д. Все это оказывало непосредственное влияние на время и процесс появления жанров искусства. На базе кружков художественной самодеятельности фактически возникло профессиональное таджикское искусство. Через театры таджикский народ знакомился с русской и мировой культурой. Открытие как профессиональных, так и народных самодеятельных театров, их репертуар неуклонно диктовал кардинальное решение проблемы кадров, особенно из числа женщин-таджичек. Даже в условиях Таджикистана 30-х годов привлечение женщин в театры было трудной задачей. Женотделы партийных организаций совместно с работниками Советов, особенно комитетов комсомола, проводили большую практическую работу в этом деле. Благодаря многогранной деятельности работников сферы искусства удалось провести большую эффективную работу по раскрепощению женщин-таджичек и повышению их роли в развитии искусства таджикского народа.

**Ключевые слова:** формирование профессионального искусства, народные самодеятельные театры, многогранная деятельность работников сферы искусства, повышение роли женщин в развитии искусства таджикского народа.

**CONTRIBUTION WOMEN OF TAJIKISTAN IN THE DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL ART**

The process of formation of professional art of Tajik people in the 20-30-ies directly linked to the cultural community. On the way of the cultural heritage of the Tajik people have difficulties, in particular there was no material resources, professional staff, etc. All this has a direct impact on the time and the process is the emergence of art genres. On the basis of amateur art groups actually appeared professional Tajik art. Through theater Tajik people became acquainted with Russian and world culture. The opening of both professional and amateur folk theaters, their repertoire is steadily dictated a radical solution to the problem of cadres, especially among Tajik women. Even in Tajikistan 30s involvement of women in the theaters was a difficult task. Women's departments of Party organizations together with the employees of the Soviets, especially Komsomol committee spent much practical work in this case. Due to the multifaceted activities of workers in the sphere of art was able to spend most effectively to the emancipation of women-Tajik women and enhance their role in the development of art of Tajik people.

**Key words:** formation of professional art, folk amateur theaters, multi-faceted activities of workers in the sphere of art, the role of women in the art of Tajik people's development.

**Сведения об авторе:** ***Г. Мухаббатова -*** старший преподаватель кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **907-73-74-09**

# НИЗОМУЛМУЛК ВА НАҚШИ МУАССИРИ ОН ДАР РАВОБИТИ АББОСИЁНУ САЛҶУҚИЁН

***Н. Наҷотова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тусӣ, машҳур ба Низомулмулк, симои барҷастаест, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумони турку тоҷик мавқеи муҳимро касб кардааст. Низомулмулк муддати сӣ сол дар хидмати Салҷуқиён буд. Ӯ аз ибтидои ба садорат нишастан барои пойдор ва мустаҳкам намудани пояи давлати Салҷуқиён кӯшишу талошҳои зиёд кардааст, аз ин рӯ, асри Салҷуқиёнро «асри Хоҷа Низомулмулк» хондаанд. Низомулмулк илҳомбахши сиёсати хориҷии Алпарслон ва Маликшоҳ ва дар айни ҳол созмондиҳандаи дастгоҳи идорӣ ва молии давлат буд. [1. 725] Дар муддати ҳафт соли нахусти подшоҳии Маликшоҳ шукӯҳу ҷалоли Низомулмулк хеле баланд рафт, то ҷое, ки беҳтарин алқобро, аз қабили «Атобак», «Саид-ул-вузаро» ва «Тоҷулҳазратайн» ба ӯ дода буданд ва Низомулмулк аз алқоби машҳури ӯст.

Ибтидои равобити Салҷуқиёнро бо Аббосиён метавон аз замоне, ки Туғралбеки Салҷуқӣ дар соли 447 ҳ. қ./ 1055 м. ба Бағдод лашкар кашид, маҳсуб донист. Аввалин

халифае, ки дар робита бо Салҷуқиён қарор дошт ин ал-Қоим биамриллоҳ (422-467 ҳ.қ.(1031-1075 м.) буд, ки Туғралбеки салҷуқиро ба Бағдод даъват карда буд. Дар воқеъ Туғрали салҷуқӣ халифаро ҳам аз хатари оли Бӯя раҳонид ва ҳам аз хатари фотимиёни Миср ва ҷони тозае ба хилофат бахшид. Халифа низ ба таври бошукӯҳ аз Туғрал сипосгузорӣ кард. Равобити халифаи аббосӣ бо Алпарслон (1063-1072), ҷонишини Туғрал, дар маҷмӯъ дӯстона буд. Духтари Алпарслон ба ақди ал-Муқтадӣ биамриллоҳ (467-487ҳ.қ./1075-1094 м.) валиаҳди халифа ал-Қоим даромад. Шояд битавон гуфт, ки Алпарслон бештар дар пайи ба даст овардани ризояти халифа буд. Барои намуна вақте, ки султон дар соли 464ҳ.қ. (1071м.) Ойтегини Сулаймониро ба самти шаҳнаи Бағдод баргумошт халифа ба шаҳнагии Ойтегин ризоят надод, зеро фарзанди ӯ яке аз ғуломони халифаро кушта буд. Султон ба ҷойи Ойтегин, Саъдудавла Гавҳаройинро гумошт. Алпарслони салҷуқӣ, ки бо нерӯи шамшер ва тадбири Хоҷа Низомулмулк тавонист ба таври комил бар муддаиёни салтанат бартар ояд, монанди амакаш Туғрал бо ал-Қоим биамриллоҳ муосир буд ва бо он, ки ба Бағдод сафар накард ҳамвора дар ҳифозат аз дастгоҳи хилофат ва ҳимоят аз халифа ва дафъи мухолифони ӯ буд. Ӯ дар оғози подшоҳии худ ба соли 456ҳ.қ.(1063м.) дастур дод духтари халифаро, ки бидуни ризояти падараш ҳамроҳи Туғрал ба Рай оварда буданд, ба Бағдод боз гардонанд. [2. 174-181] Ӯ бо издивоҷи духтараш бо писари халифа мувофиқат намуд ва равобити дӯстиву қаробати сабабӣ миёни хонадони салҷуқӣ ва хонадони аббосиро истеҳком бахшид. Бад-ин тартиб марзҳои амне барои мутасарруфоти хеш ба вуҷуд овард ва даҳ соли салтанати ӯ бо пирӯзиҳои пайгиру хиракунандаи туркони салҷуқӣ, густариши ислом ва ҷонибдорӣ аз хилофати аббосӣ ба поён расид.

Алпарслон аз миёни фарзандони худ Маликшоҳро (465-485ҳ.қ./1072-1092м.) ба ҷонишинӣ баргузид. Ӯ, ки ҳангоми марги падар дар соҳили Ҷайҳун буд, ҳамроҳи Хоҷа Низомулмулк ба суръат ба ҷониби Хуросон бозгашт ва ба тадбири ӯ дар андак замоне умуми амирон, саркардагон ва шоҳзодагони салҷуқӣ дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Кирмон, Ироқ ва Шом ба итоату фармони ӯ даромаданд. Ҳангоми убур аз Ҷайҳун Хоҷа Низомулмулк барои нишон додани азамати салтанат ва басти қаламрави салҷуқӣ ҳиҷрати малоҳони Ҷайҳунро бар Антокия ҳавола намуд.[3. 128]

Ин ҷо ба таври мукаммал равобити Маликшоҳи салҷуқӣ, бузургтарин султони салҷуқӣ, ки бо дастёрии Хоҷа Низомулмулк бар тахти салтанат нишаста буд ва халифа ал-Муқтадӣ биамриллоҳ (467-487ҳ.қ./1075-1094 м.) ба тасвир кашида мешавад. Ин равобит ба сурати комил ва як даст (аз ибтидои салтанат 465 ҳ.қ./1072 м. то марги Маликшоҳ 485 ҳ.қ./1092 м.) дар ҳеҷ матне наёмадааст. Аз ин рӯ, бо мурожиат ба мароҷеъ ва ишороти пароканаи онҳо сайъ шудааст, то мавзӯъ ба равшанӣ таҳлил гардад.

Дар дувумин соли салтанати Маликшоҳ халифаи аббосӣ ал-Қоим биамриллоҳ дори фониро падруд гуфт. Бо марги ал-Қоим биамриллоҳ дар соли 467ҳ.қ./1075м. ал-Муқтадӣ биамриллоҳ халифа шуд. Бино ба навиштаи ибни Халдун, Фахруддавла Ҷаҳир, ки бо халифаи ҷадид байъат карда буд, писари худ Амидуддавларо барои байъат гирифтан назди Маликшоҳ фиристод. [4. 24-25] Дар таърихи давлати Оли Салҷуқ омадааст, ки Маликшоҳ билфосила ҷамъе аз бузургони дарбори худро роҳии Бағдод кард, то бо халифаи ҷадид байъат кунанд. Халифа низ дар иваз қозӣ Абӯабдуллоҳи Байзовиро ҳамроҳи Муидулмулк ба Эрон фиристод, то аз фармонравои Ғазнин ва султони салҷуқӣ байъат бигирад. [5. 49] Манобеъ аз фосилаи сесола 467ҳ.қ. то 470ҳ.қ.(1075-1078м.) ва робитаи халифа бо султон тайи ин се сол хабар надодааст. Ҷуз ин ки медонем кори байъат ба хубӣ анҷом пазируфт. Дар соли 486ҳ.қ./1092м. Маликшоҳ тасмим гирифт, ки Бағдодро ба унвони маркази хилофат интихоб кунад. Дар ин маврид ду ҳадсро метавон зикр кард.

1. Вусъати тасарруфот ва шӯришҳое, ки дар самти ғарб сурат мегирифт султонро бар он дошт, ки ба ҷойи Исфаҳон Бағдодро, ки ба тасарруфоти ғарбӣ наздиктар буд ба унвони маркази салтанат интихоб намояд.

2. Тирагии равобити Маликшоҳ ва халифа ва интихоби Бағдод ба унвони маркази салтанат, ки баъдан дар соли 485ҳ.қ./1092 м. низ ба ҳамин мақсад, қасди ихроҷи халифа аз Бағдод роҳии он шаҳр шуд, ки бад-он ишора хоҳем кард. Манобеъ бештар рӯйи мавриди дувум такя доранд, чунонки дар Таърихи комил омада: Маликшоҳ тасмим дошт Муқтадиро аз Бағдод берун ронад. Ва он шаҳрро ба пойтахти худ баргузинад ва дар ҳудуди соли 470ҳ.қ.(1078 м.) Хоҷа Низомулмулк аз тағйири султон нисбат ба халифа огоҳ шуд...Ва дар хафо ба халифа пайғом дод, то бо хостгорӣ аз духтари Маликшоҳ подшоҳи салҷуқиро ба хештан дилгарм намуда, сардии мавҷудро аз байн бибарад. [6. 130-145]

Солҳои 70-ум авҷи қудрати Маликшоҳ аст ва дар бештари айёми подшоҳии Маликшоҳ дасти Низомулмулк дар шакл бахшидан ба сиёсати Салҷуқиён нисбат ба хилофати Бағдод боз гузошта буд. Дар иқтидори Низомулмулк дар аҳди Алпарслон ва Маликшоҳ ҳеҷ шаке нест. Ин ба хотири тадбиру кифоят ва қудрати ӯ будааст. Дар ин замон, Низомулмулк дарвоқеъ ду ҳукуматро идора мекард, ҳукумати салҷуқӣ ва хилофати аббосӣ. Дар ин даврон вазирони халифаи Бағдод бо ишораи Низомулмулк ба коргузории умур мепардохтанд ва қудрати ӯ то бад-он ҷо буд, ки ҳар гоҳ вазир бар хилофи хости ӯ амал менамуд аз Исфаҳон ҳукми азли ӯ содир мешуд. Ба унвони намуна метавон ба азли Фахруддавла Ҷаҳир аз вазорати халифа ишора намуд.

Дар соли 471ҳ.қ./1079м. Фахруддавла Абӯнаср Ҷаҳир аз вазорати халифа ал-Муқтадӣ биамриллоҳ маъзул шуд ва ин азл ба дастури Низомулмулк анҷом шуд. Писараш Амидуддавла назди Низомулмулк омад, то ӯро аз падараш хушнуд созад. Низомулмулк хушнуд шуд ва назди халифа шафоат кард, халифа низ бори дигар Амидуддавларо ба кор гуморид, вале ба Фахруддавла Ҷаҳир падараш эътибор надод. [7. 29]

Сабаби азл чӣ буд ва чаро Хоҷа Низомулмулк дастури азли Фахруддавларо содир кард? Низомулмулк ба баҳонае, ки дасти пинҳони Фахруддавла дар пушти сари таҳоҷумоти ҳанбалиён ба мадрасаи Низомия қарор дорад, фармони азли ӯро содир кард ва ҳатто кӯшид писараш Муидулмулкро ба унвони вазир ба халифа таҳмил кунад. [8. 74-75] Бо азли Фахруддавла фарзандаш Амидуддавла, ки дасти худ ва хонаводаро ба куллӣ аз кор барканор медид, шахсан ба урдуи Низомулмулк омад, то барои падар васотат кунад, аммо ақлу кифояти ӯ Низомулмулкро хуш омад ва шояд ҳам мутаваҷҷеҳи дилбастагии халифа ба хонаводаи Бани Ҷаҳир шуда буд. Аз ин рӯ, Амидуддавла домоди Низомулмулк шуд. Дар ин мавриди чунин омада:

"Қоим халифа ӯро ба рисолат пеши Маликшоҳ ва Хоҷа фиристод ва онҳо ҳама корҳои ӯ бисохтанд ва султон Низомулмулкро кифоят ва рою ақл ва тадбири ӯ хуш омад ва Низомулмулк гуфтӣ кошкӣ маро мисли ӯ писаре буд ва Муқтадӣ вазорат ба ӯ дод ва ӯро таъзиму такрими тамом кард ва ӯ Сафия духтари Хоҷа Низомулмулкро бихост ва ба Бағдод омад ва аз ӯ писаре овард ва он духтар дар хонаи Амидуддавла намонд ва Амидуддавла ҷамъе адулро овард, то духтарро мурда диданд..." Хоҷа аз ин ҳаракат биранҷид ва боз ба салом омад ва Муқтадӣ, Амидуддавларо аз вазорат маъзул кард ва ба шафоати Низомулмулк бори дигар вазорат ба ӯ дод. Амидуддавла пас аз азли дубора хидмати Низомулмулк мерасад ва ҳатто бо ду духтари ӯ издивоҷ мекунад. [9. 238.] Ба қавли Ҳиндушоҳ "Боз ба салоҳ омад ва Муқтадӣ ба шафоати Хоҷа бори дигар вазорат ба ӯ дод". [10. 238-239]

Бояд гуфт, ки пайванди издивоҷ миёни хулафои бани Аббос ва подшоҳони салҷуқӣ аз замони аввалин подшоҳи ин силсила собиқа дошт. Туғралбек нахустин султоне буд, ки дар соли 448 ҳ.қ./1057м. бародарзодаи худ Арслонхотунро ба ақди халифа ал-Қоим биамриллоҳ даровард. Сипас, Алпарслон дар соли 464 ҳ.қ./1072 м. духтари худ Сағрихотунро ба ҳамсарии халифа ал-Муқтадӣ биамриллоҳ розӣ сохт.

Бинобар ин, халифа хоҳари султон Маликшоҳро дар ақди худ дошт. Аммо дар соли 474ҳ.қ./1082м. дар садади издивоҷ бо духтари султон баромад. Далелаш низ он буд, ки ҳамон гуна, ки дар вақоеи соли 470 ҳ.қ./1078 м. ишора шуд, Маликшоҳ тасмим гирифта буд, ки Бағдодро ба пойтахтӣ интихоб кунад ва Муқтадиро аз Бағдод берун намояд. Аз ин рӯ, Низомулмулк барои таҳкими бунёни дӯстӣ миёни халифа ва султон ба халифа паём дод, ки бо хостгорӣ аз духтари Маликшоҳ подшоҳи салҷуқиро ба хештан наздик ва дилгарм намояд. Бинобар ин, ин издивоҷ комилан сиёсӣ аст ва омили издивоҷ Низомулмулк аст, ки дар воқеъ ду дарборро идора менамояд. Албатта, дар ин ҷо бояд нақши шииёни исмоилӣ ва таблиғоти онҳоро низ мадди назар дошта бошем. Низомулмулк, ки суннии муътасибе аст, сайъ дар ҳифзи қудрат низ дорад. Хостгоре, ки аз сӯйи халифа роҳии дарбори султон мешуд, Фахруддавла Ҷаҳир буд, ки пеш аз ин, ба дастури Низомулмулк азл ва фарзандаш ҷонишини вай шуда буд.

Дар соли 475ҳ.қ./1083м. бо таҳкими пайванд миёни халифа ва султон, Муқтадӣ аз Амид ба Маликшоҳ ва Низомулмулк шикоят бурд. Халифа ҷиҳати тарҳи шикоят яке аз бузургон бо номи шайх Абӯисҳоқи Шерозиро роҳии Исфаҳон кард. Шайх Абӯисҳоқ ба маҷлиси Низомулмулк даромад ва миёни ӯ ва имоми ҳарамайн Ҷувайнӣ мунозироте воқеъ шуд ва хабари он маъруф аст.” [11. 517] Пас аз азли Амид ва эҳтироми Низомулмулк ва Маликшоҳ нисбат ба расули халифа ал-Муқтадӣ ҳадафи бузургтареро нишона гирифт. Бани Ҷаҳир, бахусус Амидуддавла, пас аз пайванди сабабӣ бо Низомулмулк ва ҳимояти ӯ аз вай манофеи султон ва вазирро бар манофеи халифа тарҷеҳ медод, чаро ки ҳам домоди Хоҷа Низомулмулк буд ва ҳам сарнавишти падари маъзулашро пеши чашм дошт. Аз тарафи дигар, халифа ба сабаби дар ин охир бо Амидуддавла пас аз издивоҷи дубора бо духтари Низомулмулк муҷиби қудрати ӯ шуда буд. Халифа пас аз азли амиди Ироқ эҳсоси қудрат ва мутмаин аз ҳимояти султон даст ба кори хатарноке зад, ки наздик буд хилофатро низ аз даст бидиҳад ва он ин ки дар соли 476 ҳ.қ. (1084м.) Амидуддавларо аз вазорат халъ ва ба ҷойи ӯ Заҳируддин Абӯшуҷоъ Муҳаммад ибни Ҳусайнро, ки ҳомии сарсахти ӯ буд, ба вазорат баргузид. [12. 67] Низомулмулк аз ин ки домод ва ҳампаймони ӯ бояд барканор гардад сахт ба хашм омад ва бинобар ривояти Ибни Ҷавзӣ, ҳатто дар садад баромад, ки хилофатро барандозад. [13. 77-82]

Аз тарафи дигар, лозим буд, ки ҳимояти Низомулмулк ва султони салҷуқӣ нисбат ба хонадони Бани Ҷаҳир, ки сарсупурдаи онҳо буданд, маълум шавад, аз ин рӯ, дар он рӯзҳо “номае аз Низомулмулк расид, ки аз ҷониби Маликшоҳ ва аз ҷониби худ бани Ҷаҳирро ба Исфаҳон даъват карда буд. Онҳо низ бо тамоми зодуруди худ ба Исфаҳон ҳаракат карданд ва дар дастгоҳи султон мақомҳои арҷманд ёфтанд. Бо ҷустуҷӯ дар манобеи таърихӣ, илова бар ҳимоят аз Бани Ҷаҳир, яке дигар аз сабаби нороҳатӣ ва хашми Низомулмулк аз вазорати Абӯшуҷоъ маълум мешавад.

Хоҷа Низомулмулк хост Заҳируддин Абӯшуҷоъ дар сафари Каъба бо ӯ мувофиқат кунад, аммо Абӯшуҷоъ қабул накард ва ба Низомулмулк навишт, ки яке аз ёрони Ҳасани Басрӣ аз ӯ илтимос намуд, ки дар сафари Каъба бо ӯ бошад [14. 287], ки ҳамин ишора барои пай бурдан ба нороҳатии ӯ кофист.

Соли 479 ҳ.қ./ 1087м. Маликшоҳ ба Бағдод ворид гардид. Дар ҳамин боздид буд, ки Маликшоҳ дар майдони чавгон ба бозӣ машғул шуд ва пас аз дидори султон ва халифа ва хуруҷи султон аз саройи халифа Низомулмулк дар ҳамон ҷо таваққуф кард, то ҳама умарои салҷуқӣ, ки чиҳил тан буданд, омада, тавассути ӯ бо зикри дараҷа ва пояи мизони ҳуқуқ ва улуфаву саворонаш ба халифа муаррифӣ шуданд ва халифа Низомулмулкро хилъат дод.[15. 74] Дар ин сафар халифа Хоҷа Низомулмулкро ба Ризо амиралмуъминин мулаққаб сохт ва ин лақаб дар таърихи хилофати Аббосӣ пеш аз Низомулмулк ба вазирӣ ато нашуда буд. [16. 496] Ӯро аз дорулхилофа Ризо амиралмуъминин лақаб ниҳоданд ва ҳеҷ касро аз вузарои хулафо лақаб надода буданд». [17. 256] Дар соли 1091 Маликшоҳ барои бори дувум ба

Бағдод сафар кард. Дар ин сафар Маликшоҳ масҷиди ҷомеи султониро бино ниҳод ва Хоҷа Низомулмулк ва Тоҷулмулк ва соири бузургон ҳар як хонае аз барои худ сохтанд, то ба ҳангоми иқомат дар Бағдод дар он ҷо манзил кунанд.[18. 159] Аз тарафи дигар, Туркохотун ҳамсари султон тақозо дошт, ки Маҳмуд фарзандаш ҷонишини падар ва вориси тоҷу тахт муаррифӣ гардад. Аммо Хоҷа Низомулмулк шоҳзода Баркиёруқ фарзанди ҳамсари дигари султонро барои эҳрози ин мақом шоистатар медонист. Аз сӯйи дигар, халифа мехост ба ҷойи Абулфазл Ҷаъфар набераи Маликшоҳ Мустазаҳир биллоҳро ҷонишини худ қарор диҳад. Бинобар ин, султон, ки дигар инон аз даст дода буд, дар соли 485 ҳ.қ./1092м. озими Бағдод гардид. Мунтаҳо пеш аз он воқеаи азим рӯй дод, ки пояҳои тахти султонро ларзонид ва он моҷарои қатли Низомулмулк аст, ки бархе аз муаррихин яке аз сабаби онро ҳимояти Низомулмулк аз халифа медонистанд ва чун Маликшоҳ азмро ҷазм карда буд, ки халифаро аз Бағдод биронад ва Низомулмулкро монеъ медонист ӯро биронад, чунонки Сабкӣ менависад: "Чун подшоҳ медонист бо будани Низомулмулк ин кор амалӣ нест, пеш аз расидан ба Бағдод муқаддамоти қатли ӯро фароҳам сохт" [19. 1-12] ва марги мармузи шоҳ низ ҳудуди панҷ ҳафта пас аз он, ба ин даврони пуршукӯҳ ва ҷалол хотима бахшид.

Рафт дар як маҳ ба фирдавси барин дастури пир,
Шоҳи барно аз паси ӯ рафт дар моҳи дигар.
Кард ногаҳ қаҳр Яздон аҷзи султон ошкор,
Аҷзи султонӣ бубину қаҳри яздонӣ нигар.

Бо қатли Низомулмулк, Маликшоҳ ҳомии худ дар дарборро аз даст дод ва ваъдаи вазоратро низ ба рақиби Хоҷа, яъне Тоҷулмулуки қумӣ дод. Чигунагии тирагии равобити Низомулмулк ва Маликшоҳ хориҷ аз баҳс аст, аммо ин ки шояд яке аз сабаби қатли Низомулмулк ҳаракати Маликшоҳ ба қасди азли халифа бошад, матлаби муҳимме аст, ки ниёз ба таҳқиқи ҷудогона дорад.

## АДАБИЁТ


1. Пегулевская Н.В. Таърихи Эрон (аз даврони бостон то поёни садаи ҳаждаҳуми мелодӣ) / Н.В. Пегулевская, О.Ю. Якубовский, Э.П. Петрушевский; тарҷумаи Карими Кишоварз. –Теҳрон: Паём, 1354 -с.270.; Акрами Баҳромӣ. Таърихи Эрон. Аз зуҳури ислом то суқути Бағдод / Акрами Баҳромӣ.–Теҳрон: Донишсарои олӣ, 1350. № 42. -С. 725.
2. Абулфидо Имомуддин Исмоил. Ал-мухтасар фӣ ахбор-ул-башар / Абулфидо Имомуддин Исмоил. –Миср,1325 ҳ.қ. -Ҷ.2. –С. 174-181.
3. Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур / Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ; тасҳеҳи Муҳаммади Иқбол. –Теҳрон: Китобфурӯшии илмӣ, 1363. – С. 128.
4. Ибни Халдун. Таърихи Ибни Халдун / Ибни Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ. –Теҳрон: Мутолеоот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1368. –С. 24-25.
5. Имомуддин Муҳаммад ибни Ҳомиди Исфаҳонӣ. Таърихи давлати Оли Салҷуқ / Имомуддин Муҳаммад ибни Ҳомиди Исфаҳонӣ. –Миср, 1318ҳ.қ. –С.49.
6. Иззуддин Алӣ ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих (Таърихи комили бузурги ислом ва Эрон) / Иззуддин Алӣ ибни Асир. –Бейрут, 1387.– Ҷ.8. -С. 130-145.
7. Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун / Ибни Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. –Теҳрон: Илмиву фарҳангӣ, 1369. – Ҷ.4. -С. 29.
8. Ибни Асир. Ал-Комил / Ибни Асир. -Ҷ.10. –С.74-75.
9. Ҳиндушоҳ ибни Санҷар Абдуллоҳи Соҳибӣ (Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ). Тиҷоруб-ус-салаф / Ҳиндушоҳ ибни Санҷар Абдуллоҳи Соҳибӣ; ба тасҳеҳи Аббоси Иқбол. –Теҳрон: Таҳвурӣ, 1357. – С.238.
10. Ҳамон ҷо. –С 238-239.
11. Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун. -Ҷ.4.–с.28., Муҳаммад ибни Ховандшоҳи Балхӣ (Мирхонд). Равзат-ус-сафо. Таҳзиб ва талхиси доктор Аббоси Зарёб.–Теҳрон: Илмӣ, 1373. -Ҷ.3. – С.517.
12. Абӯиброҳим Қавомуддин Фатҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммад Бандории Исфаҳонӣ. Зубдат-ун-нусра ва нахбат-ул-уъсра Таърихи силсилаи Салҷуқӣ; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Ҷалилӣ. –Теҳрон: Бунёди фарҳангии Эрон, 1356. –С.67.

13. Ибни Ҷавзӣ. Ал-Мунтазам фи таърих-ул-мулук вал умум / Ибни Ҷавзӣ // Доиратулмаорифи Ҳайдаробод. - 1358 ҳ.қ. -Ҷ.9. –С.2-3., Ибни Асир. Ал-Комил. -Ҷ.10. –С.77-82.
14. Ҳиндушоҳ ибни Санҷар Абдуллоҳи Соҳибӣ (Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ). Тиҷоруб-ус-салаф. Тасҳеҳи Аббоси Иқбол. –Теҳрон: Таҳвурӣ, 1357. –С.287.
15. Бандории Исфаҳонӣ. Зубдат-ун-нусра ва нахбат-ул-уъсра / Бандории Исфаҳонӣ. –С.74.
16. Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин ал-Ҳусайнӣ Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр фи ахбори афроди башар. – Теҳрон: Ҳумом, 1333. -Ҷ.2. –С.496.
17. Таърихи Эрон (аз омадани Салҷуқиён то фурӯпошии давлати Элхонон) (Пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ); тарҷумаи Ҳасани Анӯша. –Теҳрон: Амири Кабир, 1381. -Ҷ. 5. –С.256.
18. Имодуддин Абӯлфидо Исмоил ибни Умари Димишқӣ Ибни Касир. Ал-Бидоя ван-ниҳоя. –Қоҳира: Истиқома, 1385 ҳ.қ. -Ҷ.8. –С.159.
19. [Электронный ресурс]. www.runivers.ru/doc/isl/index.php?SECTION_ID=307&IBLOCK...

**НИЗАМУЛМУЛК И ЕГО МЕСТО ВО ВЗАИМООТНОШЕНИЯХ АББАСИДОВ И СЕЛЬДЖУКИДОВ**

Абуали Хасан ибн Али Туси, известный под именем Низамулмулк, был выдающимся деятелем, сыгравшим большую роль в установлении аббасидо-сельджукидских взаимоотношений. Низамулмулк, являясь вдохновителем внешней политики Алпарслана и Маликшаха, одновременно был организатором управленческого и финансового госаппарата Сельджукидского государства. В том, что Низамулмулк был вдохновителем внешней политики Алпарслана и Маликшаха, нет никаких сомнений. Действительно, в это время Низамулмулк управлял двумя государствами: Сельджукидским государством и Аббасидским халифатом. Поэтому, сельджукидский период называют «веком Ходжы Низамулмулка». Независимо от того, что в конце своего везирства он был убит в результате дворцовых интриг, все же его влияние сохранилось до конца существования сельджукского государства.

**Ключевые слова:** Сельджукиды, Аббасиды, Низамулмулк, Багдад, Бани Чахир, халифат, султан, взаимоотношения, министерство.

**NIZOMULMULK AND HIS ROLE IN ABBASIDS AND SALCHUKID RELATION**

Abuali Hasan ibn Ali tus with the nickname Nizomulmulk was one of the famous figures in Abbasids and Salchukid epoch, which played the important role in political arena in that centuries. Nizomulmulk in that period controlled two kingdoms. During kingdom Alparslon and Malikshoh Nizomulmulk developed the economy of the kingdom and he was famous among people. He contribution was in first plays in epoch Salchukid.

**Key words:** Salchukid, Abbasids Nizomulmulk, Baghdad, Ban Chahir, Caliphate, sultan, ministers.

**Сведения об авторе:** ***Н. Наджотова*** **–** к.и.н., старший преподаватель кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: 987-44-40-80

## АКАДЕМИК НУЪМОН НЕЪМАТОВ- МУАРРИХ ВА БОСТОНШИНОСИ БАРҶАСТАИ ТОҶИК

***М.П. Хоҷаев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистон- ватани олимону шоирон ва санъаткорони беҳамтоест, ки ба хазинаи ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд. Фахри миллатро чунин шахсони оламшумул таъмин медоранд ба мисоли, олимону мутафаккирон Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Саъдиву Ҳофиз ва дигарон.

Таърихи халқи тоҷик хеле қадиму равшан аст. Осори маданияти моддӣ ва маънавии ниёгонамон деворанигораҳои пурмазмун, муҷассамаҳо, кандакориҳои нафису зебои рӯйи ҷӯбҳо, ёдгориҳои фарҳангу рӯзгори суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиён, истаравшаниҳою хуҷандиёни бостон, ки дар натиҷаи хафриёти бостоншиносон имрӯз ба мо дастрасанд, шоҳиди таърихи барҷастаи ниёгонамон мебошанд.

Яке аз донишмандони номии тоҷик, ки ба омӯзиши таъриху фарҳанги тоҷик саҳми бузурги худро гузоштаанд, муаррих, бостоншинос ва фарҳангшинос, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Нӯъмон Неъматов мебошад.

Имрӯз илми бостоншиносии тоҷикро бидуни тадқиқотҳои бунёдӣ, китобу рисолаҳо ва мақолаҳои пурарзиши академик Нӯъмон Неъматов наметавон тасаввур кард.

Академик Нуъмон Неъматов яке аз маъруфтарин муассисони соҳибибтикори мактаби илмӣ- тахассусӣ ва амалӣ-воқеии муаррихону бостоншиносони тоҷик ба шумор меравад.

Мактаби илмии таъсис додаи ӯ, ба қавли академики Академияи илмҳои собиқ Шӯравӣ А.П. Окладников, мактаби хоссаест, ки таърихи арзишманду пурифтихори гузаштаи халқи шарифи тоҷик ва муборизаи қаҳрамононаю фидокориҳои содиқонаи онро бахри ҳифзу мондагории ҷовидонаи дурдонаҳои маънавиаш фаро гирифтааст, меомӯзад.

Нӯъмон Неъматов 5-уми марти соли 1927 дар шаҳри бостонии Хуҷанд чашм ба олам кушодааст.[4,41] Солҳои 1944-1948 маълумоти олиро дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С.М.Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) гирифтааст [2,6-8].

Дар солҳои 1946-1952 дар ҷумҳуриямон Экспедитсияи хеле маъруфи Тоҷикӣ-Суғдии Академияи илмҳои ИҶШС ва Тоҷикистон таҳти сарварии бостоншиноси номӣ, академик Александр Юревич Якубовский ҳафриётҳои калонҳаҷму пурсамар мебурд ва зарурияти тайёр кардани мутахассисони миллии бостоншиносон ба миён омада буд. Аз ин рӯ, аз байни хатмкардагони соли 1948-и Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ҷавони илмдӯст ва ҷӯянда – Нӯъмон Неъматов барои идомаи илмомӯзӣ интихоб ва ба аспирантура тавсия шуда, ба яке аз марказҳои бузурги илмӣ-шаҳри Ленинград фиристода шуд. Солҳои 1948-1953 дар Ленинград (Санкт-Петербург) таҳсилро дар аспирантура идома дода, зери роҳбарии муаррих ва шарқшиноси шинохтаи шӯравӣ А.Ю. Якубовский кори илмӣ оғоз намуд [1,5-7].

Солҳои таҳсили аспирантура дар муҳити илмии олимони барҷастаи ҷаҳон ва маркази илму фарҳанг, китобхонаву бойгонӣ машҳур, осорхонаҳо, донишкадаву донишгоҳҳои Ленинград ба ҷаҳонбинии умумӣ, ташаккули шахсияти олими ояндаи барҷаста – Нӯъмон Неъматов нақш ва таъсироти бузурги худро гузошт. Муҳаққиқи ҷӯянда ва закӣ Н. Неъматов аз ҳамаи ин имкониятҳо баҳраманд гашт ва ягон лаҳзаи нафъбахши онро тарк накард, пайваста бо омӯзиш ва тадқиқот машҳур гашт. Ҳамаи ин фарҳангу маънавиёт ва мактаби илмии ленинградӣ дар ташаккул рушду камолоти касбӣ ва фарҳангии Н. Неъматов нақши амиқи худро гузоштааст.

Нӯъмон Неъматов соли 1953 рисолаи илмии худро дар мавзӯи «Истаравшан дар асрҳои VII-X мелодӣ (дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва археологӣ)» дифоъ намуд. Фаъолияти илмии худро дар Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон ба сифати ходими хурди илмӣ сар карда (соли 1954), то ба дараҷаи академикӣ (1994) расид. Дар тӯли ин фосила зиёда аз 50 сол Нӯъмон Неъматов зинаҳои зиёдеро тай намуда, дар вазифаҳои сарходими илмии Сектори археологии Пажӯҳишгоҳи таърихи АУ ҶШС Тоҷикистон (1953-1971), мудири шуъбаи таърихи маданияти Пажӯҳишгоҳи таърихи АУ ҶТ (1971-1999), сардори гурӯҳи археологии шимоли Тоҷикистон (1954-1973), сардори экспедитсияи комплексии археологии шимоли Тоҷикистон (1974-2007), директории Мамнӯъгоҳи таърихиву фарҳангии Ҳисор (1990-1993) кору фаъолият бурда, солҳои охир (1996-2010) сардори Маркази тадқиқоти гуманитарии ЮНЕСКО- и назди раёсати ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар уҳда дошт.[4,9] Мавзӯи тадқиқотҳои Н. Неъматов хеле фарроху доманадор буда, ба масъалаҳои археологияи қадим, таърихи даврахои бостон ва асрҳои миёнаи сарзамини Тоҷикистон, фарҳанг, тамаддуни тоҷикон ва дигар мардумони Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд.

Нӯъмон Неъматов бо шогирдонаш даҳҳо ёдгориҳои археологиро дар ҳудуди вилояти ҳозираи Суғд кашф, осорҳои тамаддун ва сершумори таърихӣ-меъморӣ, ороишоти наққошию ҳаккокӣ ва бозётҳои модии нодир ва пурарзишро таҳқиқу таҳлил намуда, онҳоро ба нашр расонид ва дастраси аҳли илм намуд.

Н. Неъматов аввалин муҳаққиқи давлати бостонии Уструшана буда, таҳти роҳбарии ӯ ҳафриёти димнаи пойтахти ин давлат- шаҳри Бунҷикат (димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа I-III дар Шаҳристони имрӯза), ёдгориҳои атрофии он (Чилҳуҷра, Чоршохатеппа, Тоштемиртеппа, Ӯртақӯрғон, Тирмизактеппа ва ғ.), харобаҳои дигар шаҳру деҳкадаҳо, дафнгоҳҳои Уструшана (Муғтеппа, Нуртеппа, Ширин, Хоняйлов), Илоқ (Тиркаштеппа, Капатеппа, Чуғхона), Фарғонаи Ғарбӣ (Қалъаи Афросиёб, Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд) ва ғайра ошкор карда шуданд. Дар ёдгориҳои ин мавзеъҳо осори санъати меъморӣ, наққошӣ, ҳаккокӣ, аз ҷумла шоҳкориҳои маданияти оламшумул кашф шудаанд.

Саҳм ва хидмати академик Нӯъмон Неъматов дар омӯзиши археологияи Хуҷанди бостонӣ хеле бузург ва беҳамто аст. Солҳои 1954-1986 бо роҳи кофтукоби доманадору тадқиқоти статсионарӣ ва стратиграфӣ бо сарварии академик Н. Неъматов кашфиёти илмии маданияти археологиву осори моддӣ-таърихӣ, замони бунёдшавӣ ва стратиграфияи муттасилу паиҳами 2500- солагии шаҳри Хуҷанд имконпазир шуд.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва маълумоли археологӣ муаррихи барҷаста Н. Неъматов бисёр масъалаҳои таърихи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Хуҷанду Уструшанро ҳаллу фасл намудааст. Н. Неъматов муҳаққиқи варзидаи таъриху маданияти давлати Сомониён, масъалаҳои этногенези халқи тоҷик мебошад. Китоби ӯ «Давлати Сомониён (соли 1977- ба забони русӣ, соли 1989- ба забони тоҷикӣ)» аз пурарзиштарин ва маъруфтарин таълифоти таърихӣ ва натанҳо дар эҷодиёти илмӣ муаллиф, балки дар маҷмӯаи дастовардҳои илмии ҷумҳурӣ аст, ки ба фонди тилоии илми тоҷик ворид шудааст.[5] Рисолаи «Давлати Сомониён» қабл аз ҳама ҷамъбасти заҳмати пажӯҳишҳои тӯлонӣ буда, аз муҳимтарин ҷамъбасту хулосаҳо аз нигоҳи илмӣ бостоншиносӣ ва маъхазшиносӣ ва бозётҳои тозаи муаллиф дар боби таърихи шаҳрҳои Осиёи Марказӣ фароҳам омадааст ва аз ин лиҳоз, асари мазкурро тадқиқи бунёдӣ, ҷамъбастӣ дар бостоншиносӣ, сомониёншиносӣ ва асари гаронмояи таърихӣ бахшида ба аҳди Сомониён гуфтан ҷоиз аст. Дар тадқиқотҳои минбаъда Н.Неъматов аз зуҳуроти мушаххаси бунёд ва ривоҷу равнақи давлати Сомониён ба тадқиқи масъалаҳои этногенези халқи тоҷик ва консепсияи нави умумии таърихии давлатдории тоҷик гузашт. Дар асари бунёдӣ ва таҳлилии «Мӯъҷизаи тоҷик: таърих ва назария»-и академик Н. Неъматов консепсияҳои тоза доир ба ин масъала баён карда шудааст. Ба ақидаи олим яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосир масъалаи даврабандии умумии таърихӣ мебошад. Академик Н. Неъматов даврабандии таърихии форматсионии дар илм маъмулбудаи муосирро куҳнашуда ва ислоҳталаб ҳисобида, дар асоси омӯзиш, таҳлил ва хулосабарорӣ аз комплекси манбаъҳо ва кашфиёти тозаи археология ва таърихнигорӣ марҳилабандии таърихии навро пешниҳод намуд.

Нӯмон Неъматов муҳаққиқ ва таблиғотчии бузург ва собитқадами таърих ва тамаддуни пурғановати ватанамон мебошад. Вай иштирокчии зиёда аз 165 конфронсу симпозиумҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла иштирокчии фаъоли симпозиуми байналмилалӣ оид ба археология ва маданияти Кӯшониён (Душанбе, 1968); Конгресси XIII-уми байналмилалии илми таърих (Москва, 1970); Конфронси илмӣ-байналмилалии «Ал-Форобӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ» (Москва, 1975); конгресси X-уми байналмилалии антропологҳо ва этнологҳо (Деҳлӣ, 1978); Конфронси байналмилалии «1000- солагии Абӯалӣ ибни Сино» (Олмон, 1980, Россия-Пятигорск); Симпозиуми шӯравӣ-амрикоӣ оид ба масъалаи археологияи Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон (Кембриҷ, 1981); Симпозиуми ҳиндӣ-шӯравӣ оид ба масъалаҳои бостоншиносӣ ва таърихи бостони Осиёи Миёна ва Ҳиндустон (Оллоҳобод, 1982); Симпозиуми шӯравӣ-фаронсавӣ «Археологияи Осиёи

Марказӣ» (Париж, 1985); Симпозиуми байналмилалии «Марв ва таърихи қадим ва асрҳои миёнаи Шарқ» (Марв, 1990,1992); Семинари байналмилалии ЮНЕСКО оид ба Роҳи Бузурги Абрешим (Бишкек, 1993); Семинари байналмилалии «Константинопол- маркази дини масеҳӣ, Рим- маркази дини католикӣ, Москва- маркази дини прославии масеҳӣ» (Рим,2004) ва ғ. мебошад.

Академик Нуъмон Неъматов барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи илми таърих, хусусан бостоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ хизмати бузург кардааст. Солҳои тӯлонӣ ҳамкории академик Н.Неъматов бо мактабҳои олии Тоҷикистон, ҳангоми лексия ва суҳбатҳояш донишҷӯёнро дар роҳи омӯзиш ва тарғибу ташвиқи таъриху тамаддун ва гузаштаи пуршараф, суннатҳои давлатдории миллӣ, ойини ватандӯстию ватанхоҳӣ ва дастовардҳои беназири таърихию фарҳангии тоҷикон ва Тоҷикистон талқин намуда, онҳоро дар рӯҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандӯстӣ тарбия менамуд. Аз соли 1956 то соли 1980 устоди фанни «Асосҳои бостоншиносӣ» дар факултети таърихи Донишгоҳи миллӣ буд. Ва баъдан бо дархости раёсати Донишгоҳи мили Тоҷикистон ба сифати роҳбари гурӯҳи экспедитсияи комплексии археологии шимолии Тоҷикистон ба таҷрибаомӯзиҳои таълимии истеҳсолии (саҳроӣ) донишҷӯёни факултети таърих аз фанни «Асосҳои бостоншиносӣ» сарварӣ мекард. Зери роҳбарии Н. Неъматов 23 нафар олимон ва муҳққиқони ҷавон рисолаҳои номзадӣ ва доктории хешро ба дифоъ расондаанд, аз ҷумла докторҳои илм, профессор Ӯ. Пӯлодов, А. Мирбобоев, С. Мамадҷонова, Г. Майтдинова, Н. Раҳимов, номзадони илм- С. Марофиев, А. Билолов, Е.Д. Салтовская, У. Эшонқулов, А. Холиқӣ ва дигаронро дар мактаби илмии хеш тарбия намуд, ки онҳо имрӯз идомадиҳандагони пайраҳои илмии устоди худ мебошанд.

Академик Н. Неъматов муаллифи зиёда аз 720 асарҳои бунёдиву ҷамъбастӣ, китобу мақолаҳои илмию оммавӣ, кашшофу таҳлилгари аввалин тамаддуни Истаравшан ва Хуҷанди бостон, яке аз муаллифони асари сеҷилдаи (иборат аз 5 китоб) «Таърихи халқи тоҷик», китоби дарсии «Таърихи ҶШС Тоҷикистон» (Масква, 1963), муаллифи бобҳо ва фаслҳои ҷудогонаи ҷилдҳои 2-3-4-и асари 6 ҷилдаи «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» бо сарпарастии ЮНЕНСКО (Париж, 1994-1996), муҳаррири илмии ҷилди дуюми таҳрири нави панҷҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» (Душанбе, 1999), Энсиклопедияи ҳаштҷилдаи тоҷик, бисёр нашрияҳои дигари бонуфузи илмӣ мебошад. Ӯ муаллиф ва муҳаррири аввалини китиби дарсӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо номи «Таърихи халқи тоҷик», китоби якум: «Аз инсони оқил то тоҷики баркамол» (Душанбе, 2003) ва китоби дуюм (Хуҷанд, 2008) мебошад.

Ба шарофати комёбиҳои илмии худ академик Н. Неъматов на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он таърихи пурғановати тоҷиконро муаррифӣ кардааст.

### АДАБИЁТ


1. Бойматов Л. Ду лавҳа аз таҳлилҳои таърихнигории академик Н. Неъматов / Л. Бойматов // Тадқиқоти гуманитарии Осиёи Марказӣ. Барориши 2. –Хуҷанд, 1998.
2. Воднев В.В. На перекрёстках истории (к 80- летию академика Н.Н. Негматова) / В.В. Воднев // Центрально- азиатские гуманитарные исследования. - Худжанд, 2008. -№7.- С.17.
3. Раҳимов Н.Т. Дастпарварони номдори донишгоҳ: академик Нӯъмон Неъматов (Ба ифтихори 80-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 85-солагии зодрӯзи академик Н.Н. Негматов) / Н.Т. Раҳимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. - 232 с.
4. Массон В.М. Нуман Негматович Негматов / В.М. Массон, С.А. Абдуллаев; отв.ред. Мукимов Р.С. // Материалы с биобиблиогр.учен. Таджикистана. –Душанбе: Мерос, 1998. - Вып. 72. -274 с.
5. Негматов Н.Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-Хвв.) / Н.Н. Негматов. - Душанбе, 1977. -279 с.
6. Негматов Н.Н. Таджикский феномен: История и теория / Н.Н. Негматов. - Душанбе, 1997. -448 с.


### АКАДЕМИК НУМОН НЕГМАТОВ - ВЫДАЮЩИЙСЯ ТАДЖИКСКИЙ ИСТОРИК И АРХЕОЛОГ


В данной статье речь идёт о жизни и научной деятельности оригинального мыслителя, крупнейшего современного историка, достойного представителя таджикской интеллигенции Нумона Негматовича

Негматова. Его крупные научные труды вошли в золотой фонд таджикской науки. Академик Н.Н. Негматов внес огромный вклад в развитие исторической науки в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Негматов Н., археология, экспедиция, история таджикского народа, Саманидов, Мавераннахр, Хорасан, Ходженд, Уструшан.

**ACADEMICIAN NUMAN NEGMATOV- OUTSTANDING TAJIK HISTORIAN AND ARCHAEOLOGIST**

In this article we are talking about the life and scientific work of an original thinker, the largest of the modern historian, a worthy representative of the Tajik intelligentsia Numan Negmatovich Negmatov. His major scientific works included in the golden fund of Tajik science. Academician N.N. Negmatov made an enormous contribution to the development of historical science in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Negmatov N., archeology expedition, the history of the Tajik people, Samanids, Transoxiana, Khorasan, Khujand, Ustrushana.

**Сведения об авторе:** ***М.П. Ходжаев*** - аспирант кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-47-11-67**. Email: **Mehrovar_kh@mail.ru**

## ТАМОИЛҲОИ АСОСИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

*Т.Н. Зиёзода*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар даҳсолаҳои охири асри XX – оғози асри XXI муносибатҳои байналмилалӣ то чанде аз доираи қонунҳои байналмилалию муносибатҳои мутамаддин, ҳамкории осоишта ба манфиатҳои тарафайн ва дар доираи созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ, хушӣ ба хушӣ ҳал кардани масъалаҳои мушкил берун баромада, бештар шаклу намудҳои ифротӣ гирифта, ҷойи муколама, ҳамкории босамару мусолиҳатомез ва тоқатпазир буданро нисбат ба тарафи муқобил аслиҳаю зӯроварӣ ишғол менамояд.

Дар ин зуҳуроти манфӣ гуноҳи сиёсатмадорони давлатҳои империалистии Ғарб бештар ба назар мерасад, зеро баъди 55 соли барҳам задани низоми ҷаҳонии мустамликадорӣ ҳам онҳо ба мамолики Шарқ ва махсусан давлатҳои аҳолиаш мусулмон аз назари метрополий ба мустамликаҳои худ муносибат мекунанд ва ҳеҷ нест, ки аз ин равонии (психологияи) тафаккури худ берун баромада, ба мамолики Шарқи мусулмон ҳамчун ба давлатҳои соҳибистиқлол (суверенитет) буда, бар қаламрав ва сарватҳои миллиашон муносибат кунанд.

Мо аз он фикре, ки гӯё тамоми Ғарб ифротӣ мебошад, комилан дур ҳастем. Ба он нақши оламшумуле, ки Ғарби давраи наву навин дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ гузоштаанду имрӯз ҳам мегузоранд, сипосгузорем. Аз ихтирои дастгоҳи ресандагии “Ҷенни” сар карда то заводи Аркрайд, комбинату трест ва ширкатҳои трансмиллии ихтисосашон гуногун, аз дирижаблу аэроплан сар карда, то ҳавопаймоҳои ҳозиразамони мусофиркаши азим ва киштиҳои кайҳонӣ, аз алифбои Морзе сар карда, то компютер ва ноутбуку смартфон, аз нота сар карда, то сабти овоз дар фитта, аз телефони А.Г. Гелл ва И. Грей сар карда, то телеграфи А. Белл ва то сомонаҳои интернет, аз дастгоҳи китобчопкунии Гуттенберг то корхонаҳои иқтидорашон бузурги полиграфии муосир, аз кураю печҳои мартенӣ сар карда, то печҳои конверторӣ ва доменнӣ, аз киштии буғӣ сар карда, то киштиҳои бузурги борбардору мусофиркаш ва ҳавопаймобар, аз кашфи планетарии таркиби ҳаста (атом) сар карда, то кашфи шуои рентгенӣ ва лазерӣ, аз назарияи рушди Чарлз Дарвин сар карда, то назарияи эҳтимолии Алберт Эйнштейн, аз геометрияи ғайриэвклидии Лобачевсий сар карда, то технологияи рақамии муосир, аз кашфи нерӯи барқ сар карда то бунёди неругоҳҳои бузурги барқи обӣ ва ҳастаӣ ва боз даҳҳо кашфиёту ихтирооти дигар дар илму техникаро ном бурдан мумкин аст, ки маҳз аз

тамаддуни баланди Ғарби марҳалаҳои наву навини таърих дарак медиҳанд ва имрӯз аҳли башар аз ин музаффариятҳои инқилоби илмию техникии дар Ғарб бадастомада васеъ истифода мебаранд.

Дар пайдоишу рушди давлатҳои демократии асрҳои XVII - XX ва то имрӯз низ саҳми мамолики пешқадами Ғарб баҳснопазир аст. Ин аст, ки аксарияти давлатҳои ҷаҳони муосир маҳз ҳамин роҳи рушди сиёсию иқтисодиро интихоб намуда, дар таъмини адолати иҷтимоӣ, истифодаи райъи мардум дар давлату давлатдорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода мебаранд ва дар ин ҷода комёб ҳам мегарданд.

Дар ин мамлакатҳо мардуми оддии Ғарб дар асоси арзишҳои демократӣ ба камол расида, нисбат ба инсонҳо воқеан бошафқатанд. Мо шоҳиди он ҳастем, ки дар сурати дар ин ва ё он давлат сар задани ихтилоф ва зарурати таъмини амният ва таъмин аз ғизо онҳо вазифаи башардӯстонаи худро иҷро мекунанд ва ҳатто дар ҳолатҳое, ки ин кор ба онҳо хатар ба бор оварад ҳам. Сарватмандонашон (дар бисёр давлатҳои Шарқ низ), онҳо хоҳ соҳибкор бошанд ё сиёсатмадор, хоҳ олим ё тоҷир, хоҳ варзишгар ё табиб, хоҳ кишоварз ё хизматчии давлатӣ ва ғайра дар ҳаракати башардӯстӣ баҳри расонидани кӯмаки башардӯстона ба мардуми ба он эҳтиёҷманди сайёра фаъолона ширкат меварзанд ва аз ин кор ғизои маънавию ризоиятмандии ахлоқӣ ҳам мегиранд.

Мо барои ҳамаи дастовардҳои илмию техникӣ, кӯмакҳо ва гузоштани саҳми бузург дар ташаккули тамаддуни умумибашарӣ ба мардуми башардӯсту сарбаланди Ғарб ташаккури бепоён изҳор менамоем. Вале дар баробари ин, албатта на ҳамаи Ғарб, балки қисме аз сиёсатмадорони давлатҳои алоҳидаи он имрӯз нисбат ба мардуми Шарқ аз рӯйи принсипи “дар як даст нон ва дар дасти дигар аслиҳа” амал мекунанд.

Давлатҳои Шарқи мусулмон имрӯз на он давлатҳое мебошанд, ки як вақтҳо мустамлика буданд ва мустамликадорон дар он мамлакатҳо чӣ коре, ки мехостанд, барои худ раво медиданд. Ин собиқ империяҳои мустамликавӣ имрӯз ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нисбат ба собиқ мустамликаҳо ва режимҳои ба онҳо тобеъ ҳамчун ба мустамликаҳои худ рафтор намоянд, ки он бидуни бераҳмию зӯроварӣ иҷро намегардад. Худи ҳамин далел муносибати радикализми ифротгароёна мебошад. Бояд қайд кард, ки дар тӯли чандин даҳсолаҳои охир муносибати радикалии зӯроваронаи Ғарб нисбат ба Шарқи мусулмон зуҳуроти манфиро аз қабили радикализми исломӣ ва амалҳои террористиро ба миён овардааст, ки аз онҳо дар баробари мардуми мусулмони Шарқ давлату ҷомеаҳои ғарбӣ низ зарар мебинанд.

Вале давлатҳои империалистӣ ҳамаи зуҳуроти номатлубро имрӯз ҳам чун пештара ба исломгароии радикалӣ нисбат медиҳанд, амалҳои мусаллаҳона ва ҳатто террористии худро дар мамолики Шарқу қаламрави мамлакатҳои худ ба муқобили шаҳрвандони мусулмон бо ҳамин далел ҳақ эълон мекунанд. Ҳатто бар зидди давлатҳои гуногуни Шарқ эътилоф ташкил намуда, вазъи муносибатҳои байналмилалию минтақавиро ноорому пурихтилоф месозанд, ҳатто ба маҷрои дахолати ҳарбӣ ворид месозанд.

Дар баробари тафаккури мустамликадорӣ ба андешаи мо натиҷаи ин равандҳои номатлуб аз сиёсати геополитикии мамолики абарқудрати Ғарб низ ба миён омадааст.

Ин сиёсат низ сиёсати радикалию ифротӣ ва ғаразнок аст аз ҷониби сиёсатмадорони Ғарб. Радикализми исломӣ аз радикализми тафаккури мустамликадорӣ ва радикализми масеҳию тоқатнопазирии онҳо нисбат ба ислом ба миён омадааст. Оё инро сиёсатмадорони Ғарб медонанд? Шояд донанд, вале манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии онҳо дар ин ва ё он минтақаи Осиёю Африқо ба ин роҳ намедиҳанд. Вазъияти бuҳронии иқтисод имрӯзаи инҳо- зарурат ба ашёи хом, ноустувории вазъи молия, истеҳсол ва фурӯши мол (ба онҳо зам шудааст нархи

баланди маводи сӯхт), онҳоро натанҳо водор мекунад, ки ба ин кор даст зананд, балки ба ин сиёсат тела ҳам медиҳад. Бояд иброз дошт, ки радикализми исломӣ ва радикализмҳои дигарро мо ҳеҷ гоҳ дастгирӣ намекунем ва нахоҳем кард.

Масъалаи дигари муносибатҳои байналмилалии муосир мубориза бар зидди терроризм мебошад. Солҳои охир дар як қатор мамолики Ғарб воқеаҳои зиёди фоҷеабори террористӣ рух медиҳанд. Давлатҳои Аврупою ИМА ва иттифоқчиёни онҳо нерӯҳои сиёсию ҷамъиятӣ, коршиносони баландмақом ва марказҳои бонуфузи омӯзиши афкори умум ва ғайра масъалаи терроризмро меомӯзанд, мавриди баррасӣ қарор дода, барои бартараф кардани ин зуҳуроти номатлуби замон барномаю дастурҳо манзур мегардонанд. Аксарияти кулли чунин аснод ба зуроварӣ асос ёфта, муаллифони онҳо бо ин роҳ аз байн бардоштани терроризмро дар тамоми ҷаҳон имконпазир мешуморанд. Вале сарфи назар аз роҳандозӣ кардани ин сиёсат пешгирии терроризм дар ҷаҳон кам нашуда, баръакс афзоиш меёбад. Дар ин роҳ давлатҳои ҷаҳон маблағҳои ниҳоят зиёд сарф карда, неруҳои зиёди мубориза бар зидди ин зуҳуроти хавфноки асрро сафарбар менамоянд. Вале, мутаассифона, ҳеҷ нест, ки тадбирҳои аз тариқи силоҳ аз байн бурдани терроризм ба меъморони ин сиёсати башардӯстона натиҷаи мусбат ба бор орад.

Сиёсатмадорон ва ҳуқуқшиносони давлатҳои асосие, ки сиёсати Ғарбро нисбат ба муносибат бо давлатҳои Шарқ, аз ҷумла ба дини ислом ва давлатҳои исломиро муайян намуда, давлатҳои дигари ин минтақа ва қисме аз давлатҳои Шарқро аз ақиби худ мебаранд, аллакай ҳамлаи террористии радикалҳои исломиро 07.01.15 ба дафтари маҷаллаи фаронсавии «Шарли Эбдо» дар шаҳри Париж «ҳамла ба озодии сухан ва худифодакунӣ» арзёбӣ карданд. Мо ин ҳамлаи терроритони радикалҳои исломиро сахт маҳкум мекунем.

Ин даъвои “пуштибонии озодии сухан”-ро таърихнигор ва сиёсатмадори шинохтаи Россия Татьяна Нарочнитская дар суҳбати телефонӣ бо хабарнигори шабакаи «Россия 24» бегоҳии санаи номбурда мавриди интиқод қарор дода, баён дошт, ки «мавриди ҳаҷв қарор додани паёмбари ислом ва арзишҳои исломӣ ба озодии сухан ягон дахле надорад. Арзишҳои динӣ дар ҳар ҳолат набояд мавриди ҳаҷв қарор гиранд, чунки онҳо муқаддасоти пайравони ин ва ё он дин мебошанд. Бинобар ин, дар баробари озодии сухан шахс ва ҷомеа бояд масъулият дошта бошанд, то ки пайравони дину мазҳабҳои дигар мавриди ҳаҷву таҳқир қарор дода нашаванд». Ба ин маънӣ, ки на ҳама мавзӯъҳои замон, чӣ дар дохили давлатҳо ва чӣ берун аз онҳо, хоҳ зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ бошанд ва хоҳ ахлоқӣ, набояд мавриди ҳаҷв ва худифодакунӣ қарор дода шаванд. Вале инро шояд на дар ҳама мамлакатҳо Ғарб ва ё сарварони онҳо дарк кардан мехоҳанд, чунки дар он ҷомеаҳо ҳуқуқи инсон ба сухану ақида ва худифодакунӣ ба сатҳи қотеъ ва ифрот бароварда шудааст.

Дар баробари ин, дар баъзе давлатҳои ҷаҳони муосир нисбат ба пайравони динҳои дигар эҳтиромона муносибат менамоянд. Боиси қаноатмандист, ки дар Бразилия ба гирдиҳамоии оммавӣ намояндагони ҳамаи динҳо – ислом, мазҳабҳои католикӣ ва православӣ, яҳудию ҳиндуия баромада, дар баробари маҳкум кардани терроризм даъват аз он карданд, ки муқаддасоти динӣ бояд ҳифз ва эҳтироми онҳо ба ҷо оварда шаванд. Дар Ҷумҳурии Федералии Олмон, Русия ва чанд давлати дигари Ғарбу Шарқи ғайриисломӣ нисбат ба муносибат ба ислом ва умуман дину мазҳабҳои ғайримасеҳӣ мавқеи устувори муттамаддин доранд, ки ин падида боиси таҳсину офаринҳо мебошад.

Аз радикализми зиддиисломӣ ва ҳузури аз ҳад зиёди муҳоҷирони мусулмон аз мамлакатҳои аҳолиашон мусулмон дар мамолики Аврупо аксарияти сиёсатмадорони мамлакатҳои ин қитъа рейтинги сиёсӣ ба даст медароранд. Дар натиҷа хатари он ба миён омадааст, ки чунин сиёсатмадорони радикалӣ, ки тамоми бадбахтиҳои ҷомеаҳои худро ба гардани муҳоҷирони осиёию африқоӣ бор мекунанд, дар интихоботи навбатӣ ба сари қудрат биёянд. Яке аз чунин сиёсатмадорон аз худи

Фаронсаи имрӯза Жан Мари Ли Пен мебошад, ки тавассути зидди ислому муҳоҷирон буданаш имрӯз ба воситаи популизми ифротгароёна рейтинги худро дар байни интихобкунандагон точанде афзоиш медиҳад

Дар моддаи 19 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст, ки : "Ҳар кас ҳуқуқ ба озодии ақида ва ифодаи озодонаи онҳоро дорад, ин ҳуқуқ озодии бемамониат дар ақидаи худ истодан ва озодии ҷустуҷу кардан, ба даст даровардан ва паҳн кардани ахборот ва ғояҳоро аз тариқи ҳама гуна роҳу воситаҳо ва сарфи назар аз марзҳои давлатиро дар бар мегирад".[4, с.28] Ин модда ба радикализми масеҳии Ғарб имконият фароҳам меоварад, ки ҳуқуқи озодии сухан, ақида ва худифодакуниро дар ҳаҷв кардани мусулмонҳо ва паёмбари ислом истифода баранд. Яъне ин қонун ва қонунҳои дигари байналмилалӣ ноқис буда, ба ҳифзи ҳуқуқи эътиқодоти динии инсон ва шаҳрванд равона карда нашудаанд.

Зиёда аз 1000 сол қабл аз ин файласуфони Хилофати Араб ва тоҷик Ал-Кинди (870-960), Ал-Ашарӣ – (874-935), Ибни Сино (980-1037), Ғазолӣ (1059-1111), Ибни Баҷоӣ (1070-1138) абадияти олам ва худоро исбот намуда, бо ҳамин эътиқод ва хирадро дар як хат гузоштаанд. Муҳаммад ибни Рушд (1126-1198) ва баъзе мутафаккирони исломии дигари Шарқ аз ду унсур хирадро дар ҷойи аввал гузоштаанд.[2, 115-119] Ин аст, ки дар мавриди муносибат ва ҳамзистӣ бо намояндагони дину мазҳабҳои бегона ба хиради инсон такя кардаанд. Маҳз бо ҳамин сабаб дар асрҳои зиёд дар Шарқи Наздик мардуми масеҳию яҳудияю мусулмон ва муассисаҳои динии онҳо дар давлатҳои мусулмонӣ дар шафати ҳамдигар сукунат дошта ва фаъолият карда, мусулмонҳо бо онҳо дар ҳолати ихтилоф қарор надоштанд. Ин тоқатпазирӣ аз хирадмандии мусулмонон падид омада буд. Вале, мутаассифона, имрӯз дар олами масеҳӣ дар ҷойи аввал эътиқод ва дар ҷойи дуюм хирад меистад, яъне хирадро каме сарфи назар мекунанд. Сабаби асосии ихтилофи Ғарб бо Шарқи мусулмонӣ дар ҳамин омил асос ёфтааст.

Тамоили дигари ҳамагонии муосир ин геополитика мебошад, ки сиёсатмадорони давлатҳои абарқудрати ҷаҳон баҳри манфиатҳои худ берун аз ҳудудҳои давлатҳои худ истифода мебаранд, гӯё ки ба он ҳуқуқи маънавӣ дошта бошанд.

Яке аз самтҳои сиёсати байналмилалии муосир вусъатёбии сиёсати геополитикӣ дар ҷаҳон мебошад. Геополитика ҳамчун мафҳум доктринаи сиёсиест, ки шаклҳои гуногуни истилои империалистиро ишора ба далелҳои иқтисодӣ ва ҷуғрофияи сиёсӣ ҳақ мебарорад. Ба ақидаи мавҷуда дар бораи он, ки геополитика яке аз намудҳои муосири фетишизми буржуазиро мемонад, мо пурра мувофиқ ҳастем.

Геополитика пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тавлид ёфтааст. Мафҳуми "геополитика"-ро бори аввал давлатшиноси шведӣ Р.Челденом ба асари худ "Давлат ҳамчун шакли ҳаёт" дохил намуда, ҳаётӣ будани дидгоҳи империалистиро ба фазои ҷуғрофӣ бо далелҳои малтусчигӣ ва сотсиал-дарвинизм асоснок менамояд. Ҷуғрофияшиноси немис Ратсел мавҷудияти геополитикаро эътироф ва зарур шуморида, давлатро ҳамчун бадани (организм) инсон мешуморад. Ҳимоятгарони истилои империалистӣ дар нимаи дуюми асри XIX-аввали асри XX барои "фазои ҳаётӣ" Х. Маккандер (аз Англия), адмирал Мэхен (аз ИМА) ва дигарон буданд. Яъне онҳо Ҷанги дуюми ҷаҳонии дар пешистодаро дастгирӣ мекарданд.

Дар солҳои 1923-1927 маҳфиле фаъолият дошт, ки дар атрофи маҷаллаи немисии "Геополитика" гурӯҳбандӣ шуда буд, геополитикаро илми махсус эълон мекунад, ки он аз ҷуғрофияи сиёсии муқаррарӣ фарқ мекард. Роҳбарони ин маҷалла А.Хаустофер ва Э.Обст ошкоро геополитикаро дар хизмати идеологияи фашистӣ гузоштанд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ коркарди геополитика дар ИМА (Н.Синкман ва дигарон), Канада (Гринвуд) ва махсусан дар ҶФО (К.Шмидт, Г.Гримм, А.Хеттнер, А.Грабовский ва дигарон) идома меёбад. Вазифаи марказиро геополитика дар асосноккунонии зарурати иттиҳодияҳо ва гурӯҳбандҳо (блокҳо)-и

байнидавлатии империалистӣ дар исботи сабабнокии ҷуғрофии муқовимат дар байни Шарқи коммунистӣ ва Ғарби буржуази (тамаддунҳои “континенталӣ” ва “баҳрӣ”)-ро дар назар дорад.

Дар баробари далелҳои қаблии малтузианӣ имрӯз геополитика даъвоҳои дигар ҳам дорад, ки яке аз онҳо тобеи худ кардани минтақаҳои барои мамлакатҳои абарқудрат ҳаётан муҳим мебошад. Нақши калонро дар консепсияҳои муосири геополитикӣ бо ном “муносибати озод ба ҷуғрофияи сиёсӣ мебошад, ки он ҳамчун қоидаи инъикоскунандаи даъвои империализм барои салтанат дар ҷаҳон мебошад”. ” [3, с.82-83]

Мо солиёни дароз дар бораи даъвоҳои геополитикии давлатҳои абарқудрати ҷаҳони империалистӣ иттилоъ ба даст меорему мушоҳида мекунем ва аз ин ҳайрон ҳам намешавем. Онҳо дар бораи манфиатҳои геополитикии худ дар ин ва ё он нуқтаю минтақаҳои ҷаҳон ошкоро ҳарф мезананду нақшаи ба даст овардани онҳоро кашида, бо ҳамдигар маслиҳату ҳамоҳанг ҳам мекунанд. Ҳамин тариқ, аз тарафи онҳо кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки дар ҳама ҷо, аз он ҷумла дар Осиё ва Африқо минтақаю давлатҳои аз назари онҳо фоиданокро ба фарогири сиёсати хориҷии худ табдил диҳанд. Давлатҳои империалистӣ дар ин самти фаъолият аз ҳар роҳу восита– дипломатӣ, маблағгузории ғаразнок, таъсиси бунгоҳҳои ҳарбӣ, иғвоҳои ҳарбию сиёсӣ ва ғайра истифода мебаранд. Баҳри пиёда кардани сиёсати геополитикӣ дар байни мамлакатҳои бисёр вақт дар байни мамолики империалистӣ муросою гузашткуниҳо низ сурат мегиранд.

Вале давлатҳои манфиатдори геополитикӣ розигии ин ва ё он минтақаи ҷуғрофиро аз соҳибонаш намепурсанд, ки онҳо мехоҳанд тобеашон бошанд. Имрӯз ҷаҳон ба бозоре табдил ёфтааст, ки тақсимоти онро давлатҳои абарқудрат қариб ба итмом расонидаанд. Тақсимоти геополитикии қитъаи Африқо кайҳо боз ба анҷом расида буд. Вале он имрӯз ором нест ва алҳол собиқ метрополияҳо аз ин дар ташвишанд. Таъкид бояд кард, ки мамлакатҳои Африқоро асосан метрополияҳои собиқ аз нав ба даст даровардаанд. Агар дар ягонтои он ихтилофе ба маён ояд, ки хилофи манфиатҳои давлати геополитикӣ бошад, бегуфтугӯ, метрополияҳои собиқ ҳамоно ба корҳои дохилии онҳо дахолат мекунанд. Тавре мушоҳида менамоем, метрополияҳои дигар ба чунин мамлакати империалистӣ якдилӣ баён мекунанд ва агар зарур бошад, ба ин ба собиқ мустамликаҳо ва мамолики тобеъ ҳамчун кумак аслиҳа ва дастаҳои низомӣ мефиристанд...

Дар Осиё бошад, вазъ мушкилтар аст. Чин, Ҳиндустон. Ҷопон. Индонезия, Эрон, Туркия, Афғонистон ва боз чанд давлати дигар қариб, ки зери фазои геополитикии мамлакатҳои империалистӣ қарор надоранд. Аксарияти мамлакатҳои араб ва Исроил ба сиёсати геополитикии мамлакатҳои империалистӣ комилан розӣ ҳастанд ва ҳатто ба Фаластин кӯмак расониданро вазифаи худ намешуморанд, зеро медонанд, ки аз ин патронҳои асосии – ИМА ва Исроил “малол” мешаванд.

Дар сиёсати геополитикии мамлакатҳои абарқудрати муосири ҷаҳон масъалаи маводи сӯхт дар ҷойи аввал меистад. Бинобар ин, имрӯз мубориза и гурӯҳе аз давлатҳои Ғарб бо сарварии ИМА баҳри зердаст кардани манбаъҳои бузурги нафту газ дар Шарқи Наздик ҷидду ҷаҳд мекунанд ва барои ин мехоҳанд яке аз бозингарони асосии осиёӣ – Русияро аз ин бозӣ берун созанд. Русия бошад, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мавқеи худро дар Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ таҳким диҳад. Хуллас мушкилоти сиёсати геополитикӣ дар ҷаҳони имрӯза хеле зиёд аст ва мо бояд ин сиёсатро ба назар гирифта, аз он дар канор намонем ва дар муқобил ва мувозинати сиёсати марбута қарор дошта бошем.

Зимни ҳамаи ин гуфтаҳо саволе ба миён меояд, ки оё имрӯз механизмҳои аз ҳар ҷиҳат боэътимоди байналмилалии ҳуқуқии ҳифзи шаъну шарафи инсон нисбат ба тафовути динию мазҳабӣ ва ахлоқию маънавӣ вуҷуд доранд? Зимни ин масъала менигарем ба Оинномаи СММ. Дар моддаи 23 Оинномаи Созмони Милали

Муттаҳид муқаррароти зерин омадааст: “Шӯрои Амният аз 15 Аъзои Созмон иборат мебошад. Ҷумҳурии Чин, Фаронса, Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, Королии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аъзои доимии Шӯрои Амният мебошанд. Иҷлосияи Кулл даҳ аъзои дигари Созмонро ҳамчун аъзои ғайридоимии Шӯрои Амният интихоб мекунад...” [5, саҳ.4].

Ин нишондод чӣ маънӣ дорад? Дар Шӯрои Амнияти СММ, вақте ки ҳар кадом тасмими ба миён гузоштаро яке аз панҷ нафар узви доимии ин сохтор ҳуқуқ дорад “рад” (“вето”) намояд, гарчанде ки шояд ҳақ набошад. Яъне ихтилофе, ки сабабгори даъвати маҷлиси Шӯрои Амният мешавад, мисли пештара мондан мегирад ва ҳатто мумкин аст авҷ гирад.

Ғайр аз ин дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта мешавад: “Ҳамаи одамон озод таваллуд шудаанд ва дар шаъну шараф ва ҳуқуқ баробаранд. Онҳо дорои хирад ва виҷдон мебошанд ва бояд нисбат ба ҳамдигар дар рӯҳияи бародарӣ рафтор намоянд”. [4, -с.24] Чӣ хел бародарӣ бошад, ки бародари масеҳӣ ҳиссиёти динии бародари исломиро таҳқир мекунад ва барои ҷазои чунин таҳқир қонунҳои байналмилалӣ, натанҳо байналмилалӣ, балки қонунҳои миллии мамолики Ғарби демократию динашон масеҳӣ ҷазо муқаррар накардаанд.

Сарфи назар аз ҳамаи назари манфӣ ба мардуми мусулмон мо ба моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёри ҳуқуқиро дохил кардаем: “Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд”.[1, с.10]

Мо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намуда, онҳоро натанҳо дар таҳияи Конститутсия ва қонунҳои миллиамон истифода мебарем, балки қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳисобем. Вале мамлакатҳои зиёди абарқадрати замон аксар вақт онҳоро сарфи назар карда, муттасил берун аз фазои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд, гузашта аз ин, махсусан ҳиссиёти динии мо, мардуми мусулмонро, таҳқир мекунанд. Чунин мешуморем, ки имрӯз танҳо такя ба хирад роҳи ягонаи муколама ва ҳамкории мутамаддини Шарқ ва Ғарб мебошад.

## АДАБИЁТ

1.Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 203. -86 с.
2.Краткий очерк истории философии. –М.: Мысль, 1981. -928 с.
3.Краткий философский словарь. -М.: Политическая литература, 1975. –496 с.
4.Международный билль о правах человека. Всеобщая декларация прав человека. Изложение фактов 2 (Rev.1). –Женева, 2005. -84 с.
5.Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид. –Душанбе, 2010.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

В статье излагаются основные тенденции в международных отношениях стран современного мира, в основе которых лежат события, происходящие на рубеже XX-XXI веков, которые характеризуются как трудные времена: часто происходят конфликты, выходящие далеко за пределы цивилизованности и порядочности, обещанного конструктивного диалога между двумя великими цивилизациями – Востока и Запада. Автор в этом контексте особенно обращает внимание на морально – нравственные стороны межрелигиозных и межконфессиональных отношений, а также негативные последствия международных и региональных отношений.

**Ключевые слова:** империалистические страны, колониальные империи, метрополий, международные отношения, исламский радикализм, христианский радикализм, терроризм, геополитика, вера и мудрость.

**KEY DIRECTIONS OF INTERNATIONAL RELATIONS IN THE MODERN WORLD**

The article reflects international trend of international relations in countries of the modern world, based on events that took place during XX-XXI centures and currently facing difficult period: often conflicts that go beyond being civilized and goodness, promised constructive dialogue between both great civilizations – East and West. The author, under this context, specifically focused on moral & ethic sides of interreligious and interconfessional relations, followed by negative consequences in view of international and religious relations.

**Key words:** he imperialist countries, the colonial empire, metropolitan, international relations, Islamic radicalism, Christian radicalism, terrorism, geopolitics, faith and wisdom.

**Сведения об авторе:** ***Т.Н. Зиёзода*** – профессор кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-61-29-94**

## ТАЙЕР НАМУДАНИ КАДРҲО ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВИЯИ ДОНИШИ МАДАНӢ – ТЕХНИКИИ ОНҲО

***Я.Х. Набиев***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз замонҳои хеле қадим дар Ҳиндустон, Хитой, Миср, Осиёи Марказӣ ҳанӯз то милод ва баъдан, истеҳсоли маснуоти бофандагӣ мавҷуд буда, аз пахта бо усули дастӣ ресмону матоъ тайёр мекарданд ва мебофтанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони пеш аз Инқилоби Октябр корхонаҳои хурди саноатӣ, косибию ҳунармандӣ вуҷуд доштанд (масалан, дар шаҳри Хуҷанд). Ба кори ресандагӣ асосан занон дар дастгоҳҳои хурди ресандагӣ машғул буда, мардон бошанд, ба бофтани матоъ ва рангу бор додани он банд шуда, аз наххои пахта навъҳои гуногуни дока, чит, карбос, хоса, қаламӣ ва ғайра истеҳсол мекарданд.

Бояд иқрор шуд, ки то асри XX дар Осиёи Миёна саноати калони бофандагӣ вуҷуд надошт, танҳо дар замони шӯравӣ дар ин сарзамин саноати калони бофандагӣ ба вуҷуд омад. Сохтмони корхонаҳои калони бофандагӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Душанбе ҳанӯз дар панҷсолаҳои то Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба кор шурӯъ намуданд.

Асосан, саноати калони бофандагии Тоҷикистон дар солҳои баъдиҷангӣ ба вуҷуд омад, ки бо дастгоҳҳои мукаммалгаштаи автоматии замонавии чи *истеҳсоли* ватанӣ ва чи истеҳсоли хориҷӣ ҷиҳозонида шуда буданд. Далелҳо гувоҳанд, ки дар солҳои мавриди таткиқ истеҳсоли матоъҳои саноати бофандагӣ хеле афзуданд. Омили дигар он аст, ки дар ин замина шаҳрвандон соҳиби касбҳои гуногун гашта, соҳаи бофандагиро пеш мебурданд.

Инкишофи саноати бофандагӣ зарурατеро пеш овард, ки *заминҳо* барои кишти пахта дар Тоҷикистон аз ҳисоби заминкушоӣ (заминҳои нав) сол аз сол зиёд гардад. Навъҳои гуногуни пахта таҳия ва ихтироъ мешуд. Зарурат тақозо намуд, ки дар атрофи заминҳои пахтакорӣ ниҳолҳои тут шинонда шавад, ки барои парвариши кирмак ва зиёд намудани истеҳсоли пилла хеле муҳим буд. Ин кор заҳмати зиёдеро талаб намекард.

Таҳлилу баррасӣ ва ҷамъбасти сарчашмаҳо, маълумотҳо, маводҳо нишон медиҳад, ки дар солҳои 60-80-ум корхонаҳои коркарди пилла афзуда, истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ дучанд зиёд мегардад. Аҳолии бекору хонанишин ба корҳои соҳаи бофандагӣ бештар ҷалб карда шуда, шумораи коргарони ин соҳа меафзояд.

Тараққиёти техника боиси фаровон гардидани неъматҳои моддии ҷамъият ва аз худ кардани техникаи нав, боиси баланд гардидани маданияти коргарон мегардад. Баланд гардидани савияи дониши маданӣ-техникии синфи коргар боиси он мешавад, ки коргарон малакаҳои истеҳсолӣ пайдо карда, нағз меҳнат мекунанд, техникаи навро омӯхта, онро самаранок истифода бурда метавонанд. Дар корхонаҳои саноати бофандагии Тоҷикистон дар солҳои 60–80-ум дар кори тайёр кардани коргарони нав,

инчунин баланд бардоштани ихтисоси сатҳи касбии онҳо, таҷрибаи мусбӣ ба даст дароварда шуд, ки ин барои инкишофи минбаъдаи саноати бофандагии ҷумҳурӣ кумаки чашмрас расонид.

Бояд қайд кард, ки шаклҳои пешқадами ташкили меҳнат ва истеҳсолот мутобиқати ихтисос ва функсияҳои механатиро талаб мекунанд. Дар солҳои 60-80-ум Ҳукумати Иттифоқӣ барои пешрафти саноати бофандагии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешид. Корхонаҳо мунтазам бо техникаи нав таҷҳизотонида мешуданд.

Ҳанӯз то соли 1955 дар корхонаҳои саноати бофандагии кишвар 409 дастгоҳҳои нав ва агрегатҳо гузошта шуда буданд.

Танҳо дар комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская дар муддати солҳои 1959-1964 924 дастгоҳи нав иваз карда шуд, ғайр аз ин, оид ба механиконидани меҳнати вазнин ва автоматикунонидани назорати рафти технология 65 таклиф дар истеҳсолот ҷорӣ гардид.

Маълум аст, ки агар коргар сохти таҷҳизотро нағз надонад, усулҳои самаранок истифода кардани онро аз худ накарда бошад, аз асбобу таҷҳизот сермаҳсул истифода бурда наметавонанд. Ба ақидаи мо, маҳз барои ҳамин маъмурият ва ташкилотҳои ҷамъиятии корхонаҳои бофандагии Тоҷикистон ба таълими истеҳсолӣ-техникии коргарон аҳамияти калон доданд. Масалан, Иттифоқи ҷавонони ҷумҳурӣ дар бораи ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб кардани ҷавонон фаъолона иштирок карда, ба онҳо дар кори зудтар ба даст овардани ихтисоси истеҳсолотӣ ёрӣ мерасониданд.

Дар солҳои мавриди тадқиқ онҳо дар корхонаҳо барои коргарҷавонон мусобиқаҳо ташкил мекарданд, ки барои омӯхтани касб ва техникаи навин ёрӣ мерасонид. Дар давраи солҳои 60-ум дар саноати бофандагии ҷумҳурӣ як ҳаракати наҷиб - соҳиби касби дуюм шудан ба амал омад. Ин ҳаракат коргаронро даъват мекард, ки аз истеҳсолот дур нашуда, касби дуюмро аз худ намоянд. Танҳо дар соли 1965 14 ҳазор коргарон касби дуюмро аз худ карданд. Баландшавии сатҳи истеҳсолотӣ - техникии коргарон, ба кор ва ҳаракати онҳо кумаки амалӣ расонид. Дар Комбинати абрешимбофии Хуҷанд 468 коргарҷавонон, аз ҷумла Абдувоҳид Бобоев, Абдусаттор Абдуҷабборов, Лилия Жебряк, Мария Кисленко, Дилбар Худойбердиева ва чанде дигарон, бо туфайли омӯхтани касби дуюм нақшаҳои истеҳсолии худро барзиёд иҷро карданд.

Барои коргарони Комбинати бофандагии Душанбе бошад, мактаби усули меҳнати пешқадам фоидаи калон расонд. Дар солҳои 1960-1964-ум дар ин мактаб 203 нафар коргарон мехонданд. Коллективи бригадаи ҷавонони С. Дроздов, ки 22 нафар буданд, фаъолона иштирок мекарданд. Ин ба иҷрои нақшаи истеҳсолӣ ёрӣ мерасонд, ки ҳар моҳ. ин бригада нақшаи истеҳсолро 150% иҷро карда, маҳсулоти аълосифат тайёр мекард. Дар корхонаҳои бофандагӣ ва дӯзандагии шаҳри Душанбе, Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Конибодом ва Кофарниҳон солҳои 70-80-ум таълими истеҳсолотӣ-техникӣ дар байни духтарон хуб ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа ҳазорҳо собиқ хонашинон тавонистанд ба кор омода шаванд. Вале, дар замони имрӯза, ки корхонаҳои саноатӣ бо сабабҳои маълум бо иқтидори пурраашон кор намекунанд, миқдори коргарзанон хело кам шудааст.

Ҳоло Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи ба кор андохтани корхонаҳои пештара ва барпо намудани саноати хозиразамон истодааст. Ба гумони росих, таҷрибаи мусбии гузашта дар соҳаи инкишофи саноати ҳозиразамони ҷумҳурӣ кумак расонад. Бо итминони комил бояд қайд кард, ки дар солҳои 60-80-ум дар саноати бофандагии ҷумҳурӣ оид ба тайёр кардан ва баланд бардоштани ихтисоси коргарон таҷрибаи мусбӣ ба даст оварда шудааст. Ҳатто, дар назди Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе таълимгоҳҳои техникӣ ташкил дода, коргарон савияи дониши истеҳсолии худро дар ин ҷо низ баланд мебардоштанд. Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 147 таълимгоҳҳои халқӣ амал карда, дар онҳо 10 ҳазор коргарҷавонон таҳсил мекарданд.

Дар Комбинатаи бофандагӣ бошад, 85 нафар аз хондан фориғ шуданд. Соли хониши 1960/61 дар миқёси ҷумҳурӣ 4160 хонанда таҳсил кардаасту халос. Бо ин мақсад, иттифоқҳои касаба ва созмонҳои ҷавонон азназаргузаронии ҷумҳуриявии тайёрии маълумоти умумӣ ва истеҳсолӣ – техникии коргарону хизматчиёнро эълон карданд. Азназаргузаронӣ аввал дар корхонаҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва баъд дар сатҳи ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Корхонаҳои саноати бофандагӣ оид ба ин масъала таҷрибаи муфид ба даст даровարданд. Масалан, фабрикаи нассоҷии шаҳри Душанбе ва Комбинати абрешимбофии шаҳри Хуҷанд ин ташаббусро дастгирӣ карда, барои коргароне, ки хоҳиши таҳсил доштанд, сохтори меҳнати баст-баст ташкил намуданд. Чунин шакли ташкили меҳнат натиҷаи мусбӣ дод. Солҳои 60-ум дар ҷумҳурӣ зиёда аз 800 мактаби меҳнати коммунистӣ, бештар аз 300 мактаби таҷрибаи пешқадам мавҷуд буд. Танҳо дар соли 60-ум 4108 коргари Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская мактабҳои усули пешқадами меҳнатро хатм карданд.

Дар кори баланд бардоштани дараҷаи дониши техникии коргарон Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская ташаббуси хуб нишон дод. Онҳо барои гирифтани номи «мутахассиси беҳтарин» озмун гузарониданд. Дар рафти озмун 50 нафар коргарҷавонони комбинат ихтисоси худро баланд бардоштанд. 9-нафар коргарони *ғолиб баромада,* А. Олимов, Д. Шаров, Қ. Урозбоев ва дигарон, роҳхати бепул гирифта, ба корхонаҳои абрешимбофии Озарбойҷон сафар карданд. Ин ташаббус аз тарафи дигар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ дастгирӣ карда шуд. Дар рафти озмуни соли 1961 зиёда аз 1000 нафар коргарони шаҳри Душанбе ихтисоси худро баланд бардоштанд. Дар солҳои 70-ум бошад, ду маротиба озмуни коргарони саноати бофандагӣ барои омӯхтани ихтисоси дуюм эълон карда шуда буд. Дар ин озмунҳо Комбинати бофандагӣ, Комбинати абрешимбофии Душанбе ва Комбинати қолинбофии Кайроқум ғолиб баромаданд. Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи мавриди тадқиқот дар ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани савияи умумӣ ва истеҳсолии коргарон заминаи хуби моддӣ муҳайё карда шуда буд. Дар назди корхонаҳои калон китобхонаҳо, кабинетҳои таьлимӣ амал мекарданд.

Дар аввали солҳои 1970 дар ҷумҳурӣ 1163 китобхона, 36 номгӯйи маҷалла ва 61 рӯзнома дар ихтиёри меҳнаткашон буд, ки барои баланд бардоштани савияи маданӣ-техникӣ истифода мешуданд. Дар солҳои аввали 1980 4 комбинати таълимӣ–истеҳсолӣ фаъолият мекарданд. Ва ҳамчунин дар ноҳияҳои Ҳисор, Ленин, Кофарниҳон, Турсунзода комбинатҳои таълими иистеҳсолӣ (УПК) ташкил карда шуда буд, ки мактабиёни деҳотӣ ба касби бофандагӣ дар дастгоҳҳои замонавӣ шинос шуда, кор ёд мегирифтанд.

Аз ҷумла Абдувоҳид Бобоев, Абдусаттор Абдуҷаборов, Лилия Жебряк, Мария Кисленко, Дилбар Худойбердиева ва чанде дигарон қобилияти меҳнатӣ нишон дода, соҳиби ду-се ихтисос шуданд. Тарзи омӯхтани таҷрибаи пешқадами меҳнат, хусусан ба коргарҷавонони Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе низ ёрии калон расонид. Танҳо соли 1960 203 нафар коргарони комбинат дар мактаби ом ва омӯзиши усули пешқадами меҳнат таҳсил карда, нақшаҳои истеҳсолии худро иҷро намуданд. Масалан, бригадаи ҷавонони комбинат С. Дроздов ба туфайли омӯзиш тавонистанд дар мусобиқаҳои истеҳсолӣ ғолиб бароянд.

Аз он ҷумла, дар Иттиҳодияи калонтарини ҷумҳурӣ – Комбинати абрешимбофии шаҳри Хуҷанд чунин ҳолат ба назар мерасид. Барои қонеъ гардонидани талаботи комбинат бо қувваи корӣ бо ёрии Шӯрои шаҳрии Қайроқум, ноҳияи Хуҷанд ва баъзе Шӯроҳои намояндаҳои халқӣ –шаҳрак ва қишлоқӣ нақлиёт ҷудо карда, корҳои муайяни фаҳмондадиҳӣ дар байни занон (бо мақсади ҷалб кардани хоҳишмандон, ки хоҳиши кор кардан дар комбинат дошта бошанд), гузаронида мешуд.

Ҷидду ҷаҳд натиҷаҳо медод. Дар соли 1978 аз шаҳраки Шӯрои шаҳрии Қайроқум, аз маркази ноҳияи Пролетар, аз деҳоти ноҳияи Хуҷанд, дар комбинат қариб 2000 одам кор мекард. Дар худи шаҳри Қайроқум навбати дувуми комбинати қолинбофӣ ба кор шурӯъ кард. Соли 1970 давраи аслии тағйироти куллии сохтори маълумоти касбӣ - техникӣ буд. Хусусан, тадбиқи қарорҳои Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (минбаъд-ҲКИШ) ва Шӯрои Вазирони Иттиҳодияи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (минбаъд ИҶШС) апрели соли 1969 «Оид ба чораҳои дар оянда беҳтар тайёр кардани дараҷаи ихтисоси коргарон дар муассисаҳои таълимии сохти маълумоти касбӣ-техникӣ» натиҷаҳои дилхоҳ дод. Аз он ҷумла, дар Тоҷикистон оид ба такмилдиҳии системаи маълумоти касбӣ-техникӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуд. Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик дар якҷоягӣ бо коллективҳои омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии рақамҳои 28, 47 кӯшиш мекарданд, ки сифати ихтисосгирии ресандагон, бофандагон, ёрдамчиҳои устоҳои истеҳсолии ресандагӣ ва бофандагиро беҳтар намоянд. Барои ҷалб кардани духтарони маҳаллӣ ба таълимгоҳҳо; корҳои зиёде ба сомон расонида мешуд. Духтарон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ бо маълумоти миёнаи нопурра ва бидуни дараҷаи ихтисос қабул карда мешуданд. Масалан, дар панҷсолаи 9 -ум ва 10-ум дар назди таълимгоҳи касбӣ-техникии рақами 28 ва 47 3882 мутахассис тайёр карда шуд.

Танҳо дар соли 1975 дар курсҳои таълимии комбинатӣ дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик (ИИНТ) зиёда аз 700 коргар тайёр карда шуда буд. Соли 1981 бошад, давраҳои гурӯҳҳои таълимии комбинатиро 1200 нафар коргарони ихтисоснок хатм карданд. Вале, бояд зикр кард, ки таълимгоҳҳои касбӣ-техникии рақамҳои 28, 47 дар солҳои 80-ум нақшаи қабул ва тайёр кардани коргаронро иҷро карда натавонистанд. Кумитаҳои иҷроияи шӯроҳои нохияҳо ва шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Кофарниҳон ва ғайра, саҳми худро оид ба тайёр кардани мутахассисон барои саноати бофандагӣ гузоштанд. Бо тавсияи шӯроҳо соли 1980 аз 1050 нафар 771 нафар бо кор таъмин шуд, аз он ҷумла 490 нафари онҳоро коргарон аз шаҳри Душанбе ташкил медоданд. Боиси зикр аст, ки дар интихоб, ҷобаҷо гузорӣ ва тарбияи коркунони муҳандисӣ-техникӣ камбудиҳои ҷиддӣ дида мешуд. Аз он ҷумла, ҷавонони маҳаллӣ хеле кам буданд. Инчунин, як қисми мутахассисони ҷавон тарки кор мекарданд. Аз он ҷумла, дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик дар 10 соли охир аз 490 нафар коркунони муҳандисӣ-техникӣ зиёда аз 80 нафар мутахассисон аз кор рафтанд. Инчунин, ивазшавии зуд-зуди директорони фабрикаҳо, роҳбарони сеххо ба мушоҳида мерасад.

Номи бофандаи Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик Т.Н. Верешагина ба ҳамагон маълум буд. Тамара Николаевна аз ҷумлаи аввалин боғайратони мусобиқа, ки нақшаи панҷсолаи ёздаҳумро пеш аз муҳлат ва сарбаландона иҷро карда буд. Т.Н. Верешагина инчунин мураббии ҷавонон буд. Ӯро барои сарсупурдагиаш бо унвони «Мураббии хизматнишондодаи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадр карда буданд. Сафи мураббиёни коргарҷавонон солҳои 80-ум дар ҷумҳурӣ ба 28 ҳазор расид. Дар ҳақиқат, онҳо одамони обрӯманд, дорандаи таҷрибаи бойи ҳаётӣ буданд. Дар байни онҳо дорандаи унвони фахрии «Мураббии хизматнишондодаи ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон» иттиҳодияи «Тоҷикатлас» Б. Аҳмадова, ёрдамчии устои Комбинати абрешимбофии шаҳри Хуҷанд С. Қузиева, Мешрякова Александра Романова аз Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская, барои иштироки фаъолона дар таълиму тарбияи ҷавонон ва ба шарафи 50-солагии комбинат бо ифтихорномаи фахрии КМ ВЛКСМ мукофотонида шуда буданд. Дар омӯзиши истеҳсолӣ соли 1978 бо тарзи фардӣ 178 кас тайёр карда шуда буд. Бо ёрии мураббиён 665 нафар коргарон, дар курсҳои мувофиқ 375 нафар, дар мактабҳои омӯзиши усулҳои пешқадами меҳнат 137 нафар ихтисосашонро баланд бардоштанд,

71 нафар ихтисоси дуюм гирифтанд, 68 нафар савияи дониши муҳандисӣ–техникиашонро дар Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе такмил доданд.

Соли 1978 дар ҳаракати мураббигӣ 115 - нафар коргарони беҳтарин иштирок карданд. Аз он ҷумла Озода Зоирова, Зумрат Шарипова, О.П. Лаврентева, Г.В. Сорокина, Е.Н. Гончарова, К.Ш. Наврӯзова, Н.А. Юдина, Г.Ҳ. Қурбонова, Н.И. Ефимова, Н. Бӯриева ва чанде дигаронро зикр кардан мумкин аст.

Дастпарварони Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская, амсоли В.И. Козлова -мудири шуъбаи саноати Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, А.Т. Қосимова -вазири хизматрасонии маишӣ, Ф.Ю. Низомова -раиси комитети ҷумҳуриявии КҶ иттифоқи касабаи коркунони бофандагӣ ва саноати сабук, Р.Б. Гаскова -директори фабрикаи ҷӯробу наскӣ, Исмоил Оглы- Идрис Набиев -директори Иттиҳодияи «Тоҷикатлас» ва чанде дигарон, дар корхонаҳои гуногун роҳбарӣ карданд. Дар солҳои 1981 - 85 дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик коллективи мураббиён ба 850 нафар собиқадорони меҳнат расида буд, ки ба коргарҷавонон таҷрибаи худ ва нозукиҳои касбро меомӯзониданд. Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, ҷонишини директори комбинати гурӯҳҳои таълимӣ Розия Қурбонова, муҳандис оид ба коромӯзии ҷавонон Лидия Фёдоровна Логинова, намояндаи Шӯрои Олии собиқ СССР Серафима Григоревна Кадирова, роҳбари шӯрои мураббиёни навбати савум Татяна Газеева ва чанде дигарон буданд.

Дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ шумораи занони маҳаллӣ сол аз сол зиёд мешуд. Агар соли 1967 дар фабрикаи нассоҷии Ӯротеппа 668 зан кор мекард, соли 1970 бошад, шумораи онҳо ба 1021 нафар расид. Соли 1970 дар фабрикаи ресандагии шаҳри Конибодом 743 зан кор мекард, ки 573 нафарашон аз миллати маҳаллӣ буданд. Дар Комбинати абрешимбофии шаҳри Хуҷанд соли 1969 аз ҳисоби умумии коргарон 8025 зан, аз он ҷумла 1158 нафар ё 14,6% занҳои махаллӣ кор мекарданд. Дар асоси далелҳои фавқ метавон хулоса баровард, ки сатҳи кор дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ паст будааст. Далелҳои шайъӣ нишон медиҳанд, ки суръати тараққиёти ҷамъиятӣ низ суст будааст. Сабабашро дар номунтазам ҷойгиркунии воситаҳои истеҳсолот дар ҳудуди Тоҷикистон мебинем.

Шуъбаи фабрикаи трикотажии либосҳои рӯ дар ҳудуди хоҷагии «Роҳи Ленин» кушода шуд. Шуъбаҳои Иттҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик воқеъ дар шаҳракҳои Варзобу Шаҳринав, ки зиёда аз 90% коргаронашонро занони маҳаллӣ ташкил медоданд, ба кор сар карданд. Шуъбаҳои Иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, ки дар деҳоти Тоҷикистон сохта мешуданд, ба пешрафти меҳнати ҷамъиятӣ таъсири муфид мерасониданд.

Бояд қайд кард, ки КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 29 ноябри соли 1988 қарори махсус оид ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб намудани занонро қабул намуданд. Дар хуҷҷат тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва касбомӯзии онҳо нишон дода шуда буд. Ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ дар асоси ин ҳуҷҷат амал карда, то як андоза низ муваффақият ба даст даровара̄нд. Хусусан, дар солҳои 80-ум ба воситаи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии ҷумҳурӣ шумораи зиёди мутахассисон аз байни занон барои саноати бофандагӣ тайёр карда шуд. Духтарон дар омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ аз рӯйи 45 касб таҳсил мекарданд. То охири соли 1983 дар ҷумҳурӣ 78 шуъба ва сехҳо аз корхонаҳои саноати сабук ва маҳаллӣ арзи вуҷуд дошт, ки зиёда аз 10,6 ҳазор занҳо омодаи кор буданд. Занон дар ҷумҳурӣ, махсусан дар маҳалҳо аз рӯйи касби бофандагӣ дар чунин сехҳо кор мекарданд. Яке аз сабабҳои асосии ба кор суст ҷалб кардани ҷавонзанон, аз ҷумла ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, ба ақидаи мо, сатҳи пасти ихтисосмандии духтарон буд.

Зиёда аз 50% коркунони Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷиро ҷавонони тоҷик ташкил мекарданд. Мувофиқи маълумоти бойгониву-сарчашмаҳо, метавон ба хулоса омад, ки барои ҷавонон дар иттиҳодияи мазкур ҳамаи шароитҳои корӣ (истироҳати бофароғат, баланд бардоштани дониш ва ғайра) мавҷуд будааст. Дар ин ҷо Шӯрои кор бо ҷавонон пурсамар фаъолият доштааст.

Тайёр кардани коргарони нав, бевосита барои истеҳсолот дар солҳои мавриди таҳқиқ мақоми махсус дошт. Дар соҳаи саноати бофандагӣ шаклҳои гуногуни тайёр кардани коргарони нав вуҷуд дошт. Аз он ҷумла, дар корхонаҳо хониши фардӣ, хониши гурӯҳии касбӣ–техникӣ бахшҳои махсус амал мекарданд. Дар охири солҳои 80-ум таҳсили эҷодӣ дар гурӯҳҳо ташкил гардид. Одатан, чунин гурӯҳҳо на камтар аз 10-нафар иборат буда, ба онҳо устодони пуртаҷриба, ихтироъкорон дарс мегуфтанд. Вале, шакли асосии тайёр кардани коргарони нав, дар бригадаҳо ба таълим фарогирӣ буд. Ба ақидаи мо чунин шакли омӯзиш дар шароити кунунӣ низ аҳамият дорад. Танҳо дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик дар нимаи аввали солҳои 70-ум 3715 нафар коргарони нав тайёр карда шуда буданд. Дар Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе танҳо дар панҷсолаи 9-ум ба тарзи *пешқадами меҳнатӣ,* ҳар сол 500 нафар, дар комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе 200 нафар ихтисоси худро такмил доданд. Вале корхонаҳое низ буданд, ки нақшаҳояшонро иҷро намекарданд. Масалан, фабрикаи рақами 2 дӯзандагии шаҳри Ленинобод (Хуҷанд) соли 1974 ба ҷойи 300 нафар 251 нафар коргари навихтисос тайёр кард. Бояд махсус қайд кард, ки дар гурӯҳҳои—истеҳсолӣ- техникии комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская ҳар сол то 150 нафар бофанда, ёрдамчиёни устоҳои сехи бофандагӣ, найчагардонҳо, тортанҳо ва коргарони ихтисосҳои дигар тайёр карда мешуданд. Дар мактаби таҷрибаи пешқадам барои ихтисосҳои ресмонресӣ 41 нафар коргари пилларес тайёр карда шуд.

Дар гурӯҳҳои мақсадноки таълимӣ 271 коргар таҳсил карда, соҳиби касби дувум шуданд.

Дар Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе таълимгоҳи касбӣ- техникии рақами 28 вуҷуд дошт, ки дар солҳои 60-ум 790 нафар коргарони соҳибихтисос тайёр кардааст.

Моҳи декабри соли 1977 Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «Ҳолати бо кор таъминкунии ҷавонон дар Тоҷикистон»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, органҳои маорифи халқро вазифадор кард, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҷавонон шакл ва усулҳои муфиди ба кор ҷалб намудани ҷавононро пайдо ва муайян намоянд. Бо ин мақсад, Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик бо ҷавонон вохӯриҳо гузарониданд. Дар натиҷа соли 1978 ба ин комбинат 69 нафар ҷавонон ва духтарон ба кор омаданд.

Дигар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ба Тоҷикистон дар тайёр кардани мутахассисон кумак мерасонданд. Вале дар ин соҳа низ камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд дошт. Ҷавонони тоҷикистонӣ дар комбинати бофандагии шаҳрҳои Волск, Иваново ва ғайра таҳсилро ба охир мерасониданд. Барои рафъи камбудиҳо тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешуд. Дар солҳои мавриди тадқиқ гузаронидан «Ҳафтаи шарафи коргарӣ» дар ҷумҳурӣ анъана шуд. Ин ҳафта, таҳти шиори «Ба синфи коргар-навбати сазовор» мегузашт. Хамин тавр, бо мақсади васеъ паҳн кардани касби коргарӣ, дар байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон маъракаҳои муҳим гузаронида мешуд. Барои баланд бардоштани сатҳи системаи маълумоти касбӣ-техникӣ дар тайёр кардани мутахассисони коргарии ихтисосманд, ҳафтаҳо, конференсняҳои минтақавии илмӣ-таҷрибавӣ гузаронида мешуд.

Дар натиҷаи чорабиниҳои гузаронида, сол аз сол шумораи коргарон зиёд мегардид. Дар нимаи аввали солҳои 70-ум дар Комбинати бофандагии шаҳри Душанбе 8797 нафар коргар, аз он ҷумла 6030-нафар занҳо дар фабрикаи ресандагии Конибодом 1154 кас, аз он ҷумла 844 нафар занҳо кор мекарданд.

Барои амалӣ гаштани нуқтаҳои боло, солҳои 70-80-ум масъалаи ҳамаҷониба истифода нашудани захираҳои меҳнатии минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба миён омад, ки аҳамияти калон дошт. Аз он ҷумла, дар Тоҷикистон истифодаи меҳнати занон дар саноати бофандагӣ мавқеи асосӣ пайдо кард. Дар шароити Тоҷикистон тайёр кардани коргарони соҳибкасб аз ҳисоби занон, бо тариқи зер сурат гирифта буд:

Бо усули касбомӯзӣ дар гурӯҳҳои таълимии комбинатҳо, дар омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, касбомӯзии бевосита дар истеҳсолот, бо усули бригадавӣ ва инфиродӣ ба роҳ монда шуд. Чунончи, дар Комбинати абрешимбофии шаҳри Душанбе ба номи Н.К. Крупская, ки зиёда аз 80% коргаронро занон ташкил медоданд, тайи солҳои 80-ум ба тарзи инфиродиву бригадавӣ 1978 нафар касб омӯхт, ки 1730 нафарашонро занон ташкил медоданд.

Дар Иттиҳодияи дӯзандагии ба номи «50- солагии СССР» бошад, 5931 мутахассис тайёр карда шуд, ки 5693 нафарашон занон буданд. Курсҳои таълимии назди комбинатиро дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик, ки муҳлати касбомӯзӣ 6 моҳ буд, соли 1975 750 нафар, дар Иттиҳодияи дӯзандагии «50-солагии СССР» соли 1980 600 нафар, дар Комбинати абрешимбофии шаҳри Хуҷанд соли 1985 бештар аз 500 нафар занон хонда, соҳиби касбҳои бофандагӣ, ресандагӣ, пилларесӣ гаштанд.

Дар Тоҷикистон таҷрибаи ташкили сохтори мураббиён (барои коргарҷавонон) ҷорӣ гардид.

Саноати сабуки Тоҷикистон яке аз соҳаҳои калонтарини истеҳсолот ба ҳисоб мерафт, ки 45% ҳаҷми умумии истеҳсолоти ҷумҳуриро ташкил медод. Дар солҳои 80-ум 44 ҳазор коргарон кор мекарданд. Танҳо дар соли 1977 зиёда аз 2,6 ҳазор ҷавонон ва духтарони ҷумҳурӣ бо роҳхат дар саноати маҳаллӣ ва сабук, савдо ба хизмати маишӣ ва коммуналӣ равона шуда буданд. Бо таклифи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ М.С. Иванкова дар байни коргарони ҷавон ва мураббиён дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик шартнома баста шуд. Дар асоси он кори тарбиявӣ хеле суръат гирифт.

Хуб мешуд, ки дар истеҳсолоти Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҷрибаи пешқадами тарзи тайёр кардани мутахассисони истеҳсоли он дар ин айём истифода мегардид. Дар баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси коргарон метавон таҷрибаи мураббӣ, сарпарастӣ ва хусусан ғамхории ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсиро хеле судманд истифода бурд.

Мутаассифона ҳоло бештари корхонаҳои саноатӣ қариб, ки аз кор мондаанд.

Ба кор даромадани чунин коргоҳҳо имконият фароҳам меоварад, ки шаҳрвандони кишвар барои ҷустуҷӯйи кор ба дигар ҷумҳуриҳо нараванд. Дар ҷумҳурӣ масъалаи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ ҳатман бояд ба назар гирифта шавад, он гоҳ метавон дар хусуси самаранокии кори коргарон бо ифтихор сухан ронд.

**САРЧАШМАҲО**


1. Бойгонии ҳизбии маркази сиёсии ташкилоти комитети марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон (АП МСТ КМ ҲКТ).ф.3,8,36.
2. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ф. 291.
3. Бойгонии комитети давлатии Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ. С.1969-1988.
4. Бойгонии комбинати бофандагии ш. Душанбе. С.1960-90.
5. Бойгонии комбинатҳои шоҳибофии ш. Душанбе, ш. Хуҷанд. С.1960-92.
6. Бойгонии комбинати бофандагии ш. Қӯрғонтеппа. С. 1975-92.
7. Агитатори Тоҷикистон. - С.1970-89.
8. Коммунист Таджикистана. -С. 1965-91.
9. Тоҷикистони советӣ. -С.1964-92.
10. Комсомоли Тоҷикистон. -С.1966-90.
11. Бофанда. -С.1965-98.

## АДАБИЁТ

1. Дустов Х. Коммунистическая Партия Таджикистана в борьбе за создание и развитие текстильной промышленности (1929-1958гг): дисс… канд. ист. наук / Х. Дустов. –Душанбе, 1971. –С. 57.
2. Зикриёев Ф. Комсомол ва савияи дониши техникии ҷавонон / Ф. Зикриёев. – Душанбе: Ирфон, 1969. -С. 74.
3. Рыбак А.С. Забота Парторганизации Таджикистана о подыеме культурно–технического уровня рабочего класса (1959-1965гг) / А.С. Рыбак. – Душанбе: Ирфон, 1965. –С. 17.
4. Очерки Таърихи партияи Коммунистии Тоҷикистон. –Душанбе: ирфон, 1965. –С.475.
5. Басова Л.Д. Узоры на тканях / Л.Д. Басова. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 75.
6. Хасанов К. Рабочие руки для республики / К. Хасанов // Коммунист Таджикистана. -1981. -14 янв.
7. Зикриёев Ф. Комсомол Таджикистана в борьбе за технической прогресс / Ф. Зикриёев. – Душанбе: Ирфон, 1971. -С. 66-67.
8. Набиева Р. Занони Тоҷикистон / Р. Набиева. -Душанбе: Ирфон, 1991. -С. 162.
9. Хоналиев Н. Трудовые ресурсы Таджикистана / Н. Хоналиев // Проблемы, перспективы. - Душанбе: Ирфон, 1988. –С. 119.



**ПОДГОТОВКА И ПОВЫШЕНИЕ КУЛЬТУРНО-ТЕХНИЧЕСКОГО УРОВНЯ ЗНАНИЙ КАДРОВ**

Развитие научно-технического прогресса во всех сферах народного хозяйства, зависит от факторов повышения эффективности общественного производства. Материально-технические факторы повышения эффективности зависят от качества и уровня использования средств производства, а социально-экономические факторы зависят в основном от рационального использования рабочей силы, их культурно-технического уровня. Повышение роли культурно-технического уровня кадров определяется все возрастающим значением специальных и общеобразовательных знаний и воздействия науки на развитие общества.



**Ключевые слова:** современный этап развития, повышение эффективности производства, социально-политические и экономические задачи, повышение культурно-технического уровня кадров.



**TRAINING AND RAISING CULTURAL AND TECHNICAL KNOWLEDGE TRAINING**

The development of scientific and technological progress in all spheres of the national economy depends on the factors of increase of efficiency of social production. Logistical factors increase the effectiveness depends on the quality and level of utilization of the means of production and socio-economic factors depend mainly on the rational use of the workforce, and their cultural and technical level. Enhancing the role of the cultural and technical level of the frame is determined by the growing importance of special and general knowledge and the impact of science on society.



**Key words:** current stage of development, increasing the efficiency of production, socio-political and economic problems, the cultural and technical level personnel.



**Сведения об авторе:** ***Я.Х. Набиев*** **–** доцент кафедры истории таджикского народ Таджикского национального университета. Телефон: **917-22-92-66**


# «ТАЪРИХИ БАДАХШОН» ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ


***Ғ. Ғоибов***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


«Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар сарчашмаи нодиру муҳиммест, ки дар он таърихи 250-солаи кишвари тоҷикони Бадахшони асрҳои XVII – аввали асри XX (1657-1907) ҷамъоварию китобат шудааст. Дар ин асар натанҳо маълумоти пурарзиши таърихи сиёсӣ, балки маводи саҳеҳ оид ба шаҳру ноҳия ва вилоятҳои Бадахшону ҳамсояҳои он – Хатлон, Дарвоз, Чатрор, Кошғар ва Ёрканд оварда шудааст. «Таърихи Бадахшон» дар соли 2007 аз ҷониби Ғоибов Ғ. ва Холов М. таҳқиқ ва ба табъ расонида шуд [4].

Ногуфта намонад, ки Бадахшон ва таърихи он аз қадим то имрӯз диққати олимонро ба худ ҷалб карда меояд. Санги лоҷуварди Бадахшон дар сохтмонҳои Мисри қадим ошкор гардидааст. «Дар тӯли тамоми таърихи дуру дарози маданият як санг-лоҷуварди кабуди дурахшони сарзамини афғон (Бадахшон – Ғ.Ғ.) мегузарад ва он бо роҳҳои душворгузари корвонҳо то ба Миср, Хитой ва Руму Византия бурда

мешуд»- навишта буд академик А.Е. Ферсман.[5, с. 267] Бадахшон ва таърихи он мавриди омӯзиши олимон қарор дошт, чунончи В.В. Бартольд, [2, с. 343-347] Т.Г. Абаева ва дигарон[1].

Дар китоби «Таърихи Бадахшон» таърихи ташаккулёбии кишвари Бадахшон ҳамчун давлати мустақил дар асри XVII - аввали XX муфассал баён карда шудааст. Тибқи маълумоти ин сарчашма дар соли 1657 вилояти Бадахшон марказаш дар шаҳри Ҷузгун таъсис дода шуд. Мардуми Бадахшон Ёрибекхон ном сайидзодаеро, ки чанд насл пеш бо чанд нафар аз аҳли оилааш аз Самарқанд кӯчида ба Хами Мир ном мавзеи Бадахшон омада сокин шуда буд, мири худ интихоб намуданд [4 с.76-77]. Ҳамин сарчашма боз дарак медиҳад, ки Бадахшони замони подшоҳии Ёрибек аз шаҳру нохияҳои зерин иборат будааст, ки ӯ онҳоро ба 8 нафар писаронаш ин тавр тақсим намуда дода будааст: 1) Ҷурм, 2) Садда ва Пасокӯҳ, 4) Зардев, Сарғулом, Шева, 5) Кишм, Фархор, Варсаҷ, Танги Дарун, 6) Арғунҷхоҳ, 7) Куррон, Мунҷон, 8) Боғи Ҷурм.[4, с. 78-79] Дар айни замон шаҳри Файзободу атрофи он бо Яфтали Болову Поён ва Шаҳри Бузург дар ихтиёри худи Ёрибек монда буданд. Дар «Таърихи Бадахшон» шаҳру навоҳии Толиқон, Ишкамиш, Ғӯрӣ, Ҳазрати Имом, Ҳафтдаҳдараи Хинҷон, Қундуз баъдтар дар ҳайати Бадахшон ёд гардидаанд. Ҳамин тавр, «Таърихи Бадахшон» ҳамчун сарчашма аз он дарак медиҳад, ки дар асрҳои XVII-XVIII Бадахшон кишвари калони мустақили тоҷикон будааст.

Муаллифони «Таърихи Бадахшон» сабаби Ёрибекхони даҳбедиро шоҳи Бадахшон интихоб карданро дар ду чиз дидаанд, сабаби аввал дар он буд, ки «дар таърихи санаи ҳазору шасту ҳашт (1068/1657м.) буд, ки аз ҳокимони соҳибиқбол аҳаде қоиммақоми масиади аморат (амири Бадахшон) намонд». Сабаби дуюм дар он буд, ки «мардуми ӯзбаки қатағония бинобар қурби ҷивор (ҳамсоягии наздик) истилову ғалабаи тамом намуда, дасти тааддиву зулм дароз карданд. «Ва мардуми Бадахшон аз турку тоҷик бо ҳам салоҳ намуда, ки якеро аз миёни қавм мухтор намуда, амиру ҳокиму соҳиби худҳо намоем».[4, с.74]

Дар ҳақиқат ҳам, вазъи Бадахшон бо сабаби ҳуҷумҳои пай дар пайи ӯзбакҳои мавзеи Қатағани ҳамсоя доимо муташанниҷ буд. Баъд аз он, ки Ёрибекхон – шоҳи интихобшуда Бадахшонро муттаҳид намуд, чанд муддате ҳуҷумҳои ӯзбакҳо қатъ гардиданд. Дар соли 1118 (1707-08) Ёрибекхон вафот кард ва писараш шоҳ Сулаймонбек ҷойи ӯро гирифт. Ҳокими қатағонҳо Маҳмудбий фурсатро ғанимат шуморида лашкаре омода карда, барои гирифтану ғорат кардани маркази Бадахшон шаҳри Файзобод фиристод. Шоҳ Сулаймонбек мардумро ҷамъ оварда саҳари «барвақт атрофи ӯзбакҳоро печонида ба ҳуҷум гузаштанд. Дар андак соат аз рӯз ӯзбакони масти бодапараст тобу тоқат наоварда, рӯ ба ҳазимат (гурез) ниҳода, тамоми анҷому ускунаи зарурии худҳоро ҷо ба ҷо дар майдон тарк карда, баъзе ба қатл расида, баъзе ҷон ба амон бурда дар кӯҳу дашт фирор намуданд. Ва мардумони Бадахшон музаффару мансур ва бо амволу ғаноими бисёр дар майдони худ монданд».[4, с. 79-80]

Бо ин ғалаба муносибатҳои душманонаи бадахшониёну қатағанҳо ба охир нарасиданд: «Таърихи Бадахшон» боз аз он хабар медиҳад, ки тақрибан дар солҳои 1126-27 (1714-15) яке аз шоҳзодаҳои мавзеи Пасокӯҳи Бадахшон бо номи мир Юсуфалихон, ки кайҳо боз дар дилаш орзуи ҷазо додани қатағонҳову ӯзбакҳоро мекашид ва мехост аз онҳо қасос гирад ва ӯ, ки баъди вафоти шоҳ Сулаймонбек ба сари қудрат омада буд, «бо ҳусни иттифоқ маа(бо) кулли бародарону аъёну ашроф якдил шуда, бо сипоҳи бисёр ва хайлу хадаму ҳашами бешумор ба тарафи ӯзбакия ва қатағония юриш карда, аз Толиқону Ишкамиш ва Ғӯриву Ҳазрати Имом то Ҳафтдаҳдараи Ҳинҷон дар ҳитаи фармон даровarda ва боҷу хироҷро бе сарфаву муҳобо гирифта, Қундузро низ дар камоли сахтӣ ба муҳосираи шадида гирифтор

карда… ки интиқоми чандинсолаи мардуми Бадахшонро аз ӯзбак гирифта, ки муҷиби таҳсину офарини ҳамҷаворону ҳамсояхонони ин ҳудуд гардид».[4, с.81-83]

Ҳамин тавр, мир Юсуфалихон ноҳияҳои зиёдеро гирифта, онҳоро аз нав ба Бадахшон ҳамроҳ кард. Дар «Таърихи Бадахшон» маълумотҳои муҳим дар бораи андозҳо, тарзи зиндагии мардум, тиҷорати мирҳои Бадахшон оварда шудааст. Даромади хазинаи мирҳои Бадахшон аз фурӯши лоҷувард, тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо будааст.

Дар ин бобат дар бораи боигарии мир Баҳодуршоҳ чунин омадааст: «Ва он сангбасарзадаро (мир Баҳодуршоҳро – Ғ.Ғ.) санги лоҷувард соҳиби шаъну шавкат намуд, ки лоҷувард дар мамлакати Хитой баҳои тамоми ёфт, то ки як сер (7 кг) санги Бадахшон ба ҳазору понсад рупия расид. Ва дар ин боб чунон қадағани (сахтгирӣ) тамом фармуд, ки резасанге аз он ба дасти аҳаде аз акобиру (калонҳо) асоғир (хурдҳо) намеафтод. Ва ҳам бар ин лоҷувард хазинаи маъмура аз нуқуду ёмбуи нуқра ва аҷноси амтиаву ақмиша (матоъҳо) аз ҳар ҷинс ба ҳам расонид.[4, с. 125]

Дар «Таърихи Бадахшон» ҳамчун сарчашма тарзи андозбандии мардуми Бадахшон зикр гардидаст. Ва ба ҷиҳати мададу маошашон (мададу рӯзгузаронии Ёрибекхон – Ғ.Ғ.) [андози] дусираборро ба Яфтал, ва закоти молро ба Туркия, наъли аспро ба Арғунчхоҳ, хироҷи дигарро ба Чакона вазъ намуданд. Ва дар ҳангоми [ғундоштани] ҳосилоти мазкур ақсақолони ҳар қавм хироҷ гирифта, чун муҷро (пардохт) менамуданд, он олиҷаноб (ҷаноби олӣ) амир Ёрибекхон дасти дуо бардошта, фотеҳа мехонданд…».[4, с.77]

Аз ин порча чунин бармеояд, ки ҳангоми андозбандӣ дар ҳар кадом мавзеъ чӣ истеҳсол мешуду чӣ чиз зиёд буд, ба назар гирифта мешудааст. Чунончи аз мавзеи Яфтал, ки дар онҷо анвои чорво парвариш карда мешуд, хироҷи чорво аз 15 сар 1 чорво дусирабор ситонида мешуд, чорво бошад аз мавзеи Туркия, ки дар онҷо бештар туркҳо мезистанд ва онҳо асосан ба чорводорӣ машғул буд, ситонида мешуд, дар мавзеи Чакона, ки наъли асп истеҳсол мегардид, ҳамчун андоз наъли асп пардохта мешуд. Яке аз манбаъҳои дигари даромади мирони Бадахшон ҳуҷум ба вилояту ноҳияҳои ҳамсоя буд. Ҳангоми чунин ҷангҳо мардум ғорат ва ба таври оммавӣ ба асирӣ бурда мешуд, чунон чи, тибқи маълумоти «Таърихи Бадахшон» мири Бадахшон Султоншоҳ дар соли 1751 ба Чатрори ҳамсоя ҳуҷум оварда 15 ҳазор сокинони онро ба ғуломӣ бурд. Султоншоҳ шаҳрҳои зерини Чатрор: – Лоҳу, Тӯри кӯп, Мӯри-кӯп ва Мастуҷ Ҷинсро «ба аҳолии онҳо гирифта мутавори-шудагонро (пинҳон шудагон) низ аз ҳар бурҷу кӯҳу канор ёфта. Ва саркардагон ва бо лашкариён қишлоқ ба қишлоқ фаромада, асиронро дар ҳузури худ ҷамъ менамуданд.

Ва муддати шаш моҳ бад-ин насақ ба ною нӯш дар басотини ишратхонаи мазкур ба сар бурданд.

Ва он чи аз хумси (панҷяки) асиронро мустасно карданд ва маҳзу махсуси расиди мир Султоншоҳ ба ҳисоб се ҳазор нафар ғуломбача ва ҷориягон (духтарони ҷавон, канизакон) буданд. Ва маҷмӯи «асирони дар қайди ҳисоб омада ва зоҳиран дар адади даромад – 15 ҳазор буданд. Ва ғайр аз он асирон, ки дар назари дафтарнавис наёмаданд».[4, с.107-108]

Ин ғуломони бадбахтро, ки аксаран мазҳаби исмоилӣ доштанд, «рофизию кофир» ҳукм карда, дар бозорҳои Осиёи Миёна мефурӯхтанд. Авзои сиёсии Бадахшон доимо муташанниҷ нафақат аз он буд, ки мирҳои Бадахшон бо ҳамдигар ҷангу – ҷидол карда, заминҳои якдигарро ишғол менамуданд. Вазъи сиёсии кишвар боз аз он мураккаб гардида буд, ки дар соли 1285/1868 мири Қатаған Муродбек Бадахшонро толону тороҷ карда, «то муддати понздаҳ сол тасарруфи куллӣ намуд – аз ибтидои санаи 1285/1868 то санаи 1300 ҳиҷрӣ (1882) тамоми Бадахшон ва Бадахшонотро».[4, с. 143]

Ва инчунин омили дигари ноороми̅ дар кишвар муборизаҳои шоҳони Бадахшон барои тахти Файзобод ва истифода бурдан дар ин муборизаҳо аз дастаҳои сипоҳиёни афғон дар «Таърихи Бадахшон» инъикос гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ҳуҷумҳои Муродбийи қатаған ба Бадахшону Кӯлоб, ки дар соли 1832 ба баъд сурат гирифта буданд, яке аз ҳуҷумҳои хароби-овартарин ба ҳисоб меравнд. Дар натиҷаи ҳуҷум ба Бадахшон, тавре аз ҳисоботи тарҷумони комиссияи сарҳадии Оренбург П.И. Демезон ба назар мерасад, дар соли 1833 дар бозори шаҳри Бухоро ба миқдори зиёд бадахшониёни дар ҳуҷуми Муродбек асир карда шуда, ҳамчун ғуломон фурӯхта мешуданд. Азбаски мардуми мусулмонро ғулом кардан аз рӯйи шариати исломи̅ мумкин набуд, ғуломфурӯшон он асиронро чанд рӯз гуруснаю ташна мононда, дар ҳузури шоҳидон маҷбуран иқрор мекунониданд, ки онҳо қизилбош ё шиаянд. Ба навиштаи ҳамин тарҷумон, дар он ҳуҷум ҳамаи сокинони Бадахшон кушта ё асиру ғулом карда шуда дар шаҳрҳои Бухорою Хева фурӯхта мешуданд ва молу мулкашон пурра ғорату тороҷ карда шуда буд.[3, С. 64-67]

Хулоса, «Таърихи Бадахшон» ҳамчун сарчашмаи таърихи̅ кони маълумотҳои муҳим буда, дар бораи тарзи зиндагии мардуми Бадахшони асрҳои XVII – аввалҳои асри XX ва гирду атрофи он ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. Абаева Т.Г. Очерки по истории Бадахшана / Т.Г. Абаева. -Ташкент: Наука Узбекской ССР,1964.
2. Бартольд В.В. Бадахшан: сочинения / В.В. Бартольд. -М.: «Наука», 1965. -Т.III. – С. 343-347.
3. Записки о Бухарском Ханстве. Отчеты П.И. Демезона и И.В. Виткевича. -М.: «Наука», 1983. – С. 64-67.
4. Мирзо Сангмуҳаммади Бадахши̅. Таърихи Бадахшон / Мирзо Сангмуҳаммади Бадахши̅, Мирзо Фазлалибеки Сурхасфар. -Душанбе: «Дониш», 2007. -275 с.
5. Ферсман А.Е. Очерки по истории камня / А.Е. Ферсман. -Москва. 1964. -Т.I. -С. 267-268.


## «ТАЪРИХИ БАДАХШОН» («ИСТОРИЯ БАДАХШАНА») КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК


«Таърихи Бадахшон», авторами которой являются Мирза Сангмухаммад Бадахши и Мирза Фазлалибек Сурхафсар, является важным источником по истории Бадахшана и его соседей – Хатлона, Дарваза, Чатрара, Кашгара и Яркенда. Хронологически этот труд охватывает 250-летнюю (1657 – 1907) историю Бадахшана. Горы Бадахшана богаты полезными ископаемыми, где добывались золото, серебро, железо, асбест, лаъл (благородный шпинель), лазурит. Особенно ценным являлся в XIX веке лазурит, за один сер которого в Китае давали 1500 рупий. Второй статьей доходов шахов Бадахшана по «Истории Бадахшана» являлось завоевание и ограбление соседних княжеств. Бадахшан в начале XX века был завоеван афганцами и присоединён к Афганистану.



**Ключевые слова:** Бадахшан, история, источник, лазурит, лаъл, завоевание, ограбление соседей.


## «TA'RIKHI BADAKHSHAN» («HISTORY OF BADAKHSHAN») AS HISTORICAL SOURCE


«Ta'rikhi Badakhshan» authored by Mirza Sangmuhammad Badakhshi and Mirza Fazlalibek Surkhafsar is an important source on history of Badakhshan and its neighbors such as Khatlon,Darvaz,Chitral,Kashghar and Yarkend. Chronologically this work embraces 2500 years (1657-1907) of the history of Badakhshan. Badakhshanese mountains are rich with mineral resources, such as gold, silver, iron, asbestos, la'l, noble spinel, lapis lazuli. The most valuable of them was lapis lazuli, in XIX c. its price for one sir in China was 1 500 rupees. According to the «Ta'rikhi Badakhshan» a second source of income is the conquest and robbery neighboring principalities. At the beginning of XX c. Badakhshan was conquered by the Afghans and attached to Afghanistan.



**Key words**: Badakhshan, history, source, lapis lazuli, la'l, raids, robbery neighbours.



**Сведения об авторе:** ***Г. Гоибов*** – кандидат исторических наук, доцент кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: 919-50-12-64

# ҲИСОР ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ «БОБУРНОМА»

*Д. Баҳриддинова*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Хонҳои Бухоро кӯшиш мекарданд, ки Ҳисор тобеи онҳо бошад. Истилогарони дигар низ, ин мақсадро пеш мегузоштанд. Ҳамаи онҳо бо сабабҳои гуногун, вале мақсади ягона ин иқдомро доштанд. Аввало, водии Ҳисор ва пойтахти он Ҳисори Шодмон мавкеи стратегиро соҳиб буд. Ин манзил калиди Хатлонзамин, Қаротегин ва Бадахшон буд. Ҳисорро дар ақибгоҳ гузошта, лашкари ҳеҷ кадом аз истилогарон ба мулкҳои номбурда соҳиб шуда наметавонист. Дигар вилоятҳои қисмати ҷанубу шимоли водии Ҳисор ҳам бо таърихи ин мулк ҳамқисмат буданд.

Сабаби дигар, сарвати Ҳисори Шодмон буд. Замини ин води зархез аст. Аз сабаби серборишӣ нисбат ба дигар вилоятҳо, дар Ҳисор ғалла хуб мерӯид. Ҳисор мардуми болооби Зарафшон ва деҳаҳои дар бағали кӯҳҳои Ғозималик биноёфтаро аз маводи хӯрока, махсусан дар хушксолиҳо аз ғалла таъмин мекард. Илова бар он, чорводорӣ дар ин вилоят тараққӣ карда буд. Махсусан аспҳои лақайии маъруф диққати хону амирҳоро бештар ба худ ҷалб мекарданд.

Ба ғайр аз ин, майли васеъ намудани мулк ба ҳокимони замони феодалӣ хос буд. Ишғоли сарзамини ҳамсоя барои лашкари дастбологашта манбаи ба даст овардани бойигарӣ бо роҳи талаву тороҷи хазина ва молу амволи мардуми зеридастгашта буд.

Мулки Ҳисор нисбат ба дигар хонигариҳо (Қабодиён, Балҷувон, Кӯлоб) сернуфузтар буд ва ҳокимон имконият доштанд, ки аз аҳолии зердасти худ андози зиёд ҷамъ оваранд, хазинаи худ ва амирро дар Бухоро аз сарвати ҳисориён бойтар гардонанд. Ин имконият яке аз сабабҳои ҷиддии ишғоли Ҳисор аз тарафи аҷнабиён ва феодалони дохилӣ буд. Вале, ин на ҳама вақт ба истилогарон имконият фароҳам мешуд, ки ба мақсад расанд, яъне соҳиби мулки Ҳисор гарданд. Мардуми озодихоҳи ин водӣ ба ҳар ҳоким сари итоат ҳам намекард, барои ҳифзи истиқлолият, номусу шарафи худ, мардонавор ба муқобили онҳо мубориза мебурд. Илова бар он, калъаи Ҳисор, ки дар баландӣ ҷойгир буд, ба душман ба осонӣ таслим намегашт.[1. с.23.]

Сарвати Ҳисор имконият медод, ки ҳокимони ин мулк лашкари зиёдеро нигоҳ доранд, ки ҳам садди роҳи истилогарон гардаду ҳам имконияти ҳуҷум карданро ба дигар мулкҳо дошта бошад. Ҳар як мулк дар асри XVI барои аз хӯрокӣ ва лавозимоти ҳарбӣ таъмин кардани ин миқдор лашкар, қудрат надошт. Баъзе сабабҳои муборизаи дар Ҳисор ва атрофии он рухдодаро Бобур баён кардааст: Мувофиқи маълумоти Бобур ҳокими Ҳисор Камбаралибек (миёнаи асри XV) тобеи Самарканд буд. Ӯро Султон Абӯсаид Мирзо (1451-1469) ба Ҳиндустон, баъд барои ишғоли Ироқ ҳамроҳи худ бурдааст. Яке аз хонҳои номдори замони ҳукмронии Темуриён Маҳмуд Мирзо буд. Ӯ писари Абӯсаид Мирзо, бародари Султон Аҳмад Мирзо буда, соли 857 ҳиҷрӣ (1453-1454) таваллуд ёфта, дар 43-солагиаш вафот кардааст. Бобур ин шахсро яке аз мардони бадахлоқ ва золим ба қалам додааст. Дар ибтидо Султон Маҳмуд Мирзо дар Астарабод ҳукм меронд. Баъд аз ин, ӯ ба Хуросон меояд. Ҳангоми ба Хуросон лашкар кашидани подшоҳи Ҳирот Султон Ҳусайн Мирзо мардуми Хуросон Султон Маҳмудро аз мулки худ ронданд. Ӯ маҷбур мешавад ба Самарқанд - ба назди бародари худ Султон Аҳмад Мирзо ояд. Баъди якчанд моҳ Султон Маҳмуд Мирзо ҳамроҳи Сайид Бадр, Хусравшоҳ ва якчанд йигитҳои дигар бо сардории Аҳмад Муштоқ гурехта, ба Ҳисор ба назди Қамбаралибек меоянд. Аз нақли ояндаи Бобур маълум мешавад, ки Қамбаралибек аз Ҳисор ронда шуда, Султон Маҳмуд Мирзо дар Тирмиз, Чағониён, Ҳисор, Хутал, Қундуз ва Бадахшон то қаторкӯҳи Ҳиндукуш, ҳукмрони мутлақ мешавад. Баъд аз вафоти бародари калони худ Султон Аҳмад Мирзо (1469-1494) ӯ ба мулки бародар низ соҳиб шуда, ҳокими мутлақ мегардад. Бобур дар қатори амирони Султон

Маҳмуд Мирзо Маҳмуд Барлосро номбар мекунад. Ӯ аз барлосони Навандак ва дар замони ҳукмронии Абӯсаид Мирзобек будааст. Баъди тобеъ кардани Ироқу ҳокими Кирмон таъйин мешавад. Баъди он ки Мазидбек Аргун ва бекҳои туркмании қара-қуйлуқ ҳамроҳи Абӯбакр Мирзо Султон Маҳмуд Мирзоро аз Ҳисор ронданду ӯ ба Самарқанд гурехта омад, Маҳмуд Барлос Ҳисорро истеҳком намуда, ба душман надод. Яъне, Ҳисор дар дасти ӯ монд. Баъди вафоти Султон Маҳмуд Мирзо Хусравшоҳ пинҳонӣ хазинаи ӯро аз худ мекунад. Ин ҳодиса ба мардум маълум гашта, сабаби балвои аҳолии шаҳр ва лашкариён мегардад. Вале, ба бекҳо муяссар мешавад, ки шӯришро пахш карда, Хусравшоҳро ба Ҳисор равон кунанд. Ба гуфти Бобур, Султон Маҳмуд Мирзо пеш аз вафоташ Ҳисорро ба писари калониаш Султон Масъуд Мирзо ва Бухороро ба писари дигараш Бойсанғур Мирзо дода буд.

Бобур навиштааст, ки баъди аз Самарқанд дур кардани Хусравшоҳ бо тавсия ва маслиҳати бекҳои Самарқанду Ҳисор Бойсанғури 18-соларо ба Самарқанд даъват намуда, ба тахти падар мешинонанд. Аз вафоти Султон Маҳмуд Мирзо истифода намуда, муғулҳои қисмати шимолии Мовароуннаҳр бо сардории Султон Маҳмудхон бо маслиҳати баъзе аз ашрофи Самарқанд, ба ин шаҳр лашкар кашид. Вале Бойсанғур Мирзо бо якҷоягии лашкари Ҳисор ғалаба кард ва муғулҳои зиёде ба қатл расиданд. Маълумоти овардаи Бобур доир ба Ҳисор аҳамияти махсуси таърихиро дорост. Ин ҳам бошад, дар Ҳисор ҳоким таъйин шудани писари калони Султон Маҳмуд Мирзо, бо машварати ҳисориён таъйин шудани хони марказӣ дар шахсияти Бойсанғур Мирзо, дар шикаст хӯрдани муғулҳои Султон Маҳмудхон, ҳамроҳ будани лашкари Ҳисор мавқеи ниҳоят калони ин мулкро дар таърихи халқҳои Мовароуннаҳр, алалхусус дар таърихи хонадони Темуриёни охири асри XV ва аввали асри XVI равшан нишон медиҳад. Ба ин хулоса бенатиҷа гаштани кӯшиши ишғоли Ҳисорро аз тарафи Султон Ҳусайн Бойқаро ва бекҳои хонадони туркман ҳамроҳ бояд намуд. Яъне, Ҳисори Шодмон барои душман дар асрҳои зикрёфта Қалъаи дастнорас буд. Кушишҳои Султон Ҳусайн Бойқароро ба қасди ишғол намудани Ҳисор, Бобур муфассал зикр кардааст.[2. с.260]

Зимистони соли (1405-1496) Султон Ҳусайн Мирзо бо мақсади ишғоли Ҳисор лашкар кашида, дар соҳили чапи Амударё, дар рӯ ба рӯйи Тирмиз қароргоҳ интихоб намуд. Ҳокими Ҳисор Султон Масъуд Мирзо (писари калони Султон Маҳмуд Мирзо) бо лашкари худ дар рубаруи қароргоҳи душман, дар соҳили чапи ҳамин дарё маскан мегирад. Хусравшоҳ ин вақт ҳокими Қундуз буд. Ӯ ба ёрии ҳисориён дастаи мусаллаҳро бо сардории бародари хурдиаш Валӣ фиристод Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро шахси соҳибтаҷриба буд. Ӯ панҷсад нафар лашкари ботаҷрибаи худро аз гузаргоҳи Келиф бо сардории Абӯлатиф бахшӣ ба соҳили рост гузаронид. Аммо, Султон Масъуд Мирзо таклифи иттифоқчии худ Валиро дар бораи ба ин даста ҳамла овардан, қабул накард. Сабаби ба некӣ анҷом напазируфтани ин амалиёти ҷангиро Бобур аз заифтабъии Султон Масъуд Мирзо ва нотифоқӣ байни Валӣ ва бародари ӯ - ҳокими Чағониён Боқии Чағониёнӣ донистааст. Дар натиҷаи ҳамзабонӣ пайдо карда натавонистан, лашкари Ҳисор ба пойтахти худ ақибнишинӣ мекунад. Баъди ба соҳили рости дарё гузаштан, Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро лашкари худро ба се даста тақсим намуда, ба се самт равон мекунад. Як даста бо сардории писараш Бадеъуззамон Мирзо, Иброҳим Ҳусайн Мирзо, Муҳаммадвалибек ва Ҷунун Арғун ба муқобили Хусравшоҳ ҳаракат мекунанд. Дастаи дигар бо сарвари Музаффар Мирзо ва Муҳаммад Бурундук Барлос ба тарафи Хуталон равон мешавад. Дастаи сеюмро Султон Ҳусайн Мирзо шахсан ба тарафи Ҳисор меоварад. Ин ҳам мисоли равшани мавқеи Ҳисор дар он солҳо мебошад, ки хони бузург ба писару сарлашкаронаш бовар накарда, шахсан ишғоли Ҳисорро сарварӣ намудааст. Аз ин амалиётҳои душман воқиф гашта, Султон Масъуд Мирзо ба ҷойи он ки Ҳисорро ба мубориза омода созад, тарки ин мулк намуда, аз дараи Қаратоғ ва деҳаи Саратоқи ноҳияи Фалғар гузашта, ба Самарқанд, ба назди бародари хурдиаш Бойсанғур

Мирзо меравад. Бародари Хусравшоҳ - Валӣ низ, аз мубориза даст кашида, ба Хуталон меояд. Ҳамза Султон ва Маҳдӣ Султон, ки чанде пеш хизмати Шайбониҳонро тарк намуда, ба хизмати Султон Маҳмуд Мирзо пардохта буданд, ҳамроҳи ӯзбекони худ, инчунин Муҳаммад Дуглат (писари Султон Ҳусайн Дуглат) ҳамаи муғулҳои дар вилояти Ҳисор сокинбуда ба сӯйи Қаротегин мераванд. Султон Мирзо аз фирор намудани Султон Масъуд Мирзо огоҳӣ ёфта, ӯро таъқиб намуд. Вале натиҷае набахшид. Кисме аз лашкари худро ӯ ба Қаротегин, ба қасди Ҳамза Султон фиристод. Ин кор ҳам натиҷа надод. Дастаи фиристодаи султон шикаст хӯрд. Ҳамза Султон, Маҳди Султон, Момак Султон (писари Маҳди Султон), Муҳаммад Дуглат, ки баъдтар бо номи Муҳаммади Ҳисорӣ маъруф гаштааст, Султон Ҳусайн Дуглат ва ӯзбекҳое, ки тобеи султонҳои номбурда буданд, ҳамроҳи муғулҳои вилояти Ҳисор, лашкари Султон Маҳмуд Мирзо, аз Қаротегин моҳҳои май-июни соли 1496 ба Андиҷон ба назди Бобур Мирзо омада, ба хизмати ӯ мегузаранд.

Вале, Ҳисор баъди фирори номбурдагон бесоҳиб намонд. Боқии Чағониён, Маҳмуд Барлос ва Султон Аҳмад (падари Кӯчбек) қалъаи Ҳисорро истеҳком намуданд. Султон Ҳусайн Мирзо Ҳисорро ба мисли нигини ангуштарӣ ба иҳота гирифт. Ӯ шабу рӯз қалъаро аз сангу тӯп тирборон мекард. Дар чор-панҷ ҷой хандақ канда, мехост, ки деворро рахна намояд. Муҳофизатчиён ба хандақҳо об рехта, душманонро маҷбур мекарданд, ки онро тарк намоянд. Баъзан муҳофизатчиёни шуҷоъ аз қалъа берун омада, ҳамлаи ногаҳонӣ мекарданд ва лашкарони хандақканро пароканда месохтанд. Маротибае ба душман муяссар гардид, ки яке аз бурҷҳои қалъаро, ки назди он бошишгоҳи Султон Ҳусайн Мирзо буд, бо тири тӯп рахна кунанд. Вале, дар торикии шаб муҳофизатчиён тавонистанд, то саҳар девори рахнашударо аз нав устувор гардонанд. Муҳосираи Ҳисор ду моҳ давом мекунад. Дар ин муддат ҷанги шадиде нашудааст (ба ғайр аз сангпаронӣ).

Лашкари бо сардории Бадеъуззамон Мирзо фиристода, аз лашкари чор-панҷҳазораи Хусравшоҳ дар Қундуз, ки якуним баробар зиёд буд, ғалаба ба даст оварда натавонист.

Дар Хуталон низ лашкари Хуросон ғалаба карда натавонист. Илова бар ин нокомиҳо, Султон Ҳусайн Мирзоро боронҳои аввали баҳории водии Ҳисор ба танг оварда буд. Ӯ маҷбур мешавад, ки корро бо сулҳ анҷом диҳад. Аз даруни қалъа барои гуфтушунид Маҳмуд Барлос, Хоҷа Пири Боқавул, дигар асилзодаҳо ва ҳамаи навозандаву ҳофизон берун меоянд. Чунки Султон Ҳусайн Мирзо духтари калони Султон Маҳмуд Мирзоро, ки аз Хонзодабегим таваллуд ёфта, Бикабегим ном дошт, ба писараш Ҳайдар Мирзо келин карда буд (домод писари Поянда Султонбегим ва набераи Султон Абӯсаид Мирзо мешуд). Баъди тантанаи тӯй Султон Ҳусайн Мирзо Ҳисорро тарк намуда, сӯйи Қундуз меравад. Дар натиҷаи миёнаравии писари худ Бадеъуззамон Мирзо ҳарду тараф барои сулҳ забон як мекунанд ва асиронро иваз намуда, ба манзилҳои худ бармегарданд. Ба ибораи дигар гӯем, Султон Ҳусайн Бойқаро дар замони худ тавонотарин ва бузургтарин намояндаи хонадони Темуриён, Ҳисор ва Қундузро ду маротиба ҳам ишғол карда натавонист.

Воқеаҳои баъдина аз рӯйи тасвири Бобур чунин сурат гирифтаанд: Ҳокими Самарқанд Бойсанғур Мирзо ба лашкар ва бекҳои Ҳисор нисбат ба бекҳо ва сарбозони Самарқанд ҳусну таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд. Ин нав муносибат сабаби балвои тархонҳои Самарқанд бар зидди хон гашт. Аммо, нақшаи шӯришгарон беоқибат монда, задухӯрд байни бекҳо ва амирони шаҳру ноҳияҳои гуногун авҷ гирифт.

Султон Масъуд Мирзо баъди бо духтари Шайх Абдуллои Барлос издивоҷ намудан, ба Ҳисор бармегардад. Вале, байни ӯ ва Хусравшоҳ рақобати оштинопазир вуҷуд дошт. «Сабаби он кибру ғурури яке аз онҳо ва беадолатии дигараш буд»,- навиштааст Бобур. Ин вақт Бадеъуззамон Мирзо шикаст хӯрда, бе ҳеҷ як сармоя ба ҳузури Хусравшоҳ меояд. Хусравшоҳ ба собиқ душмани худ меҳрубонӣ ва илтифот

намуда, ба ӯ лавозимоти ҳарбӣ, хайма, аспу уштур ва чизҳои дигар инъом мекунад. Хусравшоҳ аз ин илтифот истифода намуда, Бадеъуззамон Мирзоро ҳамроҳи бародараш Вали ва ҳокими Чағониён - Боқӣ бар зидди Султон Масъуд Мирзо ба Ҳисор фиристод. Вале, задухӯрдҳои яроқнок беоқибат монда, тарафайн «гургоштӣ» мешаванд, яъне сулҳи рӯякӣ мебанданд. Созиши рӯякии Хусравшоҳ бо Бадеъуззамон Мирзо беоқибат набуд. Воқеаҳои баъдина исбот мекунанд, ки ин иттифоқ қасди ишғол намудани Ҳисорро доштааст.

Иттифоқчиён барои ба мақсади асосии худ расидан соли 1497-1498 бо роҳи фиреб Чағониёнро ишғол мекунанд. Аз ҳамин ҷой Хусравшоҳ ба Ҳисор нома фиристода, Султон Масъуд Мирзоро ба Чағониён даъват намуд. Ӯ навишта буд, ки мо ҳамроҳ рафта, Самарқандро ишғол мекунем. Мақсад аз ин кор ҳамин буд, ки як Мирзои дигар дар Ҳисор ҳукм хоҳанд ронд. Бекҳо ва наздикони Султон Масъуд Мирзо бо сабаби зерин аз ӯ норозӣ буданд: Шайх Абдулло Барлос, ки падарарӯси Мирзо буд, бо супориши ҳокими Самарқанд Бойсанғур Мирзо ба назди ӯ меояд. Султон Масъуд Мирзо нисбат ба шайх илтифоти беҳад зоҳир намуда, барои эҳтиёҷи ӯ ҳазор туман муайян намуда, вилояти Хуталро, ки тобеи Ҳисор буд, ба шайх медиҳад. Ҳокимияти ин вилоят бо бекҳояш ва наздикони султон тобеи ӯ ва писаронаш мегарданд. Аммо, шахсони аз ин норозӣ ба назди Бойсанғур Мирзо мераванд. Аз ин воқеа Хусравшоҳ ва Бойсанғур Мирзо истифода намуда, аз Чағониён ба Ҳисор омада, онро ишғол менамоянд. Султон Масъуд Мирзо ин вақт берун аз қалъа, дар Давлат Сарой ном қаср мезист, ки онро падари ӯ бино карда буд. Султон имконияти муқобилият кардан наёфта, ҳамроҳи Шайх Абдуллоҳи Барлос, ки он вақт дар ҳузури ӯ буд, ба Хуталон фирор мекунад. Вале, дар роҳ аз падарарӯси худ ҷудо шуда ба ҳузури Султон Ҳусайн Мирзо, ба Ҳирот меояд. Соли 1497 Хусравшоҳ Ҳисорро ба Бойсанғур Мирзо ва Хуталонро ба бародараш Валӣ медиҳад.

Султон Масъуд Мирзо аз хурдӣ дар тарбияи амаки худ Хусравшоҳ буд. Ба ин хешутабории наздик байни онҳо нигоҳ накарда, Хусравшоҳ ба чашмони Султон Масъуд Мирзо мил кашида, ӯро кӯр мекунад. Султон Масъуд Мирзо боз ба парастории Султон Ҳусайн Мирзо ба Ҳирот бармегардад.

Бобур Мирзо Хусравшоҳро ҳамчун шахси сангдил, бераҳм, ҷоҳил ва беодоб ба қалам додааст. Бобоҷон Ғафуров ҳам, ба шахсият ва хулқу атвори Хусравшоҳ баҳои манфӣ медиҳад. Б. Ғафуров дар ин бора менависад:

«Дар вилояти хеле калоне, ки марказаш Ҳисор буд, - Хусравшоҳ ҳукмронӣ мекард. Чун замони ӯ ба дараҷае иқтидор пайдо намуда, ба худраъйӣ ва сарватмандӣ шуҳрат ёфта буд, шаҳзодагони темурӣ дар ин лаҳзаи душвор барои кумак ва пуштибонӣ ба вай рӯ оварданд. Вале, ӯ нисбат ба вазъияти мавҷуда нодонӣ ва нофаҳмии тамом зоҳир намуд; ба ҷойи муттаҳид шудан бо Темуриён ва ё лоақал кумак расондан ба онҳо, ки борҳо илтимос карда буданд, аз тарси даъвои онҳо роҳи макру фиребро пеш гирифт ва дар натиҷа комилан дар ҳолати ҷудоӣ ва танҳоӣ монда, аз аввалин ҳаракати қушуни Шайбонихон ба Ҳисор буздилона фирор кард.[3.260]

Охири асри XV ва ибтидои асри XVI дар Мовароуннаҳр, махсусан дар водии Фарғона ва атрофи Самарқанд воқеаҳое рух доданд, ки ҳадафашон талоши мансаб, тахту тоҷ ва соҳиб шудан ба мероси Темуриёни заиф буд. Дар ин кашмакашиҳо гоҳо халқи одӣ низ, маҷбуран сар бардошта, ба мубориза омода мегашт.

Масалан, соли 1494-1499 дар шаҳри Уш шӯриши халқӣ сар зада, душманони Бобур Мирзо Султон Танбал ва Узун Ҳасан ронда мешаванд. Шӯришчиён ба назди Бобур кас фиристода, майли ба итоати ӯ гузаштанро мекунанд. Дар қалъаи Ахси Узун Ҳасан ба Бобур таслим шуда, оштӣ мекунанд. Дар навбати худ Бобур ба ӯ рухсат медиҳад, ки тавассути Қаротегин ба Ҳисор ояд. Ҳамин вақт Маҳди Султон, Ҳамза Султон ва Муҳаммад Дуглат бо ду ҳазор сарбози муғулии худ аз Ҳисор ба назди модари Бобур Мирзо, ки ҳамин миқдор лашкар дар ҳузур дошт, омада ҳамроҳ

мешаванд. Аз соли 1497-1498 Ҳисор дар зери ҳокимияти Хусравшоҳ буд. Ӯ Қундузро қароргоҳ интихоб намуда, хостааст, ки Балхро ҳам ба тасарруфаш дарорад. Бо ин баҳона ӯ Бойсанғур Мирзоро соли(1499-1500 ба назди худ талабид.

Бобур навиштааст, ки Бойсанғур Мирзо соли 1477-1478 дар Ҳисор таваллуд ёфта буд. Ӯ писари дувуми Султон Маҳмуд Мирзо буда, модараш Пошшобегим ном дошт. Султон Маҳмуд Мирзо ба ӯ Бухороро дода буд. Баъди вафоти падар бекҳо маслиҳат карда, Бойсанғурро ба Самарқанд меоранд. Дар як вақт ӯ ҳам дар Бухоро ва ҳам дар Самарқанд ҳукм меронд. Вақте ки Бобур Мирзо Самарқандро ишғол намуд, Бойсанғур Мирзо ба назди Хусравшоҳ меояд. Хусравшоҳ ӯро ҳокими Ҳисор таъйин мекунад. Бойсанғур Мирзо, ки дар итоати Хусравшоҳ буд, бе ҳеҷ як бадгумонӣ ба назди Хусравшоҳ меояд. Вале, дар Убач (шояд Айвачи имрӯза бошад) ном ҷой Босанғур Мирзоро дастгир намуда, ба гардани ин бегуноҳ банд андохта ҷавони 22-соларо бо якчанд нафар ҳамрақибонаш 10 моҳи муҳаррами соли 905 ҳиҷрӣ (18 августи соли 1499) ба қатл мерасонанд.[4.с.38-39]

**АДАБИЁТ**


1. Мухторов А. Была ли четвёртая попытка захвата Самарканда Бобуром / А. Мухторов // Ахбороти АН РТ. – 1990. -№ 3. –С. 23.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби 2 / Б. Ғафуров. -Душанбе, 1985.
3. Бартольд. В.В. Асарҳо, ҷилди 3. – С. 556.
4. Бобур. Бобурнома. - 1956. -С.38-39.



**ГИССАР ПО СВЕДЕНИЯМ «БОБУРНАМЕ»**

В статье рассматривается социально-экономическое развитие Гиссара в начале шестнадцатого века, завоевание этого региона.



**Ключевые слова:** экономика, аграрный, стратегия, завоевание, война, местонахождение.



**HISSAR ACCORDING TO "BABUR NAMA"**

The article examines the socio-economic development of Hissar in the early sixteenth century, the conquest of the region.



**Key words:** economy, agricultural strategy, conquest, war, location.



**Сведения об авторе:** ***Д.М. Бахриддинова*** - ассистент кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон**: 935-67-10-09; 918-83-66-82**


## САҲМИ В.А.РАНОВ ДАР ОМӮЗИШИ ДАВРАИ АСРИ САНГИ ПОМИРИ ШАРҚӢ


***Ф.Н. Шоинбеков***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Вадим Александрович Ранов соли 1924 дар шаҳри Верхотури вилояти Свердловский таваллуд шудааст. Соли 1941 баъди хатми мактаб В.А. Ранов ба мактаби артелерии шаҳри Душанбе дохил мешавад ва баъдтар аз соли 1943 таҳсилашро дар омӯзшгоҳи зидди танкии Харков давом медиҳад. Моҳи августи соли 1943 В.А. Ранов ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват шуда, ду маротиба дар ҷанг ярадор мешавад ва аз сафи артиш бо гирифтани «Ордени ҷангӣ» озод карда мешавад. Аз соли 1949 В.А. Ранов таҳсили хешро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин давом медиҳад. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали донишҷӯйӣ В.А. Ранов дар ҳафриётҳои бостоншиносӣ иштирок карда, таҷрибаи калон пайдо мекунад. Дар аз худ намудани илми бостоншиносӣ, В.А. Ранов нақши бостоншиносон Б.А. Литвинский, А.П. Окладников ва Е.А. Давидовичро хеле калон мешуморад.[2-5]

Нақши В.А. Ранов дар пешрафти илми бостоншиносии тоҷик хеле калон аст. В.А. Ранов дар баробари дигар бостоншиносони машҳур аз қабили А.Н. Бернштам, А.П. Окладников, Б.А. Литвинский ва дигарон дар археологияи тоҷик ва умуман дар омӯзиши таърихи қадимаи тоҷик саҳифаи навро кушода, кашфиётҳои бузургро дар илми бостоншиносии тоҷик ба вуҷуд овардааст. Бояд зикр намуд, ки дар фаъолияти илмии В.А. Ранов саҳми бостоншиноси машҳури Шӯравӣ А.П. Окладиков хеле калон буд. Маҳз А.П. Окладников буд, ки В.А. Ранов дар бораи бостоншиносии асри санг таҷриба пайдо намуда буд.

Дар мақола мо аз фаъолияти илмии В.А. Ранов дар Тоҷикистон аз таърихи омӯзиши давраи асри санги Помири шарқӣ маълумот медиҳем.

Помир аз даврахои қадим диққати саёҳатчиён ва олимонро ба худ ҷалб карда, аз тарафи онҳо оид ба ин минтақа маълумоти зиёди таърихӣ гирд оварда шудааст. Оид ба арзиши ёдгориҳои таърихии Помир ҳанӯз дар охири қарни Х1Х олим Минаев чунин қайд мекунад: «Таърихи қадимаи саргаҳи дарёи Оқсу то ҳозир навишта нашудааст, агар масъалаи омӯзиши таърихи қадимаи он ба роҳ монда шавад, он танҳо дар асоси ёдгориҳои модии ин манотиқ маълум мегардад.[3,213] Аммо аз сабабе, ки ёдгориҳои моддии ин манотиқ аз омӯзиш дар канор монда буданд, дар бисёр мавридҳо дар бораи таърихи Помир маълумотҳои нодуруст ҳам оварда шудаанд.

Дар Помир ковтуковҳои мақсадноки бостоншиносӣ аз соли 1946 шуруъ гардидаанд. Аввалин бостоншиносе, ки ба омӯзиши ёдгориҳои моддии Помир оғоз кард ин А.Н. Бернштам буд. В.А. Ранов дар бораи фаъолияти отряди бостоншиносии А.Н. Бернштам навишта, қайд намудаст, ки дастаи бостоншиносии ӯ аз соли 1946-1952 дар Помир корҳои зиёдро ба анҷом расондаанд.[4,18] Аз ҷумла, дар ин солҳо А.Н. Бернштам қабрҳои Ак-Бейтро омӯхта, бозёфтҳои зиёди сакоиҳоро ба даст овардааст. Яке аз кашфиётҳои бузурги археологии Помир ин пайдо намудани қабати мадании давраи асри санг буд. Бояд қайд намуд, ки кашф шудани маданияти асри санг дар Помир диққати тамоми бостоншиносони ҷаҳонро ба худ ҷалб намуд, зеро бошишгоҳи давраи асри санги Помир яке аз баландтарин ёдгориҳои асри санги ҷаҳон ба шумор меравад. Дар ин давра зиёда аз 50 маскани асри санг, аз он ҷумла бошишгоҳи Ошхона, ки то ин давра пурра бо қабати маданияш боқӣ мондааст, пайдо ва омӯхта шудааст. Дар ҳудуди Помири шарқӣ қариб дар ҳама ҷо, аз он ҷумла дар бошишгоҳи Қаратумшуқ, Қулақ-Қести, Қаракул ва инчунин 9 нуқтаи маскани одамони давраи асри санг бо қабатҳои зиёди маданӣ дар нимғораи «Истиқ» бозёфтҳо ва нишонаҳои давраи асри санг пайдо гардидаанд.[5,392] Ҳамин тавр, дар Помири шарқӣ дар куҷое, ки барои тайёр намудани олот, санг пайдо карда мешуд дар он ҷо, албатта, ягон нишона аз давраи асри санг пайдо мегардид. В.А. Ранов танҳо дар як мавсими корӣ аз бошишгоҳи Қаратумшуқ зиёда аз 200 ашёҳои гуногун, аз ҷумла 80 яроқи сангиро пайдо намудааст.[4,54] Дар мавсими соли 1957 В.А. Ранов ковишҳои худро аз соҳилҳои кӯли Яшикӯл, ки дар баландии 3800м ҷойгир шуда буд, шурӯъ намуд. Дар муддати кӯтоҳ аз соҳили кӯли Яшикӯл, поёноби дарёи Аличул 7 нуқтаи давраи асри санг пайдо карда мешавад. В.А. Ранов муайян мекунад, ки дар ин ҷо асосан ҷойи тайёр намудани олотҳои сангӣ буд.[4,54] Баъди чанд муддат В.А. Ранов ковтуковҳоро дар Аличул сар мекунад. Дар китоби «Археологы на крыше мира» В.А. Ранов қайд мекунад, ки бозёфтҳое, ки аз Аличул ёфт гардиданд аз он ҷумла скребла, хусусияти хосси худро доранд.[3,55] Ин бозёфтҳоро агар бо бозёфтҳои палеолити баъдинаи бошишгоҳҳои Сибир ва Забайкал муқоиса кунем, фарқ кардани онҳо аз якдигар хеле душвор аст. Ин маънои онро дорад, ки шабоҳати ёдгориҳои Сибиру Забайкал бо ёдгориҳои Помир яке масъалаҳои асосии бостоншиносӣ мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки чунин ёдгориҳо аввалин маротиба дар Осиёи Миёна аз Помир пайдо карда шудаанд.

Ҳамин тавр, мавсими соли 1957 барои В.А. Ранов бобарор анҷом ёфт. Бояд зикр намуд, ки дар соли 1956 агар 23 нуқтаи давраи асри санг бо 300 олот кашф шуда бошад, соли 1957 шумораи бозёфтҳо аз ёдгориҳои гуногундавра ба 3 ҳазор расид.[4,57]

Бояд ёдовар шуд, ки дар се мавсим 20 нуқтаҳои иқоматии одамони давраи мезолит муайян шуда, дар сетои он (аз он ҷумла, Ошхона дар соҳили Маркансӯ, нимғораи Истиқ ва нимғораи Шахтӣ) ба таври васеъ ҳафриётҳо гузаронида шудааст. Бошишгоҳи Ошхона дар соҳили дарёчаи Ҷилга (Ошхона-Ҷилга) воқеъ гардидаст, ки яке аз шохаҳои дарёи Уйсу мебошад. Бошишгоҳ дар баландии 4200 м аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст. Дар майдони ҳафриётии 563 $м^2$ зиёда аз 4-ҳазор олоти сангӣ, дар умуман аз атрофи бошишгоҳ 10 ҳазор олоти сангӣ дастрас гардидааст.[6,19-29]

Дар соҳили дарёи Маркансӯ, Оқсуй, водии Аличур дар соҳилҳои Қарокӯл бошишгоҳҳои сершумор (50 нуқтаи иқоматӣ) муайян карда шудааст. Дар аксари ин нуқтаҳо бозёфтҳои сангӣ ёфт гардидааст.[7,16-24]

Дар Қаротумшуқ 200 адад, Куйруки Аличур 161 адад, дар Қароқӯл 450 адад олотҳои сангин дарёфт шудааст, ки бисёртарашон пластинаҳои коркардашударо дар бар мегирад. Ранов В.А. бозёфтҳои ин минтақаро тадқиқ намуда, монандии онро бо бозёфтҳои маданиятҳои Сибир, Муғулистон ва Ҳиндустон муқоиса намудааст. Аз рӯйи ақидаи В.А. Ранов сокинони бошишгоҳҳои Помири шарқӣ яроқ ва олотҳои зарурии худро аз сангҳои ин маҳал, ки барои сохтани яроқ ва олоти сангин қулай буданд, месохтанд.[8,23-25] Бинобар ин, аз лавозимоти сокинони ҳамворӣ фарқ доштанд, лекин аз ҷиҳати шакл, намуд, коркард фарқият кам ба назар мерасид. Чунин хусусиятҳоро ба инобат гирифта, В.А. Ранов маданияти мезолитии Маркансуро ҷудо менамояд. Дар нимғори Истиқ қисмати шимолии деҳаи Чештебе дар ноҳияи Мурғоб дар баландии 4060 метр аз сатҳи баҳр 20 $м^2$ майдон ҳафриёт шудааст. Қабати маданӣ 2,6 метрро ташкил медиҳад ва ба 4 қабати маданӣ-иқоматӣ ҷудо шудааст, аз ин қабатҳо 719 адад олотҳои сангин дастрас гардидааст.

Дар қатори дигар дастовардҳо яке кашфиётҳои В.А. Ранов дар Помир Шарқӣ, ин кашфи тасвироти ғори Шахта мебошад. Бояд зикр намуд, ки ҳудуди Помир нисбат ба дигар ноҳияҳои Тоҷикистон аз ҷиҳати тасвироти рӯйи санг ё петроглифҳо бой буда, дорои хусусияти фарққунандаи худ мебошанд. Маълум аст, ки дар Помир то ба имрӯз ҳазорҳо тасвироти кадима кашф шудаанд, аммо тасвироти ғори Шахта қадимтарин тасвироти Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Ин тасвирот дар сатҳи девори ҷанубии нимғора дар баландии 1,6-2 м. аз сатҳи майдон бо рангҳои минералӣ тасвир шуда дарёфт шудаанд.[1,63-64]

Дар тасвирҳо расми одам бо ниқоби шутурмурғ, тасвири ду хуки ваҳшӣ ё ки хирс ва тасвири дигарӣ симои хашгов (қутос) ифода мекунад. Дар расми хашгов дар бадани он тасвири ду найза ва аз пешаш ба рӯяш тири камон тасвир карда шудааст. Инчунин дар бадани дигар ҳайвонот ҳам, тасвири найза мушоҳида карда мешаванд. Аксаран онҳоро ба сеҳри шикорчигӣ ташбеҳ медиҳанд. Андозаи тасвирҳо 85 см буда, бо баъзе нишонаҳо ба давраи палеолит низ шабоҳат доранд, аммо В.А. Ранов онҳоро ба давраи мезолит ва ба маданияти Маркансу мансуб мекунад.[5,406]

Ба ғайр аз тасвирҳои рӯйи санг, аз нимғораи Шахтӣ дар наздикии Найзатош, расмҳои суробӣ бо рангҳои сурх тасвир карда шуда, муайян карда шуда, дар он симои бузҳои кӯҳии сибирӣ, тасвири одам бо предмети номуайян ва дигар расмҳо кашида шудаанд.

Бо тарзи коркард В.А. Ранов онҳоро ба давраи мезолит мансуб донистааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар давраи мезолит тамоми ҳудудҳои Тоҷикистон, қисматҳои кӯҳистонии он аз худ карда шуда буданд. Дар ин ҷойҳо ёдгориҳои омӯхта шуда, бошишгоҳҳои муваққатии шикорчиёни давраи мезолитӣ муайян гардиданд. Олимон бо боварӣ гуфта наметавонанд, ки дар ин бошишгоҳҳо чанд миқдор одамон ва чанд муддат зистаанд. Чунин аломатҳоро муайян намудан аз

имкон берун аст. Ба ғайр аз ин, чи тавре ки В.А. Ранов қайд менамояд, ҳудуди мавзеъҳои истиқоматии шикории Осиёи Марказӣ аз ҷониби одамони мезолитӣ аз худ карда шуда буданд. Инчунин ҳаракати халқҳо дар ин давра ба ноҳияҳои тоҷикнишин муайян карда шудааст. Аз ҷумла, В.А. Ранов аз ҳудуди шимолии Афғонистон ба водии Бешкент воридшавии қабилаҳои мезолитиро дар бозёфтҳои Чилучорчашма асоснок намудааст, аммо ба Помир шарқӣ аз кадом маҳал воридшавии одамон то имрӯз ҳаллу фасли худро наёфтааст.

Ҳамин тавр, фаъолияти В.А.Ранов дар Помири шарқӣ ба таври хронологӣ чунин аст: Соли 1956 дар соҳили дарёи Маркансу аввалин бозёфти давраи асри сангро пайдо мекунад. Инчунин ӯ мавзеъҳои назди кӯли Зоркул, Ҷемантал, Тохтамиш ва бошишгоҳи Қаратумшукро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Соли 1957 тадқиқотро назди соҳилҳои кӯли Яшикӯл, Булункӯл, Аличул, Ҷарти-Гумбез ва Ошхона ба роҳ мемонад. Соли 1958 ковишҳои пурра дар Ошхона, ба қайд гирифтани нуқтаи давраи асри санг дар соҳили дарёи Оқсу ва Пшарт, омӯзиши нимғора дар ағбаи Ҷемантал, инчунин омӯзиши тасвиротҳои ғори Шахта дастовардҳои як мавсимаи В.А. Ранов ба ҳисоб мерафтанд. Соли 1960 ҳафриёти васеъ, аз ҷумла дар Ошхона, ғори Шахта, Қуртак ва бошишгоҳи назди кӯли Қарақӯл гузаронда шуданд.[4,388]

Аз натиҷаи ковишҳои бостоншиносии В.А. Ранов дар Помир шарқӣ ба чунин хулосаҳо омадан мункин аст:

1. Аз рӯйи хусусиятҳои хоссашон В.А.Ранов бозёфтҳои давраи асри санги Помири шарқиро ба маданияти хосси ба ин ҳудуд дахл дошта, яъне Маркансу ҷудо намуд.

2. Масъалаи аз кадом ноҳия ворид шудани нахустин одамони давраи асри санг ба Помири шарқӣ ҳозир ҳам ҳалталаб буда, дар сатрҳои боло низ ишора рафт, ки В.А. Ранов аз ҳудуди шимолии Афғонистон ба водии Бешкент воридшавии қабилаҳои мезолитиро аз рӯйи таҳқиқи бозёфтҳои Чилучорчашма асоснок намудааст, аммо ба Помир шарқӣ аз кадом маҳал воридшавии одамон то имрӯз ҳаллу фасли худро наёфтааст, ва имрӯз ҳам мавриди баҳс қарор дорад.

3. В.А. Ранов дар тӯли ду-се сол тавонист бошишгоҳи Ошхонаро, ки пурра бо қабати маданӣ маҳфуз мондааст, пайдо намояд ва бо ин кашфиёт тавонист ҳақиқатан вуҷуд доштани маданияти асри сангро дар ин води баландкӯҳ пурра исбот намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Жуков В.А. Раскопки пещеры «Истьикская» (1978 -1979). АРТ. Вып. 10 (1979) / В.А. Жуков. –Душанбе, 1986. –С. 63-64.
2. Масов Р.М. Предисловие / Р.М. Масов, В.А. Ранов. -Душанбе: Дониш, 1996.-С.3-14.
3. Минаев И. Историческое значение долины Окса в древности. «Туркестанский сборник» / И. Минаев. -СПб, 1883. -Т.331. -С. 213.
4. Ранов В.А. Археологи на «Крыше мира» / В.А. Ранов. -Душанбе: Ирфон, 1967. –С.56-75.
5. Ранов В.А. Археологическое изучение Памира: Очерки по истории Советского Бадахшана / В.А. Ранов. -Душанбе: Дониш, 1985. –С.385-424.
6. Ранов В.А. Изучение памятников каменного века на Восточном Памире в 1957 г / В.А. Ранов // АРТ. -Душанбе, 1961. -№6 (1958). -С. 19-29.
7. Ранов В.А. Раскопки памятников первобытно-общинного строя на Восточном Памире / В.А. Ранов // АРТ. –Душанбе, 1962. -№8. -С. 16-24.
8. Ранов В.А. Итоги разведок памятников каменного века на Восточном Памире (1956-1958) / В.А. Ранов// МИА. -М.: Л., 1964. -№ 124. -С. 23-25.


**ВКЛАД В.А. РАНОВА В ИЗУЧЕНИЕ КАМЕННОГО ВЕКА НА ВОСТОЧНОМ ПАМИРЕ**


Данная статья посвящается археологическим раскопкам памятников каменного века на Восточном Памире, которые проводил один из величайших археологов Таджикистана В.А. Ранов. В основном раскопки археологические прошли на Восточном Памире (Мургаб), где были раскрыты одна из древнейших стоянок мезолитского периода «Ошхона» и наскальные рисунки «Грот Шахта».

**Ключевые слова:** Памир, В.А. Ранов, Аличул, Ошхона, Маркансу, Грот Шахта, мезолит, Яшикул, стоянка, Каракул.

**CONTRIBUTION VA BARANOVA IN THE STUDY OF STONE AGE EASTERN PAMIRS**

This article dedicated to archeological escavation the stone age in East Pamir. Which in this branch worked the famous archeological of Tajikistan V.A. Ranov. In geuerally Pamir escavation were opened in Easten Pamir (Murgab) in meseolith period «Oshana» and in rocks pictures «Grot Shakhta».

**Key words:** Pamir, V.A. Ranov, Alichul, Oshana, Marcansu, Grot Shahta, meseolith, Yashicul, Karacul.

**Сведения об авторе:** ***Ф.Н. Шоинбеков*** **-** кафедра древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: **934-28-63-71.** E-mail: **Shoinbek85@mail.ru**

# НАҚШИ ДОНИШГОҲҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОН БАРОИ ДМТ

***М. Салимова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Федератсияи Россия аз лиҳози потенсиали илмӣ дар миёни кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мақеи муҳимро соҳиб буда, марказҳои илмию таълимии он на танҳо барои дохили кишвар, балки барои мамлакатҳои хориҷи дуру наздик низ мутахассисони гуногунихтисос ва соҳибтахассусро тайёр менамояд. Мо тасмим гирифтем, ки доир ба саҳми марказҳои илмию таълимии ин кишвар дар тарбия намудани мутахассисони гуногунсоҳа барои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо истифода аз маводи бойгониҳо ва матбуоти даврӣ ин пажӯҳишро ба анҷом расонем.

Бояд тазаккур дод, ки аз ибтидои таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) марказҳои илмию таълимии Федератсияи Россия дар пешрафти ин донишгоҳи муътабари Тоҷикистон саҳми арзишманде гузоштаанд. ДМТ дар ҳоле таъсис ёфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадрҳои соҳибтахассуси дорои унвони илмӣ сахт ниёз дошт. Бахусус дар миёни тоҷикон ашхоси дорои унвони илмӣ дошта ангуштшумор буданд. Аз ин лизоҳ, дар қатори нахустин устодони ДМТ дастпарварони марказҳои гуногуни таҳсилоти олии Россия дар риштаҳои мухталиф ба таълиму тарбияи донишҷӯён камар бастанд. Дар тӯли солҳои баъд низ хамткардагони донишгоҳҳои шаҳрҳои мухталифи ин кишвар барои кор ба ДМТ омада, дар риштаҳои гуногун ба касби муаллимӣ пардохтанд. Ин мутахассисони ҷавон пойтахти Тоҷикистонро ба ҳайси ватани худ интихоб намуданд, ки онҳо баъдан аз устодони варзидаи донишгоҳ гардиданд. Аз миёни ин устодони гуногунтахассус дар риштаи физика Л. Алперович, математика В. Бордзико, химия, Ю. Лисова, К. Порошин, Е. Ткачук, биология Е. Низковская, геология М. Кухтиков, Д. Чедия, иқтисод А. Сугков, Н. Назарова, фалсафа, Р. Авазбаева, ҳуқуқ Р. Тимпелевич, Ю. Касаткин, В. Коретский, Е. Стрелникова, Е. Яковлева, таърих А. Семенов, Ю. Николаев, Ю. Шибаева, А. Слонимскей, филология А. Болдирев, А. Власов, П. Клубков, А. Хромов, Г. Исаев, В. Петрушкова, Ф. Исаева, И. Филипповская ва дигарон мебошанд. Аз миёни ин устодон Р. Тимпелович, Е. Яковлева, А. Власов, И. Филипповская, В. Коретскии, В. Бордзико, Ю. Шибаева дар боробари тадрис намудан ҳар кадом аз миёни ҷавонписарону духтарони тоҷик шогирдони зиёдеро тарбия намуда, ба рисолаҳои номзадию докториашон роҳбарӣ кардаанд.

Солҳост, ки барои гузаронидани дарсҳои назариявию амалӣ ва курсҳои махсус аз марказҳои муътабари илмию таълимии Федератсияи Россия ба ДМТ олимони бузурги риштаҳои гуногун даъват карда мешаванд. Танҳо дар соли таҳсили 1968 - 1969 беш аз 20 нафар олимон дар факултетҳои гуногуни донишгоҳ ба муҳлатҳои

гуногун ба донишҷӯён аз фанҳои мухталиф тадрис намудаанд. Миёни ин мутахассисони соҳибмактаб метавон аз докторҳои илмҳои физикаю математика, профессорон Н.А. Тихонов, А.А. Самарский, Л.А. Скорняк, В. Поланотов, Л.И. Киминин, Ю.И. Смирнов, А.А. Кириллов, Ф.А. Березин, доктори илми химия, профессор А. Петрова, доктори илмҳои таърих, профессор Ю.С. Кукушкин, доктори илмҳои фалсафа, профессор Е.К. Войшвилло, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор И.И. Серебрянский ва дигарон ном бурд.[1]

Аз соли 1966 то ҳол дар факултети химияи ДМТ ба муносибати бузургдошти фарзанди фарзонаи халқи тоҷик, бузургтарин олими энсиклопедисти Шарқ Абӯалӣ ибни Сино дар ҳарду сол як дафъа маҳфили илмии “Хониши Синоӣ” доир мегардад. Барои суханронӣ дар ин ҳамоишҳои илмӣ ба таври доимӣ бузургтарин олимони риштаи химия аз шаҳрҳои Маскав, Санкт – Петербург ва дигар донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои Федератсияи Россия даъват карда мешаванд. Миёни онҳое, ки дар “Хониши Синоӣ” суханрониҳои илмӣ доштанд, метавон аз докторҳои илми химия, профессорҳо Б. Николский, К. Ятсимирский, Я. Герасимов, А. Новосёлова, А. Петров, В. Спитсин, Ю. Овчиников, И. Алимарин, К. Дюмаев, А. Фокин, Г. Девятих, Ю. Кукушкин, Г. Крестов, Н. Плате, О. Койфман ва дигарон ном бурд.

Дар робита бо ҳамкориҳои факултети химияи ДМТ бо муассисаҳои илмию таълимии ФР бояд афзуд, ки ҳамаи кафедраҳои ин факултет аз ибтидои таъсисёбиашон бо донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои муътабари ин ҷумҳурӣ равобити мустаҳкам дошта, олимони Россия дар пешрафти илми химия ва таълими кадрҳои ин ришта басо саҳмгузоранд. Ин ҳамкорӣ ва кумакҳоро мо дар мисоли кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ ба хубӣ мебинем. Бо даъвати кафедра донишмандони барҷастаи илми химия аз қабили академикҳо Б.П. Николский, Я.И. Герасимов, профессорҳо В.В. Парамонова, Е.И. Сутягин ва чанд тани дигар аз шаҳрҳои Маскав, Санк –Петербург, Ростави лаби Дон дар давраҳои мухталиф барои тадрис даъват шудаанд. Корҳои илмӣ – таҳқиқотии ин кафедра ҳамчунин бо ҳамкории мустақим бо мактабҳои илмии академикҳо Б.П. Николский, В.И. Спитсин, Г.А. Флёров, Ю.Н. Кукушкин, В.В. Зелентсов, профессорон Ю.И. Салников, А.Н. Глебов, К.И. Туртэ, М.Н. Дятлова, Н.Ф. Насонова роҳандозӣ шуда, ки хеле самарабахш будааст. Ин ҳамкориҳо имкон дод, ки дар марказҳои зикршуда беш аз 30 нафар ҷавонони тоҷик рисолаҳои илмӣ дифоъ намуданд.[2]

Муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия дар тарбияи кадрҳо барои ДМТ саҳми бузург гузоштаанд. Ҳудуди 70 нафар ҷавонписарону духтарони тоҷик, ки марказҳои таълимии Федератсияи Россияро дар риштаҳои мухталиф хатм намуда, соҳиби тахассус гардидаанд, дар ДМТ ба фаъолияти меҳнатӣ пардохтаанд. Аз ин миқдор 17 нафарашон дастпарвари факултетҳои гуногуни Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов, 15 нафарашон хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Ленинград (Санкт-Петербург), 6 нафарашон хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Воронеж, 4 нафарашон хатмкардаи Институти хоҷагии халқи ба номи В.В. Плеханови шаҳри Маскав, 3 нафарашон хатмкардаи Институти молияву иқтисодии шаҳри Санкт –Петербург, 3 нафарашон хатмкардаи Донишгоҳи химия ва технологияи ба номи Д.Менделееви шаҳри Маскав, боқимонда хатмкардагони Донишгоҳи давлатии Қазон, Донишгоҳи давлатии Горкий, Донишгоҳи иқтисодиёти шаҳри Санкт–Петербург ва дигар марказҳои таълимоти олии ин кишвар мебошанд.[3]

Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии Федератсияи Россия дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои ДМТ саҳми босазое доранд. Беш аз 120 нафар устодону кормандони баландихтисос барои ДМТ саҳми босазое доранд. Беш аз 120 нафар устодону кормандони илмии ДМТ давраҳои аспирантура,

докторантура ва такмили ихтисосро дар марказҳои таълимию илмии ин кишвар сипарӣ намудаанд. Аз ин миқдор 26 нафар дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломаносов, 22 нафар дар Донишгоҳи давлатии Ленинград (Санкт - Петербург) 5 нафар дар Пажӯҳишгоҳи физикаю технологииии ба номи А.Ф. Иоффеи шаҳри Маскав, 5 нафар дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ, 3 нафар дар Донишгоҳи давлатии Воронеж, боқимонда дар дигар марказҳои илмию таълимӣ давраҳои апирантура ва докторантураро сипарӣ намудаанд.[4] Дар миёни онҳо докторҳои илмҳои филология, профессорон Н. Абдолов, Т. Бердиева, М. Нағзибекова, Ҳ. Раҷабов, Б. Тилавзода, Т. Хаскашев, О. Хоҷамуродов, П. Ҷамшедов, докторҳои илмҳои иқтисодӣ, профессорҳо А. Абдуғаффоров, Т. Ғаниев, Ҳ. Исайнов, С. Исмоилов, С. Комилов, М. Нурмуҳаммадов, Ҳ. Одинаев, Д. Уроқов, С. Ҳабибов, докторони илмҳои физикаю математика, профессорҳо Ҳ.Абдуллоев, Т.Бобоев, П. Бобоҷонов, Х. Ибодинов, М. Илолов, Ҳ. Муъминов, З. Раҳмонов, Ф. Нормуродов, Ф. Ҳакимов, Б. Назриев, докторҳои илми химия, профессорҳо А. Аминҷонов, М. Мансуров, Ш. Холиқов, Б. Кимсанов, доктори илмҳои таърих, профессорҳо Н. Мирзоев, Л. Темурхонов, А. Ҷалилов, И. Усмонов, докторҳои илмҳои фалсафа, профессорҳо Н. Султонов, Н. Сайфуллоев, доктори илмҳои биологӣ, профессор М. Устоев, докторҳои илмҳои геология ва минерология, профессорҳо С. Юсупова, Ф. Ҳакимов ва дигарон мебошанд.

Теъдоди зиёде аз устодону кормандони илмии ДМТ бо роҳбарии олимони варзидаи Россия рисолаҳои илмии худро дар риштаҳои гуногун дифоъ намудаанд. Аз ҷумла, Додоҷон Тоҷиев дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (Санкт - Петербург) зери роҳбарии доктори илмхои филологӣ, профессор А.А. Фрейман рисолаи номзадӣ, Дӯстмурод Уроқов дар Институти молияи шаҳри Маскав бо роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор В.Ф. Петрович рисолаи номзадӣ ва бо мушоварати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор А.Д. Шеремет рисолаи докторӣ, Ҷӯрабой Бурҳонов дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (Санкт - Петербург) бо роҳбарии доктори илмҳои биология, профессор. О.М. Иванова – Казас рисолаи номзадӣ, Бурӣ Кимсанов дар Донишгоҳи давлатии Воронеж бо роҳбарии доктори илми химия, профессор Б.И. Михантев рисолаи номзадӣ ва дар Донишгоҳи давлатии Уфа рисолаи номзадӣ, докторӣ, Фотеҳ Ҳакимов бо роҳбарии доктори илмҳои физикаю математика, профессор, яке аз поягузорони физикаю физикаи плазма А.А. Власов рисолаи номзадӣ, Табаралӣ Ғаниев дар донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор С.Н. Бобилов рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд.[5]

Устодони ДМТ А. Қодиров, А. Табаров дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов, Б. Назриев, А. Орифов дар Донишгоҳи Пайвастаҳои калонмолекулии шаҳри Санкт–Петербург, Х. Ибодинов дар Пажӯҳишгоҳи физикаю техникии ба номи А.Ф. Иоффеи шаҳри Маскав Ҷ. Сафаров дар Донишгоҳи давлатии Новосибирск ва чанд тани дигар низ рисолаҳои номзадию докторӣ дифоъ намуданд.

Тайи чанд соли охир бархе аз устодону кормандони илмии ДМТ давраҳои бозомӯзиро дар риштаҳои мухталифи илм дар марказҳои гуногуни илмию таълимии Федератсияи Россия гузаронида, бо охирин дастовардҳои илмии ҷаҳонӣ тасаллут пайдо намуда, ба ватан баргаштаанд. Чунончи, доктори илмҳои филология, профессор Н. Абдолов дар Академияи дипломати ФР, доктори илмҳои филология, профессор А. Азимов дар Донишгоҳи давлати Маскав ба номи М.В. Ломоносов, номзади илмҳои физикаю математика дотсент Р. Алиқулов, дар Институти давлатии омӯзгории шаҳри Маскав, номзади илмҳои техникӣ, дотсент С. Гадоев дар МИФИ – шаҳри Маскав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Х. Ғафуров дар Академияи ҳуқуқшиносии шаҳри Маскав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор А. Қурбонов дар

Пажӯҳишгоҳи таҳқикоти илмии муаллимони ДДМ, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Р. Саъдуллоев дар Маркази ҳисоббарории АИ Федератсияи Россия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Л. Саидмуродов дар ДДМ ба номи М.В. Ломаносов омӯзиш дидаанд.

Аз ошноӣ бо таърихи нақши марказҳои илмию таълимии Федератсияи Россия дар пешрафти ДМТ чунин бармеояд:

1. Нахустин устодони ДМТ дастпарварони донишгоҳҳои Россия буданд.
2. Донишгоҳҳои муътабари Федератсияи Росиия дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси тоҷик, ки баъдҳо ба ҳайси устод дар ДМТ хидмат кардаанд, нақши бузург доштаанд.
3. Теъдоди зиёде аз устодону кормандони илмии ДМТ давраҳои аспирантура, докторантура ва бозомӯзиро дар марказҳои илмию таълимии Федератсияи Россия сипарӣ намудаанд.
4. Бахше аз устодони ДМТ зери роҳбарӣ ва бо мушовирати донишмандони маъруфи Федератсияи Россия рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро дифоъ кардаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Раджабов С. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – кузница подготовки высококвалифицированных кадров / С. Раджабов. – Душанбе, 1970.
2. Саидов С. Ҷашни камолот / С. Саидов // Омӯзгор, 28 ноябри 2014.
3. Ҳисоби муаллифи мақола аз кит. Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008.
4. Ҳисоби муаллифи мақола аз кит. Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008.
5. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2008.



**РОЛЬ ВУЗОВ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ПОДГОТОВКЕ КАДРОВ ДЛЯ ТНУ**

В данной статье речь идёт об одном из знаменитых институтов РФ для воспитания кадров для ТНУ и о подготовке высококвалифицированных научных кадров для вузов Таджикистана.



**Ключевые слова:** Российская Федерация, международное сотрудничество, университет, исследования, взаимоотношения, диссертация, специалист, образовательное учреждение, научное учреждение.



**CONTRIBUTION OF THE INSTITUTE OF THE RUSSIAN FEDERATION IN TRAINING FOR TNU**

In this article we are talking about one of the most famous institutions of the Russian Federation for the training of cadres for the heat pump and the preparation of highly qualified scientific personnel for schools in Tajikistan.



**Key words:** Russian Federation, international cooperation, university, research, relationships, thesis, expert, educational institution, scientific institutions.



**Сведения об авторе:** ***М.Х. Салимова*** – аспирантка кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **904-51-19-04**


# САФАРИ МАЛЕҲОИ САМАРҚАНДӢ БА ЭРОН ВА НАМУНАҲОИ АШЪОРИ ШОИРОНИ ОН ДИЁР


***Зафар Юсуфӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ (с. тав. 1053 -1643) баҳри иҷрои мақсади деринааш - нигоштани тазкира зодгоҳаш Самарқандро муваққатан тарк карда, сӯйи Бухоро роҳ гирифт ва дар он ҷо ҳамчун яке аз аъзоёни сафорат, ки аз тарафи Ҷониҳо ба Эрон равона карда шуда буд, ҳамроҳ мегардад. Малеҳо қариб се сол дар Эрон

шаҳрҳои он диёр: Исфаҳон, Бистом, Сарахс, Нишопур, Қум, Машҳад, Гелон, Кошон, Сабзавор, Симнонро дидан кард ва дар ҳар яки онҳо то чанд рӯзе таваққуф карда, бо шоирон мулоқот менамуд, ҷойҳои ҷолиб, қадамгоҳи муқаддасонро зиёрат мекард. Ӯ бо шоирони Эрон дар масҷиду мадрасаҳо, қаҳвахонаҳо дӯкону коргоҳҳои ҳунармандӣ ва дар хонаҳои онҳо шинос ва ҳамсуҳбат гардида, ба мушоира мепардохт. Аҳли адаби Эрон шоири «мовароуннаҳрӣ»-ро гарму ҷӯшон пазироӣ мекарданд, ба шарафи ӯ навбат ба навбат дар хонаҳои худ маҷлиси меҳмондорӣ ва базми шеър меоростанд. Малеҳо дар маҷлисҳои мушоира бо шоирони Эрон иштирок варзида, онҳоро дар ҳайрат мегузошт. Шоирони Эрон дар сӯҳбатҳои адабӣ намунаҳои осори худро ба расми ёдгор ба Малеҳо тақдим мекарданд. Малеҳо дар ин сафар дар бораи шоирони ҳавзаи адабии Эрон барои тазкираи хеш мавод гирд меоварад. Малеҳо дар тазкираи худ на танҳо намунаҳо аз эҷодиёти онон овардааст, балки оид ба эҷодиёт, сабқу услуб, касбу кори ин адибон низ сухан меронад. Малеҳо ҷамъ оиди 56 намояндаи аҳли адаби Эрон маълумот гирд овардааст.

Аз асари Малеҳо «Музаккир ал- асҳоб» чунин бармеояд, ки қиёси шоирон дар шаҳрҳои Эрон таносубан фарқияти калон доранд. Масалан, адади шоирони Исфаҳон ба ҳаждаҳ нафар мерасид: Мирзобадеи Китобдор, Мирзо Наҷот, Беҳҷат Муҳаммад Шафеъ, Мирзои Алиён, Хозино, Замоно, Собиқ Ҳоҷӣ Фаридунбек, Алӣ Разовии Хуросонӣ, Масъуд валади Замонои Заркаш, Матин, Маҳдӣ, Воҳид, Вахшат, Ваҳдат, Воқифи Туфангчӣ, Алибеки Сифоҳонӣ, Ҳастӣ, Остифо. Шоирони Кошон: Анвар, Боқиё, Мирзо Саидои Муншӣ, Қозимо Муштоқ, Таҳирои Наққош, Наҷибо, Носиро, Ҳодӣ Соҳиб, Фозило, Фоиз, Қассоб, Саидо, Фоиз, Қаландар; шоирони Сабзавор: Сайёҳ, Омирӣ, Муъмин, Набзӣ, Мир Наҷотпаноҳ; шоирони Нишопур: Ҳошеъ Боқӣ, Абдулкарим, Рифъат; шоирони Гелон: Восило, Ваҳид; шоирони Симнон: Ошиқ Оғо Мансур, Наврас, Муҳаммад Афзал; шоирони Бистом: Латиф, Ходим; шоирони Қум: Тобео, Ҳодӣ; аз Насробод – Мирзо Тоҳир; аз Табрез – Соибо; аз Астаробод - Низомӣ; аз Машҳад - Қосимбек ва ғайра.

Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Малеҳо бештарин вақти хешро асосан дар шаҳрҳои Исфаҳон ва Кошон гузаронидааст. Сабаб дар он буд, ки аввалан, Исфаҳони асри XVII ҳамчун пойтахти хонадони Сафавиён шинохта мешуд. Сониян, шоири маъруфи Эрон Мирзо Тоҳири Насрободӣ маҳз дар ҳамин мавзеъ иқомат ихтиёр карда буд.

Малеҳо ба маркази Сафавиён - Исфаҳон расида, ба мақсади вохӯрӣ бо шоири маъруф ба ҷустуҷӯйи ӯ меафтад. Роқими тазкира адаби эрониро ғоибона медонист ва аз ҳаёт ва осори ӯ ба таври кофӣ воқиф буд. Мирзо Тоҳири Насрободӣ аз ташрифи адиби самарқандӣ ва кофтукови ӯ хабар ёфта, ба воситаи надимони худ ӯро ҷӯё мешавад ва ба мулоқот даъват мекунад. Малеҳо бо Мирзо Тоҳир вохӯрда, ба иззат ва икроми ӯ сазовор мегардад. Вай дар Исфаҳон зиёда аз ҳафт моҳ таваққуф карда, борҳо ба хонаи Мирзо Тоҳир, ки дар мавзеи Насрободи Исфаҳон воқеъ гардида буд, ҳамчун меҳмони олиқадр қадам ранҷа карда буд.

Ба базми шеър, ки дар хонаи Мирзо Тоҳир ба шарафи Малеҳо сурат мегирифт, шоирони маъруфи дарбори Исфаҳон ҷамъ меомаданд. Дар ин базмҳо гоҳо шоири намоён он замон Шавқати Бухороӣ низ ширкат меварзид. Ӯ дар ин айём дар Эрон ба тарзи қаландарона мезист ва Малеҳо аз ин дарак ёфта, ҳамсуҳбаташ мегардад.

Ба туфайли Мирзо Тоҳир, адибони дигар низ ба шарафи Малеҳо зиёфату суҳбатҳо меоростанд. Малеҳо бо шоирони Исфаҳон, хусусан бо Мирзо Тоҳири Насрободӣ ва писари ӯ Мирзо Бадеи Ҳаёт, Ҳоҷӣ Фаридунбеки Собиқ ва бо чанди дигар унс гирифта, дӯстиву пазироии ӯ бо онон ба дараҷае мерасид, ки онҳоро «сунниёни шиа» ва «шиаҳои суннӣ» мегуфтанд, Самимияти он дӯстию рафоқат аз ҳамин аён аст, ки Малеҳо дар бозгашт аз Исфаҳон то Машҳад манзил ба манзил аз дӯстони исфаҳониаш нома мегирифт. Самимияту дилгармӣ то дараҷае буд, ки ҳатто Мирзо Тоҳири Насрободӣ як нусхаи тазкираи худро ба Малеҳо мебахшад, аммо

чунон ки рақими тазкира хотиррасон мекунад, он нусха дар мавриди бозгашт аз болои пули Ому тасодуфан аз даст ба дарё меафтад.

Тазкираи Малеҳо ба кадом табақа муносибат доштани ин ё он шоири ҳавзаи Эронро хеле равшан кушода медиҳад. Аз он чунин бармеояд, ки аз 52 шоири он диёр ҳамагӣ 9 нафар ба табақаи амалдорон тааллуқ дошта, қисми дигари онро ҳунармандон, мударрисону донишмандон ташкил медоданд. Масалан, Замони Исфаҳонӣ касби табибӣ ва сартарошӣ дошт, Отифои Исфаҳонӣ – табиатшинос, Маҳдии Исфаҳонӣ – симсоз, Анвари Кошонӣ – мисгар, фоизи Кошонӣ - табиб, Муъмини Сабзаворӣ – баззоз, Боқиёи Кошонӣ - амалдори дарбор, Золхон – ҳокими Сарахс ва ғайра.

Баҳри васеъ гардонидани таассуроти худ нисбати шоирони Эрон, ҷоиз мешуморем, ки аз оиди баъзе ҷузъиёти ҳаёт ва фаъолияти адибон порчаҳоеро ҳамчун намуна пешкаш намоем:

«Масъуд валади Замонои Заркаш Исфаҳонист. Заркаш чун шоир ба ирс омада, бо он ки воҳид ул- айн буд, қурӣ дар чеҳрааш музир набуд, тарҳи шоирона дошт. Ба дастури волиди худ ба ҷомепи заркашон ва зардӯзон ва шарбофон ғолиб, мақоми будаш бисёрӣ дар тахтгоҳи Сифоҳон, ки муайянтарин баладаи мазкур то сад қаҳвахона дар ялии якдигар мебошад… Машорулейҳ шоирест пурзӯр ва фикраш матин, мисли шуарои вақт дар банди ранг ва бӯ намондааст.

Рақими тазкира нисбат ба адиби кошонӣ чунин баён кардааст: Муштоқ Кошонист, Муҳаммад Носир ном дорад. Аз ҷумлаи муосирони Боқиё ва Соҳиби Кошонист. Дар Эрон миқдори Шавкати Бухорӣ шуҳрат дорад. Дар ҳақиқат аз ҷумлаи арбоби хирад ва қиёсати асҳоби фитрат аст. Шеъраш ҳоҷат ба таъриф надорад.

Дар бадояти шоири Симнонӣ чунин суханҳо таълиф шудааст: «Муҳаммад Афзал хоҳарзодаи Оғо Мансури Симнонист, ки ошиқ тахаллус мекунад. Писарест дар ғояти хубӣ ва ниҳояти маҳбубӣ. Дар он торих, ки мулоқот афтод, ҳанӯз солаш ба бист нарасида буд. Ширинзабон ва рангинбаён, нуқтасанҷ ва суханрас ва рамузфаҳм буд, чанд шабе бо ҳам будем».

Дар васфи Абдулкарими Нишопурӣ роқими савод чунин гуфта: «Абдулкарим Нишопурӣ аз авлоди устоди шуаро ва афзали зурафо Мавлоно Соибои Назарист. Авлоди марҳуми то ба муъминулейҳ ҳама шоир ва соҳиби девон омадааст. Номавзунӣ дар табақаи эшон наёмада хусусан узамо, ки баробари машорулейҳ аст, дар шоирӣ шуҳрати офоқ буда, девони ӯ қариб ба 50 ҷузв бошад дар назар омад, бо маснавӣ дар муқобили «Туҳфат-ул-Ироқайн»-и Ҳоқонӣ дорад, «Фавзи азим» ном дорад. Дар ҳар байт сеҳр карда ва яди байзо намуда, ки шуарои Эрон бар кардаи ӯ таҳсин ва бар навиштани ӯ офарин доранд. Аммо Ҳоҷӣ Карими мазкурро синни қариб ба 70 расида буд… Маҳосини сафед дошт, лайкан арзанда, дили чун хуршед зиндагии ҷовид дошт, зиндадил буд». Инчунин намунаеро аз ашъори ӯ сабт менамоем.

Андохта бар рух шӯхи назар имрӯз,
Пайдост зи симои ту ранги дигар имрӯз.
Ширинии хоби саҳарат гашта фаромӯш,
Аз субҳ бурун омадаӣ пештар имрӯз.
Сомони ҳарифӣ ва сари ноз надорӣ,
Розӣ шудаӣ бо ҳама кас сар ба сар имрӯз.
Ҳашмат, ки ба худ раҳ намедод нигаҳро,
Чун нақш қадам монда ба ҳар раҳгузар имрӯз.
Бинам, ки саросематар аз бехабаронӣ,
Аз ҳоли каримат шуда гӯё хабар имрӯз.

Аз суханони Малеҳо чунин бармеояд, ки гӯё рӯзгор ва маишати адибони Эрон бағоят хуш мегузашт, аммо дар ҳақиқат ин тавр набуд. Баъзе аз онон бо қути

лоямуте қаландарона ҳаёт ба сар бурда, бо машаққати зиёд маводи ризқу рӯзиро ба даст меоварданд. Барои мисол шеъри Фоизи Кошониро меорем:

Мурдан аз ранҷ беҳ аз зинда ба миннат будан
Вой дарде, ки кунад хуб мудаввое кассе.
Ман, ки мустақбил имрӯз ба фардо шуморам,
Мунтазир нестам аз ваъдаи фардои касе.
Хуштар аз соғари ҷам хуни ҷигар нӯшидан,
Доғи носур беҳ аз нолаи саҳрои касе.
Ҳамдамам нолаву ҳамсуҳбати ман танҳоист,
Шукри Аллоҳ, ки надорам сари савдои кассе.
Фоиз аз сарвқадон мисрои мавзунам бас,
Нест мадди назарам қомати раънои касе.

Малеҳо, инчунин шаҳрҳои зиёдеро саёҳат карда, аз манзараҳои ҷолиби диққати он ҷойҳо таассуроти рангин бардоштааст. Масалан, нисбати Кошон чунин гуфтааст: «Кошон дар асл қоҳкашон будааст, иморати қадим ва куҳна бисёр дорад. Яке аз онҳо масҷиди Ҷомеъ буда, заминаш дар ғояти хубӣ ва иртифоъ, сардоба дар миён дорад. Дар баладаи мазкур дар иморати Шоҳ Аббос бисёр дорад, корвонсаройҳо, чорбоғи ноз, чорбоғи давлатхона, як ҳаммом… Нисбати дигар шаҳр бошад, чунин сухан рондааст: «… Сарахс вилояте наздик ба қаламрави ӯзбак буд. Қалъаи берунаш дар болои тале афтода, бисёр олӣ хандақа дорад. Дараест бепоён дар ҷавори мазори Шайх Абдулфазл Ҳасан аст, ки Алломаи Тафтазонӣ мадраса андохта, ки ал-вақт мунҳадим аст марқади Тафтазонӣ. Дигар дар баладаи мазкур мазори Мир Саид Ҳасан…»».

Малеҳо инчунин оид ба шаҳрҳои Исфаҳон, Машҳад, Насробод, Нишопур ва дигарҳо низ маълумот додааст.

## АДАБИЁТ


1. Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ. Музаккир-ал–асҳоб // Шуъбаи дастхатҳои С- Петербургии А.У Русия. - № 710, варақҳои 373 б – 375 а; Мирзоев А. Боз як аҳамияти муҳимми тазкираи Малеҳо / А. Мирзоев // Шарқи Сурх. – 1961.- №7. -С. 148-152; Ҳамон муал, Н. Новый источник по литературе Ирана Сефевидского периода труды двадцать пятого Международного конгресса востоковедов. –М., 1963. –С. 268 -274; Ахмедов Б.А. Историко-географическая литература средней Азии XVI- XVIII вв. / Б.А. Ахмедов // Письменные памятники. – Ташкент, 1985. – С. 173-178.
2. Малеҳои Самарқандӣ. Дастхати зикршуда. – в. 302 б. – 392 б.
3. Малеҳои Самарқандӣ. Дастхати зикршуда. – в. 329 – 390 б.


## ПУТЕШЕСТВИЕ М. САМАРКАНДИ В ИРАН И ПРИМЕРЫ ИЗ ТВОРЧЕСТВА ПИСАТЕЛЕЙ ИРАНА


В данной статье речь идет о путешествии Мухаммадбадеъ Малехон Самарканди в Иран. Он путешествовал во многие провинции Ирана, где встречался с поэтами и писателями этих провинций и беседовал с ними о священных местах: мечеть, медресе и др.. Мелехон собрал материал о 56 поэтах и писателях Ирана.



**Ключевые слова:** Мухаммадбедеъ Малохои Самарканди, Иран, провинции.


## JOURNEY TO SAMARKAND B. EXAMPLE OF IRAN AND WRITERS CREATIVITY OF THIS PROVINCE


This article is about the journey Muhammadbade Malehon Samarkand and Iran. He traveled to many provinces of Iran. He met with the writers of the province and talked with him about the sacred places, mosques, madrasas, and other areas. Melech collected material about 56 Iranian writers.



**Key words:** Muhammadbede Malohoi Samarkand, Iran Province.



**Сведения об авторе:** ***З. Юсуфи*** – старший преподаватель кафедры история таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон: **908-30-55-66**

# БА ГИРДОБИ ҶАЗОДИҲИҲОИ СИЁСӢ МАҲКУМ ГАРДИДАНИ РАИСИ ШӮРОИ НОЗИРОНИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН АБДУРАҲИМ ҲОҶИБОЕВ (СОЛҲОИ СИЮМИ АСРИ XX)

*Б. Неъмонов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши саҳифаҳои таърихи гузаштаи миллат вазифаи муқаддаси ҳар як аъзои ҷамъият, хусусан муаррихон аст. Муаррихон таърихро бояд дуруст ва объективона омӯхта, ба мақоми ҷамъиятии ин ё он шахсият ва воқеаҳои дигари муҳимми таърихӣ баҳои ҳақиқӣ диҳанд. Албатта ин заҳмати зиёдро талаб намуда, аз муаррих, пеш аз ҳама, дониши мукаммал, иродаи устувор, нуқтаи назари ҳақиқӣ ва маҳорати баланди таҳлилӣ, касбӣ ва хулосабарории устуворро талаб мекунад.

Таҳқиқи воқеоти таърихӣ ва ҳаёту зиндагии шахсиятҳои таърихӣ на аз рӯйи манфиатҳои шахсӣ, балки дар асоси манфиатҳои умумимиллӣ ва умумиҷаҳонӣ бояд хулосабарорӣ карда шаванд. Яке аз чунин масъалаҳои мураккаб арзёбии мақоми симоҳои таърихии халқи тоҷик аст. Абдураҳим Ҳоҷибоев аз зумраи шахсиятҳои намоёни миллат аст, ки номи ӯ дар қатори хизматҳои шоёни чанд тан аз ходимони ҳизбиву давлатӣ ва ҷамъиятии халқи тоҷик Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов ва дигарон дар саҳифаҳои дурахшони таърихи навини тоҷикон зикр гардидааст.

Зиндагинома ва фаъолияти сиёсии Абдураҳим Ҳоҷибоев (1900-1938) қисмате аз таърихи навини халқи тоҷик дар садаи бист - давраи мубориза барои сохтмони ҷумҳуриҳои ҷавони миллӣ аст. Давраи пурсамари фаъолияти Абдураҳим Ҳоҷибоев ба сифати корманди зинаҳои мухталифи давлатӣ, фосилаи солҳои 1918-1933-ро дар бар гирифта, ин айёми сабзиш, рушду нумӯъ, камолоти роҳбарӣ ва интиҳои фаъолияти сиёсии ӯст.

Давраи аввали фаъолияти идории А. Ҳоҷибоев, солҳои 1918-1928, таҳсили илм дар фаъолияти кориаш дар шаҳрҳои Фарғона, Ҷалолобод, Тошканд ва Самарқанд ҷараён гирифт. Вай дар ин муддати кӯтоҳ аз зинаи муаллим ва ташвиқгари одии кори ҳизбу давлат то мансаби нозири халқии зироати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва муовини раиси Комиссияи ислоҳоти обу замини назди КМ ҲК (б) Ӯзбекистон расид. Солҳои 1929-1934 фаъолияти сиёсии Абдураҳим Ҳоҷибоев бо маркази фарҳангии ҷумҳурии тозабунёди тоҷикон – шаҳри Душанбе (Сталинобод) иртибот пайдо кард. Тибқи қарори ҳайати раёсати Кумитаи иҷроияи марказии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон аз 13 январи соли 1929 тахти №2 моддаи 10 ба раисии шӯрои Нозироти халқии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон даъват шуд, ки то ин дам ин вазифаро Абдуқодир Муҳиддинов бар уҳда дошт.[1.С.2]

Абдураҳим Ҳоҷибоев ба сифати раиси шӯрои Нозирони халқии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон аз синни 29 то 33-солагӣ, яъне то охири моҳи декабри соли 1933 ин корро идома дод ва тайи ин муддат хизмати муҳим ва шоиста дар қомат рост кардани кохи нави сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоиёти Тоҷикистон ба ҷо оварда, дар ин роҳ сари ҷавонашро дар тундбоди замона бохт. Аз охири соли 1933 мавҷи ситезу ошӯб алайҳи фаъолият ва мақоми Абдураҳим Ҳоҷибоев боло рафт, пас аз муқовимат ва саркӯби шадиди ҳизбиву давлатӣ се-чаҳор соли охири умр дар ихтиёри Кумитаи марказии ҳизби коммунист дар шаҳри Маскав қарор гирифт.

Аз назари бархе аз муаррихон ва журналистони замони муосир бармеояд, ки маҳз дар ибтидои солҳои сиюм ҷустуҷӯйи айбҳои сиёсӣ ва фошкунии кори мақомоти роҳбарикунандаи Тоҷикистон ба таври густурда ба вуҷуд омада буд. Дар рӯшан кардани саҳифаҳои таърихи ин давра мушкилоти асосӣ дастрасии нокомил ба манбаъҳои он замон, хусусан маводи бойгонӣ ва матбуотӣ дар солҳои 30-юми асри

XX аст. Бо вуҷуди ин, аз маводи мавҷуда метавон ҳаёти ҳузнангези Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум, ки ҳарду дар як вақт қурбонии дассисаҳои замон гаштанд, равшанӣ андохт. Ҳанӯз дар қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии (б) Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти ташкилоти фирқавии Сталинобод» аз 14 ноябри соли 1933 саҳвҳои сиёсии онҳо дар баробари амалиёти «гурӯҳи зиддиинқилобии Алексеюф», «плотформаи муштзӯронаи миллатчигии зиддиинқилобии Муҳиддинов ва Комилӣ»таъкид шуда буд. [2.С.2]

Аммо дар ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ ҲК (б) Ӯ, ки ибтидои моҳи декабри соли 1933 баргузор шуд, дар асоси маърӯзаи котиби Бюрои сиёсии Осиёи Миёна К. Бауман, котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон М. Ҳусейнов, намояндаи Идораи муттаҳидаи давлатии сиёсии назди ШНХ ИҶШС дар Осиёи Миёна Пиляр ва баёноти як зумра роҳбарони Тоҷикистон ба ин натиҷа расид, ки баромадҳои зикргардида барои гунаҳкор кардани рафиқон А. Ҳоҷибоев ва Н. Махсум, ки гӯё дар ташкилоти «зиддиинқилобӣ»-и Тоҷикистон, ки алайҳи ҳукумати шӯравӣ ташкил шуда буд, ширкат варзида бошанд, асос шуда наметавонад.[3.С.143]

Дар интиҳои ҷаласаи мазкур КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар тасвибномаи хеш чунин қарор кард: «Аз мақоми раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон сабукдӯш кардани рафиқ Н. Махсум ва аз мақоми раиси ШНХ ҶШС Тоҷикистон сабукдӯш кардани рафиқ А. Ҳоҷибоев қаблан ҳал шуда ва онҳо ба ихтиёри КМ ҲК (б) У фиристода шаванд». Сипас, Абдураҳим Ҳоҷибоев аз соли 1934 то соли 1937 дар Донишкадаи иқтисодии профессураи сурхи шаҳри Маскав ба таҳсил пардохт.[3.С.144]

Пленуми якҷояи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ки 24-25 декабри соли 1933 шуда гузашт, ин қазияро бо таври дигар баррасӣ кард. Суханрониҳои туҳматбор, хусуматомез ва ноадолатонаи К.Я. Бауман қарори Маскавро ҳақ ва саривақтӣ эълон карда, афзуд, ки фаъолияти сиёсии роҳбарони олимақоми тоҷик сабаби тахрибкории сиёсати замон гардида, монеаи ҷиддӣ барои инкишофи қувваи фикрӣ ва эҷодии оммаи мардуми меҳнаткаш гардидааст.[4.С.3]

Дар баромади раиси тозаинтихоби ШНХ ҶШС Тоҷикистон Абдулло Раҳимбоев, ки ба ҷойи Абдураҳим Ҳоҷибоев таъйин гардида буд, сиёсати «муштзӯрӣ», «зиддидавлатӣ», «зиддишӯравӣ»-и роҳбарони куҳан Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев мавриди танқиди шадид қарор гирифт.[5.С.4]

Иштирокчиёни пленуми муттаҳидаи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, сессияи 4 КИМ Шӯроҳои Тоҷикистон ба унвони И.В. Сталин низ бо мазмун ва натиҷаи сиёсати душманфошкунӣ дар Тоҷикистон барқия фиристоданд.

Дар ҷаласаи сессияи 4 КИМ ИҶШС 14 январи соли 1934 бо иштироки барҷастатарин ходимони ҳизбиву давлатии шӯравӣ Калинин, Петровский, Черняков, Енукидзе, Медведев, Яковлев, Юркин ва дигарон низ, қазияи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бояд қайд кард, ки раванди душманфошкунӣ бо ҷурми миллатгароӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар қисматҳои иттиҳод якранг буд. Омилҳои асосии сарзаниш ва саркӯбии ходимони ҳизбу давлат ва зииёни солҳои 20-30-юми асри бистумро аз таъсири анҷумани 16 Ҳизби коммунист – «анҷумани бо ном ҳуҷуми васеи сотсиализм дар тамоми ҷабҳа», ки қазияи мубориза бар зидди майлонҳои миллатгароӣ, «шовинизми бузургдавлатӣ» ва «миллатчигии маҳаллӣ»-ро ба миён гузошт, ҷустуҷӯ кардан лозим меояд.

Аз мазмун ва моҳияти суханрониҳои роҳбарони замон мушоҳида кардан мумкин аст, ки сабабҳои асосии ба гирдоби туҳмат ва ҷазодиҳии сиёсӣ маҳкум гардидани раиси ШНХ Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев, ки баҳонае барои аз вазифа сабукдӯш кардани ӯ буд, инҳо мебошанд:

а) ба роҳ намондани сиёсати ҳизбу ҳукумат, бетаваҷҷуҳӣ ба беҳдошти аҳволи деҳқонони камбағал ва миёнаҳол, алоқа бо унсурҳои кулак ва амалдорони собиқи

амири Бухоро, дифои кулакҳо аз деҳқонони камбағал, миёнаҳол ва намояндагони инқилобӣ дар шӯроҳои маҳаллӣ;

б) даст доштан дар ҳодисаи шиканҷа ва ранҷ додани деҳқонони камбағал-миёнаҳол аз тарафи кулакҳо ва душманони ҳукумати шӯро дар ноҳия ва деҳот, ки дар мақоми роҳбарии ҳукуматӣ қарор доштанд, аз ҷумла андозситонии беҳад, ғасби ғайриқонунии ҳайвонот, ҳабси аз қонун берун, муштзӯрӣ ва шиканҷадиҳӣ;

в) харобиварӣ дар роҳи татбиқи сиёсати миллӣ ва интернатсионализми ленинӣ, ягонагиву бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек, ягонагиву бародарии меҳнаткашони тоҷику рус, пайгирӣ аз тамоюли буржуазӣ-миллатчигӣ.[6.С.25]

Сарчашмаҳое, ки аз таҳқиқу баррасии густурдаи ин қазия шаҳодат медиҳанд, дар мунокишаи сиёсии солҳои 1933-1934 мунаққидон бештар аз номаи аъмоли А. Ҳоҷибоев айбу хатоҳои аниқтар, нишондодҳои «миллатгароии бузургрусӣ, бузургӯзбекӣ, бузургтуркӣ, бузургэронӣ ва дар маҷмӯъ миллатгароии худӣ»-ро ҷустуҷӯ карда, ба ҷабру шикаст ва беэътибории вай мусоидат намуданд.[7.С.38]

8 июли соли 1937 А. Ҳоҷибоевро кормандони Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) ҳабс карданд ва 25 январи соли 1938 коллегияи ҳарбии Суди Олии Иттиҳои Шӯравӣ ӯро маҳкум ба марг намуд. Мувофиқи тафтиши ниҳоӣ дар айбномаи ӯ ба он ҷурм муттаҳам карда шуд, ки А. Ҳоҷибоев аз соли 1929 яке аз роҳбарони ташкилоти буржуазии – миллатгароӣ ва харобкори террористӣ дар Тоҷикистон будааст, ки ин ташкилоти сиёсӣ ба ҷосусӣ машғул буда, бар зидди Ҳукумати шӯравӣ шӯриши мусаллаҳ тайёр мекардааст.

28 декабри соли 1957 коллегияи Суди Олӣ қарори Прокурори генералии ИҶШС-ро аз рӯйи ҳуҷҷатҳои А. Ҳоҷибоев баррасӣ намуда, ҳукми коллегияи Суди Олии ИҶШС-ро аз 25 январи соли 1938 дар ҳаққи Ҳоҷибоев Абдураҳим дар асоси далелҳои нав бекор кард ва бинобар набудани ҷиноят дар номаи аъмоли ӯ қатъ намуд.[3.С.143]

Маводи матбуоти даврӣ ва адабиёти таърихӣ моҳияти танқидҳои ҳизбӣ, ки нисбати Абдураҳим Ҳоҷибоев равона карда шудаанд, таҳлил намуда, аз он самти ҷустуҷӯ, андеша ва талошҳои ин шахсияти наҷибро баҳри манфиатҳои халқи тоҷик, тоҷикгароӣ ва эҳтироми ӯро нисбати тоҷикон асос намуда, ба гирдоби таъқибот ворид намуданд.

Хулоса, раиси Шӯрои нозирони халқии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев дар асоси туҳмату буҳтони бардурӯғ, ки гӯё ӯ ба пинҳонкорӣ машғул буда, бар зидди Давлати шӯравӣ мубориза оғоз мекунад, инчунин дар фаъолияти худ ба хатогиҳо роҳ дода, манфиати синфи деҳқонро нодида мегирад, мавриди таъқибу фишорҳои сиёсӣ қарор гирифта, қурбонии дассисаҳо ва таъқиботи солҳои сиюми асри XX гардид.

## АДАБИЁТ


1. Тоҷикистони сурх. – 1929. – 16 январ. - №7 (37).
2. Тоҷикистони сурх. – 1933. – 6 декабр. - №279 (1578).
3. Ҳақиқати таърих: саҳифаҳои ноаёни таърихи Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 1990. -176 с.
4. Коммунист Таджикистана. – 1934. – 5 январ. - №5 (1197).
5. Тоҷикистони сурх. - 1933. - 29 декабр. - №298 (1597).-
6. Осор ва пайкор / [Б. Ҳоҷибоева, М. Мирзоюнус, С. Аъзамзод и диг.]. – Хуҷанд: Ношир, 2010. -680 с.
7. Абулҳаев Р. «Нусратулло Махсум ва ба Ватан бозгардонидани фирориён» / Р. Абулҳаев, Ҳ. Дӯстов // Фидоии миллат. – Душанбе: Шарқи озод, 2001. -143 с.


## О ПОЛИТИЧЕСКОМЕ НАКАЗАНИИ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ НАРОДНОГО КОНТРОЛЯ РЕСПУБЛИКИ А. ХОДЖИБОЕВА (ТРИДЦАТЫЕ ГОДЫ XX В)


В данной статье речь идёт о политическом наказании Председателя народного контроля Таджикистана Абдурахима Ходжибоева, также о проблемах, причинах и негативных явлениях политического наказания в тридцатых годах XX века.

**Ключевые слова:** наказание, политика, интеллигенция, социалистическое общество, репрессии, формы борьбы, политические репрессии, преследование, Абдурахим Ходжибоев.

**ABOUT POLITICHESKOME PUNISHMENT OF THE PRESIDENT OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CONTROL A. HODZHIBOEVA (IN THE THIRTIES OF THE XX IN)**

In this article we are talking about a political punishment Chairman of People's Control of Tajikistan Abdurahim Hodzhiboeva. Also on the issue of the causes and effects of negative political punishment in the thirties of the XX century.

**Key words:** nakazaniye, policy, intellectuals, socialist общесво, repressions, borba forms, political repressions, prosecution, Abdurakhim Hodzhiboyev.

**Сведения об автора:** ***Б.З. Неъмонов*** – ассистент кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета. Телефон: **907-79-70-90**

# ТАҒЙИРИ САМТИ МАСИРИ ҲОКИМИЯТ ВА СИЁСАТ ДАР ХИТОЙ

***Н. Бӯстонова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Марҳилаи тақдирсоз барои Хитой дар роҳи бартараф сохтани мушкилоти мавҷуда, баъд аз сиёсати «ҷаҳиши бузург» ва «инқилоби маданӣ», аз моҳи сентябри соли 1976 оғоз гардид. Муовини аввали сарвазири кишвар Дэн Сяопин, ки дар соли 1966 гирифтори таъқиб ва соли 1976 сафед шуда буд, ҳамроҳи Хуа Гофэн, ки раиси ҳизб интихоб гардида буд ва шуҳрати начандон зиёд дошт, ҳокимиятро аз тундгароён тоза карда, баислоҳоти миқёсан бузурги сиёсию иқтисодӣ асос гузошт. Дар иҷлосияи якуми Маҷлиси умумихитоии роҳбарони халқӣ, даъвати панҷум, ки дар оғози соли 1978 баргузор гардид, тағйири самти сиёсати **ҳукумат** асоси қонунӣ пайдо кард.

Ҳамзамон, дар сиёсати хориҷии Хитой низ, дигаргуниҳое ба вуҷуд омаданд. Моҳи августи соли 1978 дар байни Хитой ва Ҷопон шартномаи сулҳ ва дӯстӣ ба имзо расид ва дар моҳи декабри ҳамон сол ИМА эълон дошт, ки аз моҳи январи соли 1979 бо Ҷумҳурии Халқии Хитой муносибати дипломатиро оғоз менамояд. Баъди барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ миёни Хитой ва ИМА дар сиёсати Хитой нисбати ИМА ислоҳот ворид гардид, ки дар асоси он ИМА-и «империалист» барои иштирок дар ҷанбаи муттаҳидаи тавсеаёфтаи зидди «ҳукмронӣ»-и ИҶШС роҳ дода мешуд. Фаъолият дар бахши сиёсати хориҷӣ инчунин манфиатҳои нисбатан маҳдудро ҳам пайгирӣ мекард. Вобаста ба мухолифатҳои сиёсӣ Хитой дар миёнаҳои соли 1978 аз ҳар гуна кумак намудан ба Ветнам даст кашид. Ибтидои соли 1979 ҳодисаи вайрон кардани сарҳад **аз** ҷониби Ветнамро баҳона карда, ба ҳудуди Ветнам ҳамла кард. Аммо лашкари Хитой ба ғалабаи қатъӣ қодир набуд ва моҳи марти соли 1979 ин амалиёти ҳарбӣ бо хориҷ гардидани лашкари Хитой аз ҳудуди Ветнам анҷом ёфт.

Баъд аз анҷоми бемуваффақонаи амалиёти ҳарбӣ дар Ветнам, дере нагузашта дар муносибатҳои Хитою Америка дар робита ба масъалаи мақоми Тайван ихтилофе ба миён омад. Ҳукумати ИМА ҶХХ-ро «ягона Ҳукумати қонунии кишвари Хитой» эътироф карда, ба он мувофиқ буд, ки Тайван як қисмати ҳудуди Хитой аст, вале моҳи апрели соли 1978 Конгресси ИМА «Қонун доир ба муносибатҳо бо Тайван»-ро қабул кард, ки мувофиқи он ИМА уҳдадор шуд, ки Тайванро бо аслиҳа барои дифои худ таъмин намояд, инчунин ҶХХ-ро доир ба ғайриимкон будани «ҳар гуна кӯшиши бо роҳҳои дигар, ба ҷуз аз роҳи сулҳомез **ҳал** намудани тақдири ояндаи Тайван» ҳушдор дод.

Ислоҳот дар соҳаи дохилӣ ва хориҷӣ самараи хуберо ба бор овард. Дар давоми солҳои 80-ум даромади молӣ ба ҳисоби миёна 10% дар як сол афзуд. Вале дар

охирҳои солҳои 80-ум баъзе мушкилоти ҷиддие дар иқтисодиёт ба миён омаданд. Афзоиши даромадҳо боиси зиёд гардидани воридоти кишвар гардид. Аз ин рӯ, аз соли 1985 сар карда дар савдои хориҷии Хитой норасоии калоне ба миён омад ва қарзи хориҷии мамлакат бошад, рӯ ба афзоиш ниҳод. Ғайр аз ин, ба назорати расмии нархҳо нигоҳ накарда, афзоиши нархи «сабади истеъмолӣ» (молҳои мавриди ниёзи аввалия) боиси афзудани суръати таваррум гардид.

Ҳодисаҳои номатлуби коррупсионӣ дар байни маъмурон **ва** амалдорони ҳизбӣ, ки аз ҳисоби додани иҷозат ва иҷозатномаҳо сарватманд гардида, ҳуқуки назорати тақсимоти захираҳоро ба манфиати шахсии худ истифода мебурданд, ба таври васеъ густариш ёфтанд.

Аз ҷунбиши «Деворҳои демократия» дар солҳои 1978-1979 сар карда, донишҷӯён ва зиёиён мунтазам ба демократикунонии ҳаёти сиёсии кишвар даъват мекарданд. Гарчанде роҳбарони нави ҳизб Ху Яобан ва Чжао Сзиян майл ба гузарондани ислоҳоти демократӣ мекарданд, дар муқобили онҳо Дэн Сяопин зидди ислоҳоти сиёсӣ буд, ба он андоза ҷиддияте, ки ӯ аз ислоҳоти фаъолияти иқтисодӣ, либералӣ кунондани он ҷонибдорӣ мекард.

Охирҳои моҳи апрели 1989 дар робита ба марги Ху Яобан дар бисёр шаҳрҳои мамлакат тазоҳуроти калони донишҷӯён ва коргарон барпо гардиданд, ки дар онҳо талаботи демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва мубориза алайҳи амалҳои коррупсиониро ба миён гузоштанд. Дар Пекин донишҷӯён гуруснанишинӣ эълон карданд ва ҳамроҳи ҷонибдоронашон зиёда аз як моҳ майдони Тянанминро ишғол карда буданд. 4- уми июни соли 1989 бо дастури Дэн Сяопин, Ян Шанкун ва Ли Пон артиш ва политсия ба амалиёти пахш кардани мухолифин шурӯъ карданд. Тибқи иттилооти баъзе манбаъҳо, дар кӯчаҳои Пекин зиёда аз 1000 нафар ҳалок гардида, даҳҳо ҳазор мухолифин ба айби иштирок дар шӯриш маҳбус шуданд ва баъзеҳо ба қатл расонида шуданд. Чжао Сзян ва либералҳои дигар аз ҳизб хориҷ карда шуданд.

Марги Дэн Сяопин дар Пекин, ки рӯзи 19-уми феврали соли 1997 рух дода буд, ягон дигаргунии ҷиддиро ба амал наовард. Дар Анҷумани 15-уми ҲКХ (моҳи сентябри соли 1997) роҳи асосии гузарондани ислоҳоти пайдарҳами иқтисодӣ бо ҷилавгирии қатъӣ аз ислоҳот дар соҳаи сиёсат ва идеология тасдиқ гардид. Аз ҳайати Кумитаи доимии Бюрои Сиёсии КМ ҲКХ дар робита бо парванда доир ба коррупсия собиқ мири шаҳри Пекин Чэн Ситун хориҷ карда шуд ва ҳайати нави кумитаи мазкур ҷонибдори ислоҳот, собиқ вазири робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Ли Лансин ворид гардид. Мавқеи роҳбарияти Пекин ва шахсан Сзян Сзэмин асосан баъди 1 июли соли 1997 ба тобеияти Хитой гузаштани Сянган (Гонконг) боз ҳам мустаҳкамтар гардид.

Се даҳсолаи охир нишон дод, ки ислоҳоти Хитой дар самти сиёсию иқтисодӣ натиҷаи мусбӣ ба бор овард. Барномаи ҷадиде, ки дар солҳои 70-уми асри XX омода сохта шуда буд, Хитойро дар ибтидои асри XXI ба яке аз кишварҳои пешрафта табдил дод. Имрӯз қисми зиёди молҳои бозори ҷаҳонро маҳсулоти Хитой ташкил медиҳад ва дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон ин давлат таҳкурсии мустаҳкамро гузоштааст. Хитой имрӯзҳо бо роҳи сотсиализм равон аст ва ба оядаи он боварӣ дорад. Муаллифи ислоҳот Дэн Сяопин халқи Хитойро баъди пошхӯрии низоми сотсиалистӣ таскин дода, гуфта буд: «Мо сотсиализмро бо хусусияти хитоӣ месозем, ки дар он қувваҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ инкишоф меёбанд, сотсиализме, ки аз сулҳ дифоъ мекунад».

### АДАБИЁТ


1. Бузов В.И. История современного Востока XX-XXI вв.: страны и правители. Новейшая история стран Азии и Африки: учебное пособие / В.И. Бузов. - М., 2008.
2. Дэн Сяопин. Основные вопросы современнего Китая / Дэн Сяопин. - М., 1998.
3. Маомао. Мой отец - Дэн Сяопин / Маомао. -М., 1995.
4. Юрьев М.Ф. История стран Азии и Африки в новейшее время / М.Ф. Юрьев. - М., 1979.

5. Дэн Сяопин. Раскрепостить сознание, реалистически подходить к делу, сплотиться воедино и смотреть вперед. — Творцы истории: Мао Цзэдун, Дэн Сяопин, Цзян Цзэминь. Статьи и выступления. -Минск: Палея-Мишин, 2001.
6. Делюсин Л. Дэн Сяопин и теория социалистической модернизации / Делюсин Л. Дэн // Проблемы Дальнего Востока. – 1994. -№ 5.
7. Китай на пути модернизации и реформ. 1949-1999. -М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1999.
8. Ломанов А.В. Китайский человек - основа всего / А.В. Ломанов // Россия в глобальной политике. – 2004. - № 2.
9. [Электронный ресурс]. www. googl Материалы с сайта //www.nb-info.ru

**ПЕРЕОРИЕНТАЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО КУРСА В КНР**

После смерти Мао Цзедуна (1976) его преемники продвигали программу переориентации политического курса и экономической либерализации страны. Но, как показали события 1989 г. на площади Тяньаньмин, политические реформы по-прежнему остались под запретом. Китайское руководство особое значение при проведении реформы придает социально-экономической стабильности страны, видя в ее сохранении одно из главных условий обеспечения экономического развития и укрепления международных позиций КНР. Однако, при всех существующих экономических и внутриполитических проблемах в настоящий момент Китай является быстроразвивающейся и сверхмощной державой XX1 века.

**Ключевые слова:** Пекин, Тяньаньмин, либерализация страны, демократия, Дэн Сяопин.

**THE REORIENTATION OF POLICY IN CHINA**

After the death of Mao Zedong (1976), his successors promoted the program reorientation of policies and economic liberalization strany. No, as the events of 1989 in Tiananmen Square political reforms still remain under the leadership of zapretom. Kitayskoe particular importance in the reform gives to the socio-economic stability of the country, seeing its preservation is one of the main conditions for ensuring economic development and international position ukrepleniya KNR. However, despite all the existing economic and domestic problems at the moment, China is a rapidly developing and heavy-duty power HH1 century.

**Key words:** Beijing, Tiananmen, the liberalization of the country, democracy, Deng Xiaoping.

**Сведение об авторе:** ***Н. Бустонова*** - доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран Таджикского национального университета. Телефон: **917-21-89-01**

# АЗ ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ, (СОЛИ 1991)

***С. Бобоҷон***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Точикистон яке аз ниҳодҳои боэътимоду муқтадири ҳифзи ҳуқуқ дар кишвар мебошад. Таъмини амнияти дохилӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро бе фаъолияти ҷузъу томҳои Мақомоти корҳои дохилӣ тасаввур кардан амри маҳол аст.

Мақомоти корҳои дохилии Точикистон таърихи бою рангин ва ибратомӯз дорад. Садоқат ба халқу ватан ва дигар корнамоиҳои намояндагони ин мақомот дар марҳилаҳои гуногуни таърихи кишварамон боиси таҳсину сарфарозист.

Баъди истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Тоҷикистон дар таърихи мақомоти корҳои дохилии он саҳифаҳои наву тоза оғоз гардид. Дар давраҳои душвору тақдирсози кишварамон дар саҳифаҳои таърихи ин мақомот ҳам бурду бохт, ҳам садоқат ва ҳам хиёнат буд. Вале, бо боварӣ метавон гуфт, ки садоқат ба халқу Ватан ва ҷонбозиҳои ҳайати шахсии ин мақомот баҳри тинҷию осудагии кишвар, баҳри пешрафту тараққиёт ва гул – гулшукуфии Тоҷикистони азиз ҳазорҳо бор бештар аст, қайд менамояд собиқ вазири корҳои дохилӣ Қаххоров Абдураҳим Абдулаҳадович.[1. с. 4]

Дар давраи гузариш, хусусиятҳои хоси сиёсати дохилӣ ва иқтисоди миллӣ дар назди сохторҳои роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вазорати корҳои дохилӣ масъалаҳои нав ва душворро ба миён гузоштанд. Дар баробари ин, як қатор бенизомӣ ва мушкилиҳое буданд, ки онҳо бевосита ба фаъолияти ВКД – и ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасониданд: якум, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ механизми мустаҳками мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, ки аз тарафи ВКД ИҶШС дар муддати даҳсолаҳо коркард шуда буд, аз байн рафт; дуюм, дар ибтидои давраи истиқлолияти ҷумҳурӣ, қисми зиёди мутахассисони баландихтисоси русзабоне, ки дар МКД фаъолият мекарданд, ин соҳаро тарк карданд ва монанди ин.[5. с. 11.]

Аммо бо вуҷуди ин мушкилиҳо Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳар гуна шароит баҳри пойдории қонуният талош мекард, ки фаъолияти худро пурсамар ба роҳ монад. Моҳи апрели соли 1991 ВКД ҶШС Тоҷикистон тибқи қонуни ИҶШС аз 6 марти 1991 «Дар бораи милитсияи шӯравӣ» ва фармони ВКД ИҶШС аз 20 марти соли 1991 таҳти рақами №96, доир ба иҷрои саривақтии қонуни мазкур, ки маҷмӯи чорабиниҳоро дарбар мегирифт, хусусан «масъалаи муҳофизати ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон, бехатарии шаҳрвандон ва молу амволи онҳо», низомнома дар бораи хизмати кормандони қаторӣ ва ҳайати роҳбарикунандаи МКД – и Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намуд ва дар он самтҳои асосии фаъолияти ин мақомот ва таъмини иҷроиши пурра ва бечунучарои талаботи қонун, низ муайян шуда буданд.[5. с. 11.]

Масъалаи таъини ҳайати роҳбарикунандаи раёсатҳои корҳои дохилӣ ва ШКД – и мақомоти иҷроияи шаҳриву вилоятӣ, Шӯрои вакилони халқӣ аҳамияти муҳимми амалӣ доштанд. Аз ин тадбири муҳим натиҷаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бештар вобастагӣ дошт. Агар ба вазъияти ин соҳа то 1 майи соли 1991 назар намоем, маълум мегардад, ки ба сохтори ВКД ҶШС Тоҷикистон 4 раёсати вилоятӣ, аз ҷумла раёсатҳои корҳои дохилии ВМКБ, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ленинобод ва як раёсати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе дохил мешуданд. Дар маҷмӯъ, мувофиқи ҷадвали штатӣ 24 вазифаи роҳбарикунандаи РКД пешбинӣ шуда буд. Дарвоқеъ, ҳама чорабиниҳо баҳри таъмини бонизомӣ, қонуният ва тартибот анҷом дода шуда буданд. [4. с. 7-13.]

Дар аввали солҳои 90 – уми асри XX аксарияти табақаҳои аҳолӣ, пеш аз ҳама, зиёиёни эҷодкор (ҳатто кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ба мубоҳисаи сиёсӣ ҷалб шуда буданд. Бо мақсади пешгирии дохилшавии кормандони сохторҳои қудратӣ ба ҳайати ҳаракатҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ Президенти ҶШС Тоҷикистон Қ. Маҳкамов 23 августи соли 1991 «Дар бораи қатъ намудани фаолияти сохторҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶШС Тоҷикистон» фармон бароварда, ба имзо расонд.

Бояд қайд кард, ки ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мақсадҳои гуногун доштанд, ки ба муташанниҷ гаштани вазъи ҷамъиятиву сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба гирдоби нооромиҳо ва кашмакашиҳои сиёсӣ гирифтор шудани ҷумҳурӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Ҳамин тариқ, тағйироти рӯйдода вазъияти сиёсӣ ва ҷамъиятиро дар ҷумҳурӣ мураккаб гардонид. Ин омилҳо ба фаъолияти Мақомоти корҳои дохилӣ таъсири манфӣ мерасониданд. Аз ҷумла, ҳолати мураккаби оперативӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон, Қӯрғонтеппа, ва ноҳияҳои тобеи марказ ба амал омада, вазъиятро дар саросари ҷумҳурӣ боз ҳам муташанниҷ мегардонд.[5. с. 12.]

Хусусан тағйироти куллие, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, инчунин тағйирпазирии хусусият ва шаклҳои ҷиноятy ҷинояткорӣ ба амал омада буд, усулҳои мубориза бар зидди онҳо ва бозсозии самтҳои сохтори МКД-ро ҷиддан тақозо мекард. 31 октябри соли 1991 роҳбарияти

ВКД-и ҷумҳурӣ оиди азнавсозии сохтори ин соҳа, ҷорӣ намудани ислоҳот ва такмили фаъолияти хизматии вазорат дар тамоми самтҳо ва соҳаҳо, аз ҷумла дар раёсатҳои корҳои дохилии шаҳрӣ ва ноҳиявии МКД супориш дод. Инчунин доир ба аз нав дида баромадани доираи ваколатҳои роҳбарони гуногунмақом ва зерсохтору хадамотҳои он дастур ироа намуд, ки то 10 ноябри соли 1991 ба раёсати ташкиливу назоратии МКД Ҷумхурии Тоҷикистон пешниҳодоти худро ирсол намоянд.[4. с. 187.]

Зимнан ба тадбиқи ин чорабиниҳо нигоҳ накарда, дар ин давра сатҳи ҷинояткорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бештар гардид, омилҳо ва сабабҳои асосии шиддат ёфтани вазъи иҷтимоӣ ба давраи гузариш хос аст. Дар нимаи аввали соли 1991 дар ҷумҳурӣ теъдоди ҷиноятҳои мавҷудаи гурӯҳӣ аз 905 то 1277 маротиба афзуд. Хусусан афзоиши ҷиноятҳо дар минтақаи Кӯлоб ба 84,5%, вилояти Ленинобод ба 48,4% расид. Воқеан аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил 656 ҷиноят содир карда шуданд, ки нисбат ба соли 1990 2,8% зиёдтар буд. Ҳамзамон аз он ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил содиршуда аз 4\1 (чоряки) он таҷовуз ва сӯиқасд ба таҷовуз, 3\1 (сеяки) он дуздӣ, 3\1 (сеяки) он ғорату тороҷгарӣ, аз 5\2 ҳисааш роҳзанӣ, аз 6\1 (шашяки) он дуздии васоити техникӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Бо дарназардошти ин, мавриди зикр аст, ки дар нимаи дуюми соли 1991 баробари тезутунд гардидани вазъият дар ҷумҳурӣ, милитсияи тоҷик бо теъдоди зиёди ҷиноятҳо рӯ ба рӯ шуд. Ҳамин тариқ, соли 1991 дар ҷумҳурӣ теъдоди ҷиноятҳои гуногуни дуздидани молу амволи шахсӣ афзуд. Чунончи, дар ҷумҳурӣ танҳо дар 11 моҳи соли 1991 миқдори ҷиноятҳои гурӯҳӣ дар муқоиса бо соли 1986 қариб ду – се маротиба зиёд гардид. Инчунин шумораи ҷиноятҳои бо роҳи дуздӣ аз худ намудани манзили шаҳрвандон ҳам бо суръат боло рафт. Масалан, дар муқоиса бо соли 1988 дар 11 моҳи соли 1991 миқдори ин намуди ҷиноятҳо ду – се маротиба афзуд, вале кушодани онҳо якбора рӯ ба пастӣ овард. Дар муқоиса бо соли 1988 миқдори ҷиноятҳои накушода 74,8%-ро ташкил намуд. [5. с. 46.] Умуман, дар соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18477 ҷиноят ба қайд гирифта шуд.[4. с. 213.]

Ҳамзамон Раёсати ташкилию нозиротии МКД вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаи онро дар тӯли 10 моҳи соли 1991 таҳлил намуда, оид ба пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо, ҳолати муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ғайра чораҳо андешид. Дар натиҷа, ошкор гардид, ки аз ҳама бештар ҷиноятҳо дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи маркази ҷумҳурӣ ба амал омада буданд.[2. с. 46]

Таҳлилу муқоисаи васеи маводҳои бойгонии ВКД-и ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи авҷ гирифтани муборизаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ вазъи ҷиноятии ҷумҳурӣ тезутунд гашт. Хуллас, вазъияти ногувори сиёсӣ, қафомонии ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ба фаъолияти МКД низ таъсири манфӣ расонд. Аз ин хотир, ба нишонии МКД мулоҳизаҳои сершумори танқидӣ ворид мешуданд.

Воқеан, муҳофизати ҳаёти осоиштаи мардум, таъмини ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон аз сафи кармандони пурқуввату солим, босавод, ростқавл ва соҳибихтисоси МКД вобастагӣ дошт. Чунонки маълум аст, пештар масъалаи таъмини МКД бо кадрҳои баландихтисос аз тарафи ВКД ИҶШС ҳал карда мешуд. Вале, пас аз пошхӯрии ИҶШС ва расидан ба истиқлолият, масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтиси МКД ба таври ҷиддӣ эҳсос мешуд ва ҷумҳурӣ инро бояд худаш ҳал мекард. Аз ин хотир, 23 декабри соли1991 Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис намудани Мактаби олии МКД ҶТ дар заминаи Филиали Душанбегии Мактаби олии Тошканд ва Омӯзишгоҳи махсуси милитсияи ВКД ИҶШС дар Душанбе қарор қабул кард.[3. 270-271]

Бо вуҷуди он, ки ба мақсади мӯътадил гардидани вазъияти оперативӣ дар мамлакат аз тарафи МКД чораҳои зарурӣ андешида мешуданд, аммо гирдиҳамоиҳои

ғайриқонунии 16 ноябри соли 1991 дар назди мақомоти иҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа ва 15–17 – декабри соли 1991 дар ноҳияи Қумсангир нишон доданд, ки на ҳамаи зерсохторҳои маҳаллӣ барои дар шароити нави сиёсӣ фаъолият кардан омодаанд. Шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Қумсангир барои пешгирӣ ва барҳам задани ин гирдиҳамоиҳои ғайрирасмӣ, ошкор намудани ташкилкунандагони фаъоли он ва ба ҷавобгарии қонунӣ кашидани онҳо чораҳои қатъӣ наандешиданд.[2. С. 47]

Ҳамзамон ин гирдиҳамоиҳо баҳона, сабабҳо ва омилҳои сар задани худро доштанд. Сабаби асосии сар задани ин гирдиҳамоиҳо он буд, ки дар Заводи равғанкашии Қӯрғонтеппа раванди шаффофи ҳисобу китоб мавҷуд набуд, ки он ба дуздии ашёи хому маҳсулоти тайёр ва инчунин истифодабарии бемақсади воситаҳои асъори корхона оварда расонд. Аз ин рӯ, аз ҷониби директори корхона А. Маъруфов дар бораи низоми нигоҳдории ашёи хом, баъзе чораҳои таъҷилӣ андешида шуданд. Дар натиҷа, қисме аз кормандон корпартоӣ карданд, ки он чун гирдиҳомоии ғайрирасмӣ амалӣ гардид. Дар охир директори корхона аз вазифа озод карда шуд. Ба давлат хисороти калони моддӣ расонида шуд, вале аз тарафи роҳбарияти Шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Қӯрғонтеппа бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани ташкилкунандагони корпатоӣ чораҳои амиқ андешида нашуд. Ҳамзамон МКД нисбати амалҳои ғайриқонунӣ ва ташаббускорони он саривақт чораҳои дахлдор наандешид. Ин амалҳо ба он оварда расонид, ки моҳи декабри соли 1991 шӯъбаи маҳаллии Ҳизби Демократӣ, Ҳизби Наҳзати Ислом ва ҳаракати «Растохез» дар ноҳияи Қумсангир гирдиҳамоии ғайрирасмиро ташкил карданд. Дар натиҷаи фишори гирдиҳамомадагон ба роҳбарияти ноҳия, роҳбари Шӯрои вакилони халқ маҷбуран ба истеъфо рафт.[3. с. 270-271]

Вале ба ин нигоҳ накарда, роҳбарияти Мақомоти корҳои дохилии вилоятҳо ва ноҳияҳо ба мақсади пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ дар вилоят чораҳои дахлдор наандешиданд ва баръакс, ба онҳо ягон ҷазо пешбинӣ нагардида, аз тарафи Вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ ин кормандон ба ҷойи сарзаниш ва муҷозот ба вазифаҳои гуногун гузаронида шуданд. Ба мақсади аниқ кардани сатҳи ҷиноятҳои содиршуда аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон коммиссияи махсуси салоҳиятнок ташкил карда шуд. Баъди таҳлил ва омӯзиши ҳамаи ҳолатҳои руйдоди мазкур, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 1991 «Оиди нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба вазъияти моҷарои иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар заводи равғанкашии Қӯрғонтеппа, дар маркази шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Қумсангир» қарори махсусро қабул намуд.[3. С. 269-274]

Ҳамзамон дар қарор зикр шудааст, ки «таназзули иқтисодиёт ва паст шудани сатҳи зиндагӣ, бештар заиф гаштани сохтори ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи афзудани мухолифатҳои иҷтимоӣ ба вуқӯъ омадаанд, ба тезутунд шудани мухолифатҳо байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, вобастагии зич дорад».[3. С. 269]

Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи омилҳои пурмоҷароро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода, қарори дахлдор қабул намуд, ки дар он омадааст: Шӯрои вакилони халқии вилояти Қӯрғонтеппа, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Қумсангир, прокурорҳои вилоят, шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Қумсангир, мақомоти корҳои дохилии вилоят, шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Қумсангир ва инчунин роҳбарияти заводи равғанкашӣ вазъияти бӯҳронии мазкурро баҳои ҳақонӣ надода, доир ба пешгирӣ ва барҳам задани моҷаро чораҳои дахлдор наандешиданд ва амсоли он.[2. с. 49]

Ҳамин тариқ, дар охири солҳои 90-ум ва соли аввали расидан ба итиқлолияти давлатӣ мақомоти корҳои дохилии ҷумҳурӣ ба маҷрои номаълуми ҳуқуқвайронкуниҳое, ки то кунун дар таҷрибаи амалии ин соҳа дида намешуд ва он

хусусияти муташаккилу оммавӣ гирифта буд, дучор омад. Чуноне санадҳои гуногун шаҳодат медиҳанд, ба мақомоти корҳои дохилӣ ва кормандони он рӯйдодҳои мазкур ҳамчун имтиҳону санҷишҳои амалии фаъолияти онҳо хизмат намуд. Аз ин хотир, маҳз дар ин солҳо шуҷоату қаҳрамонии ҳайати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, садоқату муҳаббати онҳо нисбат ба халқу ватан ва инчунин ба кору фаъолияти касбияшон дучанд афзуда, онҳоро дар рӯҳияи устуворӣ, матонат, оштинопазирӣ нисбат ба қувваҳои иртиҷоӣ, душманони дохиливу берунӣ тарбия намуд. Дар ҳақиқат ҳам, воқеаву рӯйдодҳои дар ҷумҳурӣ рухдода нишон доданд, ки аксари кадрҳои соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифаҳои ҷониву виҷдонии худро бошарафона иҷро намуданд.


### Маводҳои бойгонии ҷории МКД – и Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Парвандаи №1847.
5. Парвандаи №1873.
6. Парвандаи №1874.

### АДАБИЁТ

1. Қаҳҳоров А.А. Хизмати қонун намуда ба халқ хизмат мекунем / А.А. Қаҳҳоров // Вазорати корҳои дохилӣ – такягоҳи боэътимоди истиқлолият. – Душанб: ЭР-граф, 2011. – С. 4.
2. Косимов С. Деятельность органов внутренних дел республики Таджикистан в годы независимости / С. Косимов, У. Абдухоликов, А. Розикзода. -Душанбе, 2006. -Т. 1.
3. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1991 / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе, 2002. – Т. 1.


### ИЗ ИСТОРИИ МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В данной статье речь идёт о работе МВД и его подразделениях в 1991г, в первые годы формирования независимости. А также рассказывается о причинах роста преступлений и трудностяъ данной проблемы.



**Ключевые слова:** орган, преступление, преступность, независимости, деятельность, внутренних дел.


### FROM THE HISTORY OF OF THE MINISTRY OF OF INTERIOR IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE


In this article it comes about the work of the Interior Ministry and its subsidiaries in 1991, the first years of formation of independence. And also tells about the reasons for increasing crime cycle and difficulties discuss these issues.



**Key words:** organ, a crime, crime, independence, activity, internal affairs.



**Сведения об автора:** ***С. Бободжон*** – аспирант кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета. Телефон: **988-44-24-55**

## Ф А Л С А Ф А–Ф И Л О С О Ф И Я

# КАЛОМИ МОТУРИДӢ (МОТУРИДИЯ)

*М. Ҳайитов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баҳсу ҷидол ва кашмакашҳои тунди ҷараён ва равияҳои исломӣ, бахусус аҳли ҳадис ва муътазила, ки дар асрҳои дуюм ва сеюми ҳиҷрӣ (асрҳои VIII-IX милодӣ) ки ба вуқӯъ мепайваст, на танҳо ваҳдат ва якпорчагии мусулмононро халалдор мекард, балки ақоид ва андешаҳои исломиро низ зери хатар мебурд. Аз ин ҷиҳат, зарурати наҳзати ислоҳталабонае дар ҷомеа эҳсос мешуд.

Дар чунин шароит дар олами ислом се олими мумтоз бо шахсияте мустақил ва мактаби фикрии тавоно ва мунсаҷиму муназзам дар як аср дар як имтидоди пайвастаи замонӣ зуҳур намуданд ва бо афкор ва андешаҳои ислоҳталабӣ дар заминаи ақоиди динӣ қиём карданд, ки иборат буданд аз: Абӯмансури Мотуридӣ дар Осиёи Миёна, Абулҳасани Ашъарӣ дар Ироқ ва Абӯҷаъфари Таҳовӣ дар Миср, ки нақши инҳо дар таҳаввул ва такомули минбаъдаи андешаҳои каломию фалсафӣ шоистаи таҳсин аст. Аз ин се нафар нақши шахсияти А. Таҳовӣ дар ин замина бештар дар ҷиҳати баён ва тавзеҳу такмили масоили фиқҳу ақоид ва андешаҳои каломии Абӯҳанифа хулоса мешавад. Ба ин маъно, ки масоили фиқҳӣ ва ақидатии Абӯҳанифаро дар зимни китобу суннат муназзам ва мустаҳкам сохт. Аммо, ду шахсияти дигар, ҳар як мактаби каломиеро таъсис ва поягузорӣ намуданд, ки бо номи онҳо дар таърих машҳур гашт. Чи тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ ва андешаҳои фикрӣ-фалсафии онҳо маълум аст, таълимоти инҳо дар байнобайнии муътазила ва аҳли ҳадис қарор гирифт. Бинобар ин, ба ин нукта бояд таъкид кард ва таърих низ бар ин гувоҳ аст, ки аввалин шахсияти ҷалилулқадр, муслиҳе бузург ва фарзонае ҳушманд ба посдорӣ аз ҳақ ва ҳақиқат ва ислoми ростин ба таҷдиди бинои ҳавзаи каломӣ дар Самарқанд асос гузошт ва серобсозии ташнагонро аз чашмаи соф ва зулоли ваҳй ва суннати набавӣ сарлавҳаи фаъолиятҳои хеш қарор дода, каломи аҳли суннатро ба таври муназзам баён намуд ва банду басту мураттаб сохта, мактаби каломии худро таъсис ва поягузорӣ кард, Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди ҳанафии Мотуридии Самарқандӣ мебошад, ки бо номи мактаби каломи Мотуридӣ машҳур аст ва то имрӯз пайравони худро дорад.

Чи тавре ки зикр кардем, муассис ва бунёнгузори ин мактаби каломӣ Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди ҳанафии Мотуридии Самарқандӣ мебошад. Ӯ дар Мотурид ном деҳаи атрофи Самарқанд дида ба ҷаҳон кушодааст. Муаррихин ӯро аз насаб ва силсилаи саҳобаи машҳур ва мизбони Паёмбар (с) ҳангоми ҳиҷрат аз Макка ба Мадина, Абӯаюби Ансории Мадинӣ қаламдод карданд.

Асҳоби тароҷим таърихи вафоташро соли 333 ҳ.қ донистаанд, вале дар таърихи таваллудаш ихтилофи назар доранд. Баъзе таърихи валодати ӯро соли 238 ҳ.қ. ва баъзе соли 248 ҳ.қ. тахмин задаанд, вале аз ин ки ӯ назди Муқотили Розӣ таҳсил намудааст, чунин бармеояд, ки соли 238 ба ҳақиқат наздиктар бошад. Зеро, Муқотили Розӣ соли 248 вафот кардааст, дар ҳоле ки Мотуридии ҷавон ибтидои таҳсилро дар назди ӯ оғоз намудааст ва дар ин айём Мотуридии ҷавони наврас будааст.

Мотуридӣ дар давраи ҳукумату салтанати Сомониён, ки ба ҳифз ва интишори адаб ва улуму фунун ҳиммат гумошта буданд ва бисёре аз олимону донишмандони маъруфу машҳури замони худро дар дарбор гирд оварда буданд, умри гаронбаҳои худро гузаронидааст. Мотуридӣ дар чунин муҳити илмӣ ва фарҳангии шаҳри Самарқанд нашъунамо ёфт ва назди донишмандон ва олимони барҷаставу ворастаи

замони худ касби илм намуд. Абӯмансури Мотуридӣ аз кӯдакӣ завқманди илму дониш гардида, назди Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ (ваф.248/862) то даҳсолагӣ таълим гирифт. Баъд аз он назди Насир ибни Яҳёи Балхӣ (ваф.882) фиқҳи ҳанафӣ ва калому мантиқро омӯхтааст. Ҳамчунин, вай назди Абӯбакр Аҳмад ибни Исҳоқи Ҷузҷонӣ ва Абӯнаср Аҳмад ибни Аббос маъруф ба «Фақеҳи Самарқанд» илмҳои маъмули замони худро аз тафсиру ҳадис, фиқҳ ва усули фиқҳ, калом, мантиқ ва ғайра ба таври комил аз бар карда, сипас такмилу тавсиеа дода, ба таълиму тадрис пардохтааст. Ӯ шогирдонеро ба монанди Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исмоил (ваф.972) маъруф ба «Ҳакими Самарқандӣ», Имом Абӯлайси Бухорӣ, имом Абӯмуҳаммад Абдулкарим ибни Мусои Паздавӣ (ваф.998), имом Абулҳасан Алӣ ибни Саиди Растанфағӣ ва дигаронро тарбият намуда ба камол расонидааст.

Инро бояд тазаккур дод, ки ӯ барвақттар аз Абулҳасани Ашъарӣ, дар Мовароуннаҳр мактаби каломии худро тибқи ақоиди аҳли суннат, тадвин ва поягузорӣ кард ва маслаки ҳанафиро ҳам дар усул ва ҳам дар фурӯъ дифоъ карда, бо истидлолоти қавии ақлию мантиқӣ радди асҳоби зоҳир ва муътазилиҳою равофизро баён намуд.

Ба иттифоқи ҳамаи муҳаққиқин ва муаррихин, Абӯмансури Мотуридӣ соли 333/934 дар Самарқанд аз олам чашм пӯшидааст. Оромгоҳи ӯ дар Самарқанд дар ҷавори Хоҷа Абди Дарун воқеъ буда, зиёратгоҳи омма аст.

Абӯмансури Мотуридӣ аз худ осори бисёр муҳим ва гаронбаҳо дар заминаи тафсир, калом, фиқҳ ва усулу фурӯъи дин ба ёдгор гузоштааст. Мутафаккир бештари таълифоти худро дар дифоъ аз мактаби аҳли суннат ва ҷамоат ва бартараф кардани шубҳаҳои мухолифон, бахусус муътазилаю равофиз ва зудудани андешаҳои нодуруст ва посух аз пурсишҳои гуногун, ки ба ҳузураш мерасид, нигоштааст. Ғановати осор ва устувории андеша ва таъсири шигарфу жарфои ороъ ва назарҳои вай дар донишмандони мутааххир то ба андозае буда, ки ӯро «раису аҳлиссуннат» ва «имом-ул- мутакаллимин» хондаанд.

Мотуридӣ дар осори худ бештар ба усули ақлӣ ва ташкилу таъсиси мактаби каломии худ саъю кӯшиш ба харҷ додаст. Ӯ дар аксари осори худ андешаҳояшро дар муқобили ҷараёнҳои инҳирофӣ, ба монанди суфастоиҳо, яъне софистҳо, муътазила, қарматия, рофизия, имомия, ҷаҳмия, даҳрия, санавия, қадария ва ғайраҳо баён намудааст. Бештар асарҳои худро низ ба ҳайси ҷавоб ва рад ба номи осорҳои барҷастаи ин ҷараёнҳо гузоштааст. Ба унвони мисол: ба китобҳои «Авоил-ул-илал», «Ваид-ул-фуссоқ», «Таҳзиб-ул-ҷадал»-и Абулқосими Балхии Каъбӣ (ваф. 931), яке аз сарварони муътазилаҳои мактаби Бағдод ба шумор мерафт, навиштааст. Ҳамчунин бар китоби «Усул-ул-хамса»-и Абӯумар Саид ибни Муҳаммади Боҳилӣ (ваф. 913), ки яке аз боризтарин ва машҳуртарин намояндаи мактаби муътазилаи Басра мебошад, тасниф намудааст.

Яке аз осори боарзиш дар илми калом «Китоби тавҳид»-и ӯ ба ҳисоб меравад. Китоб дар мавзӯи худошиносӣ, масъалаҳои қазою қадар, куфр ва имон, ислом ва имон, қадим ё ҳодис будани олам, нубувват ва ғайра матраҳ ва баррасӣ гардида, ки мутафаккир дар ин асар ба андешаҳои ҷараёнҳои гуногуни каломӣ ва фалсафӣ тохта ва афкори онҳоро андешаҳои фосид хондааст. Асар бо равиши баҳс ва ҷавоб ба андешаҳои ин ҷараёнҳо нигошта шудааст, яъне мутафаакир дар ҳар мавзӯъ ақида ва андешаҳои мухолифинро баён намуда, баъдан ба онҳо ҷавоб додааст.

Асари дигари боарзише, ки аз Мотуридӣ ба ёдгор мондааст ва чандин маротиба нашр шудааст, «Таъвилоти аҳли суннат» мебошад. Асар тафсири Қуръон аст ва аввалин тафсири бо раъй буда, ҳақ ба ҷониби Абулқодири Қурашӣ мебошад, ки дар китоби «Ҷавоҳир-ул-музиа» ба ин асар чунин баҳо додааст: «Китобест беназир, ки ҳеҷ китобе аз нависандагони гузашта дар ин мавзӯъ бо он қобили қиёс нест».

Инро бояд таъкид кард, ки Мотуридӣ аввалин муфассирест, ки дар тафсир ва фаҳми Қуръон нақши ақлро эътироф карда, тарвиҷ дод, ки ҳеҷ як аз ҳамасрони ӯ ба

ин равиш ва сабки тафсир ноил нагаштаанд. Илова бар ин, чунон ки тазаккур додем, тафсири ӯ аввалин тафсири бораъй мебошад, яъне ӯро метавон асосгузори тафсири бо раъй номид. Табарӣ, ки яке аз муфассирони бузург ва ҳамасри ӯст, тафсир навиштааст, аммо тафсири Табарӣ аз ҷумлаи тафсирҳои маъсур мебошад, яъне тафсири ӯ тафсири нақлист на ақлӣ. Аз ин рӯ, равиш ва сабки тафсири Мотуридӣ дар таъвилоти худ аз Табарӣ фарқи ҷиддӣ ва куллӣ дорад. Бинобар ин, асар ниёзманд ба пажӯҳиш ва таҳқиқ аст.

Китобҳои «ал-Ҷадал фи усул-ил-фиқҳ» ва «Маъхаз-уш-шариа» дар мавзӯи фиқҳи ҳанафӣ, яъне равиш ва методҳои қонунгузорӣ ва истихроҷи масоили ҳуқуқӣ навишта шудаанд. Дар ин ду асар манбаъ ва сарчашмаҳои фиқҳ, яъне ҳуқуқи исломӣ ва роҳҳои истинботу истихроҷи аҳкоми исломӣ матраҳ ва баррасӣ гардидааст. Ин осори Мотуридӣ низ дар мавзӯи худ камназир ва мумтоз мебошанд.

Аз осоре, ки ба Мотуридӣ нисбат дода шудааст, вале муҳаққиқин ин асарро навиштаи ӯ намедонанд, «Шарҳи фиқҳи акбари Абӯҳанифа» мебошад. Яке аз муҳаққиқин ва пайравони Мотуридӣ - Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ, бар ин ақида аст ки, ин асар аз Мотуридӣ набуда, балки аз Абӯлайси Самарқандӣ мебошад. Ӯ чунин менигорад: «Ноширн асар ин шарҳро саҳван ба Мотуридӣ нисбат додааст, зеро дар китобхонаи «Дор-ул-кутуб-ул-мисрия» чанд нусхаи хаттии ин китоб таҳти рақамҳои 349, 393, 395 мавҷуд аст, ки сароҳатан ин шарҳ ба Абӯлайси Самарқандӣ нисбат дода шудааст». Аз мутолиаи китоб низ маълум мегардад, ки ин асар моли Мотуридӣ нест, зеро дар ин китоб ба истилоҳоте бархӯрдан мумкин аст, ки аз назари замонӣ баъд аз асри Мотуридӣ ба вуҷуд омадааст. Ин худ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин асар дар асрҳои баъдтар навишта шудааст. Таълифот ва осори Мотуридро метавон дар се ришта тақсимбандӣ кард: а) тафсир; б) усули фиқҳ; в) илми калом.

Номгӯйи таълифоти Мотуридӣ ба таври зайл аст:

1.Таъвилоту аҳли-с-суннат ё таъвилоту-л-Қуръон.
2.Китобу маохизи-ш-шариъати.
3.Китоб-ут-тавҳид.
4.Китоб-ул -ҷадал фи усули-л-фиқҳ.
5.Китоб-ул-мақолот.
6.Китобу баёни авҳоми-л-муътазила.
7.Китобу радди авоили-л-адиллати ли-л-Каъбӣ.
8.Китобу радди таҳзиби-л ҷадал ли-л-Каъбӣ.
9.Китобу радди ваъиди-л-фуссоқи ли-л-Каъбӣ.
10.Радду усули-л-хамсати ли Абимуҳаммади-л-Боҳилӣ.
11.Радду китоби-л-имомати либаъзи-р-равофиз.
12.Китобу-р-радди ала-л-қаромита.
13.Радду ала-л-фуруъи қаромита.
14.Шарҳу фиқҳи-л-Акбар ли Абиҳанифа.
15.Рисола фи-л-имон.
16.Рисола фи-л-ақида.
17.Пандномa.

Агар мунсифона назар бикунем, чунон ки сарчашма ва манбаъҳои таърихӣ нишон медиҳанд, Абӯмансури Мотуридӣ дар қисмати шарқии қаламрави паҳновари ислом, пештар аз Абулҳасани Ашъарӣ ба дифоъ аз усули ақоиди аҳли суннат ва ҳадис дар муқобили муътазила ва дигар фирқаю ҷарёнҳои мунҳарифа бархост ва усули каломии худро дар партави мазҳаби Абӯҳанифа банду баст дод, ки дар натиҷа, дар ин қисмат аз кишвари исломӣ ҳамаи мардуми мусулмон ҳам дар фурӯъ, яъне фиқҳ ҳам дар усул, яъне ақида тобеи имом Абӯҳанифа гардиданд, вале дар дигар кишварҳои исломӣ бошад, бисёре аз ҳанафиён дар усули ақоид тобеи Ашъарӣ гаштанд.

Бинобар хидматҳои шоёни Мотуридӣ дар усули ақоид ва танзиму банду басти ӯ дар мабоҳиси каломӣ ба шева ва равиши аҳли суннат ва ҷамоат, пайравону шогирдон, тарҷуманависон ва пайравони баъдии мазҳаби мотуридию ашъарӣ Мотуридиро «Имом-ул-ҳудо», «Имом-ул-мутакаллимин», «Мусаҳҳиҳу ақоид-ил-муслимин», «Раису аҳл-ис-суннати вал ҷамоа», «Муҳдӣ ҳозиҳ-ил-умма», «Дафиъ-уз-залола», «Муслиҳ-ул- имон» ва «Алам-ул-ҳудо» лақаб доданд.

Мотуридӣ ақоиди каломии Абӯҳанифаро ба истинбот ва истихроҷ аз осори ӯ аз қабили «Фиқҳи Акбар», «Фиқҳи Авсат» ва «Васиятнома» бо далелҳои каломӣ ва ақлӣ собит кард ва бар радди муътазилаю, қарматия, ҷаҳмияю даҳрия ва равофиз китоб навишта, бунёди каломи аҳли суннатро асос гузошт. Бояд тазаккур дод, ки Мотуридӣ замоне ақоиди аҳли суннатро ба равиши каломи ақлӣ асос гузошт, ки Абулҳасани Ашъарӣ дар ҳалқаи муътазилиён буд. Шавоҳиди таърихӣ ба ин гувоҳӣ қотеъ аст, зеро Мотуридӣ аз назари замонӣ, дар айёми таваллуди Ашъарӣ зиёда аз 20 сол дошт. Биноан муҳаққиқин ин ақидаро тарҷеҳ додаанд.

**Равиши Мотуридӣ дар илми калом**. Чи тавре ки тазаккур додем, дар қарнҳои дувум ва сеюми ҳиҷрӣ миёни донишмандони аҳли суннат баҳсҳо дар заминаи ақоиди динӣ дар ду равиш матраҳ буд. Яке равиши ақлгароӣ ва таъвил, ки муътазила ном дошт ва дигаре равиши зоҳиргароӣ ва тафвиз, ки аҳли ҳадис номида мешуданд. Пайравони ин ду равиш дар мавзӯоти мухталифи каломӣ ба мубоҳисаҳои тунд мепардохтанд, бахусус дар мавзӯоте монанди сифоти Худо, ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар, ҳудус ва қидам, ҳусну қубҳи ақлӣ, ҳудус ва қидами Қуръон ва ғайра.

Ин нуктаро низ тазаккур додем, ки дар даврони ин мубоҳисаҳо ва муҷодалаҳои фикрӣ шахсиятҳои намоёну маъруф бо андешаҳои муътадиле байни ин ду фирқа ба миён омаданд ва мактабҳои худро поягузорӣ карданд, ки яке Абӯмансури Мотуридӣ ва дигаре Абулҳасани Ашъарӣ буд. Акнун бояд дид, ки байни ин ду равиш чӣ тафовутест ва ё тафовуте байни Мотуридию Ашъарӣ вуҷуд надорад. Дар ин замина аз сӯйи муҳаққиқин се назария матраҳ мебошад.

1.Мотуридӣ ва Ашъарӣ аз назари роҳу равиши каломӣ комилан ҳамоҳанг буданд, агарчи дар баҳси баъзе масоили каломӣ андеша ва назарҳои мухталиф доштанд, вале дар мухолифат бо муътазила ҳадаф ва мақсади ягона доштанд.

2. Равиши Мотуридӣ дар илми калом ҳадди васат миёни равиши муътазила ва ашоира мебошад. Дар ҳоле ки равиши Ашъарӣ ҳадди васат миёни муътазила ва аҳли ҳадис буд. Шайх Муҳаммад Абӯзаҳра аз муҳаққиқини асри XX Шайх Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ ва доктор Алӣ Аюб тарафдор ва муътақиди ин раъй мебошанд.

3. Равиши Мотуридӣ аз равиши Ашъарӣ мутафовит аст. Бинобар ин, метавон равиши каломии ӯро бо хусусият ва вежагиҳои зер тавсиф кард:

а) Дар равиши Мотуридӣ нисбат ба равиши Ашъарӣ ақл эътибор ва мақоми бештар дорад ва ба масоил дақиқтару жарфотар нигариста шудааст.

б) Равиши Мотуридӣ нисбат ба равиши Ашъарӣ аз ташбеҳ ва таҷсим дуртар ва ба танзеҳ наздиктар мебошад.

в) Агарчи Мотуридӣ муътазиларо шадидан интиқод мекунад, вале бо ин ҳама, интиқод нисбат ба Ашъарӣ, ба муътазила наздиктар мебошад, бинобар ҳамин аст, ки мавриди интиқоди шадиди аҳли ҳадис махсусан ваҳҳобиҳо ва салафиҳо гардидааст. Ин чиз мусаллам аст, ки Мотуридӣ ва Ашъарӣ ҳадаф ва мақсади ягона доштанд, вале равиши онҳо комилан яксон набуд. Зеро, аз тақиқот дар равиши ин ду шахсият чунин бармеояд, ки ақлгароӣ дар равиши мактаби Мотуридӣ бар зоҳиргароӣ ғолиб аст. Бинобар ин, дар равиши мактаби вай танзеҳ бар ташбеҳ волоият ва бартарӣ дорад.

Дигар тафовутҳои ақоид ва назарҳои Мотуридӣ ва Ашъариро муҳаққиқин гуногун нишон додаанд. Баъзеҳо дар 15 масъала, баъзеҳо дар 40 масъала ва баъзеҳо дар 50 масъала ва баъзеҳо камтар аз 15 масъала ин тафовутҳоро баршумурдаанд. Натиҷаи ин ихтилофот буд, ки замоне чанд байни мотуридия ва ашъария рақобат

вуҷуд дошт. Вале бо гузашти замон ин ихтилофу рақобат фурӯ нишаст ва ҳарду мактаб ба ҳайси мактаби расмии аҳли суннат ва ҷамоат шинохта шуданд.

То ба имрӯз таълимоти Мотуридӣ дар байни мусулмонон нуфуз дошта ва пайравони зиёд дорад, махсусан мусулмонони Осиёи Миёна ва кишвари Ҳинду Покистон ва Мисрро ном бурдан мумкин аст. Далели ин фикр ин аст, ки «Ақоиди насафӣ», аз таълифоти Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммади Насафӣ (1070-1143) мебошад, ки аз пайравони Мотуридӣ буда, китобаш хулосаи ақоиди Мотуридӣ мебошад, ҳоло ҳам ба сифати маъхази муътабари ақидаи исломӣ шинохта шуда, ба сифати китоби дарсии мадориси исломӣ маъмул аст, бахусус шарҳи ин китоб, ки муаллифаш Саъдуддини Тафтозонӣ буда ва ашъаримашраб мебошад. Дар асри Х1Х низ шахсияте монанди Шайх Муҳаммад Абдуҳуи Мисрӣ (ваф.1905) аз шогирдони Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ (ваф.1897) ба далели такяи бештари Мотуридӣ ба ақл дар таъсиси муҷаддади илми каломи исломӣ аз ақоид ва равиши Мотуридӣ пайравӣ кардааст. Ин нукта аз тааммул дар «Рисолат-ут-тавҳид» ва шарҳи «Ақоиди уздия»-и ӯ ошкору ҳувайдост.

Намоёнтарин шахсиятҳо ва чеҳраҳое, ки дар интишор ва тарвиҷи равияи Мотуридӣ саҳми бузург гузоштаанд, Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммади Самарқандӣ (ваф.857), Абӯмуҳаммад Абдулкарим ибни Исои Паздавӣ (ваф.1000), Абулюср Муҳаммад ибни Ҳусайни Паздавӣ (1039-1100), Абулмуин Муҳаммад ибни Муҳаммади Насафӣ (1047-1115), Абӯҳафс Наҷмуддин Умари Насафӣ (1070-1143), Камол ибни Ҳумом (ваф.1457), Аҳмад Ризохони Афғонӣ (ваф.1740), Камолуддини Баёзӣ (1634-1686) Шайх Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ (ваф.1958) мебошанд.

**Сарчашмаҳои маърифат аз назари А. Мотуридӣ.** Дар оғози «Китобу-т-тавҳид» Мотуридӣ дар бораи ақида фикрашро баён карда, чунин натиҷагирӣ мекунад, ки ҳар яке аз фирқаҳои мухталифи динӣ худро барҳақ ва дигаронро ботил медонанд. Аз тарафи дигар, ҳар яке даъво доранд, ки пайрави равиши салаф ва пешиниёни солеҳ мебошанд. Ба ақидаи Мотуридӣ пайравӣ аз салаф ба худии худ наметавонад далел бар ҳаққонияти ақида дошта бошад. Ҳамчунин, бисёр будани пайравони як ақида низ, далел бар ҳақ будани он нест. Ҳақ ва дуруст будани ақида вақте собит мегардад, ки истидлол ва бурҳони ақлӣ онро таъйид намояд, ба тавре ки соҳибназарони боинсофро мутақоид созад.

Лозим ба таъкид аст, ки Мотуридӣ маърифатпазирии оламро ҷонибдорӣ намуда, афкор ва ақидаи касонеро, ки шинохт ва маърифати оламро қабул надоштанд, ё дар ин масъала шак доштанд, ба шиддат интиқод карда, таълимоти онҳоро мардуд ва ботил донистааст. Гуфтан мумкин аст, ки Мотуридӣ аввалин мутафаккири исломист, ки ақида ва назароти каломии худро дар осораш ба таври возеҳ ва равшан баррасӣ ва баён кардааст. Тибқи таълимот ва дидгоҳи ӯ дар назарияи маърифат роҳи расидан ба ҳақиқат ва ҳақоиқи ашё се чиз аст: 1). Аъён (маърифати ҳиссӣ). 2). Ахбор (манобни таърихӣ ва гузоришҳои дигарон). Ан-назар (андеша ва назар, яъне маърифати ақлӣ).

**Маърифати ҳиссӣ**. Ба ақидаи Мотуридӣ маърифати ҳиссӣ амри бадеҳӣ буда, асл дар маърифат идроки ҳиссӣ мебошад, ки ба далел ва бурҳон ниёз надорад ва инкоркунандагони маърифати ҳиссиро мукобир меномад ва онҳоро аз назари табиат, дар мартабаи пасттар аз табиати ҳайвонӣ қарор медиҳад. Зеро, ҳайвонот низ аз маърифати ҳиссӣ бархурдоранд. Чунки ҳайвонот аз роҳи ҳисҳои худ ҳаводис ва ашёеро, ки сабаби бақо ё фанои онҳо мешавад ва бар онҳо судманд ё зиёновар аст, дарк мекунанд. Бинобар ин, овардани далелу бурҳони назарӣ ба шахсоне, ки инкори воқеияти айнии ашё мекунанд, беҳуда аст. Ӯ тавсия мекунад, ки ба инчунин афрод мунозира ва баҳс лозим нест. Маълум аст, ки баҳс ё дар муҳити як шайъ аст, ё дар ҳастии он ва чунин фарде, ки мункири онҳо мебошад, ки дар бархӯрд ба ин гуна афроди сафсатагар ду роҳ метавон пеш гирифт.

Якум ин ки, аз онҳо бипурсем, ки оё ба нафй ва инкори худ илм ва бовар дорӣ ё не? Агар бигӯяд надорам, пас, инкори ӯ фоқиди арзиш аст, яъне аз арзиш холист ва агар бигӯяд медонам, пас ба воқеияти як инкор эътироф намуда, дар натиҷа асли мавриди қабули худро (яъне инкори мутлақро) ботил кардааст. Дуюм ин ки, онҳоро дар шиканҷаи баданӣ мавриди зарб ва ҷарҳ қарор диҳем, зеро ба тариқе ки нохудогоҳ ба эҳсоси дард эътироф хоҳанд кард ва бо ин равиш воқеияти идроки ҳиссиро хоҳанд пазируфт. Ин аст равиши таъсирбахш барои пазируфтан ва эътирофи онон аз умуре, ки онро инкор мекунанд.

**Ахбор**. Дуюмин роҳи шинохт ва маърифат аз назари Мотуридӣ ахбор аст. Ахбор ду гуна аст: а). Хабари мутавотир ё таърихӣ: ахбори таърихӣ ё мутавотир хабарест, ки дар асари ахбори гурӯҳи бисёре аз мардум, ки тавофуқашон бар кизб маҳол мебошад ва ҳамчунин эҳтимоли хато ва иштибоҳ дар онҳо роҳ надорад, инсон онҳоро бовар карда ва пазируфтааст. Натиҷаи хабари мутавотир илми бадеҳӣ мебошад, ки дар ҳосил шудани он ниёзе ба бурҳони касб ва истидлол нест.

б). Хабари Паёмбарӣ ва ахбори Паёмбарон, ки таъйидшуда ба муъҷиза аст ва ин хабар муҷиби илми истидлолӣ буда, дар субот ва устуворӣ монанди илми бадеҳист. Акнун, вақте равшан шуд қабули хабар муқтазои ақли инсонист ва далел бар ин ки чунин хабаре муҷиб ва лозимааш илм аст, он аст, ки ақл байни муъҷиза ва сидқи набӣ талозум ё мулозамат, яъне ҳамбастагию ҳамоҳангӣ мебинад ва маҳолу номумкин медонад, ки муъҷиза, чун як кори хориқулода аст, дар дасти фиребгар ва дуруғгӯе бошад. Зеро, ҳар нафаре муъҷизаи ҳақиқӣ нишон дод, ҳатман набӣ ва Паёмбар аст ва хабари ӯ низ роҳ ва василаи маърифат аст.

Акнун ки равшан шуд, ки қабули хабар тақозои ақли фитрии инсон аст, лозимияти қабули хабарҳои Паёмбарони илоҳӣ аз заруриёти ақлӣ мебошад. Зеро, дар миёни ахбор ва гузоришҳо ҳеҷ хабаре ба пояи хабарҳои Паёмбарон, ки бо муъҷизот ҳамроҳ аст, намебошад. Мотуридӣ инро низ таъкид мекунад, ки дар пазируфтани ахбори Паёмбарон бисёр бояд диққат ва тааммул кард, зеро ахбори онон аз тариқи силсилаи ровиён нақл мешавад, ки шояд баъзе аз онон аз ғалат ва иштибоҳ эмин нестанд. Пас, ҳар гоҳ хабар ва гузориши онҳо дар ҳадди мутавотир бошад, тасдиқи он қатъист ва агар дар ҳад ва дараҷаи мутавотир набошад, ба дурустии он ҳукми эҳтимолӣ дода мешавад, ки бояд ба ҳоли ривояткунанда ва ровиён ба он назар кард.

Мотуридӣ инкоркунандагони ҳарду гуна хабарро, яъне касоне, ки ҳуҷҷат будани хабарро ба унвони сарчашмаи маърифат ва шинохт инкор мекунанд, дар гурӯҳи суфастоиён, яъне софистҳо қарор медиҳад ва онҳоро низ мукобир мехонад. Зеро, онон бо чунин инкори мутлақе инкори худро низ инкор кардаанд, чунки инкори онон низ аз ҷумлаи хабар аст. Гузашта аз ин, ҳар касе, ки мутлақи хабарро инкор мекунад, ҳатто бо номи худ ва номи ашёи дигар ҳам илму дониш надорад. Ҳамчунин, роҳи илм ба он чи маишат ва зиндагии ӯ вобаста ба онҳост, низ бар ӯ масдуд мегардад, зеро шинохту огоҳӣ ба онҳо бо воситаи хабар ва нақл ба даст меояд. Чунин инсон яке аз неъматҳои бузурги илоҳиро, ки аз мазоёи ӯ ба шумор меравад, яъне неъмати нутқ ва баёнро куфрон намудааст ва ин бадтарин навъи мукобирӣ, яъне такаббургарой ва сафсатаварзӣ мебошад (3. –9-10).

**Ақл, яъне маърифати ақлӣ**. Сеюмин роҳ ва сабаби шинохт ва маърифат аз назари Мотуридӣ ақл мебошад. Ақл даричаест, ки инсон аз тариқи он ба фазои густурдатари олами ҳақоиқ ошно мегардад. Бинобар ин, ба ақидаи Мотуридӣ ақл муҳимтарин сарчашмаи маърифат ва шинохти дуруст мебошад. Ҳис ва ахбор танҳо бо ёрӣ ва тавассути ақл кашфи воқеият ва ҳақиқат мекунанд. Чунончи Мотуридӣ дар бораи ҷойгоҳ ва мақоми ақл дар шинохт ва маърифати ҳақоиқ гуфтааст: «Ақл ҳоким бар он аст, ки офариниши ин ҷаҳон ҳокимона аст ва абасу беҳудагӣ дар он роҳ надорад. Ҳамчунин, далолати ин ки ӯро зоте офаридааст, қидамият ва ҳудусияти олам, ба тааммул ва назар зарурат дорад. Зеро феъли мухолифи ҳикмат аз назари ақл

қабеҳ ва зишт аст. Бар ин асос, ғараз ва ҳадаф аз офариниш бақо аст, на фано ва чун дар вуҷуди инсонҳо тамоюлоти мухталиф вуҷуд дорад, ки таҳаққуқ ёфтани бе ҳадду марзи онҳо ба фано ва нобудии башарият мунтаҳӣ мешавад. Пас, бояд асле бошад, ки мояи улфати онон гашта ва аз танозӯъ ва ихтилоф боздорад, ба ин ҷиҳат вуҷуди пешво ва роҳбари одил, яъне русул дар ҷомеаи башарӣ амре лозим ва зарурӣ аст, ки маърифат ва шинохти инҳо ҷуз бо роҳи ақл бо дигар роҳ муяссар намегардад» (3-11).

Ин баёни Мотуридӣ дар ҳақиқат ҳамон бурҳони лутфи мутакаллимон бар вуҷуди роҳбари илоҳӣ дар (байни) миёни ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки дар баҳси набувват матраҳ аст.

Ба ақидаи мутафаккир ягона ақл аст, ки инсонро аз дигар навъҳои биологии худ мутамойиз месозад. Ҳамчунин, ақл танҳо чизест, ки кашфи ҳақиқат мекунад. Ҳақоиқи мобаъдуттабиӣ ва усули ахлоқӣ низ, тавассути ақл ба даст меояд.

Ҳамчунин, дар мақоми ақл мегӯяд: «Ақл ростию адолатро таҳсин ва ситам ва дурӯғро тақбеҳ мекунад, пас ақл инсонро ба касби он чи ки мояи шарофат аст, амр мекунад ва аз он чи ки мояи хорию зиллат аст, наҳй ва манъ мекунад. Бинобар ин, амру наҳйи шаръӣ ба зарурати ақл воҷиб аст, чунончи подош барои касоне, ки таколифи шаръиро анҷом диҳанд ва кайфар барои касоне, ки пайравии ҳавою нафси худ намоянд, ба ишора ва ҳукми ақл воҷиб аст» (3-133).

Ҳамон тавр ки маълум аст, Мотуридӣ ба ақл мартаба ва мақоми баланд ва волое қоил аст. Ва иқтибоси мазкур ба ҳусн ва қубҳи ақлиро қабул доштани ӯ далолат дорад. Аз мутолиаи «Китоби тавҳид»-и Мотуридӣ чунин бармеояд, ки ӯ ҳукми ақлро дар ҳусн ба маънои истиҳқоқи мадҳ ва савоб ва қубҳро ба маънои истеҳоқи накуҳиш ва иқоб пазируфта, аз тариқи ақл ҳукми илоҳиро кашф мекунад, ки Худованд одил аст ва маҳолу номумкин аст, ки золим бошад ва ҷоиз нест мутеъро муаззаб ва ҷазои бад диҳад ва ин хилофи назари Ашъарӣ мебошад, ки мегӯяд қабули ҳусн ва қубҳи ақлӣ эҷоди таклиф бар Худованд ва маҳдуд кардани машиати Худо аст. Ҳеҷ кас наметавонад бар Худо таклиф эҷод бикунад. Вале ақидаи Мотуридӣ чунин аст ки, бо таваҷҷуҳ ба мабодии ҳакимона, ки дар зоти Худо ҳаст ва ӯ қубҳу зулмро медонад ва афъолаш ҳакимона аст, ақл тақозо ва кашф мекунад, ки судури афъоли золимона аз Худо маҳол аст ва ин кашф тавассути ақл, ки худаш роҳнамои дарунӣ ва нури ботинӣ ва аз неъмати бисёр арзишманди Худовандист, ҳосил мешавад, на ба ин маъно, ки ақл бар Худованд таклиф муайян мекарда бошад ва машиати ӯро маҳдуд созад.

Абӯмансури Мотуридӣ нақши ақлро дар вуҷуб ва лозимияти шинохт ва маърифати Худо ва дар масъалаи сифоти Худованд, ибрози ақида намуда, сифатҳои Худовандро на айни зот ва на ғайри зот дониста, ба ин тартиб мактаби худро аз ҷумуд ва зоҳирбинон дур сохта, ранг ва тобиши ақлонӣ бахшидааст.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадиён А. Сайри таҳлилии каломи аҳли суннат / А. Аҳмадиён. – Теҳрон, 1381. – 674 с.
2. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик / М. Диноршоев. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 222 с.
3. Мотуридӣ А. Тавҳид / А. Мотуридӣ. – Бейрут, 2006. – 328 с.
4. Мутаҳҳарӣ М. Адли илоҳӣ / М. Мутаҳҳарӣ. – Теҳрон: Садро, 1997. – 372 с.
5.Мутаҳҳарӣ М. Ошноӣ бо улуми исломӣ / М. Мутаҳҳарӣ. – Теҳрон: Садро, 2006. -ҷ .2. – 203 с.
6. Ҳалабӣ А. Таърихи илми калом / А. Ҳалабӣ. – Теҳрон: Асотир, 1998. – 332 с.
7. Ҳазратӣ М. Ислом. Равия, мазҳаб ва фирқаҳои он / М.Ҳазратӣ, И. Саидиён.–Душанбе, 1993.– 223 с.


## СУЖДЕНИЯ МОТУРИДИ (МОТУРИДИЯ)


Абу Мансур аль-Матуриди занимает четвертую степень (Ахлю-Тахридж) и даже третью степень в ханафитском мазхабе (табака). Он получил свои знания от таких ученых, как Абу Бакр Ахмад ибн Исхак аль-Джурджани, Нусайр ибн Яхья аль-Бальхи, Абу Бакр Мухаммад ибн Ахмад аль-Джузджани. Имам Абу Ханифа стал основоположником мазхаба в фикхе, и этот мазхаб получил название по его имени; в дальнейшем же имам Абу Мансур аль-Матуриди также стал основоположником мазхаба в акыде, который стал носить его имя «Матуридия». Статья посвящена изучению его жизни и деятельности.

**Ключевые слова:** Имам Матуриди, мазхаб «Матуридия», ханафитский мазхаб, великие ученые в фикхе и каляме, исламский мир, заслуги имама Абу Мансура аль-Матуриди.

**OPINIONS MATURIDI (MATURIDI)**

Abu Mansur Maturidi occupies the fourth degree (Ahl al-Tahridzh), and even the third degree in the Hanafi School (tobacco). He received his knowledge from scholars such as Abu Bakr Ahmad ibn Ishaq al-Jurjani, Nusayr ibn Yahya al-Balho, Abu Bakr Muhammad ibn Ahmad al-Dluzdjani. Imam Abu Hanifa was the founder of the madhhab in fiqh, and the madhhab called by its name; later as Imam Abu Mansur Maturidi also became the founder of the madhhab in Aqidah, which began to carry the name "Maturidi". The article is devoted to the study of his life and work.

**Key words:** Imam Maturidi, mazhab "Maturidi" Hanafi madhhab, great scholars in fiqh and Qalam, the Islamic world, the merits of Imam Abu Mansur Maturidi.

**Сведения об авторе:** ***М. Хайитов*** – старший преподаватель обшеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета. Телефон: **919-04-04-01**

# ИСТОРИЯ И ИСТОРИЧЕСКИЙ УРОК: ВДОХНОВЛЕНИЕ ОТ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТАТАДЖИКИСТАНА ЭМОМАЛИ РАХМОНА МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ф.Н. Давлатёров***
**Таджикский национальный университет**

Как гласит народная мудрость – если это случилось у соседа, то возможно это произойдет и у тебя. Здесь мы имеем в виду нашего соседа Афганистан. Все, что происходит сейчас в Афганистане на протяжении последних лет истории – это ужасно, и мы благодарны Аллаху, что это не происходит в нашей стране, благодаря умелой политики нашего руководителя, уважаемого Господина Президента Эмомали Рахмона.

Вот уже на протяжении нескольких лет на любых значимых международных встречах он постоянно напоминает международному сообществу об оказании помощи нашему соседу Афганистану в урегулировании внутригосударственного конфликта, борьбе с производством наркотиков в этой стране и их распространением по всему миру. Вот и в недавнем Послании Маджлиси Оли, касаясь угрозы наркотрафика в Европе, он отметил: «Для предотвращения распространения новых видов наркотических веществ, совершенствования методов борьбы в этом направлении, внедрения новых методов реабилитации наркозависимых лиц, формирования общественного мнения против наркотиков и в целом для усиления борьбы против этой смертельной угрозы, целесообразно пересмотреть законодательство в сфере контроля и борьбы с незаконным оборотом наркотических веществ с учетом опыта развитых стран и требований международных правовых актов. Одновременно с этим следует расширить международное сотрудничество, особенно с соседним Афганистаном в направлении обеспечения безопасности на линии границы между двумя государствами и борьбы с незаконным оборотом наркотических средств».[1]

И действительно, читая недавнее Послание нашего Президента Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан и листая историю нашего соседа – Исламской Республики Афганистан невольно удивляемся единству во взглядах с выдающимся историком этой страны Мир Гуломом Мухаммад Губором (1898-1978),который твердил о единстве таджиков и их судьбы в регионе и можно увидеть, как тесно мы зависим друг от друга и как сделать так, чтобы не повторять ошибок нашего соседа.

В наше неспокойнее время сейчас идет борьба за овладение умами молодежи, и этим по всему миру усиленно занимаются так называемые «защитники Ислама», которые вместо того, чтобы преподносить истинные ценности религии, зомбируют молодежь на

радикализм. Далее из Послания нашего Президента и высказываний историка Афганистана хотим показать нашу теснейшую связь и с тем, что было актуально в XX веке в Афганистане, с тем, что актуально и в наши дни, и если мы не будем прислушиваться к этим историческим фактам и Посланию нашего Президента, то нас ждет участь нашего соседа.

К примеру, об огромной роли и значении наставника в воспитании подрастающего поколения в Послании говорится: «Педагог в процессе обучения и воспитания не имеет права на ошибку, ибо судьба поколения, ответственного за будущее государства и общества, находится в его руках. То есть, педагог в процессе обучения и воспитания, наряду с родителями и заменяющими их лицами, играет ключевую роль и как духовный наставник несет ответственность за воспитание достойного поколения эпохи».[1] Действительно, от педагога очень многое зависит. В настоящее время мы видим, как много молодых людей поддаются плохому влиянию, вступают в разные сомнительные религиозные секты, воюют в незаконных вооруженных формированиях в странах Ближнего Востока, Африки и даже в Европе.

В свое время системе просвещения и образования молодежи очень большое внимание уделял афганский историк М.Г.М. Губор. На страницах издаваемой им газеты «Ватан», в своей статье «Просвещение в Афганистане» опираясь на данные комиссии ЮНЕСКО, которая посетила Афганистан в начале 1951 г он писал: «Из 12 млн. человек, населяющих Афганистан, менее 10% мальчиков и 0,1% девочек имеют начальное образование. Кочевники вообще не охвачены учебой. Система просвещения находится в зачаточном состоянии, уровень и методы преподавания самые слабые в мире. Учителя нищие, их зарплата мизерная, взяточничество повсеместно. Школьники голодные, учатся 5 часов в день; из-за того, что школы не отапливаются, школьники всю зиму не учатся. Школьные программы состоят из преподавания на пушту, персидском и арабском языках и арифметики. Таким образом, два языка для местных и три языка для узбеков являются не родными, и, естественно, освоение уроков трудно дается детям».[2]

То же самое неустанно повторяет наш многоуважаемый Президент, говоря об образовании на национальном языке и обязательном изучении двух иностранных языков. Почему не только лучшие просветители Афганистана, в числе которых был и выдающийся историк, философ и ученый современности М. Губор, но и наши ученые и Правительство очень большое внимание уделили и уделяют образованию молодежи? Потому что это самая уязвимая часть населения, которая находится на стадии развития и очень важно то, кто и как завладеет умами этой части населения республики и что в неё вложит. Поэтому наш Президент также очень большое внимание уделяет воспитанию в семье, школах, особенно образованию женщин.

В своем Послании указывает Президент и на то, что: «родители должны уделять серьезное внимание воспитанию своего ребенка не только в день выпускного экзамена, а со дня его рождения, создавать условия для правильного его роста, обеспечивать его учебными пособиями и пробуждать в нем интерес к правильному выбору профессии».[1] Аналогично на важность образования женщин в свое время указывал и М.Г.М. Губор: «Надо увеличивать количество женских школ, а также обеспечивать эти лицеи образованными педагогами, потому, что женские лицеи, несмотря на то, что имеют талантливых учениц, - по уровню преподавания стоят ниже начальных школ».[2] Своих детей М. Губор воспитывал в духе патриотизма, сам занимался их обучением. Он им никогда не позволял, чтобы они обижали обездоленных, слабых и во всем помогали бедным. Он очень был благодарен своей жене, потому, что, когда он сидел в тюрьме, воспитанием детей занималась его жена.

На роль женщин в воспитании детей такие постоянно указывает уважаемый Эмомали Рахмон. Он говорит, что фундамент воспитания закладывает мать, и если

«фундамент плохой, то дом может развалиться? Это значит, что если мать не дала нужных знаний своему ребенку, то его могут легко сбить с правильного пути. Главным, считает президент, чему научить и как воспитать молодежь: «Наряду с обучением, весьма важными являются вопросы воспитания подростков и молодежи в духе патриотизма, гуманизма, самосознания и самопознания в Республике Таджикистан».[1] Вопросы укрепления связи между обществом, учреждениями образования и родителями регулируются рядом законов, в том числе Законом «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», по указанию президента для надзора за которым создана в правительстве отдельная структура.

В свое время М. Губор указал причину внутриафганских конфликтов. Эту причину он видел в том, что иностранные государства умело пользуются многоэтничностью, безграмотностью населения Афганистана, их различиями в религиозных взглядах. На религиозной почве в Таджикистане уже была организована третьими странами гражданская война. На то, чтобы она не повторилась, очень четко дал указания уважаемый Президент в своем ежегодном Послании: «Изучение причин и факторов возникновения гражданской войны в нашей стране является одной из важнейших задач ученых-обществоведов. Ибо в этом вопросе решающую роль должно сыграть достоверное исследование ученых, а не статьи, книги и «творения» других лиц, в большинстве случаев, вводящих читателя в заблуждение».[1]

Чтобы чуждая идеология и культура не завладела умами населения страны, Эмомали Рахмон в Послании указывает, чтобы наше правительство уделяло особое внимание системному развитию культуры, особенно вопросам повышения культуры общества, почитания национальных и культурных ценностей, возрождения народных традиций и промыслов, развития музыкального искусства и театра. В это неспокойное время мы видим, что творится в мире. Создалось Исламское Государство, так называемое ИГИЛ, которое уничтожает не только народы, которые не хотят им подчиняться и жить по их выдуманным правилам, которые никакого отношения к исламу не имеют, но и уничтожают все то культурное наследие и ценности, которые дошли до нас с древнейших времен.

Это мы видим из истории нашего соседа – Афганистана, когда в конце 20-х годов XX века к власти пришли реакционное духовенство во главе с Талибан, они уничтожили несчетные культурное наследие Буддизма Бомияна. На опасность исламского радикализма в своего время указывал М. Губор. В газете «Ватан» он писал: «…к власти придут реакционные, разрушительные силы, которые ликвидируют введенные прогрессивные реформы, настанет время деспотизма и колониализма. Оставшиеся в стране патриоты будут уничтожены, наступит всеобщее обнищание, придет конец национальному единству, так как вспыхнут разногласия между пуштунами, таджиками, хазарейцами, узбеками, шиитами и суннитами».[2] Это мы увидели на примере Талибан в современном Афганистане.

Исходя из вышеизложенного, хотим указать на то, чтобы нам не повторить судьбу своего многострадального соседа, мы должны, во-первых, изучать историю и культуру как нашей страны, так и наших соседей, чтобы не повторять их путь; во-вторых, во всем идти тем путям, который нам указывает наш многоуважаемый Президент, Эмомали Рахмон; в-третьих, принимать то прогрессивное от других народов, что даст нам и нашей культуре развиваться в правильном направлении, в-четвертых, в стране сформировать идею национального единства, и наконец, в-пятых, сформировать созидающую, а не разрушающую молодёжь.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 23.01.2015 12:37, город Душанбе

2. Газета «Ватан» № 16, 12 саратон 1951 г.

**ИСТОРИЯ И ИСТОРИЧЕСКИЙ УРОК: ВДОХНОВЛЕНИЕ ОТ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА ЭМОМАЛИ РАХМОНА МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В статье рассмотрены значение и ценность Послания Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан относительно роли образования в современном обществе Таджикистана, также в его свете проведен сравнительный анализ реформаторских теорий и идей Афганского просветителя Мир Гулома Мухаммада Губора.

**Ключевые слова:** послание Президента, просветительство, национальное единство, прогрессивные реформы.

**HISTORY AND CHRONOLOGICAL CLASS: INSPIRATION FROM PRESIDENTS MESSAGE**

The Present article dedicates to the significance and values of Emomali Rahmon Tajik Presidents message to Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. The author of the article basically explains the significance of enlightenment in modern republican society; he also gives proportional evaluation about reformative glances and M. Gubar afghan enlightener's ideas of.

**Key words:** inspiration, significance, Tajik Presidents message, enlightenment, society, evaluates.

**Сведения об авторе:** ***Ф.Н. Давлатёров*** **-** старший преподаватель кафедры истории философии и социальной философии Таджикского национального университета

# ТАРБИЯИ НАСЛИ ҶАВОН ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ

*С.Д. Сафарова*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол бо таҳлили фарогирии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба Маҷлиси Олӣ ироа мегардад.

Таваҷҷуҳи Сарвари давлат дар ин Паём, махсусан ба ҷараёни таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ равона гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, дастур дода шуд .

Дар замони муосир, барои ҳар як давлати озоду соҳибистиқлоли миллӣ тарбияи аҳли ҷомеа дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва дорои аҳамияти стратегӣ маҳсуб мешавад. Мавҷудияти рӯҳияи ватандӯстӣ – гарави озодиву истиқлолияти давлативу миллӣ, ободиву амнияти ҳар кишвар ва саодату хушбахтии мардуми он мебошад.

Дар шароити кунунӣ ба тарбияи ифтихори давлатдорӣ, ватандӯстӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон бояд ҳамагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Оре, Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмату сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Аз ин ҷост, ки меҳру муҳаббат ба Модар – Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби ҳар фарди неком аз овони ҷавонӣ, аз он рӯзе, ки худ ва қадру қимати инсонии дигаронро шинохту дарк кард, шурӯъ мешавад.

Бо шарофати истиқлолият мо соҳиби Парчам, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Қувваҳои сарҳадӣ, пули миллӣ ва узви комилҳуқуқи созмони Милали Муттаҳид ва аъзои чандин созмонҳои байналмилалӣ гаштем.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки «Ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намудан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа аст. Зеро, ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд».

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ин ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба ҷавонон фаҳмонидани равандҳои харобиовари замони муосир ва амиқ дарк намудани онҳо мебошад. Барои пешгирии ин равандҳо дар

мамлакат, махсусан дар байни ҷавонон, ҳадафҳои асосии ноил шудан ба сатҳи баланди худшиносӣ ва матраҳ сохтани масоили иҷтимоист.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар чунин қайд намуданд: ки «Баробари таълим масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошад».

Бинобар ин, расонидани ҷавонон ба сатҳи баланди худшиносӣ ва ахлоқӣ ба ҳалли мушкилоти бухрони маънавӣ мусоидат мекунад. Агар инсон то ба сатҳи баланд рушд накунад, ба зинаи худшиносӣ нахоҳад расид, зеро танҳо шахси ба дараҷаи муайяни камолоти инсонӣ расида, худшинос мегардад. Худшиносию худогоҳӣ аз муносибати инсон ба воқеият вобастааст. Дар асоси омӯхтани илму дониш ва таҷрибаи фарҳангии инсоният худшиносӣ ба вуҷуд омада, инсонро ба ҳадафҳое роҳнамоӣ мекунад, ки шуури муқаррарӣ метавонад сарфи назар кунад. Худогоҳию хештаншиносӣ дар фаҳмиши мушкилотҳои рӯзгор, ки ин ҷо дарки манфиатҳои шахсӣ ва дигарон ба миён меояд, имкон медиҳад, то дар доираи мушкилоти пайдошуда, таҳаммулпазир бошаду онро ба осонӣ пушти сар намояд. Шинохти миллӣ, ин ҳастии махсуси одамон аст, ки берун аз маҷбурияту берун аз фоидаи шахсӣ, хусусияту сифатҳои якдигарро соҳибанд ва эҳтирому азиз донистани ҳамин сифатҳоро муттаҳидан пайгирӣ мекунанд.

Худшиносии миллӣ ҳамчун зуҳури бошууронаи иҷтимоӣ, баёну ифодаи марҳилаи муайяни робитаҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ ва давлат буда, дар сутуҳи эҳсосият, идроку таассур ва вокуниш сурат гирифта, инъикоси ҳодисоти таърихӣ дар шакли хотира, одату русуму анъана ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Ватандӯстӣ аз ҳар фарди некноми Тоҷикистон маънавияту маданияти баланд, ахлоқу нияти пок, муҳаббати бепоён ба ватани хешро талаб мекунад. Дар замони имрӯза хеле муҳим аст, ки дӯстдори зодгоҳ ва парастори тамоми ин сарзамини зебою ягона - Тоҷикистони азиз бошем.

Мо тоҷикон, андар оғӯши ин сарзамини биҳиштосо метавонем биболему ҳаловат барем, чун уқобон ба қуллаҳои баланд парвоз намоему орзуҳои деринаи худро амалӣ созем, рӯ ба ҷаҳониён оварда, бо фахр аз Тоҷикистони пурэҷози худ ёдовар шавем. Мо аз хоки ин сарзамин сабзидаем аз оби шаҳдбораш шодоб гаштаем, аз неъматҳои фаровони моддию маънавияш нерую тавон бардоштаем. Мо нозпарвари ҳамин сарзаминем ва он такягоҳи мустаҳками мост.

Дар замони имрӯза, насли наврасро бо суханон ва далелу бурҳони оддию фаҳмою ҳаётӣ ва аз боби Ватану ватанпарастӣ қадру қимати Ватан, аҳамияту муҳиммияти он дар ҳаёти ҳар як шахс ва муқаддасоти он тарбия намудан лозим аст. Ватанпарастӣ имрӯз як рукни асосии мафкураи миллии тоҷикон мебошад.

Ин масъаларо Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат, аз шаҳрванди оддӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ, таблиғи бедории миллӣ, зиракию, ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад».

Бале, ҳисси ватандӯстӣ аз лаҳзаи таваллуд ба рагу пай ва хуни инсонӣ аз модари ватандӯсти мушфиқу мехрубон нисбати меҳан ва халқи худ пайдо мешавад.

Ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, дар оила, дар боғчаҳои томактабӣ, дар мактаб ва дар макотиби олӣ ботадриҷ дар дилу ботини ҳар як фарди баору номус ҷой мешавад. Дар ин раванд нақши оила басо калон аст, чунки муайянкунандаи самти ҳаракати аъзоёни оила аз роҳбарони оила (падару модар) вобастагӣ дорад. Тақозо мегардад, ки падару модар дар раванди тарбияи фарзанд ҷихатҳои ҳисси миллӣ ва ҳувияти миллиро бештар ба инобат гиранд, дар боғчаҳои томактабӣ бо номи Ватан сухан оғоз кунанд.

Дар мактабҳои миёна меҳру муҳаббат нисбати диёр ва ҳифз кардани онро омӯзонанд. Дар макотиби олӣ шаклҳои ватандорӣ, тарзҳои муносибат бо дигар халқу миллатҳо, гуфтушунид бо аъзоёни ҷомеаи ҷаҳониро мебояд омӯхт ва ҳамеша дар фикри том монданро дар майнаи худ ҷой дода, ба арзишҳои миллӣ эҳтиромона ва эҳтиёткорона бояд муносибат кард. Чунки арзишҳои миллӣ, ин гувоҳӣ аз ҳастии ҳар як халқу миллат аст.

Фарди ҳисси миллидошта бо дарназардошти таълимоту тарбияи гирифтааш бояд арҷгузори меҳнати гузаштагони худ бошад, инчунин ба фарҳанг, таърих ва арзишҳои халқу миллатҳои дигари ҷаҳон эҳтиром дошта бошад. Танҳо бо ин роҳ мо ватани азизамон Точикистонро гулгулшукуфон мегардонем ва ҳамчун гули сари сабад бо ҷаҳониён дар муносибати бародарона ва сулҳхоҳона қарор мегирем.

Дар солҳои нахустини истиқлолияти давлатиро касб намудани Тоҷикистон, замоне ки дар Ватани азизи мо ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст ва амнияти милливу давлатии моро зери хатар гузошт, маҳз ба шарофати вуҷуди ҳамин рӯҳи ватандӯстона ватану миллати мо аз хатар наҷот ёфт ва дар кишварамон сулҳу амният барқарор гардид. Аксари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба нақши омили ватандӯстӣ дар хотимаи муборизаи байни тарафҳои даргир ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон чандон ҳам таваҷҷуҳ зоҳир накарда, асосан оштии миллии тоҷиконро чун як таҷрибаи нодир ва муосири сулҳофаринӣ шарҳу тафсир намудаанд. Албатта, мо хизмати бузурги ҳукуматҳои Эрону Русия, Туркманистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ, инчунин созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқиву ҷаҳониро дар кори хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргузор кардани музокироти байни тарафҳо ва ба тасвиб расонидани Созишномаи сулҳи миёни тоҷикон фаромӯш карданӣ нестем. Танҳо таъкид карданӣ ҳастем, ки нақши асосиву ҳалкунандаро дар кори бомуваффақият ба анҷом расидани музокироти сулҳи миёни тоҷикон на ин ки кишварҳои ҳориҷӣ, балки ҳукумат ва мардуми шарифи тоҷик, бо сарварии хирадмандона ва дурандешонаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони фарзонаи миллат ба иҷро расонидаанд.

Ҳақиқати ҳол ин аст, ки миллати муосири тоҷик вориси як фарҳанги қадимаи тамаддунсоз мебошад. Яке аз сарватҳои асосии фарҳанги миллии моро фалсафа ва адабиёти оламшумули ниёгон ташкил медиҳад, ки саршори афкору ашъори башарпарварӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Ҳар кадоми мо аз кӯдакӣ дар оилаву боғча ва мактабу донишгоҳ дар партави фарҳанги ватандӯстиву башарпарварӣ таълиму тарбия ёфта, ба камол мерасем ва бо дарки масъулият дар ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ба иҷрои қарзи фарзандии худ дар назди Ватан-Модар шурӯъ мекунем.

Афкор ва ашъори башардӯстонаву ватанпарваронаи олимону шоирони гузаштаву муосир ҳар кадоми моро аз овони кӯдакӣ фаро гирифта, дар тамоми давраҳои зиндагӣ моро ба шоҳроҳи сулҳу бунёдкориҳо, ообод кардани Ватан, таҳкими ваҳдату амнияти милливу давлатӣ, муҳофизати Ватан ва дигар мақсадҳои наҷиб роҳнамоӣ мекунанд.

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ дар вуҷуди ҳар яки мо аз дӯст доштани зодгоҳ, падару модар, хоҳару бародар, эхтироми хешовандону хамдеҳагон, забон, урфу одат, расму ойин ва анъанаҳои мардуми диёр сар мешавад. Минбаъд, дар раванди ташаккулёбии шахсият ва дарку касби маърифату масъулияти шаҳрвандӣ мо бо ҷанбаҳои назариявӣ, яъне фалсафаи ватандӯстӣ ва мазмуну моҳияти он шинос шуда, онро аз бар мекунем. Пас аз шинохти амиқи фалсафаи ватандӯстӣ эҳсосоти ватандӯстии мо низ мутаносибан такомул ёфта, дар натиҷа мазмуну моҳияти Ватан низ барои мо васеъ мегардад. Акнун Ватан гуфта мо на танҳо зодгоҳи худ, балки тамоми марзу буми кишвари соҳибистиқлоламонро тасаввур мекунем ва фалсафаи ватандӯстӣ барои ҳар яки мо ба як қувваи бузурги маънавии такондиҳанда ва

пешбарандаи шахсияти иҷтимоӣ ва дастури зиндагиву фаъолияти меҳнативу ҷамъиятӣ табдил меёбад.

Ифтихори ватандӯстӣ дар бачагону ҷавонон бояд аз иҷрои саривақту хушсифати ҳар кор, қатъи назар аз ҷисмонӣ ва ё фикрӣ будани он, аз хониши аъло ва амиқ омӯхтану донистани таърихи тамаддуни халқи худ оғоз ёбад. Дар шароити имрӯза, забони модарии хеш, забони русӣ ва англисиро хуб донистан, ба ин забонҳо гуфтугӯ ва иншо кардан ҳам натиҷаи ҳиссиёти баланди ватандӯстонаю ифтихори миллист.

Дар роҳи тарбияи ватандӯстӣ нақшу нуфузи адабиёти бадеӣ, афкору осори ватандӯстонаи суханварони гузаштаю имрӯза басо бузург аст. Омӯзиши таъриху фарҳанги кишвар метавонад ҳиссиёти ватандӯстиро дар ҷавонон зиёд кунад. Ба ҷавонон пайваста аз панду андарзҳо ва шоҳасарҳои бузургони адабиёту фарҳанги тоҷик бояд ёдовар шавем, то ки онҳо гузаштаю имрӯзаи худро бидонанд ва ба оянда назари неку боварибахш дошта бошанд. Таърихи пурғановати халқи тоҷик лаҳзаҳои ибратбахш, пурмуфоҷо ва пирӯзию шикастҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст, ки барои имрӯзиён намунаи ибрат ва панди пурқимати замонанд.

Аз саргузашту ҷаспу талошҳо ва мубориза ҳои шадиди аҷдодони мо барои дифои Ватан ва номусу тахти тоҷи ватандорӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо асарҳои хеле ҷолиби таърихиро таълиф намудаанд, ки ба ҳодисаҳои таърихии тақдирсози халқи тоҷик равшанӣ меандозанд.

Шоҳасари барҷастаи таърихии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дар таблиғу тарвиҷи қаҳрамонони халқи тоҷик такони бузург дод. Вай мутобиқи назарияи илмии таърихи муосир шаҳомату бузургии миллати тоҷик ва нақши арзанда доштани онро дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ исбот намуд. Дар ин асар намунаҳои қаҳрамонии родмардони ориёнажод дар арсаи таърих барҷаста нишон дода шуданд ва корномаҳои онҳо намунаи ибрати ҷавонони имрӯзаи тоҷик бояд бошанд.

Халқи мо аз қабили халқҳоест, ки диёр, ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва барои саодату дифои он синаро сипар мекунад. Аз ин ҷост, ки аз қаъри асрҳои гузашта ҳикматҳои зерин ба гӯш мерасад: «Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз он воҷибтар», «Ҳар киро хубии Ватан нест, номус нест, ва ҳар киро номус нест, саодат нест».

Ин ҳикматҳо аз як тараф табиату, хислат, муҳимтарин хусусияти ватандӯстии мардуми моро муайян кунад, аз тарафи дигар, як навъ насият ва даъвати гузаштагон ба наслҳои ҳозира ба ниятест, ки фарзандон ин анъанаҳои беҳтарини ниёгонашонро эҳтирому эҳтиёт кунанду пос доранд ва идома диҳанд. Ҳамин даъватҳои ҷанговарона Фирдавсии бузургворро водор карда буд, ки дар лаҳзаҳои барои мардуми мо басо шадиду мушкил диққати аҳли ҷомеа, ҷавонмардону сипоҳиёнро бори дигар ба ин нуқта ҷалб кунад:

> Зи баҳри бари буму фарзанди хеш,
> Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
> Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
> Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Ин нидои шоир барои мардуми мо дар тӯли асрҳо ба сифати суруди миллӣ ва ливои зафар хизмат кардааст ва ҳар бор, ки ба сари кишвар хавфе меомад, ин даъватҳои ҷасурона дар дили онҳо оташи ҳисси хашму ғазаб, нафрат, интиқом, далерию бебокиро нисбат ба душман аланга медод.

Чунин ҳиссиёти баланди ватанпарварии халқи мо чӣ дар адабиёти хаттӣ ва чӣ дар эҷодиёти бадеии халқ басо барҷаста инъикос ёфтааст. Як ба хотир орем, ки Абӯабдуллои Рӯдакӣ тавассути шеъри шевою асил ва дардошнаю ватанпарастона Насри Сомониро, ки дар мусофирати тӯлонӣ саргарми айшу нӯш шуда, ватан, пайвандон ва тахту тоҷро аз хотир бароварда буд, маҷбур сохт, ки кафшу ҷомаашро

фаромӯш карда, озими пойтахти нахустин давлати мустақили тоҷикон - Бухорои Шариф гардад.

Дар солҳои Ҷанги Бузӯрги Ватанӣ бошад, М.Турсунзода навишта буд:

Ватан вақте,ки амри модарӣ дод,
Ба ҷо орандагонро шараф бод.

Устод Лоҳутӣ дар ин солҳои барои халқи мо басо мушкил мардумонро ба далерию мардонагӣ, саодату вафодорӣ ва азиз доштани ҳар ваҷаб хоку ҳар қатраи оби Ватан даъват мекард:

Дар роҳи Ватан мурдан зиндагист,
Мурдан зиндагонӣ дар бандагист.
Мафурӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,
Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун.

Ин сифатҳо, ин даъватҳои шуълавар ҷанговаронро рӯҳбаланд намуда, дар қалбашон оташи мубориза, оташи хашму ғазаб ва нафратро нисбат ба душмани инсоният зиёдтару қавитар мекард. Ҷанговарон ин сатрҳои оташборро замзамакунон ба майдони ҳарбу зарб, ба майдони набард мерафтанд, барои Ватан ҷон медоданд ва охирин калимаашон «Модар - Ватан» буд.

Сабақи бузурги таърих, муборизаю ҷонбозиҳои фарзандони тоҷик баҳри тантанаи ростию дӯстӣ, адолати иҷтимоӣ, озодию ободӣ ва сулҳу амният дар тарбияи эҳсоси ватанпарастии инсони рӯзгори мо нақши комил дорад. Муборизаҳои чандинасраи халқи тоҷик зидди душманон баҳри озодию истиқлолияти ватани хеш барои ҷавонони имрӯза беҳтарин дастур ва раҳнамо буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо ба ин анъанаҳои неки гузаштагони хеш содиқу вафодор бошанд, инчунин суннатҳои наҷибро дар шароити нави таърихӣ ба сурати тоза идома ва такмил диҳанд.

Мақсади ба ёд овардани таърихи гузаштаамон дар он аст, ки ҳар як ҷавон Ватани хешро дӯст дорад ва қарзи фарзандии хешро адо намояд.

Ҳамзамон, ба ҷавонони Тоҷикистон лозим меояд, дониши баланд омӯхта, дар тазодҳои пуртуғёни асри ХХ1, ки экстремизм ва терроризм дар авҷи аланга мебошад, халқу Ватан, модару ҳамсар ва ҳоҳару бародари худро аз ин тазоди номатлуб муҳофизат намояд.

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он аз ҳам ҷудо нестанд. Манфиат, истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии давлат бо Ватан, ватандорӣ ва ваташиносӣ алоқаманданд. Манфиати давлат дар ҳадафу вазифаҳои он, дар самтҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, барномаву чорабиниҳои гуногун дар бахши беҳдошти зиндагӣ, таҳкими истиқлолият, амният, иқтидори мудофиавӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҳамарӯза ифода мегардад. Манфиати давлат аз манфиати ҷомеа ва халқ сарчашма мегирад.

Манфиати давлат ба пешрафту камолоти ҷомеа, сатҳи баланди некӯаҳволии халқ, шароити зиндагии арзандаи ҳар фарди ҷомеа нигаронида мешавад. Дар шароити имрӯза, яъне вусъати ҷаҳонишавӣ, таҳдиди буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва энергетика нақш ва нуфузи давлати миллӣ дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ бештар мегардад. Аз ин хотир, ҳимояи манфиатҳои миллии давлат аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Чӣ тавре, ки сарвари давлат Сарфармондеҳи олии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудааст, «Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин

ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем».

Насли ҷавони имрӯза бояд дар ҳар лаҳза барои дифои марзу буми Ватани худ омода бошад, ҳамасола бо дуои неки модарон ҷавонони тоҷик пайи ҳифзи Ватан ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешаванд. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин шарафи бузург аст, артиш - ин мактаби мардонагист, ҷавонон дар ин даргоҳ обутоб мёбанд. Дар тӯли ин ду соли хизмат, ки ҷавонон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон умри худро мегузаронанд, мактаби бузурги зиндагиро паси сар менамоянд, ки дар оянда дар зиндагии онҳо пурра ба кор хоҳад омад.

Чуноне ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш қайд намудаанд, «Тарбияи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ ба Ватану миллат, ҳушёру зирак, мубориза роҳи ҳақиқату адолат вазифаи муҳимтарини Ҳукумат ва роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохтори низомии кишвар ва умуман Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад».

Роҳбари давлат ба мо тавсия ва супоришоти муайяну мушаххас додааст, то дар масоили зикргардида кору фаъолият, пажӯҳишу омӯзишро бештар намоем ва маъниҳои нобу муассирро ба насли наврас бирасонем. Онҳоро чунон тарбия намоем, ки шаҳрвандон ва ватанпарастони асил ба воя бирасанд. Бояд ҳар як ҷавони бонангу баномуси миллат ва инсоне, ки дар ин Ватан зиндагӣ мекунад, онро дӯст дорад ва беғаразона ба он хизмат намояд.

## АДАБИЁТ


1. Акбаров Ю. Меҳри ватан / Ю. Акбаров. –Душанбе: Маориф, 1989. -120 с.
2. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдат ва ташаккули худшиносии миллӣ / К. Олимов // Ҳомии Ватан. - 2013. -№19 ( 350). –С. 2.
3. Карамзин Н.М. О любви к отечеству и народной гордости: соч. Т.3 / Н.М. Карамзин. –СПб, 1848. - С. 465-477.
4. Шодиев М. Ифтихори давлатдорӣ ва худогоҳии миллӣ / М. Шодиев // Минбари халқ. - 2013. -№ 46 (921).
5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии ҶТ. -Душанбе, 23 апрели соли 2014.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии ҶТ // Садои мардум. - Душанбе, 23 январи соли 2015. -№11(3312).
7.Сафарова С.Д. Худшиносӣ ва Ватанпарастӣ дар афкори ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол: В кн. «Дақиқӣ» / С.Д. Сафарова. -Душанбе, 2014. -64 с.
8. Чалмаев В. Философия патриотизма / В. Чалмаев // Молодая гвардия. –М., 1967. -№10. -120 с.


## ВОСПИТАНИЕ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ В ДУХЕ ПАТРИОТИЗМА


В статье рассматриваются вопросы патриотического воспитания молодежи в свете послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона парламенту.



**Ключевые слова:** самосознание, воспитание, родина, патриотизм, независимость, толерантность, человеколюбие.


## UPBRINGING OF YOUNG GENERATION IN THE SPIRIT OF PATRIOTISM


In the article matter of patriotic upbringing young people is considered in the Light of the Tajik Presidents message Emomali Rahmon to parliament.



**Key words:** self- awareness, upbringing, homeland, patriotism, independence, tolerance, humanism.



**Сведения об авторе:** ***С.Д. Сафарова*** - доцент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета. Телефон: **919-55-12-83**

# КРИТИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД МУРТАЗА МУТАХХАРИ НА УЧЕНИЯ МУСУЛЬМАНСКИХ МИСТИКОВ О ЧЕЛОВЕКЕ

*М. Хайитов*
**Таджикский национальный университет**

Критически анализируя антропологические установки различных теоретических школ, мыслитель отмечает, что воспитание и нравственность в каждой из этих школ понимаются исходя из интерпретации понятия «совершенного (идеального) человека».

Так, по утверждению древних философов, субстанциональной основой и действительным «я» каждого человека является его разум. Различные психические и духовные силы человека (желания, страсти и т. д.), так же как и его тело, не являются действительными, реальными компонентами его личности.

Согласно рационалистам, разум — это сила, способная раскрывать и постигать мир в его реальном состоянии, отражать в себе истинное состояние реальной действительности; своего рода зеркало, в котором можно получить точное отражение реального мира. Мусульманские приверженцы теории рационализма утверждают, что описанная в Коране исламская вера означает познание мира в целом и в реальной его форме, познание первооснов мира и мировых процессов, познание всего миропорядка и конечных его результатов. Они в своих комментариях всегда определяли веру как познание и как мудрость. Но это философское познание, мудрое и целостное познание, которое не ограничено рамками узких «научных» дисциплин. Философское, мудрое познание означает целостное представление и знание о начале и конце света, иерархии бытия и общих мировых процессах.

Муртаза Мутаххари считает, что традиция интерпретации разума в качестве основной сущности человека, начатая еще Аристотелем и нашедшая свое дальнейшее развитие в воззрениях Авиценны и других его мусульманских последователей, в целом, не противоречит кораническим предписаниям. К сожалению, образ человека, описанный представителями традиционного рационализма, не нашел свое должное распространение в исламском мире. По мнению Муртаза Мутаххари, крушению рационализма в исламском мире во многом препятствовал суфизм, для которого, как известно, истинное «я» человека является не разум, а нечто иное, характеризующееся словом «сердце». Разумеется, под этим понятием мусульманские мистики подразумевали не тот анатомический орган, который расположен в левой части грудной клетки. Согласно суфизму, если разум принято считать средоточием мыслей и умозаключений, то сердце у человека является средоточием чувств и желаний. Говоря иначе, в исламской философии и мистицизме разум и сердце представляют собой различные, коренным образом отличающиеся друг от друга, центры.

Человеческие чувства в суфизме имеют такое же большое значение, как аргументация и логические выводы в рационалистической философии. Однако, чувства, о которых говорится в суфийской литературе, коренным образом отличаются от популярного понимания этих явлений, например, суфийская любовь отличается от любви, основанной на половых влечениях. Любовь в суфизме — это чувство возвышенное, которое начинается в человеке и возвышается до Бога. Объектом любви у мистика является только сам Бог. Любовь не ограничивается человеком, мистик убежден, что любовь воздействует на все сущее. Хафиз по этому поводу говорит:

Мы пришли в этот дом не величия искать,
Скрываемся мы здесь от злосчастного рока.
Я путник страны любви, от границ небытия
Проделал длительный путь до мирского порога.(9-254)

Таким образом, с точки зрения мистиков, человеческая истина — это не мышление (как утверждают философы), но сердце, под которым подразумевается средоточие человеческих возвышенных чувств. Они связывают сущность человеческого «я» не с мышлением, как это свойственно рационалистам, а с чувствами, особенно - с любовью.

Человеку, желающему достичь совершенства, философ рекомендует пользоваться логикой, аргументацией и сопоставлениями, пониманием частных и общих аспектов, опираться на мышление. А мистик, вместо всего этого рекомендует заниматься очищением души. Вопреки призывам философа, который советует учиться и общаться с учителями, мистик настаивает, что необходимо заниматься самоочищением, улучшением своего духовного мира, освобождаться от низменной морали, отвергать все мысли, не направленные к Истине, максимально сосредоточиваться на Истине, быть подлинным хозяином своих мыслей. По утверждению мистика, все помыслы в человеческом сердце, не связанные с Богом, — от дьявола; а ангелы, будучи Божественным светом, не посещают мест, где имеются следы пребывания дьявола.

Способ, который предлагают мистики для достижения положения совершенного человека, отвергает всякие связи с внешним миром, с внешними чувствами и разумом. Мистики выступали против использования философских методов в познании сущности человека. По словам Руми:

Логическое суждение, будь оно жемчуг чистой воды,

Не стоит разговоров об особенностях души.

Суждениям о душе предназначено положение иное,

Ведь у душевного вина крепость и влияние другое.(8-233)

Для философов путь совершенствования человека завершается превращением человека в целый мир мыслей и идей. Согласно им, разум человека может отразить в себе весь мир, иными словами, совершенный человек в состоянии поместить в своем разуме и узреть внутри себя все сущее. Однако такое положение не устраивает мистика. Он, в отличие от философа, не претендует стать целым миром мыслей или зеркалом, в котором отражается все сущее. Он стремится достичь такого состояния, о котором говорится: «Тогда, воистину, устремишься ты, о человек, ко Господу своему и предстанешь перед Ним». (1-595)

Это такое состояние, когда мистику кажется, что он представляет собою все бытие, что ему даровано все, но он, кроме Бога, ничего не желает. Об этом состоянии шейх Абу Саид Абу-л-Хайр говорит весьма лаконично:

Кто достиг Тебя, не нуждается в душе,

Ни в детях, ни в семье и ни в собственном доме.

Сводишь его с ума — и даруешь оба мира,

Но у сумасшедшего нет во всем этом нужды.(6-151)

То есть человек, согласно суфизму, до тех пор, пока не познает Бога, желает все, но многое ему недоступно. А когда он познает Бога, тогда Бог предоставляет ему все, но к этому времени он уже ничего не желает, ибо он уже нашел Бога. Ему уже не нужен ни этот, ни потусторонний миры, он желает лишь только Бога, который выше этого и другого миров.

Суфийская идея об очищении и улучшении души, так же как и философская идея о совершенствовании разума, опирается на Коран, где сказано: «Преуспел тот, кто душой очистился. Понес урон тот, кто [злое] в душе сокрыл».(1-601) То есть, согласно логике Корана, спасаются те, которые очищают свою душу, и несчастны те, которые душу оскверняют. Однако, является ли очищение души, так же как и логическое мышление, путем к познанию, или нет? Сами мистики на этот вопрос отвечают утвердительно и при этом ссылаются на высказывание Пророка, где говорится: «Кто сорок дней и ночей всецело и искренно посвящает себя Богу, у того потекут из сердца на язык сорок

источников мудрости».(6-102) Такое состояние, судя по кораническим рассказам, было свойственно всем пророкам, слова и деяния которых служили мистикам образцом для подражания.

Согласно мнению Муртаза Мутаххари, ислам одновременно поощряет занятия и мистицизмом, и рациональными науками. Исходя из этого мыслитель возражает против оскорбительного отношения мистиков к разуму и философии.

Другим, не одобряемым исламом, явлением, свойственным суфизму, является принцип абсолютной самоуглубленности. Как полагает мыслитель, подобная самоуглубленность затемняет отношения человека с внешним миром, действует в ущерб его социальной роли. Соблюдая этот принцип, человек вынужден оградить себя от общества и жить в индивидуальной изолированности. В таком смысле, человек, в мистическом понимании, не социален, он сосредоточен только на своем внутреннем мире и отрешен от всего внешнего. Этот принцип никак не соответствует коранической доктрине, согласно которой человек должен принимать активное участие в общественной жизни. Пророк ислама отнюдь не всегда уединялся в своем внутреннем мире. Если ночью он находился в уединении, забывая мир и все, что в нем находится, то днем жил в полноценном социальном общении.

Подобное признание социальной роли человека встречается в Коране: «Мухаммад — Посланник Аллаха. Те, которые вместе с ним, суровы к неверующим и милостивы между собой».(1-521) В этом стихе Пророк и его сподвижники рассматриваются в качестве единой социальной группы, которая должна быть суровой по отношению к противникам истины и правдивости, всемерно и несокрушимо должна им противостоять. А по отношению к верующим она должна единодушно проявлять любовь, благосклонность и благодеяние.

Со ссылкой на подобные стихи Корана, Муртаза Мутаххари заключает, что ислам не одобряет чрезмерную замкнутость и самоуглубленность, ибо это приводит к игнорированию социальных функций человека.

Третьим отрицательным явлением в суфизме, противоречащим исламу, мыслитель считает наличие в нем тенденции к подавлению личности и воли человека. Ислам в целом стремится не к подавлению, а к улучшению личностных характеристик и волевых качеств человека. Однако, в суфийской литературе иногда допускаются нападки на личностные ориентации индивида. В ней зачастую в гипертрофированной форме говорится о чрезмерной скромности, усмирении гордыни, обуздании желаний и преодолении эгоизма.

Тем не менее, мистики, используя уникальный литературный язык, добились как в прозе, так и в поэзии мастерского изложения своих взглядов, в том числе и тех, которые не соответствуют исламу. Благодаря этому, мистицизм смог распространить свои идеи по всему исламскому миру. По справедливому замечанию мыслителя, в исламском мире и ныне понимание совершенного и идеального человека часто происходит в его суфийской интерпретации.

Муртаза Мутаххари, критически анализируя концепции мусульманских философов и мистиков о сущности и природе человека, отмечает, что ислам категорически осуждает инициирование конфликта между разумом и верой. Человек — единственное существо, способное к самооценке и самосовершенствованию. Например, невозможно представить собаку без особых качеств, присущих именно этому виду животных. Или же нельзя представить камень без специальных качеств, свойственных этому минералу. Точно так же не бывает тигра без наличия у него особых тигриных качеств. Среди живых существ только человек не наделен всеми своими отличительными качествами — он должен их приобрести.

Говоря о «человеческих ценностях», Муртаза Мутаххари подразумевает относящиеся к человеку нематериальные аспекты. Мыслитель свою точку зрения по

данному вопросу пытается объяснить путем рассмотрения и критического анализа позиций мистицизма и различных философских школ.

Такой критический анализ, согласно мыслителю, вовсе не означает полного опровержения, но подразумевает определение теоретической и практической значимости той или иной идеи с точки зрения исламских критериев. К примеру, одна идея может быть предложена философами, следующая — мистиками, а другая — представителями иных школ. Пока не будет выяснена сущность философских, мистических и других концепций о человеке, невозможно доказать преимущества аналогичной исламской доктрины.

Можно отметить, что сравнительный анализ предложенных различными школами ценностей и сопоставление их с исламскими ценностями, позволили мыслителю уточнить, какие из них можно считать исконно человеческими. Подобный метод исследования позволил ему также логически стройно и аргументированно рассуждать о самой исламской позиции относительно человека и человеческих ценностей. По утверждениям самого мыслителя, этот метод позволил ему в процентном отношении оценить положительные или отрицательные моменты в позициях различных школ по данному вопросу.

Таким образом, мыслитель, после критического анализа позиции мистиков отмечает, что, при сравнении логики Корана с логикой мистиков относительно разума, между ними легко можно обнаружить явные несоответствия. В Коране, в отличие от видения мистиков, проявляется уважение к разуму. Коран, отмечая ценность разума и мышления, опирается на логические умозаключения и правильные аргументации.

В этом отношении между исламом и мистицизмом относительно сути совершенного человека имеется определенное расхождение. У совершенного человека в исламском понимании — развитый разум, который пользуется большим уважением, тогда как у совершенного человека мистиков разум не в почете.

Человек не должен думать, что мир дается ему как дом для вечного проживания. Отношение человека к миру должно быть подобно отношению торговца к рынку. Рынок для торговца — всего-навсего место работы, где он должен стремиться к получению большей выгоды.

Согласно Муртазе Мутаххари, Пророк и его наместники порицали мир не в прямом значении этого слова, они порицали чрезмерную приверженность мирским благам, которая противоречит приверженности Богу и справедливости и означает отрицание главных человеческих ценностей. По словам мыслителя, ислам не игнорирует, а приветствует изучение природного мира, ибо это позволяет человеку воспринимать мир таким, каким он является на самом деле. Мир, вопреки мнениям мистиков, не обманывает человека, а, напротив, всеми своими признаками способствует тому, чтобы человек имел о нем правильное представление.

Отсюда мыслитель делает вполне логический вывод, что считать мир темницей, из которой человек должен искать выход, или колодцем, из которого следует спастись, с точки зрения ислама — неприемлемо.

Подобные идеи, побуждающие человека отчуждаться от природы, согласно мыслителю, не свойственны исламу, а имеют более глубокие исторические корни. Еще задолго до возникновения ислама в некоторых странах, таких, как Греция и Индия, бытовало поверье, согласно которому дух человека раньше был сотворен в совершенстве и находился в другом мире. Затем его переселили в этот мир, как птицу в клетку. Но в Коране в суре «Верующие» такое представление опровергается. В этой суре говорится, что Бог начал создание человека из теста глиняного, постепенно и поэтапно превратив его в капли семени. Потом превратил каплю в сгусток крови, сгусток кровяной — в кусок мяса, в котором создал кости и покрыл их мясом. После этого в человеке воплощается новое творение. (1-348) То есть, Господь упоминает, что Он создал из природного начала

нечто новое и воплотил в него дух. Другими словами, исходным материалом для духа служила природа. Дух абстрактен, но эта абстракция порождена природным веществом. Следовательно, человек не существовал где-либо в совершенном виде, чтобы в этом мире чувствовать себя в клетке. Человек в этом мире находится на попечении своей матери, ведь природа — это мать духа человеческого, и человек, живя в природе, окружен заботой своей матери. Человек должен совершенствоваться, находясь здесь, в этом мире, не считая, что он был совершенством ранее, а в этот мир попал, как в темницу или глубокий колодец, из которых должен искать спасения.

Муртаза Мутаххари полагает что, если мусульманские мыслители говорят о первичности мира души по отношению к миру вещей, то понимают это в смысле первичности происхождения души. То есть дух есть сияние из другого мира, которое воплощается в этом мире. Но это не означает, что данное сияние в совершенном виде существовало в другом месте, а затем его в том же виде перенесли в наш мир и тем самым поместили в клетку. Подобное утверждение, то есть непосредственное переселение души, соответствует индийским воззрениям и учению Платона. Платон был убежден, что дух человека — это продукт другого, ранее существовавшего мира, мира первообразов. Затем этот продукт по определенному замыслу перенесли в этот мир и заточили в нем, поэтому душа обязана освободиться из заточения.

Такое представление о природе, по верному замечанию мыслителя, несвойственно Корану и оно, по-видимому заимствовано мусульманскими мистиками из более древних, доисламских источников.

Муртаза Мутаххари признает, что не все мистики допускали подобный промах. Многие великие представители мистицизма высказывали более позитивное отношение и проявляли благосклонность как к социологическим, так и к натуралистическим аспектам данной проблематики. Они учитывали стихи Корана, в которых говорится о совместимости мирского (*афак*) и духовного (*анфус*), и то положение, что природа — это своего рода зеркало, в котором отражается Истинная Красота. Например, Шабистари в своей знаменитой мистической поэме «Гулшани роз» («Цветник тайны») пишет:

Во имя Того, Кто научил мыслить души,
Зажег душевным огнем сердца светильник,
От которого в обоих мирах стало светло,
Кто прах превратил в роскошный цветник.(6-182)

В другом месте он говорит:

На взгляд того, чья душа находится в полете,
Весь мир подобен книге Всевышней Истины.
Акциденция — это слово, а сущность — буквы,
А обстоятельства — знамения увещевающие.(6-183)

Другой известный представитель исламского мистицизма Абдурахман Джами по этому поводу пишет:

Призывает пить вино старец из развалины.
Приди, виночерпий, в медлительности вся беда.
Мир — это зеркало красоты нашей возлюбленной.
Во всех зеркалах мира можно встретить ее лицо.(6-183)

Эти примеры говорят о том, что определенная часть наиболее известных мистиков относительно природы и отношения человека к ней имели вполне прогрессивные взгляды. Но, в целом, суфизм уделяет природе значительно меньшее внимание, чем Коран. Человек в Коране является приверженцем как «сердца», так и разума, проявляет интерес не только к душе, но и к природе и рациональным знаниям. Коран, в отличие от суфизма, признает как социальные, так и природные действия человека.

Еще одно отрицательное явление, свойственное исламскому мистицизму, формулируется мыслителем как «отречение от самого себя». По верному замечанию мыслителя, значительная часть призывов суфизма посвящена «отречению от самого себя», «отрицанию собственного «эго» и «отказу от собственной личности». На первый взгляд эти призывы по своему происхождению кажутся правильными, т.е. до определенной степени соответствуют логике Корана. Однако, при более детальном анализе учения Корана можно выявить, что в нем говорится о двух формах «эго» и двух формах «души». Коран, отрицая одну из форм «эго», вместе с тем оживляет и развивает в человеке другую его форму. То собственное «эго» человека, которое отрицается Кораном, считается заядлым врагом человека, а «эго», которое поощрено в Коране – его настоящим другом. Душа человека является ареной вечного противоборства этих двух непримиримых собственных начал. Они тесно переплетены друг с другом и существуют в каждом человеке. Поэтому человеку, стремящемуся к самосовершенствованию, следует быть опытнейшим «стрелком», чтобы поразить одно из них, представляющее собой низость и подлость, не причинив вреда другому, с которым связаны все человеческие ценности.

Коран, согласно мыслителю, чудесным образом точно и безошибочно дифференцирует и разделяет эти столь противоположные личностные начала. Однако, в мистицизме подобное отделение и различение наблюдается лишь иногда, в большинстве случаев мистики вместо враждебного «эго» поражают дружественное начало. То есть иногда, вместо того чтобы жертвовать вожделениями, они приносят в жертву то, что сами называют «сердцем» или «человеком».

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Коран; перевод смыслов и комментарии / Пер. с араб., комм. Э.Кулиев. -5-е изд.,стереотип. - М.: Умма, 2008. – 816 с.
2.Мутаххари М. Мистика Хафиза / М. Мутаххари. - 25-е изд. -Тегеран: Садро, 2007. - 143 с. (на перс.яз.).
3. Мутаххари М. Человек и вера / М. Мутаххари. -27-е изд. -Тегеран: Садро, 2007. -84 с. (на перс.яз.).
4. Мутаххари М. Философские статьи / М. Мутаххари. -15-е изд. -Тегеран: Садро, 2006. -327 с. (на перс.яз.)
5. Мутаххари М.Философия нравственности / М. Мутаххари. -24-изд. -Тегеран: Садро, 1990. -337 с. (на перс.яз.)
6. Мутаххари М. Совершенный человек / М. Мутаххари. -48-е изд. -Тегеран: Садро, 2007. – 329 с. (на перс. яз.)
7. Мавлоно Джалалиддин Мухаммад Руми. Великий диван / Дж. Руми. -Тегеран, 1363. -Т.1. – 450 с. (на перс. яз.).
8. Мубашшир С. Диван Хафиза с воспоминаниями Мутаххари / С. Мубашшир. -Тегеран, 2004. – 356 с. (на перс. яз.).

**КРИТИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД МУРТАЗА МУТАХХАРИ НА УЧЕНИЯ МУСУЛЬМАНСКИХ МИСТИКОВ О ЧЕЛОВЕКЕ**

Критически анализируя антропологические установки различных теоретических школ, мыслитель отмечает, что воспитание и нравственность в каждой из этих школ понимаются исходя из интерпретации понятия «совершенного (идеального) человека». Муртаза Мутаххари считает, что традиция интерпретации разума в качестве основной сущности человека, начатая еще Аристотелем и нашедшая свое дальнейшее развитие в воззрениях Авиценны и других его мусульманских последователей, в целом, не противоречит кораническим предписаниям. К сожалению, образ человека, описанный представителями традиционного рационализма, не нашел свое должное распространение в исламском мире. По мнению Муртаза Мутаххари, крушению рационализма в исламском мире во многом препятствовал суфизм, для которого, как известно, истинное «я» человека является не разум, а нечто иное, характеризующееся словом «сердце».

**Ключевые слова:** разум, сердце, мистицизм, мистик, суфизм, суфийская любовь, душа, очищение душа, природа человека.

**CRITICAL VIEW MORTEZA MOTAHHARI ON THE TEACHINGS OF THE MUSLIM MYSTICS ON HUMAN**

Critically analyzing the anthropological setting different theoretical schools, thinker points out that education and morality in each of these schools are understood on the basis of the interpretation of the concept of "perfect

(ideal) man." Morteza Motahhari said that the tradition of interpretation of the mind as the primary essence of man, started by Aristotle, and which found its further development in the views of Avicenna and his other Muslim followers as a whole, does not contradict the Qur'anic precepts.Unfortunately, the image of a man described by representatives of traditional rationalism, did not find its proper distribution in the Islamic world. According to Morteza Motahhari, the collapse of rationalism in the Islamic world is largely prevented Sufism, for which, as we know, the true "I" is not a human mind, but something else, characterized by the word "heart".

**Key words:** mind, heart, mysticism, mystic Sufism, Sufi love, soul, cleansing the soul, the nature of man.

**Сведения об авторе:** ***М. Хайитов*** - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета. Телефон: **37-88-20-788**

## П Е Д А Г О Г И К А

# ТАРБИЯИ ИНСОНДӮСТӢ ВА ИНСОНПАРВАРӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

*З. Хуррамов*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Саъдӣ инсондӯстиро дар маркази тарбияи ахлоқӣ гузошта буд. Дар ақидаҳои педагогии Саъдӣ масъалаи тарбияи инсондӯстӣ масъалаи марказии тарбияи ахлоқ ҳисоб мешуд. Инсонпарвари бузург Саъдӣ ҳаёт ва зиндагонии халқи меҳнаткаш, азобу уқубатҳои онҳоро мушоҳида карда ба ғаму андӯҳи онҳо шарик буд.

Саъдӣ аз ҷумлаи он одамони замони худ буд, ки бо манфиати халқу ватани худ зиндагӣ ба сар бурда анъанаҳои инсондӯстии бузургони гузаштаро давом додааст. Ӯ бо ҳамин одамон, қатъи назар аз мансабу вазифаашон, муносибати ғамхорона кардан, ба якдигар раҳму шафқат ва дасти ёрӣ дароз карданро тавсиф мекард.

Ба фикри Саъдӣ яке аз аломатҳои инсондӯстӣ – ин ҳисси ғамхорӣ ба инсон, ба ҷо овардани ҳурмат ва эҳтироми инсон мебошад. Саъдӣ тарафдори он буд, ки ин хислатҳо дар насли наврас бояд аз хурдсолӣ сар карда тарбия карда шавад. Саъдӣ таъкид мекард, ки пеш аз ҳама, бачагонро ба ҳурмат кардани падару модар одат кунонидан лозим аст. Ва пас аз ин, замина, нисбат ба дигар одамон, ба камбағалон, пирон, афтодагон, беморон, ятимон ҳисси ҳурмат доштан ва шафқат карданро тарбия бояд дод.

Инак Саъдӣ дар хаққи ҳурмат кардани падару модар чунин мегӯяд:

> «Эй тифл, ки даъфи магас аз хеш надонӣ,
> Ҳарчанд ки болиғ най охир на ҳамонӣ.
> Шукронаи зӯровариш рӯзи ҷавонӣ,
> Он аст, ки қадри падари пир надонӣ»

Дар бораи модар низ чунин фикрро такрор намуда, аз ҳаёти шахсии худ дар «Гулистон» мисоле овардааст.

> «Вақте ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам.
> Дилозурда ба кунҷе нишаст ва гирён ҳаме гуфт:
> «Магар хурдӣ фаромӯш кардӣ, чӣ дуруштӣ мекунӣ?»

Аз ин рафтори ношоистаи худ Саъдӣ пушаймон ва мутаассир шуда, дар бораи ҳурмат намудани модар ба ҷавонон мурочиат карда, навиштааст:

> Канори барии модари дилназир,
> Биҳишт аст, пистон дар ӯ ҷӯйи шир.
> Дарахтест болои ҷон парвараш,
> Валад меваи нозанин дар бар
> > На рагҳои пистон даруни дил аст,
> > Пас аз бингари шири хуни дил аст…»

Пас аз чунин тавсиф намудани модар ҷавононро баҳри ба ҷо овардани эҳтироми модар даъват кардааст.

Ҳисси баланди инсонпарвариро ҳеҷ кас ба ин андозае тасвир накардааст, чи тавре, ки Саъдӣ дар ин шеъраш тасвир мекунад. Зеро худи ӯ ҳаёти ятимӣ ғаму андӯҳи ятимиву муҳтоҷиро аз сар гузаронида буд.

Саъдӣ бо ятимон, ки дилшикастаанд, навозиш ва меҳрубонӣ карданро беҳтарин хислати инсондӯстӣ пиндошта, чунин мегӯяд:

> «Барандеш аз он писараки бе падар
> В - аз оҳи дили дардманди ҳазар».

Саъдӣ дар ҳама асарҳояш бар зидди ҷабру зулм, беадолатӣ баромад кардааст. Ҳама вақт ғами ғарибону бечорагонро мехӯрд. Ҳамчун инсонпарвари бузург насли

наврасро дар рӯҳи накӯкори тарбия карданро яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ шуморида, аз калонсолон нисбат ба якдигар некхоҳ буданро низ талаб кардааст.

Маънои одамият, ба қавли Саъдӣ, аз ғамхорӣ кардан ба якдигар, ғамхорӣ ба бечорагон ва бенавоён иборат мебошад. Бо ҳамин, Саъдӣ аз ҷавонон талаб мекунад, ки онҳо накӯкор бошанд, ба халқ некӣ кунанд ва ба беадолативу беинсофӣ мубориза бурда, онҳоро фош кунанд. Бо хислати неки худ дар байни мардум номи нек бароранд, зеро хислатҳои марди накӯкор аз ёди халқ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад.

Саъдӣ медонист, ки ҳар як шахс чӣ будани ғам ва муҳтоҷиро намефаҳмад. Онро танҳо шахсоне мефаҳманд, ки муҳтоҷиро аз сари худ гузаронидаанд. Дар ин бора чунин навиштааст:

«Он, ки дар роҳату танаъум зист,
Ӯ чӣ донад, ки ҳоли гурусна чист.
Ҳоли дардмондагон пос донад,
Ки ба аҳволи хеш дар монад»

Яъне, одамони сарватманд, ки муҳтоҷиро аз сар нагузаронидаанд дар онҳо ҳисси инсондӯстӣ ва ғамхорӣ нисбат ба бечорагону бенавоён дида намешавад, онҳо чӣ будани муҳтоҷиро намефаҳманд ва ба ғамхорӣ кардану дасти ёрӣ дароз кардан қобил нестанд. Саъдӣ инсондӯстиро хосси оммаи меҳнаткашон мешуморад, зеро маҳз онҳо ҳаёти ҳамдигарро хеле хуб дарк мекунанд. Ин ақидаи Саъдӣ дуруст аст. Дар ҳақиқат оммаи меҳнаткашон ҳамавақт тарғибкунандаи муносибатҳои инсондӯстии инсонпарварона буданд.

Саъдӣ маслиҳат медиҳад, ки одамон барои беҳтар кардани ҳаёту зиндагонии осуда, бояд ҳунар омӯзанд. Саъдӣ ҳамчун шахси пешқадами замони худ сабаби азобу уқубати халқро дар зулму истисмори истилогарон ва феодалҳои маҳаллӣ медид. Ӯ аз ҳаёти подшоҳони одил дар боби аввали «Бӯстон» мисолҳо оварда, бо ҳамин подшоҳони замони худро ба адлу инсоф даъват карда, аҳволи халқро каме бошад ҳам беҳтар карданӣ мешуд. Саъдӣ подшоҳони золимро на танҳо аз ғазаби худо, балки аз қаҳру ғазаби оммаи меҳнаткашон ҳам метарсонид. Дар он бора чунин навиштааст.

«Сари панҷаи нотавон бар мапеч,
Ки гар, даст ёбад, барои ба ҳеҷ…
Набинӣ, ки чун боҳам оянд мӯр,
Зи шерони зангӣ бароранд шӯр…»

Таълимоти динӣ бошад бар зидди бадкирдорон ба мубориза бархезонидан роҳ намедод. Намояндагони ин одамонро даъват мекарданд, ки шахсе ки ба дигарон бадӣ кардааст ба ӯ некӣ кунанд. Чунки гӯё ба одамони бадкирдор барои бадиашон худо ҷазо медода бошад.

Саъдӣ муҳаббат ба инсонро бе мубориза ба муқобили душманон тасаввур карда наметавонист, барои ҳамин ҳам Саъдӣ мардумро ба мубориза бар зидди душман даъват мекард. Ин гуна муносибати Саъдӣ нисбат ба душманон дар он давр аҳамияти хеле калон дошт.

Гуфтан лозим аст, ки дар масъалаи хайрхоҳӣ ва накӯкорӣ Саъдӣ дар чунин ақида нест, ки умуман ба ҳама одамон хайрхоҳӣ карда шавад. Ӯ ба одамони бад, золим, бевиҷдон, душманони халқи меҳнаткаш хайрхоҳӣ карданро манъ мекунад. Зеро ӯ нисбат ба одамони бад, ки дигаронро озор медоданд, нафрат дошт ва онҳоро аз ҳайвон ҳам бадтар мешуморид. Дар ин бора чунин навиштааст:

«Мискин хар агарчи бе тамиз аст,
Чу бор ҳаме барад азиз аст.
Говону харони борбардор
Беҳ з-одамиёни мардумозор»

Саъдӣ талаб мекунад, ки бо бадон ҳеҷ гоҳ некӣ карда нашавад, зеро онҳо ба ивази некӣ бадӣ хоҳанд кард. Дар ин бора чунин навиштааст:

«Тараҳҳум бар паланги тездандон,
Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон»

Саъдӣ на танҳо ба одамони бад некӣ карданро раво намебинад, балки умуман талаб мекунад, ки бо душманони халқ бераҳмона мубориза бурда шавад:

« Чу андар саре бини озори халқ,
Ба шамшери тезаш биёзор халқ.
Чу гурги хабис оядат дар каманд,
Бикуш! Варна баркан аз гӯсфанд»

Саъдӣ ба инсон накӯкорӣ карданро яке аз фазилатҳои муҳимми инсонӣ мешуморад. Бинобар ин, аз хурдсолӣ ҷавононро дар рӯҳи накӯкорӣ, инсондӯстӣ, инсонпарварӣ, тарбия карданро пешниҳод кардааст.

Инсондӯстиву инсонпарварӣ таълими ғояҳои эҳтироми шахс, такмили маънавию ахлоқии инсон ва мақоми ҷамъиятии вай мавзӯест, ки дар таърихи илму фарҳанги форсу тоҷик анъанаи қадима дорад ва дар эҷодиёти шоирону носирони давраҳои мухталиф тадриҷан такомул ёфтааст. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ аз зумраи онҳоест, ки ҳамчун мутафаккир ва мувофиқи тақозои даврони хеш ва донишу тафаккури худ ба мафҳуми «инсондӯстӣ», «инсонпарварӣ» ё худ «одамият» вусъату паҳно бахшидааст.

Саъдӣ гуманисти бузурги замони худ буд. Ғояҳои инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ таълимоти иҷтимоиву педагогии ӯро саропо фаро гирифтааст. Саъдӣ дар ақидаҳои педагогии хеш масъалаи тарбияи инсондӯстиро масъалаи марказии тарбияи ахлоқ нишон дода, ба одамон некӣ кардан ва ғамхор буданро ҳамчун мазмун ва моҳияти ҳаёти инсон васф намудааст. Ба ақидаи Саъдӣ ҳисси ғамхорӣ ба инсон, ба ҷо овардани ҳурмат ва эҳтироми инсон, ин аст аломатҳои асосии инсондӯстӣ. Саъдӣ ҳамеша дар бачагон аз хурдсолӣ тарбия намудани ҳурмати волидайн, ба камбағалон, пирон, афтодагон, беморону ятимон ҳисси ҳурмат доштан ва шафқат карданро, ҷонибдорӣ мекард. Шахси инсондӯсту накӯкор – мегуфт Саъдӣ, хирадмандона рафтор карда ба ғарибон, бенавоён ғамхорӣ намуданро вазифаи инсонии худ мешуморад. Саъдӣ пеш аз ҳама, ба кӯдакони ятиму бенаво ғамхорӣ карданро вазифаи муҳимми инсондӯстӣ ҳисоб кардааст. Ба ин хусус дар боби дуюми «Бӯстон» навиштааст:

*Падармурдаро соя ба сар фикан,*
*Ғубораш биафтону хораш бикан.*

***

*Чу бинӣ ятиме сарафканда пеш,*
*Мадеҳ бӯса бар рӯйи фарзанди хеш.*
*Ятим ар бигӯяд, ки нозаш харад,*
*В-ар хашм гирад, ки бораш барад…*
*Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок,*
*Ба шавқат биафканаш аз чеҳра хок.*
